**ISSN 2414 9217**

**https://www.gospravacheloveka.tnu.tj**

# ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН

**Маҷаллаи илмӣ**

# ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

**Научный журнал**

**№ 2 (38)**
**2025**

**ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН**
**Маҷаллаи илмӣ**

**№ 2 (38)**
**2025**

**Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 372/МҶ-97 аз 12 августи соли 2024 ба қайд гирифта шудааст.**

**Маҷалла ба Феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.**

**Маҷалла соли 2016 таъсис дода шуда, дар як сол чор маротиба чоп мегардад.**

***Муассис: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ***

**Сармуҳаррир:** **Азиззода У.А. – д. и. ҳ., профессор**
**Муовини сармуҳаррир:** **Диноршоҳ А.М. – д. и. ҳ., профессор**
**Котиби масъул:** **Мирализода И.Қ. – д. и. ҳ., профессор**

**Ҳайати таҳририя:**

| | |
|---|---|
| **Насриддинзода Э.С.** | **д. и. ҳ., профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** |
| **Маҳмудзода М.А.** | **д. и. ҳ., профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** |
| **Ализода З.М.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Зоир Ҷ.М.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Шарипов Т.Ш.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Сафарзода А.И.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Ғаюрзода Ш.К.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Сафарзода Б.А.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Раҳмон Д.С.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Искандаров З.Ҳ.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Мирзозода П.З.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Камолзода И.И.** | **д. и. ҳ., дотсент** |
| **Маҳмудов И.Т.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Сулаймонов Ф.С.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Сулаймонзода М.С.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Қодиров Н.А.** | **н. и. ҳ., дотсент** |

**Муҳаррирони илмӣ ва мусаҳҳеҳон:**
**Саъдизода Ҷ., Шоев Ф.М., Азимов С.Ш., Бобозода У.Э.**

**ISSN 2414 9217**

**ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА**
**Научный журнал**

**№ 2 (38)**
**2025**

**Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан за № 372/МЧ-97 от 12 августа 2024 года.**
**Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан.**

**Журнал учреждён в 2016 года, публикуется 4 раза в год.**

***Учредитель: Таджикский национальный университет, юридический факультет***

**Главный редактор:** **Азиззода У.А. – д. ю. н., профессор**
**Заместитель главного редактора:** **Диноршох А.М. – д. ю. н., профессор**
**Ответственный секретарь:** **Мирализода И.К. – д. ю. н., профессор**

**Члены редколлегии:**

| | |
|---|---|
| **Насриддинзода Э.С.** | **д. ю. н., профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана** |
| **Махмудзода М.А.** | **д. ю. н., профессор, академик Национальной Академии наук Таджикистана** |
| **Ализода З.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Зоир Дж.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Шарипов Т.Ш.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Сафарзода А.И.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Гаюрзода Ш.К.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Сафарзода Б.А.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Рахмон Д.С.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Искандаров З.Х.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Мирзозода П.З.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Камолзода И.И.** | **д. ю. н., доцент** |
| **Махмудов И.Т.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Сулаймонов Ф.С.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Сулаймонзода М.С.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Кодиров Н.А.** | **к. ю. н., доцент** |

**Научное редактирование и корректура:**
**Саъдизода Дж., Шоев Ф.М., Азимов С.Ш., Бобозода У.Э.**

**ISSN 2414 9217**

## МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

### НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ (ИХТИСОС: 12.00.01) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)


| | | |
|---|---|---|
| **Шарофзода Р.Ш.** | Рақамикунонии таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ | **6** |
| **Сафарзода Б.А.** | Сравнительно-правовой анализ законодательства по правам ребёнка в Республике Таджикистан и Республике Беларусь | **35** |
| **Саъдизода Ҷ., Мухуддинов Д.** | Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар эҳё ва муаррифии Куруши Кабир ва Эъломияи ҳуқуқи башари ӯ | **48** |
| **Бобоева Н.И.** | Маърифати ҳуқуқӣ – омили асосии таъмини волоияти қонун | **67** |
| **Куканов А.З.** | Давомияти таърихӣ ҳамчун усули илмӣ-ҳуқуқӣ | **73** |
| **Исозода П.А.** | Мафҳум, моҳият ва аҳаммияти маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд | **82** |
| **Исматова М.Ҳ.** | Нақши санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахсони маъюб | **99** |
| **Аҳадзода А.А.** | Оид ба баъзе хусусиятҳои инкишофи ҷарима ҳамчун намуди чораи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқи шӯравӣ | **109** |
| **Бобозода У.Э.** | Ҳуқуқи инсон ба меҳнат ва ё озодии меҳнат: муқосаи назариявӣ | **123** |
| **Сайфуддинзода Ф.С.** | Омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ташаккули фарҳанги ҳуқуқии занон | **131** |
| **Раҳимзода Р.Р.** | Сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **143** |
| **Нуриддинзода М.А.** | Правовое знание как компонент правосознания | **156** |
| **Ғафуров И.У.** | Инкишофи мафҳуми низоми сиёсӣ | **164** |


### ҲУҚУҚИ МАДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ (ИХТИСОС: 12.00.03) – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.03)


| | | |
|---|---|---|
| **Сангинзода Д.Ш., Мансури Ш.Дж.** | Электронное правительство: правовой аспект | **180** |
| **Мирзоев А.М.** | Хусусиятҳои муайяннамоии ҳуқуқи татбиқшаванда аз ҷониби арбитражҳои байналмилалии тиҷоратӣ | **190** |
| **Ходжаева Р.М.** | Понятие и функции оценочной деятельности | **199** |
| **Исмонализода С.И.** | Мафҳум ва табиати ҳуқуқии нигоҳ доштани молу мулки қарздор | **209** |
| **Азамқулов Ф.Ҳ.** | Танзими ҳуқуқии муносибатҳои кооперативӣ дар Тоҷикистони шуравӣ | **218** |
| **Абдулазизи А.** | Мафҳум ва моҳияти шартномаи шартӣ (эскроу) | **226** |

| | | |
|---|---|---|
| **Маҷидова Р.С.** | Таснифи хизматҳои косметологӣ ва хизматҳои марбут ба он: таҳлили ҳуқуқӣ | **234** |
| **Абдусамадзода С.** | Ҳуқуқ ва уҳдадории ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ | **244** |
| **Аҷиков А.Н.** | Танзими давлатии бозори хизматрасониҳои суғурта | **251** |


**ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.08) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.08)**


| | | |
|---|---|---|
| **Шарипов Т.Ш., Хакимов М.Д.** | Институт освобождения от наказания в связи с болезнью в уголовном праве зарубежных стран (сравнительно-правовой анализ) | **259** |
| **Миралиев С.А.** | Таъини ҷазое, ки аз ҳадди поёнии дар моддаи дахлдори қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинигардида камтар мебошад | **276** |
| **Каримзода А.А.** | Общесоциальные меры профилактики краж среди молодёжы | **285** |


**ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПОӢ (ИХТИСОС: 12.00.10) – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.10)**


| | | |
|---|---|---|
| **Қурбонзода М.С.** | Заминаҳои миллии меъёрӣ-ҳуқуқии таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон | **295** |

**Талабот ба мақолаҳое, ки барои нашр дар маҷаллаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» пешниҳод мешаванд** **307**

**Требования, предъявляемые к статьям для опубликования в журнале «Государствоведение и права человека»** **308**

# НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ (ИХТИСОС: 12.00.01) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)

## РАҚАМИКУНОНИИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ

**Шарофзода Рустам Шароф,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ
**Тел.:** (992) 901000770
**Email:** www-rustam-tj@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат
**Муқарриз:** Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда**. Дар мақола вазифаҳои нави таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ дар робита бо раванди иттилоотонӣ ва рақамигардонӣ таҳлил мегарданд, чунки дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ тарзу воситаҳои нав, ки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва рақамиро дар назар доранд, татбиқ карда мешаванд. Таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ бо дарназардошти ташаккули фазои иттилоотӣ ва рақамӣ, ҳамчун ҷузъи фазои нави инноватсионӣ таҳқиқ карда мешавад. Ба хусусиятҳои раванди ташкил ва гузаронидани таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ ва рақамӣ таваҷҷуҳ зоҳир мегардад. Хусусиятҳои мазкур дар иртибот бо технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ, ки дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ истифода мешаванд, ё ба он таъсир мекунанд, муайян карда мешаванд ва мутобиқ намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои таълиму тарбияи ҳуқуқиро ба шароити нави ҳаёти ҷомеа талаб мекунанд. Хулоса пешниҳод мешавад, ки таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосир дониши васеи иттилоотӣ ва рақамӣ, аз ҷумла истифодаи оқилонаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамиро ба нафъи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ талаб мекунад. Тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъи раванди таълим таҳлил гардида, зарурати таҳияи консепсияи нави тарбия дар фазои таълими иттилоотӣ бо мақсади боло бурдани маҳорати касбии омӯзгорон, ба инобат гирифтани фазои рақамии ташаккулёфта ва таъсири он ба шуури кӯдакон, наврасон ва ҷавонон, истифодаи усулҳои нави таълиму тарбия бо дарназардошти объектҳои олами рақамӣ, ҳамчунин, нигоҳ доштани анъанаҳои тарбия оид ба интиқоли арзишҳои маънавӣ исбот карда мешавад. Дар консепсияи мазкур ба ташаккул додани унсурҳои идеологӣ ва равонии шуури ҳуқуқӣ, паҳлуҳои равонӣ, мафкуравӣ, педагогии тарбия ва таълими ҳуқуқӣ мебояд

таваҷҷуҳ дод. Хулоса оид ба нигоҳ доштани анъанаҳои ташаккулёфта дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ, ки бо арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ алоқаманданд, дар шароити иттилоотонӣ ва рақмигардонии раванди таълиму тарбия асоснок карда мешавад.

**Калидвожаҳо**: тарбияи ҳуқуқӣ, таълими ҳуқуқӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ, фазои рақамӣ, олами виртуалӣ, захираҳои иттилоотӣ, захираҳои электронӣ, интернети мобилӣ, маводи таълимии электронӣ, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, технологияҳои рақамӣ, зеҳни сунъӣ, рақамигардонии таълиму тарбияи ҳуқуқӣ, арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ, анъанаҳои таълиму тарбияи ҳуқуқӣ.

## ЦИФРОВИЗАЦИЯ ПРАВОВОГО ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ

**Шарофзода Рустам Шароф,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доктор юридических наук, профессор кафедры теории и истории государства и права
**Тел.:** (992) 901000770
**Email:** www-rustam-tj@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве
**Рецензент:** Азиззода У.А., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация**. В статье анализируются новые задачи правового обучения и воспитания в условиях информатизации и цифровизации, поскольку в процессе правового воспитания и обучения применяются новые способы и методы, связанные с внедрением информационно-коммуникационных и цифровых технологий. Правовое обучение и воспитание исследуется в контексте формирования информационного и цифрового пространства, как компонент новой инновационной среды. Акцентируется внимание на особенностях процесса организации и проведения правового обучения и воспитания в информационном и цифровом обществе. Данные свойства раскрываются в корнтексте информационных и цифровых технологий, которые применяются в процессе правового обучения и воспитания, либо оказывают на него влияние, и соответственно требующие адаптации целей и задач правового обучения и воспитания к новым условиям жизни общества. Обоснован вывод о том, что правовое обучение и воспитание в информационном и цифровом обществе требует выских информационных и цифровых знаний, разумного применения информационных и цифровых технологий в интересах образования и воспитания. Правовое воспитание исследуется как чать правового образования. Обосновывается необходимость разработки новой концепции правового воспитания в информационной

образовательной среде с целью повышения профессионализма педагогов, учета новой цифровой среды и ее влияния на сознание детей, побростков и молодежи, применения новых средств и методов правового воспитания и обучения во взаимосвязи с объектами цифрового пространства, а также сохранения традиционных методов трансляции духовных ценностй. В данной концепции необходимо акцентировать внимание на формирование идеологических и психологических эементов правосознания, психологическим, мировоззренческим, педагогическим аспектам правового обучения и воспитания. Обоснован вывод о сохранении в условиях информатизации и цифровизации сформировавшихся традиций правового обучения и воспитания, связанных с нравственно-духовными ценнностями.

**Ключевые слова**: правовое воспитание, правовое обучение, образовательные учреждения, цифровое протсранство, виртуальный мир, информационные ресурсы, электронные ресурсы, мобильный интернет, электронные учебные материалы, информацонно-коммуникационные технологии, цифровые технологии, искусственный интеллект, цифровизация правового обучения и воспитания, духовно-нравственные ценности, традиции правового обучения и воспитания.

## DIGITALIZATION OF LEGAL TRAINING AND EDUCATION

**Sharofzoda Rustam Sharof,**
Tajik national university, law faculty, doctor of the legal sciences, professor of the department of the theory and history state and law
**Тел.:** (992) 901000770
**Email:** www-rustam-tj@mail.ru

**Scientific Specialty:** 12.00.01 – Theory and history of the law and state; history of doctrines of the law and state.
**Research supervisor:** Azizzoda U.A., doctor of legal Sciences, professor

**Abstract**. The article analyzes new tasks of legal training and education in the context of informatization and digitalization, since new methods and techniques related to the introduction of information, communication and digital technologies are used in the process of legal education and training. Legal training and education is studied in the context of the formation of information and digital space, as a component of the new innovative environment. Attention is focused on the features of the process of organizing and conducting legal training and education in the information and digital society. These properties are revealed in the root text of information and digital technologies that are used in the process of legal training and education, or influence it, and accordingly require adaptation of the goals and objectives of legal training and education to the new conditions of society. The conclusion is substantiated that legal training and education in the information and digital society requires high information

and digital knowledge, reasonable use of information and digital technologies in the interests of education and upbringing. Legal education is studied as a part of legal education. The necessity of developing a new concept of legal education in the information educational environment is substantiated in order to improve the professionalism of teachers, take into account the new digital environment and its influence on the consciousness of children, adolescents and youth, the use of new means and methods of legal education and training in connection with objects of digital space, as well as the preservation of traditional methods of transmitting spiritual values. In this concept it is necessary to focus attention on the formation of ideological and psychological elements of legal consciousness, psychological, ideological, pedagogical aspects of legal training and education. The conclusion about the preservation in the conditions of informatization and digitalization of the formed traditions of legal training and education associated with moral and spiritual values is substantiated.

**Key words**: legal education, legal training, educational institutions, digital space, virtual world, information resources, electronic resources, mobile Internet, electronic educational materials, information and communication technologies, digital technologies, artificial intelligence, digitalization of legal education and training, spiritual and moral values, traditions of legal education and training.

Тарбияи ҳуқуқӣ бо мақсади ташаккули ҳисси эҳтироми қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, риояи муқаррароти меъёрии ҳуқуқӣ, масъулиятшиносии ҳуқуқӣ дар раванди таълими ҳуқуқӣ ва бо истифодаи тарзу воситаҳо, шаклҳои гуногуни тарбиявӣ, ки берун аз раванди таълим истифода мешаванд, ба роҳ монда мешавад. Асосҳои назариявӣ ва методологии тарбияи ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқии шуравӣ муайян карда шуда буданд. Айни замон дар давраи пасошуравӣ, бо дарназардошти иттилоотонӣ ва рақамигардонии ҷомеа консепсияи тарбияи ҳуқуқӣ тағйир меёбад. Ҳадафҳо ва вазифаҳои маъмулии тарбияи ҳуқуқӣ ба талаботи нави ҳаёти ҷомеа мутобиқ карда мешаванд. Дар баробари ин, вазифаҳои нави тарбияи ҳуқуқӣ дар робита бо раванди иттилоотонӣ ва рақамигардонӣ ҳалли худро талаб мекунанд, чунки дар раванди тарбияи ҳуқуқӣ тарзу воситаҳои нав, ки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии рақамиро дар назар доранд, татбиқ карда мешаванд. Тарбияи ҳуқуқӣ ҳоло дар фазои иттилоотии рақамӣ ба роҳ монда мешавад. Тарбияи ҳуқуқӣ ҷузъи фазои нави инноватсионӣ мебошад. Рақамикунонии ҷомеа, «аз он ҷумла таълим, раванди ногузир аст. Фазои нави ташаккулёбандаи иттилоотӣ, коммуникативӣ ва рақамӣ соҳаи таълимро фаро мегирад ва ба иштирокчиёни раванди таълим талаботи навро пешниҳод мекунад»[1].

Аз ин хотир, дар асарҳои илмӣ зарурати таҷдиди назар намудани тарзу воситаҳои тарбияи ҳуқуқӣ, такмили механизми тарбияи ҳуқуқӣ дар

[1] Шарофзода Р.Ш. Этико-психологические аспекты информатизации юридической деятельности // Правовая жизнь. – Январь-март, 2025. – № 1 (49). – С. 17-38. С. 27.

иртибот бо рақамикунонии ҳаёти ҷомеа, аз он ҷумла раванди таълим таъкид мегардад. Ба ақидаи Я.В. Солдатов ва А.В. Солдатов ҳоло зарурати такмили тарзу воситаҳои тарбияи ҳуқуқӣ дар робита бо фазои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бештар эҳсос мегардад ва давлат фаъолияташро дар соҳаи тарбияи ҳуқуқӣ «бояд тавассути аз худ намудани захираҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ такмил диҳад»[2]. С.В. Полишук Интернетро воситаи «ҷомеагардии шахс» мешуморад, чунки имконияти тарбия намудани эхтироми ҳуқуқ, қонун, ташаккули фарҳанги ҳуқуқиро дорад[3]. Зарурати таҷдиди назар намудани категорияи «тарбияи ҳуқуқӣ» бо дарназардошти дигаргуниҳо, аз он ҷумла «раванди технологӣ» дар асарҳои дигар низ таъкид мегардад[4].

Раванди ташкил ва гузаронидани таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷомеаи рақамӣ хусусиятҳои нав пайдо мекунад. Хусусиятҳои мазкур дар иртибот бо технологияҳои иттилоотии рақамӣ, ки дар раванди тарбияи ҳуқуқӣ истифода мешаванд, ё ба он таъсир мекунанд, мушоҳида мешаванд ва аз ин хотир, мутобиқ намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои тарбияи ҳуқуқиро ба шароити нави ҳаёти ҷомеа талаб мекунанд.

Илова бар ин, ташкили раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ имрӯз дониши васеи рақамиро талаб мекунад. Омили мазкур дар ташкил ва ба роҳ мондани тарбияи ҳуқуқӣ нақши муҳим дорад, чунки дониши иттилоотии рақамӣ сатҳи нав ва баланди дониши инсонӣ мебошад. Бесабаб нест, ки ҷомеаи иттилоотии рақамиро ҷомеаи донишҳо меноманд. Бе дониши кофии иттилоотии рақамӣ ба роҳ мондани тарбияи ҳуқуқӣ душвор аст, чунки унсури таркибии онро мафҳумҳои нави илмӣ, ба мисли «технологиҳои иттилоотӣ-телекоммуникативӣ», «зеҳни сунъӣ», «олами маҷозӣ», «роботигардонӣ», «провайдер», «захираҳои иттилоотӣ», «барномаҳои мобилӣ», «интернети мобилӣ», «технологияҳои иттилоотии таълим», «таълими интерактивӣ» ва ғ. ташкил медиҳанд.

Тарбияи ҳуқуқӣ дар шароити рақамигардонии ҷомеа бо истифодаи захираҳои интернетӣ, захираҳои электронӣ, барномаҳои мобилӣ, таълими интерактивӣ ба роҳ монда мешавад. Захираҳои интернетиро («веб-захираҳо», «веб-шабака», «веб-хизмат») шабакаҳои иҷтимоӣ, интернет-мағоза, захираҳои корпоративӣ, онлайн-хизматҳо, китобхонаҳо, портали иттилоотӣ, «business-to-business» (офиси виртуалӣ), бойгонӣ ташкил медиҳанд. Захираҳои электронӣ намудҳои гуногуни маълумоти электронӣ (матни электронӣ, овоз, графика, рақамҳо, шрифтҳо ва дигар), барномаҳои

---

[2] Солдатов Я.В.. Солдатов А.В. Актуальные вопросы модернизации правового воспитания в условиях цифровизации // Наука и образованние: взаимодействие бизнеса и общества в условиях трансформации информационных процессов и технологий. Материлаы Международной научно-практической конференции. В 3-х частях. – Казань, 2023. – С. 296.

[3] Ниг.: Полищук С.В. Информационно-коммуникационные технологии и правовое воспитание. // Гуманитарный вестник Военной академии ракетных войск стратегического назначения. – 2019. – № 4 (17). – С. 208.

[4] Ниг.: Солдатова А.В., Посухова А.Ю. Современное правовое воспитание: перспективы развития // Актуальные вопросы гуманитарных и социальных наук: от теории к практике. Материалы 3 научно-практической конференции с международным участием. – Чебоксары, 2023. – С. 387-390.

электрониро (барномаҳои системавӣ, амалӣ, хизматрасонӣ) дар бар мегиранд. Захираҳои электрониро маводи рақамӣ, ки дар шакли электронӣ пешниҳод мешавад, ташкил медиҳад. Журнали электронӣ (e-journal), китобҳои электронӣ (e-book), махзанҳои электронӣ, ҳуҷҷатҳои Adobe Acrobat (. pdf), веб-саҳифаҳо аз ҷумлаи захираҳои электронӣ мебошанд. Захираҳои электронӣ, ки дар компютер нигоҳ дошта мешаванд, намудҳои гуногун доранд, ба мисли китобҳои электронӣ, журнали электронӣ, диссертатсияҳои электронӣ, рӯзномаҳои электронӣ, маҷаллаҳои электронӣ ва ғ.

Дар ҷаҳон намудҳои зерини захираҳои иттилоотӣ истифода мешаванд: захираҳои иттилоотии давлатӣ (миллӣ), захираҳои иттилоотии корхонаҳо, захираҳои иттилоотии шахсӣ. Айни замон захираҳои электронӣ ба нобаробарии рақамӣ, вобастагӣ аз технологияҳо, маҳдудшавии ҳуқуқҳои муаллифӣ, халалдор гардидани таҷрибаи анъанавии дар китобхонаҳо ташаккулёфта, хатарҳои амнияти иттилоотӣ мусоидат мекунанд. Барои ҳамин, дар асарҳои илмӣ роҳҳои гуногуни пешгирии хавфҳои иттилоотонӣ ва рақамигардонии раванди таълиму тарбия пешниҳод мешаванд.

Дар раванди таълиму тарбияи ҳуқуқӣ захираҳои гуногуни электронӣ, ба мисли маводи таълимии электронӣ, видеофилмҳо, сабти овоз, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ ё CD-плеер шунида ё намоиш дода мешаванд, истифода мешаванд. Захираҳои рақамии таълим сарчашмаи иттилооотӣ буда, иттилооти графикӣ, матнӣ, рақамӣ, овозӣ, мусиқавӣ, видеоӣ, расм ва дигарро дар бар мегирад, ки бо мақсади таълим истифода мешаванд. Дар таҷрибаи давлатҳо захираҳои гуногуни электронӣ дар мактаб истифода мешаванд, аз қабили «мактаби электронӣ», «Олимпиум» (барои баргузории олимпиадаҳо), «Яндекс. Китоб», «Яндекссинф» ва ғ.

Дар раванди таълиму тарбия усули таълими интерактивӣ ( аз англисии «interact», inter – робитаи тарафайн, «act» – амал, ҳаракат, фаъолият) васеъ истифода мешавад. Усули интерактивӣ, ки дар асри XX аз ҷониби Ҷон Дюи ва Жан Пиаже ҷорӣ карда мешавад, муколама, сӯҳбат, робитаи мустақимро дар назар дорад. Бо ин усул робитаи мустақим байни шунавандаи радио, томошобини телевизор бо воситаҳои ахбори омма таъмин мешавад, пурсиши интерактивии шунавандагон ё тамошобинон гузаронида мешавад. Дар дарсҳои интерактивӣ усулҳои гуногуни интерактивӣ, ба мисли мизи мудаввар (муҳокимаҳо, мубоҳисаҳо), таҳлили ҳолати мушаххас («Case-study»), «ҳамлаи ақлӣ», намоиш ё интиқоли маҳорат («мастер-класс»), нақшофарӣ истифода мешаванд. Дар раванди таълими интерактивӣ омӯзгор донишҷӯёнро тавассути робитаи доимӣ бо онҳо фаъолона ба дарс ҷалб мекунад.

Барномаҳои (маводи) мобилӣ (аз англисии*«Mobile application»*) барномаҳое мебошанд, ки дар телефони мобилӣ ё планшет зеркашӣ карда мешаванд. Веб-мавод барномаҳои иттилоотӣ (мустақим) буда, тавассути браузер ҳамчун шабакаи оддӣ кушода мешавад. Маводи (барномаҳои) мобилӣ намудҳои зерин доранд: маводи манфӣ

(Native Apps), маводи «кроссплатформ» (Cross-Platform Apps), Веб-мавод (Web Apps), маводи омехта ё гибридӣ (Hybrid Apps), веб-маводи пешқадам (PWA – Progressive Web Apps). Барномаҳои мобилии манфӣ барои таҷҳизоти мобилии муайян (Apple Android ва ғ.) таҳия карда мешаванд. Web-барномаҳо (WebView) барои тамошои шабакаҳои муайян дар платформаҳои Android (*Android WebView Media Integrity*) и iOS пешбинӣ карда мешаванд. Барномаҳои гибридӣ дар заминаи омехта намудани ду барномаи қаблӣ таҳия карда мешаванд.

Дар ҷаҳони имрӯза миқдори умумии зеркашии маводи мобилии ҳамаи намудҳо соли 2021 ба андозаи 11% зиёд шуда, тақрибан 255 млрд.-ро ташкил медиҳад. Соли 2022 истифодабарандагони ин барномаҳо дар миқёси ҷаҳон ба андозаи миёна панҷ соатро дар давоми рӯз дар ин барномаҳо гузаронидаанд. Ин нишондиҳанда ба андозаи 3% нисбат ба соли 2021 зиёд шудааст. Соли 2024 Tik Tok ҳамчун барномаи пешсаф эътироф карда мешавад. TikTok аз рӯйи нишондиҳандаи зеркашӣ дар Google Play ва iPhone + iPad дар ҷойи якум қарор дорад. Соли 2024 миқдори умумии зеркашии он 50 миллионро ташкил додааст.

Ҳоло интернети мобилӣ дар соҳаи почтаи электронӣ, робитаи ҳамдигарӣ, намоиши тасвирҳои видеоӣ, истифодаи Интернет, бозиҳо, истифодаи GPS ё ГЛОНАСС (геолокатсия) истифода мешавад. Барномаҳои мобилӣ дар соҳаи хизмати тиббӣ васеъ истифода мешаванд. Соли 2016 дар ҷаҳон миқдори ин барномаҳо 260 ҳазорро ташкил дода буд[5]. Барномаҳои мобилии «маркетплейс» (англ. *Marketplace*), iOS, Android, Windows Phone васеъ паҳн шудаанд. Дар истеҳсоли онҳо ду ширкати бузург (мегаширкат) – Google ва Apple нақши ҳалкунанда доранд. Даромад аз барномаҳо барои Android и iOS соли 2020 ба андозаи миёна 111 млрд. доллари амрикоиро ташкил додааст. App Store (барои iOS/iPadOS), Google Play (барои Android), Samsung Galaxy Store (барои Android, Tizen), Windows Store (платформаи ҷаҳонии электронӣ), Amazon Appstore (барои Android, Windows 11), BlackBerry World (Android), Huawei AppGallery (Android) майдонҳои асосии (маркетплейсҳои) савдои барномаҳо ва системаҳои амалиёти мобилӣ мебошанд. Дар мамлакатҳои алоҳида маркетплейсҳои дигар, ба мисли Appland (Android и iOS) дар Швеция, Aptoide (Android) дар Португалия, Cafe Bazaar (Android) дар Эрон, Cydia (iOS) дар ИМА, F-Droid (Android) дар Британияи Кабир, GetJar (Android) дар Литва, MiKandi (Android) дар ИМА, Windows Mobile дар Норвегия, NashStore (Android), RuMarket, RuStore (Android) дар Россия ва ғ. истифода мешаванд. Барномаҳои мобилӣ ба забонҳои гуногуни барномавӣ (Java/Kotlin; PHP/JavaScript; ActionScript; Swift и Objective-C) навишта мешаванд.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ технологияҳои иттилоотии рақамӣ дар омода намудани маводи таълимии электронӣ мутобиқи стандартҳои

[5] Ниг.: Эрик Тополь. Будущее медицины: Ваше здоровье в ваших руках. — М.: Альпина нон-фикшн, 2016. – 491 с.

байналмилалии таълими электронӣ васеъ истифода мешаванд. Воситаҳои техникӣ ва барномаҳои таълими фосилавӣ, ки дар доираи онҳо маводи таълимии электронӣ таҳия карда мешавад, инҳо мебошанд: Lotus Learning Space (LLS), Distance Learning Studio (DLS), Virtual Learning Environments (VLE), ToolBook, Assistant (TBA) ва Instructor (TBI), Mirapolis Cloud, VirtualRoom (MVR), LMS Moodle ва дигар. ToolBook Instructor воситаи таҳияи курсҳои e-learning, маводи таълимии электронӣ, аттестатсияи онлайнӣ мебошад. Маводи таълимие, ки тавассути ToolBook таҳия карда мешавад, бояд ба станартҳои байналмилалии таълими электронӣ – AICC, SCORM, IMS, ADL и IEEE мутобиқ бошад. Mirapolis (Cloud, Virtual Room) толори виртуалӣ барои баргузории ҳамоиши илмӣ, муколамаи мустақим тавассути Интернет мебошад. Moodle 73 ҳамчун системаи идоракунии раванди таълим (LMS) истифода мешавад. Барои омода намудани китобҳои дарсии электронӣ технологияҳои HTML CSS – Cascading Style Sheets, html-редактор HomeSite 4.5, Microsoft HTML Help Workshop, барномаҳои MS HTML Help Workshop ва HTM2CHM, файлҳои Microsoft бо формати CHM (Compressed HTML Help) истифода мешаванд[6].

Маводи таълимии электронӣ, ки ҳоло васеъ истифода мешавад, намудҳои зерин дорад: китобҳои таълимии электронӣ, воситаҳои таълимӣ-методии электронӣ; системаҳои таълимдиҳандаи компютерӣ, маводи таълимӣ-иттилоотии аудиоӣ ва видеоӣ, махзанҳои иттилоот, китобхонаҳои электронӣ ва ғ. Дар байни маводи таълимии электронӣ ҷойи асосиро китоби электронӣ ишғол мекунад. Китоби электронӣ бояд бехавф бошад, матни он имконияти иваз намудани услуби матн, шрифт, рангро бояд дошта бошад. Ҳангоми омода намудани китоби электронӣ воситаҳои техникӣ, ба мисли овоз, ранг, аниматсия, тасвир истифода мешаванд[7].

Дар муассисаҳои таҳсилотӣ, пеш аз ҳама, мактабҳо ҳоло технологияҳои зерини рақамӣ истифода мешаванд: технологияи «Воқеияти маҷозӣ», технологияи «Тасвирҳои панорамӣ», технологияи «3D-моделсозӣ», технологияи «Робототехникаи таълимӣ», технологияи «Воситаҳои хурди рақамигардонӣ» (ВХР), технологияи «Контенти мултимедиявӣ», технологияи «Контенти электронии интерактивӣ». Стандартҳо, барномаҳо ва китобҳои таълимӣ мутобиқи технологияи ВХР омода карда мешаванд. Шаклҳои хурди рақамигардониро калкуляторҳои графикӣ, луғатҳои электронӣ, воситаҳои пурсиши интерактивӣ ташкил

[6] Ниг.: Минин А.Я. Информационные технологии в образовании. Учебное пособие. – М.: МПГУ, 2016. – С. 52-61.

[7] Ниг.: Балалаева Е.Ю. Анализ сущности понятия «электронный учебник» // Вестник Марийского государственного университета. – 2016. – № 4 (24). – С. 5-9; Зайнутдинова Л.Х. Создание и применение электронных учебников: на примере общетехнических дисциплин. – Астрахань, 1999. – 363 с.; Мусин Р.Ф. Электронные учебники как элемент системы электронного образования // Новые информационные технологии в образовании: материалы IX международной научно-практической конференции. – 2016. – С. 453-457.

медиҳанд. Технологияҳои зикршудаи рақамӣ дар доираи лоиҳаи «Мактаби рақамӣ» татбиқ карда мешаванд[8].

Дар донишгоҳҳои давлатҳои хориҷӣ онлайн-курсҳои кушоди оммавӣ (ОККО) васеъ татбиқ мешаванд. Дар доираи технологияи «сОККО» механикаи “peer review» (тафтиши корҳои ҳамдигар дар байни донишҷӯён тибқи методикаи муайян) истифода мешавад. Ҳамчунин, технологияҳои «рОККО» (курсҳое, ки ба таҳияи лоиҳа равона шудаанд), «tОККО» (ҳалли масъалаҳо дар ҷараёни таълим), «PD-ОККО» (курсҳои такмили ихтисос) истифода мешаванд. Техлогияҳои мазкур дар доираи консепсияи «self-paced» (таълими ройгон) ва «p&p» (пардохти пешакии таълим) татбиқ мешаванд. Дар донишгоҳҳои ИМА таҷрибаи ба иҷора гирифтани ОККО ташаккул ёфтааст. ОККО, ки ба иҷора гирифта мешаванд, тавассути воситаҳои мултимедиявӣ дар синфхона (аудитория) бо иштироки донишҷӯён намоиш дода мешаванд. Ҳоло «ОККО CS50, Гарвард» бомуваффақият татбиқ карда мешавад. Технологияи мазкур дар донишгоҳҳои Принстон, Йел, Дюк истифода мешавад[9].

ОККО дар донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳон, аз ҷумла Донишгоҳи Стеэнфорд, Гарвард, Донишгоҳи Ҷон Хопкинс ва садҳо донишгоҳҳои дигар татбиқ карда мешавад. Донишгоҳи Кушоди Британияи Кабир аввалин дар ҷаҳон донишгоҳи таҳсили фосилавӣ мебошад. Донишгоҳи мазкур соли 1969 таъсис шудааст.

Яке аз самтҳои иттилоотонии раванди таълим бо таҳияи Маҷмуаи таълимӣ-методии электронӣ (МТМЭ) алоқаманд аст. МТМЭ захираи иттилоотии таълимӣ буда, бо мақсади пешниҳоди маводи таълимӣ барои донишҷӯён, таълими мустақилонаи инфиродӣ, назорати раванди таълим, аз он ҷумла аттестатсияи ниҳоӣ истифода мешавад. МТМЭ бо истифодаи технологияҳои гуногун (матн, графика, аудио, видео, аниматсия) пешниҳод карда мешавад. Ҳамчунин, семинарҳо, мубоҳисаҳо, дарсҳои амалӣ пешбинӣ мешаванд. МТМЭ аз унсурҳои зерин иборат аст: барномаи таълимӣ (дар шакли Гиперматн ва мутобиқи стандартҳои таълим); маводи таълимӣ дар шакли лексия, семинар ва дарсҳои амалӣ (матни кӯтоҳи дексияҳо, нақшаи дарсҳои семинарӣ ва амалӣ); лавҳаҳо аз видеофилмҳо ва файлҳои овозӣ; рӯйхати адабиёти тавсияшаванда; луғати истилоҳот

---

[8]Ниг.: Ануорова Н.И. Цифровые технологии в образовании // Цифоровое общество как культурно-исторический контекст развития человека: сборник научных стетей и матеориалов международной конференции: “Цифоровое общество как культурно-исторический контекст развития человека”, Коломна, 14-17 февраля 2018 / Под общ. ред. Р.В. Ершовой. – Коломна: Государственный социально-гуманитарный университет, 2018. – 452 с.

[9]Ниг.: Борщева В.В., Кашпарова В.С., Синицын В.Ю. Использование массовых открытых онлайн-курсов в обучение английскому языку студентов нелингвистических направлений подготовки // Педагогика и психология образования. – М., 2017. – №1. – С. 45-53; Костюк Ю.Л., Левин И.С., Фукс А.Л., Фукс И.Л., Янковская А.Е. Массовые открытые онлайн-курсы – современная концепция в образовании и обучении // Вестник Томского государственного университета. – Томск, 2014. – №1. – С. 89-98; Климентьев Д.Д., Климентьева В.В. Оптимизация академических образовательных программ российских ВУЗов за счет использования массовых открытых онлайн-курсов // Вестник Пермского национального исследовательского политехнического университета. – Пермь, 2015. – № 3. – С. 22-28; Травкин И.Ю. Массовое, открытое, онлайн-параллельно или вместе? // Высшее образование в России. – М., 2015. –№12. – С. 152-156.

(глоссарий); фарҳанги шахсиятҳо (маълумоти кӯтоҳ оид ба олимон ва педагогҳои барҷаста); тестҳои санҷишӣ (супоришҳои тестӣ, ки дар ҷарёни дарс дар муҳлати хурд, аз ҷумла якчанд дақиқа бояд ҳалли худро ёбанд); кроссвордҳои таълимӣ (супоришҳои ба кроссворд воридшуда); «Иттилои муфид» (маълумоти иловагӣ, масалан, оид ба китобхонаҳои электронӣ); рӯйхати адабиёти асосӣ ва иловагӣ; "Самаранокии МТМЭ" (самаранокии ҳалли вазифаҳои амалӣ)[10].

Татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ дар раванди таълиму тарбия аз омӯзгорон низ дониш ва маҳорати истифодаи технологияҳои навро талаб мекунад. Ба ин масъала дар хориҷи кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешавад. Чунончи, дар Британияи Кабир омода намудани педагогҳо ба фаъолияти таҳқиқотӣ дар донишгоҳҳо, мактабҳо ва дар раванди фаъолияти педагогӣ тавассути технологияҳои рақамӣ яке аз самтҳои нави таҳсили педагогӣ маҳсуб мешавад. Бо ин мақсад барномаҳои махсус аз тарафи Агентӣ оид ба омода намудан ва таҳсили мунтазами муаллимони мактаб ва Кумита оид ба стандартҳои таҳсилот таҳия карда мешаванд, технологияҳои гуногун, аз қабили «Personal Learning Network PLN» – муҳити таълимии шахсӣ, «Virtual Learning Environment VLE» – муҳити таълимии маҷозӣ ва ғ., лоиҳаҳои шабакавии мутаҳҳидкунандаи донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ва педагогҳо, ба мисли «The Welsh Education Research Network (WERN) » – Шабакаи таҳқиқотии Валли дар соҳаи таҳсил, «A Social and Professional Network for Early Career Researchers in Education» – Шабакаи касбии ҷамъиятӣ барои муҳаққиқони нав дар соҳаи таҳсил, «The Teacher Education Research Network (TERN)» – Иттиҳоди педагогӣ оид ба масъалаҳои таҳқиқот дар соҳаи таҳсил истифода мешаванд[11].

Презентатсияҳои мултимедиявӣ ҷузъи захираҳои иттилоотии таълимӣ буда, васеъ истифода мешаванд. Дар асарҳои илмӣ зарурати такмили маҳорати омӯзгорон дар ин самт, аз ҷумла аз худ намудани методикаи истифодаи презентатсияҳои мултимедиявӣ таъкид мешавад. Презентатсияи мултимедиявӣ маҷмуи слайдҳое мебошад, ки дар пайдарҳамии мантиқӣ ҷойгир карда шуда, иттилооти статикӣ (матн, графика) ва динамикиро (суханронӣ, видео, аниматсия, мусиқӣ) дар бар мегирад. Слайдҳо бо мақсади таълим истифода шуда, аз тарафи омӯзгор илова ва шарҳ дода мешаванд[12].

---

[10] Ниг.: Гулакова М.В., Харченко Г.И. К вопросу разработки и использования электронного учебно-методического комплекса // Цифоровое общество как культурно-исторический контекст развития человека: сборник научных стетей и матеориалов международной конференции: "Цифоровое общество как культурно-исторический контекст развития человека", Коломна, 14-17 февраля 2018 / Под общ. ред. Р.В. Ершовой. – Коломна: Государственный социально-гуманитарный университет, 2018. – 452 с. – С. 131-135.

[11] Ниг.: Киселева Н.С. К вопросу о профессионально-педагогической подготовке современного британского учителя-исследователя // Вестник Санкт-Петербургского университета. – 2013. – № 1. Серия 12. – С. 11-16.

[12] Ниг.: Панкратова М.В. Критерии оценки электронной учебной презентации // Материалы международного электронного симпозиума "Модернизация системы профессионального образования:

Захираҳои иттилоотие, ки дар китобхонаҳои миллӣ ва ҷаҳонии электронӣ нигоҳ дошта мешаванд, ба раванди таълим, фаъолияти илмии донишҷӯён, унвонҷӯён мусоидат мекунад. Дар китобхонаҳои илмии электронӣ (eLIBRARY.RU, Киберленинка ва диг.) миқдори зиёди маводи элетронии илмӣ ва таълимӣ ҷойгир карда шудааст. Бо мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии хориҷӣ тавассути Web of Science, Scopus, Web of Knowledge, Astrophysics, PubMed, Mathematics, Chemical Abstracts, Springer, Agris, GeoRef шинос шудан мумкин аст. Доираи иттилооти илмӣ-таълимӣ, ки дар Интернет ҷойгир аст, мунтазам васеъ мешавад. Чунончи, соли 1996 миқдори шабакаҳои ин соҳа дар Интернет 100 000 ададро ташкил медод. Соли 2017 бошад, миқдори онҳо 1,2 млрд.-ро ташкил медҳад. Илова бар ин, итттилооти интернетӣ дар ҳолати инкишоф қарор дорад. Мақолаҳои нави илмӣ мунтазам ба китобхонаи илмии электронии eLIBRARY.RU ворид карда мешаванд. Ба ақидаи муҳаққиқон ҳоло Интернет ба воситаи ивазнашавандаи фаъолияти библиографӣ табдил ёфтааст[13].

Технологияҳои рақамӣ бо мақсади омӯзиши забонҳои хориҷӣ васеъ истифода мешаванд. Ба паҳлуҳои гуногуни татбиқи технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим бо мақсади омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар асарҳои илмӣ таваҷҷуҳ зоҳир мешавад[14].

Тавре мушоҳида мешавад, таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосир дониши васеи иттилоотӣ ва рақамӣ, аз ҷумла истифодаи оқилонаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамиро ба нафъи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ талаб мекунад.

Дар асарҳои илмӣ ба хусусиятҳои тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ ва рақамӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунанд. Ин хусусиятҳоро олимон бо мутобиқ намудани шаклҳову усулҳои тарбияи ҳуқуқӣ ба технологияҳои инноватсионӣ, тартиби дарку эҳсоси иттилоот тавассути Интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар технологияҳои иттилоотӣ алоқамаанд мекунанд[15]. Ҳамчунин, ба омӯзиши асосҳои амнияти рақамӣ

---

практическое внедрение нового содержания и технологий". – Махачкала: Махачкалинский инновационный университет,14-15 декабря 2015 г. – С. 47-52.

[13]Ниг.: Голева О.П. Сетевые ресурсы в пропаганде чтения и рекламе издательской продукции // Библиография. – 2017. – №1. – С.31–39; Жабко Е.Д. Справочно-библиографическое обслуживание в электронной среде: теория и практика. Монография. – С.-Петербург: Изд-во РНБ, 2006. – 387 с.; Решетникова О.В. Библиографическая информация онлайн: возможности и перспективы (опыт Российской государственной библиотеки) // Библиотековедение. – 2016. Т. 65. – № 4. – С. 403–408; Решетникова О.В. Возможности онлайн-библиографии в формировании интереса к чтению // Библиографическое обеспечение свободного развития личности. Краеведческая библиография: Материалы II Международного библиографического конгресса «Библиография: взгляд в будущее». (Москва, 6–8 окт. 2015 г.) / Рос. гос. б-ка; [редкол.: А.Ю. Самарин (пред.), А.В. Теплицкая (науч. ред.), (Г.Л. Левин и др.]. – Москва: Пашков дом, 2016. – С. 149–162.

[14]Ниг.: Коротких Г.И. Компьютерные программы автоматизированного перевода текста: реальные возможности и обучающий потенциал // Профессиональное лингвообразование: обучение иностранному языку в ВУЗе и прикладная лингвистика: сборник научных статей по проблемам высшей школы / под ред. Л.С. Зникиной. – Кемерово: ГУ КузГТУ, 2008. – С. 191-202; Сысоев П.В., Евстигнеев М.Н. Современные учебные Интернет-ресурсы в обучении иностранному языку // Иностранные языки в школе. – 2008. – №2. – С. 2-9.

[15]Ниг.: Воробьев С.М., Ивлиев П.В. Актуальные проблемы формирования информационного общества в России: статья // Теория государства и права. – 2022. – № 2 (27). – С. 87-93; Воробьев С.М., Комаров С.А.

дар байни наврасон, риояи талаботи ахлоқӣ ҳангоми истифодаи технологияҳои рақамӣ, ҳимояи маълумоти шахсӣ[16], ҷалби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба муассисаҳои таҳсилотӣ бо мақсади шинос намудани хонандагону донишҷӯён бо асосҳои амнияти рақамӣ, манъи паҳнкунии иттилои бардурӯғ, масъулияти истифодаи технологияҳои рақамӣ[17], тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун унсури таълими телекоммуникатсионӣ[18], таълим ва тарбияи кӯдакони томактабии қобилияташон маҳдуд[19] таваҷҷуҳ зоҳир мешавад.

Иттилоотонӣ ва рақамикунонӣ ба тағйироти куллӣ дар ҷомеа, ташаккули «насли нави рақамӣ» оварда мерасонад. Насли нави рақамиро дар асарҳои олимони хориҷӣ (М. Пренски, М. Ромеро ва диг.) «сокинони рақамӣ» (дар тарҷумаи русӣ «аборигенҳои рақамӣ»), «насли Net», «эхо бумерҳо» меноманд. Ба андешаи муҳаққиқон насли нави рақамӣ пас аз соли 1984 таваллуд шуда, дар муҳити компютерҳо, планшетҳо, плеерҳо, телефонҳои мобилӣ ба воя расида, дар таносуб бо омӯзгорони онҳо, ки онҳоро муҳаққиқони хориҷӣ «муҳоҷирони рақамӣ» меноманд, қобилияти баландтари истифодаи технологияҳои навро дошта, ба намуди нави таълим ниёз доранд. Айни замон хулосаи зикршуда дар натиҷаи мушоҳидаҳо ба даст омада, далели кофӣ надорад ва аз ин хотир, муҳаққиқони дигар хулосаҳои худро дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот пешниҳод мекунанд. Чунончи, мутобиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар донишгоҳҳои Австрия, Австралия, Канада, ИМА, Швейсария қобилияти рақамии донишҷӯёне, ки пас аз соли 1984 таваллуд шудаанд, асосан бо истифодаи намудҳои стандартии Office, почтаи электронӣ, мессенҷерҳо, Facebook, серфинг дар Интернет маҳдуд мешавад. Мутобиқи натиҷаҳои таҳқиқоти дигар донишҷӯёни курси якуми Донишгоҳи Гонконг технологияҳои рақамиро асосан ба мақсади робитаи ҳамдигарӣ, на таълим истифода мебаранд. Ҳамчунин, маълум гардид, ки қобилияти рақамии муаллимони мактабҳои миёна аз қобилияти хонандагон он қадар паст нест. Айни замон маълум гардид, ки сатҳи даромад ва таълим омилҳои асосие мебошанд, ки ба ташаккулу болоравии маҳорати рақамии одамон, сарфи

---

Информатизақия и государственно-организованное общество в информационном измерении: статья // Теория государства и права. – 2019. – № 4. – С. 25-37; Воробьев С.М., Комаров С.А. Переходное электронное государство в условиях функционирования информационной (кибернетической) цивилизации: теоретико-правовой анализ: статья // Вестник Московского государственного открытого университета. – 2019. – № 1. – С. 17-27.

[16]Ниг.: Комаров С.А., Мицкая Е.В. Правовое регулирование обеспечения информационной безопасности и защиты персональных данных. Монография / под ред. С.А. Комарова. – СПб.: Издательство Юридического института (Санкт-Петербург), 2018. – 168 с.

[17] Ниг.: Теоретико-правовая парадигма существования кибернетической (информационной) цивилизации. Коллективная монография / под ред. С.А. Комарова. – М.: Изд-во МАТГиП, 2022. – 320 с.

[18] Ниг.: Титаренко И.Ю., Попова В.Ю., Лисовец С.Ю. Правовое воспитание граждан – актуальная задача телекоммуникационного образвония // Телекоммуникации и информатизация образования. – 205. – № 2. – С. 40-42.

[19] Ниг.: Кувшинова И.А., Пушкарева А..А., Овсянникова Е.А., Линькова М.В., Бровина С.С. Использование информационно-коммунакативных технологий в обучнии и воспитании детей дошкольного возраста с ограниченными возможностями здоровья // Современное педагогическое образование. – 2021. – № 4. – С. 208-214.

назар аз синну сол, аз он ҷумла одамони аз синни 50 калонтар мусоидат мекунад[20].

Дар асарҳои илмии солҳои охир дар робита бо ташаккули муҳити нави иттилоотӣ ва таъсириони он ба раванди таълиму тарбия мафҳумҳои нави илмӣ, ба мисли «тарбияи иттилоотӣ», «ҷомегардии иттилоотӣ», «ҷомеагардии рақамӣ», «фарҳанги иттилоотӣ» ва дигар пешниҳод шуда истодаанд. Ба ақидаи муҳаққиқон муҳити иттилоотӣ ба раванд ва сифати таълиму тарбия таъсири ҳалкунанда расонида, ташаккули қобилияти таҳлили танқидии маҷмуи васеи иттилоот, ҷудо намудани иттилооти муфид, аз он ҷумла иттилооти таълимиро талаб мекунад[21].

Ба ақидаи М.Е. Косов фаъолияти касбии анъанавии ҳуқуқӣ ҳоло дар ҳолати таҳаввулот қарор дошта, технологияҳои рақамӣ имконият медиҳанд, ки «вазифахо ва хизматҳои маъмулӣ ва оддӣ автоматӣ гардонида шаванд»[22].

Б ақидаи Л.В. Туркаева Интернет ба таълиму тарбияи ҳуқуқӣ таъсири ҳалкунанда мерасонад ва аз ин хотир, ҷустуҷӯи иттилоот омодагии назариявиро талаб намуда, айни замон мавқеи фаъолияти педагогиро дар муассисаҳои таҳсилотӣ баланд мебардорад[23].

Олимон бар ақидаанд, ки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ дар фаъолияти наврасону ҷавонон бояд дар доираи қонун сурат гирад. Аз ин хтир, дар асарҳои илмӣ ба тарбияи наврасону ҷавонон дар рӯҳияи риояи қонун, масъулиятшиносӣ бо дарназардошти нақши ҳалкунандаи онҳо дар ҷомеаи минбаъда таваҷҷуҳ зиҳир мешавад[24]. Як қатор олимон зарурати пешгирии кибертаҳқирро («кибербуллинг») дар Интернет таъкид мекунанд, чунки ҳолатҳои мазкур, ки дар байни

---

[20] Ниг.: Ершова Р.В. Технологические навыки цифровых аборигенов: анализ эмпирических исследований // Цифоровое общество как культурно-исторический контекст развития человека: сборник научных стетей и матеориалов международной конференции: “Цифоровое общество как культурно-исторический контекст развития человека”, Коломна, 14-17 февраля 2018 / Под общ. ред. Р.В. Ершовой. – Коломна: Государственный социально-гуманитарный университет, 2018. – 452 с. – С. 149-153.

[21] Ниг: Воронина М.Ф., Карпова Е.А. Модели оценки эффективности обучения в контексте компетентностного подхода // Социология и право. – 2016. – № 1 (31). – С. 27-37; Желателев Д.В. Развивающее обучение, основанное на принципах гештальтподхода // Современное образование: традиции и инновации. – 2015. – № 2. – С. 5-13; Марцинковская Т.Д. Информационное пространство: быстрый доступ и возможные последствия // Бюллетень науки и практики. – 2016. – № 6. – С. 377-382; Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии. – СПб.: Питер, 2007. – 713 с.

[22] Косов М.Е. Рынок Legaltech: обзор и перспективы развития // Международный журнал гражданского и торгового права. – 2019. – № 2. – С. 19.

[23] Ниг.: Туркаева Л В. Проблемы правового образования студентов в современных условиях цифровой образовательной среды // Вестник Уральского института экономики, управления и права. – 2022. – № 1(58). – С. 75.

[24] Ниг.: Бекиров С.Н. Правовая действительность воспитания молодёжи в условиях цифровизации // Проблемы современного педагогического образования. – 2023. – № 78-2. – С. 36; Воробьев С.М., Комаров С.А. Влияние информационно-правовой политики на правосознание личности в условиях действия информационной зависимости: теоретико-правовые аспекты: статья // Юридическая мысль. – 2020. – № 2. – С. 9-18; Шевченко В.Н. Проблемы формирования правосознания и правовой культуры молодёжи // Правовая парадигма государственной молодёжной политики. Материалы Всероссийской научно-практической конференции с международным участием, Липецк, 11 октября 2023 года. – Липецк, ЛГПУ, 2024. – С. 256. – С. 256-258.

наврасону ҷавонон паҳн шудаанд, боиси таҳқири ҳамсолони худ ё шахсони дигар мегардад[25].

Ба ақидаи Л.А. Коханетс усулҳои самараноки таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар шароити рақамигардонии ҷомеа инҳо мебошанд: якум, барномаҳои таълимии интерактивӣ ва дасрҳои мустақим (онлайнӣ) бо мақсади аз худ намудани қонунҳо ва қоидаҳои фазои иттилоотӣ; дуюм, таҳлили ҳолатҳои халалдор гардидани қонунҳо дар фазои иттилоотӣ дар дарсҳо бо мақсади пайдо намудани маълумоти кофӣ оид ба амали низоми ҳуқуқӣ дар фазои мустақим; сеюм, муҳокимаҳои мунтазами риояи арзишҳои фарҳанги ҳуқуқӣ ва ахлоқ дар фазои рақамӣ бо ҷалби мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, адвокатҳо, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; чорум, ҷалби унвонҷӯёни ҷавон ва донишҷӯён ба кори таълимӣ дар байни наврасон; панҷум, ҷалби ҷавонон ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ дар мавзуи «таъмини тартиботи ҳуқуқӣ дар фазои иттилоотӣ»[26].

Е.Ф. Усманова се технологияи таълим ва тарбияи ҳуқуқиро дар шароити рақамигардонии ҷомеа пешниҳод мекунад: 1) технологияҳои иттилоотии муколамавӣ, ки муколамаи байни омӯзгорон ва хонандагон, тарбиякунандагон ва тарбияшавандагонро таъмин мекунанд, ба мисли ташаккули тафаккури танқидӣ, инкишофи қобилияти исботкунӣ, таҳлили танқидии иттилоот, маҳорати бурдани муколамаи ҳуқуқӣ, қобилияти коммуникативӣ; 2) технологияҳои педагогӣ: таълим дар иртибот бо ҳолатҳои мушаххас (таҳлили ҳолатҳои ҷудогона бо иштироки гурӯҳи донишҷӯён, таҳлили ҳамаи паҳлуҳои ҳолатҳои алоҳида) тавассути баргузории мизҳои мудаввар, конференсияҳо ва ғ.; 3) технологияҳои ҷустуҷӯи мушкилот: таҳқиқоти илмӣ-эҷодӣ, ҷустуҷӯи қарорҳои судӣ, кор дар системаҳои иттилоотии истиснодӣ ва махзанҳои иттилоотӣ[27].

Тибқи иттилои олимон «LegalTech» (англисӣ – технологияҳо ва барномаҳои нави фаъолияти ҳуқуқӣ) яке аз лоиҳаҳои инноватсионии васеъ паҳншуда мебошад. Лоиҳаи мазкур татбиқи барномаҳо, платформаҳо, маҳсулот, таҷҳизоти иттилоотиро дар фаъолияти ҳуқуқшиносон пешбинӣ мекунад. Айни ҳол технологияҳои иттилоотӣ ва рақамии зерин дар фаъолияти ҳуқуқӣ истифода мешаванд: барномаҳои автоматикунонии машваратҳои ҳуқуқӣ; барномаҳои ҷустуҷӯи мизоҷон ва хизматрасонандагон (адвокатҳо, нотариусҳо, экспертҳо) дар бозори электронӣ; автоматикунонии гардиши ҳуҷҷатҳо (ном ва макони зисти

[25]Ниг.: Зорина Н.С. Кибербуллинг среди подростков: понятие, виды и профилактика // Административное право и процесс. – 2022. – № 7. – С. 54-55.

[26]Ниг.: Коханец Л.А. Специфика правового воспитания молодёжи в условиях информатизации и цифровизации российского общества: статья // Теория государства и права. – 2024. – № 3-1 (39). – С. 137.

Дар умум давлати бунёдгузоштаи Куруши Кабир яке аз намунаҳои барҷастаи раванди давлатдории аҳди бостон мебошад, ки хусусиятҳои онро дар мисоли давлатдҳои муосир низ дидан мумкин аст. Дар ин маврид Пешвои миллат қайд менамоянд: “Бояд зикр намуд, ки Куруши Кабир зимни сиёсати давлатдорӣ ва тарзи дунявии тафаккур ҳадафҳои кишваркушоӣ ва густариш додани иқтидори рӯзафзуни империяи Форсро пеш мебурд. Ба қавли муаррихони аҳди қадиму ҷадид Куруши Кабир қабл аз ҳуҷум ба Бобул дар симои савдогарону тоҷирон, руҳониёни мазҳабҳои гуногун аз дастаи ҷосусони озмуда, тарғиботчиёни сиёсати худро ба он ҷо интиқол дода, намояндагони миллату мазҳабҳои азияткашидаро қаблан ба империяи Ҳахоманишиён дилгарм месохт. Куруши Кабир алалхусус, нисбат ба миллати Бани Исроил, ки аз замони Бухтуннаср дар асорати давлати Бобул буд, меҳрубонӣ ва иноятӣ зиёде кардааст. Ӯ ашёҳои гаронбаҳо ва зарфиёти тиллоиву нуқрагинро. ки ҳангоми хароб намудани маъбади яҳудиён дар Байтулмуқаддас ғорат шуда буд. Ба ибодатхонаи яҳудиён бозгардонд. Гузашта аз ин, бо иҷозати Куруш аз аз 42 ҳазор нафар яҳудӣ, аз ҷумла, 7 ҳазор ғулому каниз барои таъмиру таҷдиди маъбадҳои Байтулмуқаддас раҳсипор шуданд. Аз ин ҷост, ки эҳтироми паямбарони Банӣ Исроил ба Куруш хеле зиёд буда, номи ӯ дар китоби муқаддаси онҳо чун фиристодаи Худо зикр шудааст”[87].

[86] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. – Душанбе. Ирфон 2002. – 23 С.

[87] Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – С.19.

Хусусан, дар аҳди Куруши Кабир, ки давраи марказиятёбӣ ва дар қаламрави давлати бузурги Ҳахоманишиён муттаҳид шудани давлатҳои хурд, аз қабилаҳои парокандаи ориёинажод ва ориёизабони сарзамини Ориёнои Ғарбӣ ва Ориёнои Шарқӣ ба шумор мерафт, таъқибу саркӯб кардани сакоиҳои кӯчманчии марказгурезу озодипараст авҷ гирифта, барои аз тохту този онҳо эъмин доштани сарҳадҳои шарқии империяи Ҳахоманишиён қалъаи истеҳкомии Курушкада бунёд мегардад.

Куруши Кабир аз нахустин шоҳанхоҳонест, ки дар кишвардориву кишварсозӣ сиёсати оқилонаи давлатдориро пеш гирифта, эътиқоду ақоид ва дини миллатҳои ғайрро эҳтиром мегузошт. Ӯ ба ҳар кишваре, ки мерафт худоёни мазҳабҳои мухталифро ба расмият мешинохт, худро ҷонишини қонунии подшоҳони бумӣ эълон медошт ва аз рӯйи расму русуми онҳо подшоҳиро мепазируфт. Беҳуда нест, ки руҳониёни бонуфузи Бобул ӯро ҳамчун писари худои олитабори бобулиён Мардук муаррифӣ намуда, ба тахти шоҳӣ нишастанашро бо хушнудии тамом истиқбол карда буданд. Ба ибораи имрӯз сиёсати давлатдории Куруши Кабир 2500 сол аз ин муқаддам ба тарзи давлатдории дунявӣ асос ёфта буд. Шояд яке аз сабабҳои шӯҳрати ҷаҳонӣ ёфтану империяи абарқудрати замони худ шудани давлати Форс дар пеш бурдани ҳамин сиёсати давлатдории дунявӣ нуҳуфта бошад[88].

Доир ба сиёсати инсондӯстони Куруши Кабир Пешвои миллат воқеи таърихии фатҳи Бобулро аз ҷониби ин абармарди таърихӣ тазакур шуда чунин андешаро баён медорад: “Вақте ки Куруши Кабир соли 539-и то мелод шаҳри Бобул – пойтахти давлати муқтадири Бобулистонро фатҳ кард, бар хилофи шоҳони аҳди бостон, ки маъмулан ба куштору ғорат мепардохтанд, эъломияе интишор сохт, ки дар он ҳифзи ҷону мол ва озодии эътиқоди динии шаҳрвандон кафолат дода мешуд”.

Дар воқеъ ҳақ ба ҷониби Пешвои миллат мебошад, зеро дар аҳди бостон чунин сиёсати инсондӯстона дар сафҳаи таърих сабт нашудааст. Мо низ ба андешаи Пешвои миллат розӣ ҳастем, чунки таърих, чунин муносибати инсондӯстона ва амали меҳрубона анҷом додан ба сокинони минтақаҳои забт намуда аз ҷониби ғолибро ёд надорад.

Пешвои миллат дар таҳқиқи симои Куруши Кабир ба мадорики таърихи такия намуда, дар тақвияти андешаҳои худ як мисоли таърихӣ меоранд: “Барои мисол намунаеро аз катибаи шоҳи Ошур Насирбол меорем, то сиёсати бебақои ин давлати абарқудрат ва иллатҳои зуд шикаст хӯрдани он аён гардад: «Ба фармудаи Ошур ва Иштор, худоёни бузург, ки ҳомиёни ман ҳастанд, бо лашкариён ва аробаҳои ҷангии худ ба шаҳри Гиною ҳамла бурдам ва онро ба як зарби шадид тасарруф кардам. Шашсад ҳазор нафар аз ҷангиёни душманро бедиранг сар буридам. Се ҳазор асирро

[88] Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – С.19.

зинда туъмаи оташ сохтам ва ҳатто якеро боқӣ нагузоштам, то ба гаравгонӣ равад. Ҳокими шаҳрро ба дасти худам зинда пӯст кандам ва пӯсташро ба девори шаҳр овехтам ва аз он ҷо ба суйи шаҳри Тилло равон шудам. Мардуми ин шаҳр аз дари аҷзу илтиҷо дарнаёмаданд ва таслими ман нашуданд. Лоҷарам ба шаҳрашон юриш будам ва онро гушуда ва 30 ҳазор нафарро аз дами теғ гузарондам. Бисёр нафаронро дар оташ кабоб кардам ва асирони бешуморро дасту ангушту бинӣ буридам ва ҳазорон чашм аз коса ва ҳазорон забон аз даҳон берун кашидам. Аз ҷасади куштагон пуштаҳо сохтам ва сармҳои бурида ба тоқҳои шаҳр овехтам”[89].

Аз далели дар боло маълум мегардад, ки дар замони бостон шоҳони ба кишварҳои дигар ҳуҷум бурдаву ғолиб омада бо ваҳшоният нисбат ба сокинони зери тасарруфи худ муносибат менамуданд. Аз инҷост, ки Пешвои миллат лашкаркашиҳои ин шахсияти бузурги аҳди бостонро таҳлил намуда, хулоса менамояд, ки Куруши Кабир бо дар назардошти ғолибият ба кишварҳои дигар муносибати инсондӯстонаро фаромуш накарда бо сокинони онҳо муомилаи инсонӣ анҷом медод.

Барои мисол навиштаҷоти устувонаи гилиеро меорем, ки алҳол дар музеи Британия маҳфуз буда, Куруши Кабир дар он таассуроти ғолибият ва фатҳи Бобулро чунин сабт кардааст:

«Манам Куруш, шоҳи шоҳон, шоҳи бузург, шоҳи неруманд, шоҳи Бобул, шоҳи Сумер ва Аккод, шоҳи чаҳор мамлакат, писари Камбуҷия — шоҳи бузург, навосаи Куруш, шоҳи бузург аз шохаи салтанати адабӣ, ки салтанаташ мавриди худоён ва ҳукуматаш ба дилҳо наздик аст. Вақте ки бе ҷангу ҷидол вориди Бобул шудам, ҳама мардум қудуми маро ба шодмонӣ пазируфтанд. Дар қасри подшоҳони Бобул ба сарири салтанат нишастам. Мардук — Худои Бобул дилҳои наҷиби мардуми Бобулро мутаваҷҷеҳи ман кард, зеро ман ӯро муҳтарам ва гиромӣ доштам. Лашкари бузурги ман ба оромӣ вориди Бобул шуд. Нагузоштам садама ва озоре ба мардуми ин шаҳру ин сарзамин ворид ояд. Вазъи дохилии Бобул ва амокини муқаддаси он қалби маро такон дод. Фармон додам, ки ҳеч яке аз хонаҳои мардум хароб нашавад. Худои бузург аз ман хурсанд шуд ва ба ман, ки Куруш ҳастам ва ба писарам Камбуҷия ва тамоми лашкари ман аз роҳи иноят баракати худро нозил кард. Подшоҳоне, ки дар ҳама мамолики олам дар сарзаминҳои худ нишастаанд, аз дарёи боло то дарёи пойин ва подшоҳони Ғарб тамоман хироҷи сангин оварданд ва дар Бобул бар пойҳои ман бӯса заданд. Фармон додам, ки аз Бобул то Ошур ва Шуш ва Акад… ва ҳамаи сарзаминҳое, ки дар он тарафи Даҷла воқеанд ва аз айёми қадим бино шудаанд, маобидеро, ки баста шуда буд, бикушоянд. Ҳама худоёни ин маобидро ба ҷойҳои худ баргардондам, то ҳамеша дар он ҷо муқим

[89] Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – С.20.

бошанд. Аҳолии ин маҳалҳоро ҷамъ кардам ва манозили онҳоро, ки хароб карда буданд, аз нав сохтам ва худоёни Шумеру Аккодро беосеб ба қасрҳои онҳо, ки «шодии дил» ном доранд, бозгардондам. Сулҳу оромишро ба тамоми мардум ато кардам»[90].

Нисбат ба эъломи мазкур Пешвои миллат чунин натиҷа гирӣ менамоянд "Эъломияи мазкур падидаи комилан нави сиёсию фарҳангӣ буд. Ӯ ба мисли шоҳони пешинаи ин минтақа мағлубонро ғуломи худ эълон накард. Баръакс, Куруш олиҳимматии сиёсӣ, адолат ва инсондӯстии бемисл нишон дода, ба халққҳои мағлуб озодӣ ва кафолатҳои ҳуқуқӣ ато кард. Ин эъломияи башардӯстона, ки метавон нахустин санади кафолати озодии мазҳабу эътиқоди динӣ ва гузашта аз ин, эҳтироми ҳуқуқи шаҳрвандони гуногунмиллату мухталифойин шумурд, аз тамаддуни ориёӣ сарманшаъ гирифтааст.

Яке аз сарчашмаҳои таърихӣ, ки ҳуқуқу озодиҳои инсониятро ҳифзу ҳимоя мекунад, ин Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир мебошад. Ин Эъломия соли 539 пеш аз милод аз тарафи шоҳ Куруш, ки асосгузори давлати Ҳахоманишиён мебошад, қабул карда шудаасст.

Дар давлати Ҳахоманишиён, ки асосогузори он Куруши Кабир буд, ҳуҷҷате бо номи «Қонун дар бораи озодиии умумӣ ва имконияти баргаштани халққҳои кӯчида ба сарзаминҳои худ» коркард ва қабул шуда буд, ки бештар бо номи Эъломияи Куруши Кабир машҳур аст. «Қонун дар бораи озодии умумӣ»-и Куруши Кабир эълон менамояд: «Куруши Кабир ба ҳамаи одамон ҳуқуқи ба худоҳои худ ибодат карданро иҷозат дода, фармуд, ки барои ин ҳеҷ кас ҳақ надорад бо ин шахсон муносибати бадро раво бинад». Куруш эълон медорад, ки ба моликияти ҳар кас бояд эҳтиром гузошта шавад: «Ман фармон медиҳам, ки ҳеҷ як манзил вайрон нагардад ва ҳеҷ истиқоматкунанда аз манзил маҳрум карда нашавад». Куруш сулҳро мақсади асосии идоракунии худ ва мувозинати муҳими ҷомеа меҳисобад: «Ман ба ҳамаи одамон сулҳ ва оромиро кафолат медиҳам»[91].

Ин Эъломия манбаи асосии он афкору ақидаҳои мардуми ориёист, ки барои ҳифзу ҳимояи ҳуқуқи инсонҳо сарчашмаи нахустини таърихӣ буда, он эҳтироми ҳуқуқу озодиҳо ва мазҳабу дин ва дороии мардумонро пуштибонӣ мекунад. Эъломияи мазкур бо номи «Устувонаи Куруш» машҳури олам гардидааст, ки ҳоло дар осорхонаи Британия маҳфуз мебошад»[92].

Шояд дар таърихи аҳди қадим ин эъломия нахустин иқдомест сӯйи ҷомеаи дунявию адолатпарвар, ки дертар тавассути рӯшанфикрони Юнону Рим ба Аврупо роҳ ёфта, заминаи ҷомеаи ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва башардӯстонаро падид оварда"[93].

---

[90] "Паёми андеша"1998. №2. – С.41-42.
[91] История Таджикской ССР/ Зери таҳрири. Б.А. Антоненко. Душанбе, 1983. С. 18–36.
[92] Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – С.20.
[93] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Душанбе. Ирфон 2002. С. 155.

Андешаҳои баёндоштаи Пешвои миллат аз ҷониби як қатор муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ҷонибдорӣ ёфтаанд. Аз ҷумла Нависандаи фаронсавӣ Жерар Израил қайд мекунад: «Аз эълонҳои Куруш диди нави шахсияти инсон шакл мегирад. Ҳамаи одамон дорои арзишҳои асосии бароба-ранд. Ҳар кас метавонад Худоро аз рӯи интихоби худ

ном барад; барои ҳамаи одамон озодии виҷдон, ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба интихоби ҳаёти оромона эътироф карда мешавад»[94].

Ба қавли файласуфи бузурги немис Гегел Яке аз ситораҳои рахшони тамаддуни ориёӣ, ки ҳанӯз 2500 сол қабл аз ин ба оламиён усули мутамаддини давлатдориро эҳдо кардааст, Куруши Кабир мебошад, ки дар таърихи башарият номи ӯ бо давлатдориву афкори неки инсонхоҳӣ ҷовидон боқӣ мондааст.

Яке аз олимони барҷастаи Эрон Алии Баёнӣ Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабирро чунин арҷгузорӣ намудааст: «Ин баёния ба манзалаи нахустин эъломияи ҳуқуқи башарӣ аст, ки аз тарафи як фотеҳи башардӯст ва додгустар иншо ёфта ва дар он аз ҳифзи ҳуқуқ ва дороии ашхос ва ақвом ва эҳтироф ба сунан ва одоб ва мазҳаб сухан гуфта шудааст»[95].

Ҷ. Саъдизода, Ф. Некрӯз доири ин санади таърихӣ чунин андешаро баён медоранд: “Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба Эъломияи Куруши Кабир андешаҳои гуногун ҷой дошта, аксаран онро аввалин санади расмии ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар таърихи башарият меҳисобанд. Ҳатто тадқиқотҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки ҳангоми таҳияи Хартияи Бузурги Озодии Англия дар соли 1215 аз Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир ба таври васеъ истифода карда шудааст”[96].

Дар натиҷаи таҳлили «Қонун дар бораи озодии умумӣ»-и Куруши Кабир, гуфтан мумкин аст, ки он аввалин санади меъёрии ҳуқуқӣ буда, ҳуқуқҳои асосии инсон, ба монанди ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва ғайраро муқаррар намуда буд[97].

Муҳаққиқи дигари ватанӣ Ф.М. Абдулхонов Эъломияи Куруши Кабирро таҳлил намуда, чунин тазаккур медиҳад: “Хизмати бе мисли Куриши Кабир дар назди башарият ин аст, ки ҳангоми ҳукмронии худ баҳри татбиқи адолат дастурамале ба тасвиб расонидааст, ки он бо номи Аввалин эъломияи Куруши Кабир маъруфият дорад.

Таҳлилу баррасии ин санд маълум менамояд, ки дар воқеъ он ҳамчун санади ҳифзкунандаи ҳуқуқи инсон ва адолати иҷтимоӣ мебошад. Аз ҷумла дар он санад оварда шудаат: “То рӯзе, ки ман зинда ҳастам,

---

[94] Диноршоев А.М. Саъдизода Ҷ. Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон. –Душанбе, «ЭР-граф», 2016. – С.14.

[95] Ҷамшедов П. Аз Пешдодиён то Сомониён. – С. 46-47.

[96] Саъдизода Ҷ. Некрӯзи Ф. Эъломияи Куруши Кабир ва Хартияи Бузурги Озодӣ: монандӣ ва тафовут. // Ҳаёти ҳуқуқӣ. Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. №2 (10). Душанбе, 2015. С.71-85.

[97] Диноршоев А.М. Саъдизода Ҷ. Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон. –Душанбе, «ЭР-граф», 2016. – С.17.

нахоҳам гузошт, ки мардон ва занонро ба номи барда ва каниз ё номҳои дигар бифурӯшанд ва ин расми зиндагӣ бояд ба гетӣ рахт барбандад”[98].

Доир ба аҳаммияти ҳифзи ҳуқуқи инсон ва татбиқи адолат доштани Эъломияи Куруши Кабир Пешвои миллат қайд менамоянд: “Куруш сиёсатмадори оқил, пайрави илму ҳикмат, ростию адолат, ободонию созандагӣ буд ва худро чун “чӯпони раият” хонда, ба озодии дину мазҳаб ва баробарҳуқуқии халқиятҳои қаламраваш кафолат медод”[99].

Ф.М. Абдулхонов ҳамчунин дар масъалаи озодии инсон ва бар муқобили ғуломӣ баромад намудани Эъломияи Куруш чунин андеша баён медоранд: “Масъалае, ки дар эъломия оварда шудааст оид ба аз байн бурдани ғуломӣ мебошад, ки ин мушкилот танҳо пас аз 2500 сол пас дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар эълон гардидааст. Дар моддаи чоруми моддаи санаи мазкур оид ба ғуломӣ қайд мегардад: “Ҳеҷ кас набояд дар ғуломӣ ё ҳолати маҷбурӣ нигоҳ дошта шавад; ғуломӣ ва ғуломфурушӣ дар ҳамаи навъҳои онҳо манъ аст”[100].

Дар масъалаи ҳифзи озодии виҷдон ва пешниҳоди ин озодӣ аз ҷониби Куруш ба райиати худ муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон чунин фикрро пешниҳод менамоянд. “Дар замони Ҳахоманишиён аввалин бор дар таърих шакли оқилона ва башардӯстонаи муносибати халққҳо, гурӯҳҳои этникӣ, пайравони оину мазҳабҳои мухталифи динӣ ва мактабҳои гуногуни илмию фалсафӣ тарҳрезӣ ва корбаст гардид, ки барои мову шумо ҳатто имрӯз низ ибратомӯз мебошад. Вақте ки Куруши Кабир соли 539 то милод шаҳри Бобул – пойтахти давлати муқтадири Бобулистонро фатҳ кард. Бар хилофи шоҳони аҳди бостон, ки маъмулан, ба куштору ғорат мепардохтанд, ӯ эъломияе интишор сохт, ки дар он ҳифзи ҷону мол ва озодии эътиқоди динии шаҳрвандон кафолат дода мешуд”[101].

Андешаҳои пешниҳод намудаи Пешвои миллатро муҳаққиқони ватанӣ низ ҷонибдорӣ намудаанд. Аз ҷумла дар ин масъала Ф.М. Абдулхонов иброз медоранд: “Ҳифзи озодии виҷдон, ки яке аз ҳуқуққҳои муҳими инсон дар ҷомеаи мутамадин маҳсуб меравад дар Эъломияи Куруши Кабир дарҷ ёфтааст, чуноне ки дар он омадааст: “То рӯзе, ки зинда ҳастам ва Маздо подшоҳиро ба ман армуғон мекунад, кеш ва оин ва боварҳои мардумонеро, ки ман подшоҳи онҳо ҳастам, гиромӣ бидорам ва нагузорам, ки фармонфармоён ва зердастони ман кешу оин ва дину равиши мардумони дигарро паст бидоранд ва ё онҳоро биёзоранд”.

---

[98] Абдулхонов Ф. М. «Эъломияи Куруши Кабир-рамзи адолат дар таҷрибаи таърихии давлатдории тоҷикон». // Рӯзномаи Сарвар ва Миллат №2 (37) феврали соли 2025.

[99] Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – С.22.

[100] Абдулхонов Ф. М. «Эъломияи Куруши Кабир-рамзи адолат дар таҷрибаи таърихии давлатдории тоҷикон». // Рӯзномаи Сарвар ва Миллат №2 (37) феврали соли 2025.

[101] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Душанбе. Ирфон 2002. С. 155.

Масъалаи озодии виҷдон низ дар тамадуни башарӣ пас аз қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар эътироф гардид ва давлати узви СММ, ки эъломияи мазкур эътироф кардааст вазифадор карда мешавад, ки дар санадҳои ҳуқуқии миллии худ озодии виҷдонро ба тасвиб расонад.

Дар моддаи 18-и Эъломияи умуми ҳуқуқии башар бо ҳамин мазмун чунин муқаррарот мавҷуд аст: “Ҳар як инсон ба озодии фикр, виҷдон ва дин ҳуқуқ дорад; ин ҳуқуқ аз тағйири озодонаи дин ва эътиқод, пайравии озодонаи дин ё эътиқоди худ чи бо тартиби инфиродӣ ва чи якҷоя бо дигарон, ба таври оммавӣ ё хусуси, дар таълим гирифтан, ибодат намудан ва расму оинҳои динӣ ва маросимиро иҷро кардан иборат аст”[102].

Доир ба аҳаммияти Эъломия дар замони худ ва дар даврони муосир баъзе аз мавзӯъҳои дигар олимони ҳуқуқшиноси тоҷик Ҷ. Саъдизода ва Н. Сафарзода чунин ибрози назар менамоянд: “Оид ба аҳамияти Эъломия дар замони худ метавон чунин ибрози назар намуд: а) дар замоне, ки як давлати бузургу паҳновар халқҳои гуногунро гирд оварда буд, имконияти ба вуҷуд омаданиошубҳо вабаста ба дину мазҳаб пайгирӣ менамуд, ин санад ба онҳо озодии дин ва мазҳабро эълон намуд, то ҳар кас тавонад ба кадом дине, ки пайравӣ дорад ба он пайравӣ намояд ва онро мавриди парастиш қарор бидиҳад;

б) дар замоне, ки аҳолии табақаи камбизоат чун ғулом кор фармуда мешуданд ва метавон гуфт, ки онҳо ҳамчун мол ба мерос мегузаштанд, ин санад ба онҳо озодӣ аз ғуломиро эълон кард то ҳар кас озодона тавонад барои пешбурди зиндагиаш меҳнат намуда, дар озодӣ ҳаёт ба сар барад.

в) дар замоне, ки касе имконияти аз давлати худ берун баромандан ва зиндагӣ намуданро надошт, ин санад ба онҳо озодии ҳаракат ва интихоби ҷойи зистро эълон намуд, то ҳар кас тавонад берун аз қаламрави худ макони зист интихоб намуда, зиндагии хешро пеш барад”[103].

Ҳуқуқшиноси тоҷик А.Холиқзода доир ба тавсифи эъломияи ҳуқуқи Куриши Кабир, чунин ибрози андеша менамояд: “Куруш ба халқҳо озодии виҷдон, ҳуқуқ ба худмуайянкунӣ пешниҳод намуда, шароит фароҳам овард, ки қавмҳои кучак дар баробари халқҳои бузург дар пешбурди мубодилоти байналхақӣ бо ҳаққи баробар ширкат варзида, ба омезиши анъанаҳо ва ва фарҳангҳо ва шаклгирии тамаддунҳои бостон саҳм гузор бошанд”[104].

Ҳамчунон дигар ҳуқуққҳои инсон ва татбиқи адолати иҷтимоӣ аз қабили ҳуқуқ ба меҳнат ва гирифтани музди меҳнат, озодона интихоб намудани макони истиқомот ва мусофирати озодона, ҳуқуқ ба ҳифзи

---

[102] Абдулхонов Ф.М. «Эъломияи Куруши Кабир-рамзи адолат дар таҷрибаи таърихии давлатдории тоҷикон». // Рӯзномаи Сарвар ва Миллат №2 (37) феврали соли 2025.

[103] Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н. Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳмандрӯд, 2016. – С.66.

[104] Холиқзода А.Ғ., Шосаидзода Ш.Ш., Аминҷонов А.Х., Соҳибзода М.С. Ҳуқуқ дар таърихи халқи тоҷик. -Душанбе: “ЭР-граф”, “2022. С.100.

амволи шахсӣ, ҳуқуқ ба касбу ҳунар, ҳифзи шаъну шарафи фардӣ ва ғайра дар Эъломияи Куруши Кабир дарҷ ёфтааст, ки аз истифодаи адолат ва амали он дар идораи давлатӣ шаҳодат медиҳад. Аз ҷумла аз ҷониби шоҳи одил Куруши Кабир дар ин Эъломия аз байн бурдани зулму истибдод нисбат афроди ҷомеа кафолат дода шудаст, ки мисли онро танҳо дар қонунгузории кишварҳои мутамадини муосир вохӯрдан мумкин аст[105].

Ҳамин тариқ, хулоса намудан мумкин аст, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи Куруши Кабир дар заминаи сарчашмаҳои муътамади илмиву таърихӣ муфассал бо забони фасеҳ аз таърихи зиндагӣ ва корномаҳояш ҳикоят мекунанд. Аз ҷумла, оид ба муҳорибаҳо, кишваркушоиҳо, муносибатҳои дипломатӣ, бурду бохти Куруши Кабир, хулосаҳои илмии Сарвари давлат дар мавриди мақом ва манзалати Куруши Кабир раднопазир аст. Пешвои миллат Куруши Кабирро ҳаргиз дар қатори забткорону ҷаҳонкушоёни маъруфи олам - Искандари Мақдунӣ, Чингиз, Темур намегузорад. Зеро Куруши Кабир дар муҳорибаҳову лашкаркашиҳо ҳаргиз ба қатли ом роҳ намедод ва дар риояи ҳуқуқи инсон беназир буд ва ӯро бунёдгузори аввалин давлати мутамаддини инсонӣ меҳисобанд. Хулосаи дигари Пешвои миллат низ бебаҳс аст, ин шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани Куруши Кабирро дар бунёди давлатдории дунявӣ дидаанд. Ба ибораи дигар, нахустин империяи пурқудрати давлати Форс ба шакли дунявӣ асос ёфта буд. Метавон собит намуд, ки роҳи пешгирифтаи Сарвари давлат ва усули давлатдорӣ дар кишвари мо дуруст ва барҳақ аст.

**Адабиёт**:


1. Абдуллоҳи Раҳнамо. Эмомалӣ Раҳмон – Пешвои миллат: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъала. – Душанбе: Ирфон, 2016-С.218.
2. Абдулхонов Ф.М. Заминаҳои ҳуқуқии ташаккули мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: (таҳқиқи таърихӣ-ҳуқуқӣ) - Душанбе: 2025. – С.123.
3. Абдулхонов Ф.М.. Таърихи афкори идоракунии давлатӣ. –Душанбе:, 2025. –С. 148.
4. Авасто. Ҷ.І. – Душанбе: «Бухоро», 2014. – С.135.
5. Азизов У.А. Фаъолияти қонунгузорӣ: паҳлуҳои назариявӣ ва амалӣ: воситаи таълимӣ. Душанбе: - 2017. С.76.
6. Алиев З.М., Диноршоев М., Достиев А.С., Илолов М., Масов Р., Олимов К., Раҳимов Р.К., Раҳимов М.З., Убайдуллоев М., Усмонов И.К., Хайруллоев С., Ҳакимов А.О., Ҳамидов Х., Шарипов А.А. Бунёди давлатдории навин. – Москва: Радуница, 2002. – С. 72-74.


[105] Абдулхонов Ф. М. «Эъломияи Куруши Кабир-рамзи адолат дар таҷрибаи таърихии давлатдории тоҷикон». // Рӯзномаи Сарвар ва Миллат №2 (37) феврали соли 2025.

7. Бадор М. Пажуҳише дар асотири Эрон. - С. 190-213; Омӯзгор Ж., Тафаззулӣ А. Устураи зиндагии Зардушт. - Теҳрон, 1380. - С.29-46.
8. Балъамӣ А. Таърихи Табарӣ.-Теҳрон, 1380 (2001).
9. Беҳрӯз З. Замони Зардушт. - Теҳрон, 1346, 278с.
10. Берунӣ, А. Осор-ул-боқия. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с
11. Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҷилди VI. – Душанбе, 2007. – С.76.
12. Ғафуров Б.Тоҷикон.к.1. – Душанбе 1998. – с.90.
13. Диноршоев А.М. Саъдизода Ҷ. Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон. –Душанбе, «ЭР-граф», 2016. – С.14.
14. Искандаров Ш.Ф. Становление и развитие специализированных государственных правозащитных институтов по правом человека в Таджикистане. – Душанбе, 2019. – 30 стр.
15. Истории Ирана. –Москва. 1977, -С. 52-53.
16. История Таджикской ССР/ Зери таҳрири. Б.А. Антоненко. Душанбе, 1983. С. 18–36.
17. История Таджикской философии (С древнеших времен до XV). Т.1. Душанбе, “Дониш”, -2014. –С.426.
18. Кайт К. Ҳунари монавӣ. -Теҳрон, 1373. - С.35.
19. Конститутсияи ҶТ аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 13.08.2021).
20. Кристенсен А. Мулохизот дар бораи кадимтарйн худой ойини зардуштй. -Техрон, 1336. -С.74.
21. Кристинсен А. Каёниён.-Теҳрон. -С.4.
22. Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011). (Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, 2011г, №6, ст. 616;). [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://http://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).
23. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ”
24. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи рӯзҳои ид”
25. Ҷамшедов П. Аз Пешдодиён то Сомониён. – С. 46-47.
26. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди II. - Душанбе: “Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”, 2019.– С.236.
27. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди III, -Душанбе: “Матбааи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 2021. –С.150.
28. Маҳмудзода М., Шарофзода Р. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва аҳамияти онҳо дар рушди давлати соҳибистиқлол. Нашри 3-юм бо иловаҳо - Душанбе: «ЭР-граф», 2021. 244 с. С. 21-22.
29. Муминчонов Х,. Зардушт ва ойини у. -Душанбе, 1993. -С.28.

30. Муминҷонов Х,. Турон - гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. -С.39-42.
31. Мэри Бойс. Зороастрийцы. Верования и обычаи. –М. 1998, -С. 97.
32. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаҳонишавии Наврӯз ва эҳёи ҷашнҳои миллӣ. Душанбе: 2022. – С.13
33. Нафисӣ С. Таърихи тамадцуни Эронӣ Сосонӣ. - С.74.
34. Нематов А.Р. Правотворчество в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2013. С. 145.
35. Низомулмулк. Сиёсатнома. Душанбе, 2018. 278 с.
36. Ноҷӣ Муҳаммадризо. Таърих ва тамаддуни Исломӣ дар қаламрави Сомониён. Душанбе, 2011. 187 с.
37. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар аз 30 апрели соли 2007.
38. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2013.
39. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, 15.04.2009
40. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 25.04.2008[Захираи электронӣ]: Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/195 (санаи муроҷиат: 07.10.2019).
41. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 26.04.2013 [Захираи электронӣ]: Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/4318 (санаи муроҷиат: 22.08.2018).

**Мақола дар редаксия ворид шуд**: 21.04.2025
**Аз тақриз баргашт: 09.06.2025**
**Ба чоп тавсия шуд: 16.06.2025**

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ – ОМИЛИ АСОСИИ ТАЪМИНИ ВОЛОИЯТИ ҚОНУН

**Бобоева Низорамоҳ Идиевна,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.
**Тел.:** +992 552556008
**Email:** boboeva_1961@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқук ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.
**Муқарриз:** Азиззода У.А. доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Аннотатсия:** Дар мақола сухан дар бораи маърифати ҳуқуқӣ ва намудҳои он меравад. Маърифат ва ҳуқуқ мафҳумҳои хеле зебо буда, ҳарду якдигарро пурра менамоянд. Онҳо таҷассумгари тарбия, дониш, шаъну шараф, эътиқод, таҳаммулпазирӣ, тоқатпазирӣ, бовиҷдонӣ, худогоҳӣ ва ҳоказоро дар бар мегиранд. Маърифати ҳуқуқӣ нисбати инсонҳо дарк шуда, тозагии бисоти онҳоро дар назар дорад. Ҳама соҳаҳои ҳаёти осоиштаи имрӯза аз он гувоҳи медиҳанд, ки он софу пок аст ва кувваи бузурги инсониро дар худ таҷассум карда ҳамчунин нигоҳдорандаи зиндагии насли ояндаи одамӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** маърифати ҳуқуқӣ, қонун, тарбия, дониш, шаън, шараф, бовиҷдонӣ, таҳаммулпазирӣ, тоқатпазирӣ, ҳаёти осоишта, маърифатнокӣ, бисоти инсонӣ.

# ПРАВОВОЕ ПРОСВЯЩЕНИЕ – КЛЮЧЕВОЙ ФАКТОР ОБЕСПЕЧЕНИЯ ВЕРХОВЕНСТВА ПРАВА

**Бобоева Низорамох Идиевна,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры прав человека и сравнительного правоведения, кандидат юридических наук.
**Тел.:** +992 552556008
**Email:** boboeva_1961@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве
**Рецензент:** Азиззода У.А., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В статье рассматривается юридическое образование и его виды. Просвещение и право — прекрасные концепции, и они дополняют друг друга. Они олицетворяют образование, знания, честь, веру, терпимость, настойчивость, добросовестность, самосознание и так далее. Правовое просвещение понимается по отношению к человеку и подразумевает чистоту его природы. Все аспекты сегодняшней мирной жизни свидетельствуют о том, что она чиста и непорочна, воплощает в себе великую человеческую силу и сохраняет жизнь будущих поколений людей.

**Ключевые слова:** правовое воспитание, закон, образование, знание, достоинство, честь, совестливость, толерантность, снисходительность, мирная жизнь, просвещение, человеческое достоинство.

## LEGAL EDUCATION IS A KEY FACTOR IN ENSURING THE RULE OF LAW

**Boboeva Nizoramoh Idievna,**
Tajik National University, Faculty of Law, Associate Professor, Department of Human Rights and Comparative Law, candidate of legal sciences.
Tel: +992 552556008
Email: boboeva_1961@mail.ru

**Scientific Specialty:** 12.00.01 – Theory and history of the law and state; history of doctrines of the law and state.
**Research supervisor:** Azizzoda U.A., doctor of legal Sciences, professor

**Abstract:** This article discusses legal education and its types. Enlightenment and law are beautiful concepts and they complement each other. They represent education, knowledge, honour, faith, tolerance, perseverance, integrity, self-awareness and so on. Legal education is understood in relation to man and implies the purity of his nature. All aspects of today's peaceful life show that it is clean and pure, embodies great human strength and preserves the life of future generations of people.

**Keywords:** legal education, law, education, knowledge, dignity, honour, conscientiousness, tolerance, leniency, peaceful life, enlightenment, human dignity.

Маърифат ва ҳуқуқ мафҳумҳои таърихӣ буда, барои мардуми тоҷик аз қадим шиносанд. Ҳарду мафҳум якдигарро пурра мекунанд чи ҷиҳати илмӣ ва чи ҷиҳати ахлоқӣ. Онҳо аз бисоти инсонҳо ба руи дунё таваллуд шуда дунёро ободу зебо гардонидаанд. Андешаҳои хеле зиёде аз тарафи муттафакирон, олимон, муттасадиёни соҳаи илми ҳуқуки инсон дар ашъори гузаштагони мардуми форсу тоҷик инъикоси худро равшан сохтаанд.

Хаёлам, ки маърифат дар тарбияи шахс пеш аз ҳама аз илму дониш ба миён меояд. Чунки маърифат ба тарбияи маънавии инсон бисёр робитаи зич дорад. Маърифати ҳуқуқӣ ва маърифати тарбиявӣ сифатҳои беҳтарини ахлоқӣ ва маънавии миллатро ташаккул ва инкишоф медиҳанд. Агар ба гузаштаи дур назар кунем, мебинем, ки дар таркиби калимаи маърифат, дар вуҷуди он бештар ҷанбаҳои донишу малака, касбу касбомӯзӣ, ҳунармандӣ, деҳқонӣ хазина гирифта, маърифатнокии баланди миллатро дар доираи илму фарҳанг, сохтори идоракунӣ ва сиёсату ҳуқуқ ба қуллаҳои кулминатсионӣ мебардорад. Дар назар дошта мешавад, ки аз ҷиҳати таркиб ва маънавият мафҳуми шахси бомаърифат аз мафҳуми шахси бофарҳанг ғанию васеътар гузошта шудааст.

Яке аз шохаҳои дигари маърифат ва тарбия нисбати инсонҳо ин т**арбияи таҳаммулпазирӣ ва тоқатпазирӣ** шинохта шуда**,** таҳаммулпазирӣ ва тоқатпазирӣ рукнҳои беҳтарини исломӣ ва замони муосир буда, аз эътибору эҳтироми фикру ақидаи дигарон ба миён меояд. Фикру ақида гушаи хаёлоти инсон мебошад. Тоқатпазир будани инсон омили муҳиму самарабахши гуфтушунидҳо, мулоқотҳо, муколамаҳо ва музокиротҳо мебошад. Таҳаммул ва тоқатпазирӣ нишонаҳои муҳими фарҳанги волои муколамаи байни одамон ва одамону байни давлат мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷомеаи имрӯзаи ҳуқуқбунёди демократӣ[106] ба тоқатпазир ва ботаҳаммул будани шаҳрвандонаш эҳтиёҷи хеле калон дорад ва онро яке аз омилҳои асосии пешрафти ҷомеаи имрӯза меҳисобад. Нуқтаи назар ба он равона карда шудааст, ки шаҳрванди тоҷик дар симои ботаҳаммул ва тоқатпазир тарбия ёбад, ки ин ба рушду нумӯ ва пешрафти ҷомеаи демократӣ кӯмаки худро мерасонад.

Сухан бисёр дону андаке гӯй,
Якеро сад магуй, садро яке гуй.

Бо баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро, ки аз гушаи маърифати ҳуқуқӣ дур нест, яке аз ҳадафҳои аввалиндараҷаи худ қарор дод, ки дар он таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши басо муҳимро ишғол менамояд. Аз ин ҷост, ки Қонунҳо, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсонро арзиши олӣ эътироф намуда, маҳз дар ҷомеаи муосири имрӯза бо таъмин намудани ҳуқуқ, озодӣ, тарбияи маънавӣ, тарбияи маърифатии инсон ва шаҳрванд, метавон нақши ҷомеаи шаҳрвандии мутараққиро дар арсаи байналмилалӣ ба кулли кишварҳо муаррифӣ намуд.

Тамоми кишварҳои олам бо пешниҳод намудани соли 2024 соли маърифати ҳуқукӣ аз ҷониби Ҷаноби Олӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон илҳом гирифта ин солро соли накӯ баҳри мадумони тоҷику тоҷикистониён пазируфтанд. Онҳо аз он шоданд, ки тарбияи маърифатии ин мардум баланпоя буда, сутуни мустаҳками ояндадор доштанд ва доранд. Маърифати баланди мо, тарбияи

[106]Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.12.2018.

азалии мо дар арсаи байналмиллалӣ чун шаъми чароғон рӯшанӣ афрохта қисме аз қонунҳо, санадҳои меъёри-ҳуқуқиро дар қонунгузориҳо аз тарафи давлат ба таври расмӣ ба тавсиб расонидем, ин маънои онро дорад, ки ҷаҳониён моро бо хушнудӣ эътирофу эътибор менамоянд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми солаи худ ба Маҷлиси Олии кишвар “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқӣ ва маърифати шаҳрвандӣ, инчунин ба муносибати 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024-ро “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон карданд, ки қобили дастгирии аҳли ҷомеаи имрӯзаи шаҳрвандии кишвар гардид.

Тарбия, маърифат, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд зинаи муайянкунандаи рушди давлат ва ҷомеаи мустақили Тоҷикистон ба шумор мераванд. Маҳз ин нуқтаро ба эътибор гирифта метавон гуфт, ки тарбияи таҳаммулпазирӣ ва тоқатпазирӣ, ки нуктаҳои маърифати ҳуқуқианд, Пешвои муаззами миллатамон чун кафили конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дар бахши беҳтаргардии вазъи риояи тамоми ҳуқуқу озодиҳо нисбати халқи худ ва тоҷикони ҳар марзу бум доимо ғамхорӣ зоҳир менамоянд.

Дар яке аз суханрониҳояшон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд карданд, ки яке аз вазифаҳои асосии давлат ин ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад[107].

Масъалаҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, хусусан тарбияи ҳар як инсон ба дасти худ буда, дар масири ҳастӣ ва зиндагии инсон ҷавҳари асоситарини мубориза ба беадолативу ситам шинохта шуда, олимон, донишмандон ва мутафаккиронро барои ҳифзу ҳимояи худ чун оҳанрабо кашиш додааст.

Зикр кардан зарур аст, ки дар замони имрӯза дар баробари олимону донишварон саҳми созмону ниҳодҳои давлатию шаҳрвандӣ ва байналмилалӣ, махсусан СММ ва дигар мақомотҳои беруна барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ниҳоят бузург аст.

Соли маърифати ҳуқуқӣ ин хушҳолӣ ва дилгармии мардуми ҳуқукшиносро нисбати давлату давлатдорӣ мустаҳкам карда, онҳо масъулиятро дар самти рушду инкишофи илму донишҳои ҳуқуқӣ миёни аҳолӣ ва дигар ниҳодҳо пурзур мегардонанд.

Аз даврaҳои қадим то имрӯз ин мавзуъ дар маркази таваҷҷуҳи олимону донишмандони соҳаи ҳуқуқ пазируфта шуда, дар ҳаёти имрӯза мубрамияти он мазмуни навро касб намудааст. Маърифати ҳуқуқӣ аз ҳама, донишҳои баланди ҳуқуқиро талаб намуда, аз ҷомеаи маданӣ амали эҳтиром ва эътибори ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, арзиши

[107] Ниг.: Саҳифаи расмии интернетии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Захираи Электронӣ). – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/(санаи мурочиат 18.02.2024)

баландпоя, таъмини қонуният ва тартиботи ҷамъиятиро амалан бо дили поку дасти кушод талабгор аст.

Тазаккур бояд дод, ки пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон он роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро пеша гирифтааст ва ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта ҳам шудааст. Дар шароити ҳозираи замони муосир, таҳлил ва баррасии мавзуи имрӯзаи мо вобаста ба таълиму тарбия, волоияти қонуну маърифати ҳуқуқӣ ҳамчунин ҳуқуқи инсон яке аз масъалаҳои ниҳоят муҳиму ояндадори ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ ва сарнавиштсози фазои ҳуқуқи кишвар маҳсуб мешаванд. Бунёд гузоштани ҳама гуна маърифати тарбиявӣ дар ҷомеаи шаҳрвандию давлати демократии адолатпарвар бидуни эътироф, таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи инсон бо волоияти қонун, ки сарҳади озодии одамон буда, заминаи озодии умум эътироф шудаву кафолати тантанаи адолату виҷдон ва инсонист, имконнопазир аст. Яке аз асосгузорони назарияи ҳуқуқи инсон, маорифпарвари фаронсавӣ Ж.Ж.Руссо овардаанд, ки шаъну эътибор дар худи моҳияти одам мавҷуд аст: “ Даст кашидан аз озодии худ ин даст кашидан аз шаъну эътибори инсонӣ, аз ҳуқуқҳои инсон, ҳатто аз ӯҳдадориҳои ӯ иборат аст ”. Табиатан инсонҳо дар тамоми муносибатҳо бояд бо ҳамдигар дар рӯхи бародарӣ, баробарӣ, эҳтиром, эътибор, эътимод, эътиқод ва якдигарфаҳмӣ рафтор намоянд. Масъалаҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар доираи маърифати ҳуқуқӣ мавҷудияти соҳибақлию бовиҷдонӣ, сарфи назар аз сифатҳои мушаххас ва махсусиятҳои характерии ӯ бар меояд. Сафокл олим, драматурги Юнони қадим навиштааст, ки дар олам бисёр чизҳои бузург арзи вуҷуд доранд вале аз ҳама бузургаш ин одам- инсон аст ва аз он болотар чизе дар дунё ҳис намешавад. Соли маърифати ҳуқуқӣ солест бобарор, ақлест бурро, зиракиест солим, ки дар оянда дастури кории наслҳои ояндаи миллати кӯҳани тоҷик ба шумор рафта, маҷмӯи ҳасрату ормонҳо, нияту нишондодҳои ниёгони гузаштаи мо мебошад. Қавлу қасами ин миллати қадим дар назди худ ва тамоми ҷаҳон ҷиҳати бунёду ободи ин диёри бобои мебошад. Балан бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ ин омили асосии давлати ҳуқуқбунёд, оҳибистиқлол ва ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, таъмин намудани волоияти қонунро талабгор аст. Маърифати ҳуқуқӣ дар радиф бо сифоти инсонӣ чун иштирокдори муносибатҳои ҷомеавӣ ба монанди муносибати оилавӣ, меҳнатӣ, сиёсӣ, молию пулӣ ва ҳоказо барои қонеъсозии талаботҳои шахсӣ, муваффақ шудан ба ҳадафҳои муайян дар ҳаёти ҷамъиятӣ, шахсӣ ва корӣ истифода мекунад. Ба ҷаҳониён маълум карданием, ки мо бошуури даркӣ[108] мушоҳида ба он дорем, ки устувортарин, муҳимтарин мардуми дунё ҳастем. Баланд бардоштани ин мафҳум дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкиди худро ёфта меъёргузорӣ шуда, дар қисмати марҳилаҳои даврии замони муосир руҳандозӣ гардида, ба онҳо кафолатҳо дода шудааст. Маҳз ҳамин аст, ки ин давлати бузургро зиёда аз 200 давлати дунё мешиносад ва ба тариқи расмӣ қабул кардааст. Хушҳоли дар он аст,

[108] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2016

ки бо бисёр давлатҳои ҷаҳон робитаи сахти давлатӣ дорем. Аз азал мардуми тоҷик маърифатнокиашро бо ташкилотҳои байналмилалӣ дар асоси дарҳои кушода ва принсипҳои ошкорбаёнӣ ва бародарию баробари сабти ном кардааст. Тоҷикистониёнро тоҷикон, фарзандони фарзонаи миллат сарҷамъ карда ба онҳо тақдири нав бахшидаанд. Аксарияти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмиллалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расида аз рӯйи ин санадҳо корбарӣ карда мешавад. Шаъну этибор яке аз ҷабҳаҳои оламшумули мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ буда, он хосияти объективии инсонро, шаъну шуҳрати инсонро, муносибати боэҳтиромона бо дигар одамони рӯйи заминро байни давлат ва ҷомеа арзишмандтарин қувваю неру ба ҳисоб меравад.

Маърифати ҳуқуқӣ дар сархати ҳуқуқи инсон яке аз арзишҳои муҳимтарини тамаддуни ҷаҳони буда, амалисозии онро инкишофи рӯҳӣ ва дигар рукнҳои сиёсӣ дар давлату ҷомеаи имруза, шахсони алоҳида таъсир расонида метавонад.

**Адабиёт**:


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 1994 Душанбе, Нашриёти “Қонуният”
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2016.
3. Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.12.2018.
4. Саҳифаи расмии интернетии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Захираи Электронӣ). – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/(санаи муроҷиат 18.02.2024).



**Мақола дар редаксия ворид шуд**: 21.04.2025
**Аз тақриз баргашт: 09.06.2025**
**Ба чоп тавсия шуд: 16.06.2025**

# ДАВОМИЯТИ ТАЪРИХӢ ҲАМЧУН УСУЛИ ИЛМӢ-ҲУҚУҚӢ

**Куканов Айниддин Зайниддинович,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.
**Тел.:** (992) 985674477
**Email:** kukanov-ayniddin@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**Фишурда:** Дар мақола масъалаи назариявии давомияти ҳуқуқӣ ҳамчун усули илмӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Қайд мегардад, ки давомият ҳамчун усули умумифалсафӣ алоқаи байни даврaҳои мухталифи ҷамъиятро ифода намуда, мазмуни асосии он дар нигоҳ доштани унсурҳои умумӣ ва ҷанбаҳои алоҳидаи он дар вақти гузариш ба ҳолатҳои нав зоҳир мегардад.

То солҳои охир мафҳуми давомият ва давомияти ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқи байналмилалӣ шинохта шуда, давомияти давлат ҳамчун гузаштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо аз як давлат ба давлати дигар, дохил гардидани давлат бо дигар давлат бе нигоҳ доштани субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин гузаштани қисми ҳудуди як давлат ба давлати дигар баррасӣ мегардид.

**Калидвожаҳо:** давомият, давомияти ҳуқуқӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, давлат, ҳуқуқ, навъи ҳуқуқ, усули илмӣ, меъёрҳои ҳуқуқ, субъекти ҳуқуқ.

# ИСТОРИЧЕСКАЯ ПРЕЕМСТВЕННОСТЬ КАК НАУЧНО-ПРАВОВОЙ МЕТОД

**Куканов Айниддин Зайниддинович,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры теории и истории государства и права, кандидат юридических наук.
**Тел.:** (992) 985674477
**Email:** kukanov-ayniddin@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве

**Аннотация:** В статье анализируется теоретическая проблема преемственности права как научного метода. Отмечается, что

преемственность как общефилософский метод представляет собой связь между разными периодами существования общества, а ее основным содержанием является сохранение общих элементов и отдельных ее сторон при переходе к новым ситуациям. До недавнего времени в юридической науке понятия преемственность и правовая преемственность признавались в качестве категории международного права, а государственная преемственность рассматривалась как переход прав и обязанностей от одного государства к другому, присоединение государства к другому государству без сохранения статуса субъекта международного права, а также передача части территории одного государства другому.

**Ключевые слова:** преемственность, правовая преемственность, международное право, государство, право, тип права, научный метод, правовые нормы, субъект права.

## HISTORICAL CONTINUITY AS A SCIENTIFIC AND LEGAL METHOD

**Kukanov Ayniddin Zainiddinovich**,
Tajik National University, Faculty of Law, Associate Professor of the Department of Theory and History of State and Law, Candidate of Legal Sciences.
**Tel.:** (992) 985674477
**Email:** kukanov-ayniddin@mail.ru

**Scientific Specialty:** 12.00.01 – Theory and history of the law and state; history of doctrines of the law and state.

**The summary:** The article analyzes the theoretical issue of legal continuity as a scientific method. It is noted that continuity as a general philosophical method expresses the relationship between different periods of society, and its main content is the preservation of its common elements and individual aspects during the transition to new conditions. Until recently, in legal science, the concepts of succession and legal succession were recognized as a category of international law, and state continuity was considered as the transfer of rights and obligations from one state to another, the accession of a state to another state without retaining the status of a subject of international law, as well as the transfer of part of the territory of one state to another.

**Key words:** succession, legal succession, international law, state, law, type of law, scientific method, legal norms, subject of law.

Давомият ба маънои умумифалсафӣ алоқаи байни давраҳои гуногуни инкишофи ҷамъиятро ифода менамояд, ки моҳияти он дар нигоҳ доштани

ин ё он унсури умумӣ ё тарафҳои алоҳидаи ташкили он дар вақти гузариш ба ҳолати нав ифода мегардад[109].

Ҳар як давраи инкишофи ҷомеаи инсонӣ хусусиятҳои ба худ хос дорад, аз ҷумлаи нигоҳ доштани падидаҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ, тағйирёбии онҳо, таъсири онҳо ба ивазшавии омилҳои сиёсӣ, тағйир ёфтани падидаҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ ва м.и.

Бояд қайд кард, ки раванди иқтисодӣ усулҳои танзимнамоӣ ва азнавсозии саривақтиро талаб мекунад. Давомият мутассилии фаъолияти байни падида ва ҷараёнро таъмин мекунад, ки барои устувории ҷамъият, давлат ва сатҳи баланди зиндагии шаҳрвандон зарур мебошад.

То солҳои охир мафҳуми давомият ва давомияти ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқи байналмилалӣ шинохта шуда, давомияти давлат ҳамчун гузаштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо аз як давлат ба давлати дигар, дохил гардидани давлат бо дигар давлат бе нигоҳ доштани субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин гузаштани қисми ҳудуди як давлат ба давлати дигар баррасӣ мегардид[110]. Аммо дар ин ҷо фикри ягона дар масъалаи давомият ҷой надорад. Дар адабиётҳои ҳуқуқии хориҷӣ қайд мегардад, ки ин хислати сиёсӣ дорад, на ҳуқуқӣ, чунки меъёрҳои давомияти ҳуқуқӣ мураттабгашта буда наметавонанд. Гарчанде давомияти ҳуқуқӣ дар Конвенсияҳои Венагӣ оид ба давомияти ҳуқуқии давлатҳо дар масъалаи шартномаҳои 1978 ва Конвенсияи Венагӣ оид ба давомияти ҳуқуқии давлатҳо дар масъалаи моликияти давлатӣ, бойгониҳои давлатӣ ва қарзҳои давлатии соли 1983 бахшида шуда бошанд ҳам, онҳо ба пуррагӣ ҳамаи масъалаҳоро ҳал намекунанд, инчунин тамоман масъалаҳои давомияти ҳуқуқиро фаро намегиранд.

Гузашта аз ин таҳлили адабиётҳо нишон медиҳад, ки то солҳои 80-уми асри 20 дар адабиёти ҳуқуқии шуравӣ андешаҳо ба ҳуқуқи сотсиалистӣ ҳамчун маҷмуи меъёрҳо, ки иродаи синфи ҳукмронро ифода мекунад, ҳукмрон буд.

Ҳамин тариқ, дар илм ҳамин гунна андеша ҷой дошт, ки инқилоби сотсиалистӣ сабаби мавқуф гузоштани давомияти ҳуқуқӣ гардид. Бо вуҷуди он ин андешаҳо солҳои баъд назарияи моро дастгирӣ намуд. Ба андешаи Федорова Н.В. «таърихи инкишофи ҳуқуқ ҷараёни умумӣ буда, раванди номутассил ва мутассил дорад. Аз ин хотир вай ҳолатҳои харобгардӣ, барқароршавӣ ва давомиятро дорад». Баъзе муаллифон давомиятро ҳамчун падида таҳлил менамоянд. Аммо дар корҳои онҳо давомият аз масъалаҳои идеологӣ озод нест. Чунончӣ, Гулиев В.Е. қайд менамояд, ки дар ҳуқуқи сотсиалистӣ категория ва институтҳое кам нестанд, ки ба категорияҳои амалкунандаи ҳуқуқи буржуазӣ монанд бошанд, вале онҳо натиҷаи иқтибос нестанд. Дар баробари ин ҳуқуқи сотсиалистӣ дар тамоми таърихи инсоният чизҳои хубе, ки дар доираи меъёрҳои ҳуқуқ коркард шудааст қабул намудааст[111].

---

[109] Философский энциклопедический словарь /Гл. редаксия: А.Ф. Ильичев, П.Н. Федосеев, С.М. Ковалев, В.Г. Банов – М.1983

[110] Захарова Н.В. Правопреемство государств. – М., 1973. С.12.

[111] Гулиев В.Е. Демократия и современный империализм. – М., 1970 – С.257.

Давомият дар илми ҳуқуқшиносии шуравӣ асосан дар шакли ҳуқуқ баррасӣ мегардид, яъне давомияти шакли ҳуқуқ – ин зоҳиршавии давомияти ҳуқуқ дар маҷмуъ мебошад[112].

Ба андешаи баъзе муаллифон истифодаи шакли куҳнаи ҳуқуқ маънои давомияти навъи куҳнаи ҳуқуқро надорад, чунки шакли беруна худ аз худ ҳуқуқро намеофарад. Гузашта аз ин шакли берунаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ё ки санадҳои меъёрӣ аз қонунгузории буржуазӣ гирифта шуда бошанд ҳам, кучондани ҳуқуқи буржуазиро надорад[113]. Дар ин ҳолат оид ба давомияти ҳуқуқӣ сухан рондан шартӣ мебошад, чунки вай бо ҳама нишонааш намудор намешавад. Нисбати давомият дар мазмуни ҳуқуқ С.С. Алексеев қайд мекунад, ки ҳуқуқи сотсиалистӣ аз руи мазмун ягон давомият ба навъи ҳуқуқро надорад[114].

Ба андешаи Рыбаков В.А. оид ба давомияти мазмуни ҳуқуқи сосиалистӣ ду нуқтаи назар ҷой дорад: 1) нуқтаи назари синфӣ; 2) нуқтаи назари умумииҷтимоӣ.

Ба андешаи Швеков Г.В. мазмуни ҳуқуқ аз мақсад, ҳадафҳо ва самтҳо иборат мебошад. Вобаста ба сохтори мазкур ӯ ба хулоса меояд, ки масъалаҳои сиёсӣ ва иқтисодии синфи ҳукмронро таъмин мекунанд, ки баъд аз боссозиҳои инқилобӣ аз байн рафтаанд. Дигар гуруҳи меъёрҳо танзимкунандаи муносибатҳои ҳаракати роҳ буда, ин гунна меъёрҳо дар ҷамъият боқӣ мемонанд[115]. Гуруҳи дигари меъёрҳо вуҷуд доштани ҷамъияти инсониро мустаҳкам мекунанд. Давомияти ин қисми меъёрҳо имконпазир буда, аз хислати арзиши умумӣ доштани онҳо иборат аст, ки онҳо дар низомҳои ҳуқуқии гуногун нақши муҳим мебозанд.

Намояндаи нуқтаи назари сеюм Н.Неновски мебошад. У пешниҳод мекунад, ки мазмуни ҳуқуқ ба чор қисм тақсим карда шавад: 1) меъёрӣ; 2)интелектуалӣ; иҷтимоӣ-синфӣ; 4) сиёсӣ. Интелектуалӣ дар таркиби меъёрӣ ҷой дошта, дар навбати худ аз иҷтимоӣ ва сиёсӣ иборат аст[116]. Ба андешаи ӯ давомият дар мазмуни меъёрӣ ҷой дорад.

Ҳамин тариқ дар асоси таҳлили адабиётҳои на он қадар бойи илмӣ, ки ба масъалаи давомият дар ҳуқуқ бахшида шудааст, ба хулоса омадан мумкин аст, ки давомият ин алоқаи байни давраҳои гуногуни инкишофи таърихӣ, ки дар нигоҳ доштани унсурҳои муайяни ҳуқуқ ифода меёбад. Аксарияти муҳаққиқон давомият дар ҳуқуқро ҷараёни давомият дар муносибатҳои моддӣ мефаҳманд. Дар робита ба ин Н. Неновски қайд менамояд, ки чун падидаи зерсохтор мустақилона таъриф дода шуда, инкишофи он аз омилҳои иқтисодӣ вобастагӣ надошта, аз давраҳои муайяни инкишофи маводҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Аз ҷумла анъанаҳои дар ҳуқуқэҷодкунӣ ва татбиқи ҳуқуқ ва инчунин назарияҳо ва консепсияҳои ҳуқуқии ҷойдошта. Ҳамин тариқ давомият дар ҳуқуқ нисбатан ба худи мустақилияти худи у вобастагӣ дорад.

---

[112] Рыбаков В.А. Теоретические вопросы преемственности права. – Омск, 1990. С.96.

[113] Рогожин А.И. Великий Октябрь и закономерности возникновения социалистического права // Советское государства и права. – 1977, № 6.–С.18.

[114] Алексеев С.С. Общая теория права. Курс в двух томах.Т 2.– М., 1982. С.270.

[115] Швеков В.Г. Преемственность в праве. – М.1983. С.33-36

[116] Неновски Н. Преемственность в праве.– М. ,1977.– С.137.

Аммо мувофиқи дигар нуқтаҳои илмӣ, ки ба масъалаи давомият бахшида шудаанд, қайд мегардад, ки давомият дар ҳуқуқ ҳамчун давомият дар худи асоси ҳуқуқ фаҳмида мешавад, ки дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ мегузарад. Ба андешаи А.Нашиц асосҳои ҳуқуқ дар шакли кутоҳ тариқи зайл ифода меёбад. Дар мафҳуми асосҳои ҳуқуқ на танҳо омилҳои моддӣ яъне муносибатҳои иқтисодӣ, балки маънавӣ низ дохил мешавад, чунки ҳуқуқ зери таъсири омилҳои объективӣ ва маънавӣ пайдо мешавад[117].

Омилҳои ҳуқуқофаранда, ки асосҳои ҳуқуқро ташкил медиҳанд, гуногун буда, вобаста ба ҳолатҳои мушаххаси таърихӣ инкишоф меёбанд. Омилҳое, ки унсурҳои давомиятро дар низомҳои ҳуқуқӣ ва механизми танзими ҳуқуқӣ муайян мекунанд инҳо мебошанд:

Иқтисодӣ, сиёсӣ, оилавӣ; қонунҳои объективии табиат ва қонунҳои объективии ҷамъият; инсон ҳамчун субъекти муносибатҳои ҷамъиятӣ ва м.и.

Давомият дар ҳуқуқ одатан дар ду ҷанба таҳлил мешавад:

Давомият ҳамчун навъи муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, яъне моҳияти моҳияти падидаҳои давлатӣ ҳуқуқӣ ягона мебошанд.

Байнинавъии давомият.

Дар назарияи ҳуқуқи Шуравӣ байнинавъии давомият бештар коркардшуда мебошад, ки зери мафҳуми он алоқаи ҳаматарафаи байни давраҳои инкишофи ҳуқуқ фаҳмида мешавад, ки дар нигоҳ доштани унсурҳои алоҳидаи ҳуқуқ дар ҷараёни тағйири ҳуқуқ ифода мешавад.

Давомият дар ҳуқуқ–ин қонунияти умумӣ мебошад, ки дар ҳама давраҳои инкишофи ҳуқуқ уро ҳамроҳӣ мекунад. Яъне бояд қайд намуд, ки ягон низоми ҳуқуқӣ чӣ дар замони пеш ва чӣ дар замони ҳозира, ки ҷой доранд, бе таъсири омилҳои гузашта инкишоф наёфтаанд. Давомият давраи гузашта, ҳозира ва ояндаи ҳуқуқро ҳуқуқро муттаҳид намуда, ба ҳаёти давраи нав самараи доираи ҳуқуқи омодашударо дохил мекунад, ки дар маҷмуъ барои инкишофи ҳуқуқ аҳаммияти калон дорад.

Дар натиҷа на танҳо роҳҳои ҷустуҷуи қарорҳои мувофиқ дар ин самт маҳдуд мешавад, балки барои ислоҳи камбудиҳои гузашта имконият фароҳам меорад. Аслан бештари ҷараёни бошиддати давомият дар ҳуқуқ дар ҳамон даврае ба миён меояд, ки вақте ки гузариш аз як сохти ҷамъиятӣ ба дигар, аз як давраи таърихӣ ба дигар давраи таърихӣ бо тарзҳои гуногун сурат мегирад.

Ҳамин тариқ, инкишофи ҳуқуқ ҳамеша бо баромадан дар доираи давомият ба пайдоиши унсурҳои нав дар ҳуқуқ алоқаманд аст.

Навоварӣ дар ҳуқуқ танҳо ҳамон вақт нақш ва таъиноти худро исбот карда метавонад, ки вақте вай лаёқати қабул кардани муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар раванди бисёрасраи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ пайдо шудаанд, дошта бошад. Инчунин ба талаботи ҳаёти ҷамъиятӣ ҷавоб дода тавонад. Навоварӣ дар ҳуқуқ, ки ба ҳуқуқи амалкунанда такя намекунад, мумкин аст аз байн равад. Масалан чи хел ҷараёни мувофиқ кардани меъёрҳои ҳуқуқи Шарқ ба шакли аврупоии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ руй медиҳад. Дар сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи мусулмонӣ

[117] Нашиц А. Правотворчество.– М., 1979. С.37

Қуръон ва Сунна фоидахурӣ ё судхурӣ қатъиян манъ шудааст. «Оллоҳ савдоро иҷозат додааст, вале судхуриро манъ кардааст». Дар Сунна гуфта мешавад, ки Пайғамбар дар ҳадисҳои худ ба манъи фоидахурӣ ишора намудааст. Фоидахурӣ дар ислом ҳамчун илова ба қарз тасниф карда мешавад.

Бо инкишофи муносибатҳои капиталистӣ ҳамаи ин манъкуние, ки дар асрҳои миёна ба миён омада буданд, ба инкишофи ҳаёти хоҷагӣ монеъ мешуданд. Аз ин хотир ҷустуҷуи роҳҳои нави инкишофи муносибатҳои қарзгирӣ ба миён омад. Аз як тараф тарафҳо оид ба ситонидани фоида талаботҳои худро пешниҳод карданд.

Чунончи, дар мемурандуме, ки аз ҷониби делегатсияи Миср дар конференсияи вазирони корҳои хориҷии давлатҳои исломӣ (1972) қайд мегардад, ки шахсе, ки амонатҳои худро ба бонкҳои муқаррарӣ гузоштааст, дар асоси шартҳои зерин ба гирифтани фоида ҳуқуқ дорад:

Барои сохтани беморхона; боғчаи бачагона; мактаб ва м.и. Аз тарафи дигар, бонкҳои исломӣ ташкил карда шуданд, ки фаъолияти асосии онҳо иҷро намудани корҳои натиҷадор, ки фоида меоранд ва дар як маврид ситондани фоидаро истисно мекунанд, чунки дар дини ислом манъ гардидааст[118]. Мисоли мазкур нишон медиҳад, ки ҷараёни мутобиқ кардани меъёрҳои ҳуқуқи муслмонӣ дар шароити тағир ёфтани омилҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ дар ҷаҳон оҳиста рафта истодааст.

Давомият дар ҳуқуқ на танҳо бо аз худ кардани арзишҳои ҳуқуқӣ, ки дар як вақт дар давлатҳои дигар ҷой доранд, амалӣ карда мешавад, балки ҷабҳаи таърихӣ низ дорад. Давомият дар ҳуқуқ чун дигар соҳаи ҳаёти фарҳангӣ дар ду самт амалӣ карда мешавад: 1) амудӣ; 2) уфуқӣ.

Давомият дар ҳуқуқ дар шакли амудӣ раванди таърихии инкишофи ҳуқуқ дар маҷмуъ буда, тамоми маҷмуи унсурҳои анъанавии ин ё он низоми ҳуқуқиро ифода мекунад. Давомият дар шакли ҳуқуқӣ на он қадар муҳим буда, танҳо барои инкишофи ҳуқуқ аҳаммияти муҳим дорад. Ба андешаи Швекова Г.В. барои фаҳмиши ин самти давомият муайян намудани чунин омилҳо зарур аст[119].

Якум, вобаста ба инкишофи нобаробарии давлатҳои гуногун, форматсияҳои ҷамъиятӣ низ гуногун буданд. Аммо ин маънои онро надорад, ки давомият танҳо ба давраи бартараф кардани ақибмондагии ҳуқуқӣ лозим буда, дар давраи инкишофи баланди ҳуқуқ аз байн меравад. Баръакс ҳар қадар, ки ҳуқуқ дар ҷомеа инкишоф ёбад, ҳамон қадар вобаста ба низомҳои ҳуқуқии дигар давлат бисёрҷабҳа мегардад. Аз тарафи дигар ҳар чи бештар ҳуқуқи ин ё он мамлакат барои беҳбудии инкишофи ҳуқуқии дигар давлатҳо равона шуда бошад, ҳамон қадар имконият барои инкишофи манфиатҳои хусусӣ пайдо мешавад.

Дуюм, инкишофи дохилии халқҳо ва шакли берунаи онро ҷудонашаванда тасвир намудан ғайриимкон аст, чунки ин ду падида бе ҳамдигар инкишоф ёфта наметавонанд.

---

[118] Черниловский З.М. Социалистическое право переходное периода: проблемы преемственности// Советское государство и право, 1977. №10.С.10

[119] Швекова В.Г. Преемственность в праве.– М., 1983. С.–33-36.

Ба сифати мисол, ишора ба Кодекси Наполеон кардан мумкин аст, ки таъсири амиқе ба инкишофи ҳуқуқи мадании аксарияти давлатҳо расонидааст. Гузашта аз ин Эъломияи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки соли 1948 СММ қабул намуд ба қонунгузории дохилии давлатҳои ҷаҳон таъсири муҳим гузошт. Аммо бояд қайд намуд, ки дар раванди ҳамкориҳои байналмилалӣ интихоби арзишҳои ҳуқуқӣ аз қонунгузории муайян вобастагӣ дорад ва бартарият ба он унсурҳое дода мешавад, ки хислати умумӣ–миллии ҳуқуқро ифода мекунанд. Махсусан дар натиҷаи ҳамин, хусусиятҳои умумӣ-миллӣ аз доираи муносибатҳои этникӣ баромада ба низомҳои ҳуқуқии дигар давлатҳо дохил мешавад. Гарчанде кучонидани унсурҳои ҳуқуқии дигар давлатҳо бетағъир намонда, албатта дар контексти нави ҳуқуқӣ ифода мегардад.

Албатта меъёрҳои ҳуқуқ ва институтҳои ҳуқуқ дар кишварҳои гуногун на ҳамеша ба кучонидан алоқамандӣ доранд. Дар бисёр ҳолатҳо вай натиҷаи монандии шароитҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии инкишофи ин давлатҳо мебошад. Агар давомият ҳамчун алоқаи байни давраҳои гуногун дар инкишофи давлат ва ҳуқуқ баррасӣ гардида, моҳияти дар нигоҳ доштани унсурҳои муайяни давлат ва ҳуқуқ ифода ёбад, пас аҳаммияти бештар барои таҳқиқ, дигаргунии қатъӣ ва ҳолатҳои буҳрониро дар инкишофи давлат ва ҳуқуқ ифода мекунад. Махсусан дар давраи буҳронҳо бешатр тағиротҳои муҳим дар давлат ба миён меоянд. Аз ин хотир давраи буҳрониро давраи гузариш меноманд. Аммо даҳсолаи охири асри 20 нишон дод, ки буҳронҳо дар инкишофи давлат хислати объективӣ доранд.

Дар назарияи давлат ва ҳуқуқ низ чун дигар падидаҳои иҷтимоӣ давраҳои инкишоф ва пастравӣ ҷой дорад. Махсусан чунин ҳолатҳои гузариш диққати муҳаққиқоне, ки ба масъалаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ сару кор доранд, ҷалб менамояд. Бояд қайд кард, ки буҳронҳо ҳолати гузариши давлат ва ҳуқуқро ифода мекунанд.

Ҳуқуқшиноси Фаронса М.Ориу тамоми буҳронҳоро аз нуқтаи назари таърихӣ ба ду категория ҷудо мекунад: 1) буҳронҳое, ки дар давраи марказикунонии давлат ва низоми ҳуқуқӣ, ки давлати ҷавон ҳокимияти худро мустаҳкам мекунад, пайдо мешаванд; 2) буҳронҳое, ки дар давраи ғайримарказонидашуда пайдо мешаванд[120].

Селезнев В.А. мафҳуми буҳронро ба мафҳуми гузариш дар як қатор мегузорад ва буҳронро асосан ба раванди омода намудан ва содир кардани инқилоби иҷтимоӣ мутобиқ менамояд[121].

Шакли давлат боздорандаи инкишофи иқтисодии базиси иқтисодӣ мегардад. Зиддиятҳои бамиёномада ё тавассути шаклҳои давлат ё тавассути ягон чиро иваз намудан аз ҷониби элитаи идоракунанда дар ташкил ва амалисозии ҳокимияти давлатӣ ҳал мегардад. Инҷо бевосита шакли давлатро аз тағиротҳои иқтисодии базиси иҷтимоӣ дида баромадан мумкин аст. Дар раванди иваз шудани форматсияи иҷтимоӣ-иқтисодӣ танҳо ҳамон институтҳои ҳуқуқие барҳам мехуранд, ки бевосита ба базиси

[120] Ориу М. Основы публичного права.– М., 1929. С.– 723-724.
[121] Селезнев М.А. Социальная революция.– М., 1971. С.216.

куҳна алоқаманд мебошанд. Ба ибораи дигар ҳамон қисми низоми ҳуқуқ боздошта мешавад, ки моҳияти иқтисодии ҷомеаи куҳнаро ифода мекунад.

Чунончи, дар вақти гузариш аз ҷумҳурии ғуломдорӣ ба ҷамъияти феодалӣ институти ғуломӣ ва ҳуқуқи моликият ба ғулом қатъ мегардад. Аммо паҳншавии моликияти хусусӣ ба замин ба барқарор шудани сатҳи зинавии ҷамъият меорад, ки дар асоси он феодалҳои поёнӣ, ки дар ихтиёри худ заминҳои кам доштанд, тобеи феодалҳои калони заминдор буданд.

Дар вақти гузариш ба капитализм институти феодалии моликият ба замин қатъ мегардад. Гузашта аз ин як қатор институтҳои ҳуқуқи умумӣ низ қатъ карда мешаванд (мутлақият, табақавӣ-намояндагӣ). Аммо институти моликияти хусусӣ нигоҳ дошта мешавад.

Дар асоси гуфтаҳои боло қайд кардан мумкин аст, ки гузариш як шакли зоҳиршавии давомият дар ҳуқуқ мебошад. Онро ба сифати мисоли давомият дар омилҳои базиси иқтисодӣ дидан мумкин аст. Ҳамин тариқ, ҳуқуқи хусусии римӣ, ки муносибатҳои ҳуқуқии байни савдогаронро танзим менамуд, баъди асри 12 ба Аврупо рецепсия гардид, хусусан дар асрҳои 16-17 танҳо бо сабаби инкишофи муносибатҳои молию пулӣ. Омузиши хусусиятҳои давомияти падидаҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ бе баррасии чунин равандҳо дар доираи назарияи тамаддунӣ қариб, ки номукаммал мебошад. Масалан дар ҷомеаи қадим консепсияи давравии инкишофи ҷомеа ҷой дошт. Мисоли чунин нуқтаи назари назариявиро дар асарҳои таърихнигорони Юнони Қадим Полибий дар асараш «Таърих» ва асарҳои Плутарх «Сравнительных жизнеописаниях» дидан мумкин аст. Дар Шарқ принсипи гнесеологии «Ягон чи дар ин дунё нав нест ҳукмрон буд», ки мувофиқи он консепсияи давравии инкишоф аз доктринаи фалсафӣ ва сиёсӣ иборат буд. Дар Аврупои муосир анъанаи фарҳангӣ бо воситаи Ф.В. Ницше, О. Шпенглер, Э.Мейера, Ф.Ратцеле, Ф. Гребнера, ва А. Тойинбӣ аҳаммияти таърихӣ ва илмӣ пайдо намуданд[122].

Нуқтаи назари тамаддунӣ ва тарзи дурусти истифодаи он ҳам дар корҳои назариявӣ ва ҳам амалишавии барномаҳои сиёсии мушаххас аҳаммияти муҳим дорад[123].

Ҳар як тамаддун хусусияти генетики худро дорад, ки ҳатто дар вақти ҳодисаҳои муҳимми иҷтимоӣ қисми таркибии худро нигоҳ медорад[124].

**Адабиёт:**


1. Алексеев С.С. Общая теория права. Курс в двух томах.Т 2.– М., 1982.– 360с.
2. Гулиев В.Е. Демократия и современный империализм. – М., 1970 – 280с.
3. Давид Р.Основные правовые системы современности.– М., 1989. 448с
4. Захарова Н.В. Правопреемство государств. – М., 1973. 126 с.
5. Национально-демократическая революция: сущность и перспективы. – М., 1990. 460 с.


[122] Олех Л.Г. Цивилизация и революция.– Новосибирск, 1989. – С.20-25.
[123] Давид Р.Основные правовые системы современности. – М., 1989. – С.39.
[124] Национально-демократическая революция: сущность и перспективы. – М., 1990. – С.252.

6. Нашиц А. Правотворчество.– М., 1979. – 256 с.
7. Неновски Н. Преемственность в праве.– М. ,1977.– 250 с.
8. Олех Л.Г. Цивилизация и революция.– Новосибирск, 1989.– С.20-25.
9. Ориу М. Основы публичного права.– М., 1929. С.– 723-72
10. Рогожин А.И. Великий Октябрь и закономерности возникновения социалистического права // Советское государства и права. – 1977.– № 6.– С.18.
11. Рыбаков В.А. Теоретические вопросы преемственности права. – Омск, 1990. 158 с.
12. Селезнев М.А. Социальная революция.– М., 1971. С.241 с.
13. Философский энциклопедический словарь /Гл. редаксия: А.Ф. Ильичев, П.Н. Федосеев, С.М. Ковалев, В.Г .Банов – М.1983.– 840 с.
14. Черниловский З.М. Социалистическое право переходное периода: проблемы преемственности// Советское государство и право, 1977. №10.– С.10
15. Швеков В.Г. Преемственность в праве. – М.1983. – 184 с.

**Мақола дар редаксия ворид шуд**: 21.04.2025
**Аз тақриз баргашт: 09.06.2025**
**Ба чоп тавсия шуд: 16.06.2025**

# МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА АҲАММИЯТИ МАҲДУД КАРДАНИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

**Исозода Парвиз Асадулло,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** 711610101
**Email:** isozoda_9393@mail.ru

**Фишурда:** Мақолаи мазкур ба таҳлили илмии мафҳум, хусусият ва асосҳои ҳуқуқии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст. Муаллиф бо такя ба санадҳои муҳимми ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ, инчунин андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ зарурати танзими ҳуқуқҳоро бо назардошти манфиатҳои ҷамъиятӣ, амнияти давлатӣ ва ҳифзи тартиботи ҳуқуқиро асоснок менамояд. Дар мақола моҳияти маҳдудиятҳо, шаклҳои зуҳур ва заминаҳои ҳуқуқии татбиқи онҳо мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки маҳдуд кардани ҳуқуқҳо бояд танҳо дар асоси қонун, бо риояи принсипҳои инсондӯстӣ ва мувозинати манфиатҳо амалӣ гардад.

**Калидвожаҳо:** Ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, Конститутсия, маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳо, озодиҳои шахсӣ, вазъияти фавқулода, манфиатҳои шахсӣ, манфиатҳои ҷамъиятӣ, танзими ҳуқуқӣ.

# ПОНЯТИЕ, СУЩНОСТЬ И ЗНАЧЕНИЕ ОГРАНИЧЕНИЯ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА

**Исозода Парвиз Асадулло,** Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения, кандидат юридических наук
**Тел.:** 711610101
**Email:** isozoda_9393@mail.ru

**Аннотация:** Данная статья посвящена научному анализу понятия, характеристик и правовых оснований ограничения прав и свобод человека и гражданина. Автор, опираясь на ключевые международные правовые акты, национальное законодательство, а также мнения отечественных и зарубежных учёных, обосновывает необходимость регулирования прав с учётом общественных интересов, государственной безопасности и охраны правопорядка. В статье проанализированы сущность ограничений, формы их проявления и правовые основания применения. Автор подчёркивает,

что ограничение прав должно осуществляться исключительно на основании закона, с соблюдением принципов гуманизма и баланса интересов.

**Ключевые слова:** Право, права человека, Конституция, ограничение прав и свобод, личные свободы, чрезвычайное положение, личные интересы, общественные интересы, правовое регулирование.

## THE CONCEPT, ESSENCE AND SIGNIFICANCE OF RESTRICTIONS OF HUMAN AND CIVIL RIGHTS AND FREEDOMS

**Isozoda Parviz Asadullo,**
Tajik National University, Faculty of Law, Assistant of the Department of Human Rights and Comparative Law, Ph.D. candidate of legal sciences
**Phone:** 711610101
**E-mail:** isozoda_9393@mail.ru

**Annotation:** This article is devoted to the scientific analysis of the concept, characteristics and legal grounds for the restriction of human and civil rights and freedoms. The author, relying on key international legal acts, national legislation, as well as the opinions of domestic and foreign scientists, substantiates the necessity of rights regulation taking into account public interests, state security and protection of law and order. The article analyzes the essence of restrictions, forms of their manifestation and legal grounds for their application. The author emphasizes that the restriction of rights should be carried out exclusively on the basis of the law, in compliance with the principles of humanism and balance of interests.

**Keywords:** Law, human rights, Constitution, restriction of rights and freedoms, personal freedoms, state of emergency, personal interests, public interests, legal regulation.

Низоми муосири ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд бо қабул гардидани Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон дар соли 1948 ба таври тадриҷӣ ташаккул ёфт. Дар натиҷаи ин, ҳуқуқи инсон ба шакли меъёрии ҳамкориҳои байни одамон табдил ёфта, робитаҳои онҳоро ба танзим даровард, амал ва фаъолияти онҳоро ҳамоҳанг намуд, баҳри пешгирӣ намудани зиддиятҳо, муқовимат, муноқишаҳо бо назардошти ҳуқуқу озодиҳои дигарон замина гузошта, фаъолияти муътадили ҷомеа ва давлатро таъмин кард[125].

Аксарияти олимони ватанӣ ва хориҷӣ бар он назаранд, ки консепсияи муосири ҳуқуқ ва озодиҳои инсон натиҷаи рушди тӯлонии таърихӣ

[125] Ниг.: Улыбина Т. Понятие и классификация субъективных прав и свобод и способы их ограничения / Т. Улыбина // Право и жизнь. Независимый правовой журнал. – 2006. – №99. – С. 48-69.

мебошад[126]. И.И. Саидзода қайд менамояд, ки омӯзиши таърихӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи инсон аз табиати он вобаста буда, падидаи иҷтимоию таърихӣ мебошад ва якҷоя бо ҷомеа инкишоф ёфтааст. Он давраҳои гуногуни таърихиро паси сар намуда, дар шакли ғояву андешаҳои мухталиф, консепсияҳо, инчунин тавассути барасмиятдарории меъёрӣ ба даст омаадаст[127].

Д.С. Раҳмон ҳақиқатбинона иброз менамояд, ки «имрӯз ҳуқуқи инсон ба сифати унсури асосии ҷомеаи одилона ва давлати ҳуқуқбунёд баромад менамояд. Риояи ҳуқуқи инсон маҳаки асосии фаъолияти кишварҳои мутамаддини муосир маҳсуб меёбад ва риоя накардани ҳуқуқи инсон пешрафти ҷомеа ва давлатро боз медорад»[128].

Дар навбати худ, А.М. Диноршоҳ қайд менамояд, ки «дар тӯли таърих инсоният кӯшиш менамояд то роҳу василаҳои ташаккули муносибатҳои байни шахс ва давлатро пайдо намояд. Бо рушди ҷомеа ва баланд шудани маърифати ҳуқуқӣ ғояи маҳдуд кардани қудрат, таҳияи қоидаҳои мушаххас, ки дар доираи он муносибатҳои шахс ва давлат танзим меёбанд, коркард карда шудаанд»[129].

Дар ҳақиқат, воқеияти ҷаҳони муосир зарурати такмили минбаъдаи низоми ҳуқуқи инсонро ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ва ҳам дар сатҳи миллӣ ба вуҷуд овардааст. Ин такмилдиҳӣ на танҳо бо номгӯйи ҳуқуқҳои нави инсон, балки механизмҳои татбиқи онҳо аз ҷумла кафолатҳо, ҳифз ва маҳдудиятҳо низ алоқаманд аст. Бо андешаи дар илм ҷойдошта метавон розӣ шуд, ки истифодаи ҳуқуқҳо аз масъулияти шахс вобаста буда, бо маҳдудиятҳои имконпазир, андоза ва ҳудуди озодӣ, принсипи инсондӯстӣ, ҳамбастагӣ ва ахлоқ алоқаманд мебошанд[130]. Ҳамин тариқ, истифодаи ҳуқуқу озодиҳои инсон бо маҳдудиятҳои муайян робита доранд. Ғайр аз ин, аз нигоҳи М.В. Баглай «давлати ҳуқуқбунёд бояд ба як назарияи аз ҷиҳати илмӣ асосноки маҳдудкунии озодӣ асос ёбад», аммо «бо ақл ва ҳисси таносуб»[131].

М.Г. Маковетская бар он назар аст, ки «робитаи фаъолияти мӯътадили ҷомеа, аз як тараф ба озодии шахс, аз тарафи дигар, ба зарурати табиӣ ва объективӣ барои муайян кардани ҳудуди ҳуқуқҳои асосӣ, шартҳои татбиқи онҳо ва тартиби ҳалли ихтилофи имконпазири манфиатҳо оварда

---

[126]Ниг.: Диноршоев А.М., Сафаров Б.А. Формирование идей прав человека в Таджикистане: история и современность: монография. – Волгоград: Изд-во Волгоградского филиала ФГБОУ ВПО РАНХиГС, 2014. – 300 с.; Сафарзода Б.А. Международные стандарты в области прав человека: История и современность / Отв. ред. [Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе, 2016. – 345 с.; Саидов И.И. Развитие личных и политических прав человека в Таджикистане: историко-правовой и общетеоретический анализ: дис. … канд. юрид наук. – Душанбе, 2015. – 209 с.; Диноршоев А.М. Реализация конституционных прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан. – Душанбе: Голд-принт, 2015. – 184 с.; Рахмон Д.С. Права человека в условиях глобализации: теоретические и методологические проблемы. – Душанбе, 2019. – 376 с.

[127]Ниг.: Саидов И.И. Асари зикршуда. – 209 с.

[128] Сафаров Д.С. Права человека и глобализация в контексте исламской правовой культуры. – Душанбе, 2014. – С. 49.

[129] Диноршоев А.М. История прав человека Учебник для вузов. – Душанбе, 2016. – С. 16-17.

[130]Ниг.: Улыбина Т. Понятие и классификация субъективных прав и свобод и способы их ограничения / Т. Улыбина // Право и жизнь. Независимый правовой журнал. – 2006. – №99. – С. 48-69.

[131] Баглай М.В. Дорога к свободе. – М., 1994. – С. 285, 290.

мерасонад»[132].

Аз ин рӯ, дар амал имконияти қонунан маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳо ҳам дар давлатҳои алоҳида ва ҳам дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ торафт доман паҳн намуда истодааст.

Бо дарназардошти он ки ҳуқуқи инсон дар конститутсияҳои аксарияти давлатҳои ҷаҳон мазмуни табиӣ ва ҳуқуқии худро пайдо намудааст, он бояд ба таври махсус ҳифз карда шавад. Ин маънои онро ифода менамояд, ки давлат чун қоида дар алоҳидагӣ мувофиқи вазифаҳои функсионалии худ наметавонад танзими ҳуқуқии шартҳои татбиқи ҳуқуқу озодиҳоро амалӣ намояд. Татбиқи ҳуқуқ раванди мураккабест, ки дар он на танҳо ҷонибҳо – соҳибони ҳуқуқу уҳдадориҳои субъективӣ, балки давлат низ ширкат менамояд.

Аз ин ҷост, ки дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ тафсири мухталифи мафҳуми «амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон» ба назар мерасанд. Ҳамин тавр, С.С. Алексеев таҳти мафҳуми амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон «рафтори мушаххаси шахс ва шахсони уҳдадорро, ки баҳри ба амал баровардани меъёрҳои ҳуқуқ равона шудаанд», дар назар дорад[133]. Дар навбати худ К.К. Гасанов бар он ақида аст, ки «амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон – ин раванди инъикосёбии некуаҳволист, ки мазмуни ҳуқуқҳои субъективии бунёдиро ташкил медиҳад»[134].

Дар байни олимони ватанӣ низ тарзҳои гуногуни муайян намудани мафҳуми амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, Р.Ш. Шарофзода зикр менамояд, ки «амалисозии ҳуқуқ гуфта воқеӣ гаштани талаботу нишондоди ҳуқуқро дар фаъолияти ҳамарӯзаи қонунии субъектони мухталифи ҳуқуқ меноманд. Амалисозии ҳуқуқ баҳри воқеӣ намудани меъёрҳо ва нишондоди ҳуқуқӣ, аз ҷумла меъёрҳои конститутсионии марбут ба ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд, амалӣ намудани ваколатҳои қонунии мақомоти татбиқи ҳуқуқ, таъмини амали қонунии субъектон, таъмини мувофиқати байни мақсадҳои танзими ҳуқуқӣ ва натиҷаи ин танзим, муайян намудани моҳияти аслии меъёру нишондоди ҳуқуқӣ сурат мегирад»[135]. Дар навбати худ, А.М. Диноршоҳ қайд менамояд, ки «амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар худ, якум, механимзҳои ҳуқуқии татбиқнамоии онҳо ва дуюм, шаклҳои татбиқи бевоситаи ҳуқуқи инсон, вақте муносибати воқеӣ шакли ҳуқуқиро мегирад, ҷой додааст»[136].

Бо дарназардошти гуфтаҳои фавқуззикр, метавон ба хулосае омад, ки амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон – ин татбиқи ҳуқуқу манфиатҳои конститутсионии шаҳрвандон ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои

---

[132] Маковецкая М.Г. Понятие правовых ограничений прав и свобод человека / М.Г. Маковецкая // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. – 2012. – №6 (1). – С. 233-237.

[133] Ниг.: Алексеев С.С. Механизм правового регулирования в социалистическом государстве. – М.: Юрид. лит., 1966. – С. 93.

[134] Гасанов К.К. Конституционный механизм основных прав человека: моногр. – М.: ЮНИТИ-ДАНА: Закон и право, 2004. – С. 185.

[135] Сативалдыев Р.Ш. Теория государства и права: учебник для вузов. – Душанбе: Империал-групп, 2014. – С. 556.

[136] Диноршоев А.М. Реализация конституционных прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015. – С. 62.

ҷамъиятӣ мебошад, ки бо мақсади қонеъ намудани эҳтиёҷот ва ё ба даст овардани манфиатҳои зарурии моддӣ ва маънавии онҳо анҷом дода мешавад. Яъне, амалисозиро бояд ҳамчун кафолати ҷомеаи байналмилалӣ ва давлати ҳуқуқбунёд дарк намуд, ки дар шаклҳои муқаррарнамудаи қонун, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва фаъолияти субъектҳои ҳуқуқи инсон инъикос ёфта, баҳри истифода ва иҷрои уҳдадориҳои табиии ҳуқуқии онҳо бо мақсади ноил шудан ба сатҳи шоистаи зиндагӣ амалӣ карда мешавад.

Аз ин метавон хусусиятҳои амалисозии ҳуқуқро муайян намуд: якум, дар амалисозии ҳуқуқ диққати махсус ба субъекти ҳуқуқ дода мешавад, зеро масъалаи амалӣ кардан ва ё накардани ҳуқуқ аз дорандаи он вобастагӣ дорад; дуюм, қисми муҳимми амалисозии ҳуқуқро механизмҳои ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ ташкил медиҳад, яъне механизмҳои масъули ҳуқуқӣ; сеюм, амалисозии ҳуқуқ дар чаҳорчӯбаи қатъии муқарраршуда анҷом мепазирад.

Аз мазмуни амалисозии ҳуқуқ шаклҳои бевоситаи он ба вуҷуд меоянд: истифодаи ҳуқуқҳои субъективӣ, иҷрои вазифаҳо ва риояи маҳдудиятҳо.

Аммо, бояд дар назар дошт, ки на худи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мустақиман таҳти таъсири танзимкунии давлат, меъёрҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қарор мегиранд, балки шарт ва тартиби таъмин, кафолат, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таҳти чунин таъсиррасонӣ қарор дода мешаванд. Низоми ин муносибатҳо, инчунин танзими давлатии шарт ва тартиби маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар бар мегиранд.

Дар ҳамин замина месазад то аз андешаи С.М. Салоҳидиноваро ёдовар шуд, ки қайд менамояд: «Давлат ҳуқуқу озодиҳои инсонро кафолат медиҳад ва дар доираи ин ҳуқуқу озодиҳо барои амалҳои номаҳдуд имконият фароҳам меоварад. Чунин озодӣ метавонад дар баъзе маврид ба барҳӯрди манфиатҳои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ оварда расонад. Барои пешгирии он давлат низоми маҳдудкунии ҳуқуқро дар самти татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таҳия менамояд. Ҳамин тавр, маҳдудият ҳамчун яке аз унсурҳои механизми конститутсионӣ ва ҳуқуқии амалисозии ҳуқуқи инсон баррасӣ карда мешавад»[137]. Дар навбати худ В.Н. Агеев зикр менамояд, ки «давлат ҳангоми ҳалли вазифаҳои бар дӯши ӯ гузошташуда дар ҷомеа, метавонад бо мақсади таъмини амнияти шаҳрвандон ва давлат, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ маҳдудиятҳои муайянро ба ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ҷорӣ намояд. Чунин муносибат як роҳи мутамаркази танзими андозагирии озодӣ дар ҷомеа мебошад»[138].

Ҳамин тариқ, метавон иброз намуд, ки маҳдуднамоии ҳуқуқӣ – ин муайян намудани сарҳад дар ҳуқуқ буда, дар доираи он бояд субъектҳо амал намоянд. Он барои боз доштани рафторҳои ғайриқонунӣ, муҳайё намудани шароит барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти тарафҳо (ба маънои васеъ) ва манфиатҳои ҷомеа баҳри ҳифзу ҳимоя замина фароҳам

[137] Салохидинова С.М. Право на предпринимательскую деятельность в конституционном праве: дис. … канд. юрид наук. – М., 2016. – С. 124.
[138] Агеев В.Н. Конституционные ограничения основных прав и свобод личности в Российской Федерации (теория, история, практика): дис. ... канд. юрид. наук. – Казань, 2006. – 219 с.

меоварад[139]. А.М. Диноршоҳ қайд менамояд, ки «истифодаи ҳуқуқҳои маҳдудгардида ба андозаи озодиҳои маҳдуднамудаи қонун, принсипи инсондӯстӣ, ҳамбастагӣ ва ахлоқ вобастагӣ дорад»[140].

Вақеан, ҳангоми амалисозии ҳуқуқу озодиҳо манфиатҳои гуногун ба ҳам меоянд: субъекти ин ҳуқуқ (озодӣ), шахси дигар, ҷомеа дар маҷмуъ ва давлат. Аз ин рӯ, муқаррар намудани маҳдудиятҳо дар ҳуқуқу озодиҳо аз як тараф талаботи объективӣ барои фаъолияти мӯътадили ҷомеа ва аз тарафи дигар озодии шахс мебошад.

Новобаста аз он ки маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон яке аз унсури муҳимтарини амалисозии ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад, аммо дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории ватанӣ мафҳуми расмии он муқаррар карда нашудааст.

Аввалин санади ҳуқуқии байналмилалие, ки имконияти маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар худ ҷой додааст, ин Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз 10-уми декабри соли 1948 мебошад[141]. Баъдан он моҳияти воқеии худро дар Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ аз 4-уми ноябри соли 1950 бо ҷонибдории 15 аъзои Кумитаи вазирони Шурои Аврупо пайдо намуд[142]. То имрӯз бисёр санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд қабул гардидаанд, дар худ масъалаи маҳдудкунии ҳуқуқи инсонро ҷой додаанд. Аммо, дар санадҳои мазкур мафҳуми ягонаи «маҳдудкунии ҳуқуқ» ба мушоҳида намерасад. Ҳамин тавр, дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (банди 2, моддаи 29), Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (моддаи 4), Ҳуҷҷати ҷаласаи Конфронси Копенгаген оид ба андозагии инсонии САҲА (моддаи 4) истилоҳи «маҳдудият» истифода бурда шудааст. Дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ (моддаи 4) истилоҳи «дур кардани давлат аз уҳдадориҳои худ», дар Конвенсияи амрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон (моддаи 27) истилоҳи «боз доштани кафолат», дар Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ ду истилоҳ – «маҳдудият» (моддаҳои 8-11, 18) ва «даст кашидан аз уҳдадориҳои худ» (моддаи 15) мавриди истифода қарор дода шудааст[143].

Дар баробари ин, А.В. Ашихмина дуруст қайд менамояд, ки байни ин истилоҳот фарқияти мантиқӣ-забонӣ бояд анҷом дода шавад. Ақибгардӣ (делогатсия) муваққатан аз байн бурдани ҳуқуқ ва озодиҳо буда, вале имконияти ҳимояи ҳуқуқии онҳоро таъмин менамояд. Бекоркунии ҳуқуқ ва озодиҳо маънои пурра аз байн рафтани (ҳам ба таври қонунӣ ва ҳам дар амал) ҳуқуқу озодиҳои муайян бидуни ҳимояи ҳуқуқии онҳо мебошад. Пастшавии ҳуқуқ маънои кам шудани муҳтавои ҳуқуқ, ҳаҷми он, кафолати

---

[139]Ниг.: Хессе К. Основы конституционного права ФРГ / Под ред. Н.А. Сидорова. – М., 1981. – С. 163.

[140] Диноршоев А.М. Реализация конституционных прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015. – С. 63.

[141]Ниг.: Права человека. Сборник международных и национальных документов в 8 – ми томах. Т.1. / Под ред. Диноршоева А.М. – Душанбе, 2009. – 328 с.

[142]Ниг.: Права человека. Сборник международных и национальных документов в 8 – ми томах. Т.1. / Под ред. Диноршоева А.М. – Душанбе, 2009. – 328 с.

[143]Ниг.: Барбин В.В. Конституционно-правовые основания ограничения основных прав и свобод человека и гражданина и их реализация в деятельности органов внутренних дел: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2003. – С. 28.

манфиатҳои дахлдор ва ё тобеияти як ҳуқуқ ба ҳуқуқи дигарро новобаста аз баробар будани аҳаммияти ҳамаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дар назар дорад. Ниҳоят, маҳдуднамоӣ маънои истифодаи ягон намуди чораҳои маҷбуриро нисбат ба ҳуқуқу озодиҳои шахс, ки ҳуқуқвайронкунӣ намудааст (ва ё хоҳад намуд), ифода намуда, бештар вақт нисбат ба шахси гунаҳгор ҳангоми татбиқи ҳукм истифода бурда мешавад ва ғ.[144].

Ин маҳдудият дар ду шакли асосӣ зоҳир мешавад: ё ба таври комил манъ намудани ҳуқуқ (озодӣ)-и муайян, бо дарназардошти омилҳои гуногуни субъективию объективӣ ё кам намудани имконияти амалинамоии рафтори муайян (дар доираи ҳуқуқ ё озодии мушаххас), ки аз ҷониби мақомоти баамалбарорандаи ҳокимияти давлатӣ, пеш аз ҳама ва ба таври асосӣ аз ҷониби субъекти қонунбарор дар меъёрҳои қонун ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои мухталиф (вобаста ба макон, вақт, субъект ва ғ.).

Мавҷуд набудани истилоҳи ягона дар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба мафҳуми баррасишаванда, инчунин дар муҳити илмӣ тафсирҳои мухталифро ба вуҷуд меорад, ки имконияти пурра муайян намудани хусусиятҳои асосии онро ғайриимкон мегардонад.

Бо вуҷуди он ки вақтҳои охир бештари муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқ ба масъалаи «маҳдуд намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд» рӯ овардаанд, аммо то кунун дар сатҳи қонунгузорӣ ва муҳити илми ҳуқуқшиносӣ тафсири амиқу маъмули «маҳдудкунии ҳуқуқ ва озодӣ» ба мушоҳида намерасад.

Аз нигоҳи назарияи умумии ҳуқуқ мафҳуми «маҳдудият»-ро ба таври ҳамаҷониба А.В. Малко[145] мавриди баррасӣ қарор додааст ва ӯ инро «роҳи қонунии пешгирии амали ғайриқонунӣ медонад, ки баҳри фароҳам овардани шароит ҷиҳати қонеъ гардонидани манфиатҳои зидди субъект ва манфиатҳои ҷамъиятӣ дар ҳифз ва ҳимоя равона шудааст; ин ҳудуди муайяннамудани қонун аст, ки дар доираи он субъектҳо бояд амал кунанд; ин маҳдуд кардани баъзе имкониятҳо дар фаъолияти шахс мебошад». Аз нигоҳи А.В. Малко «маҳдудияти ҳуқуқӣ, ки функсияи манфиро нисбат ба манфиатҳои шахсии субъект иҷро менамояд, дар як вақт барои танзими ҳуқуқии рафтори ӯ нақши назаррасро иҷро мекунад, зеро он барои қонеъ намудани манфиатҳои иҷтимоии шахс ва ҷомеа дар маҷмуъ нигаронида шудааст»[146].

Дар робита ба ин, И.А. Илин ишора менамояд, ки «бо маҳдуд намудани озодии ҳар шахс, қонун ба ӯ имконият медиҳад, ки ҳуқуқҳояшро бидуни монеа ва оромона амалӣ намояд, яъне ба ӯ озодии ин меъёрҳоро кафолат медиҳад. Озодии ҳар шахс то он сарҳаде маҳдуд карда мешавад, ки озодии дигарон оғоз меёбад. Бо муқаррар намудани ин сарҳад, қонун барои ҷорӣ намудани тартибот дар зиндагии якҷояи одамон бо

---

[144]Ниг.: Ашихмина А.В. Конституционно-правовой механизм ограничения прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Волгоград, 2009. – С. 52.

[145]Ниг.: Малько А.В. Правовые ограничения: от отраслевого понимания к теоретическому / А.В. Малько // Правоведение. – 1993. – №5. – С. 97-99.

[146] Малько А.В. Стимулы и ограничения в праве. – М.: Юристъ, 2004. – С. 59.

назардошти озодии онҳо мусоидат менамояд»[147].

А.Ф. Квитко чунин мешуморад, ки дар зери мафҳуми «маҳдудкунии ҳуқуқ (озодӣ)» бояд «ҳудуди муқаррар намудани қонунгузориро баҳри амалӣ намудани ҳуқуқи инсон фаҳмид, ки дар он манъкунӣ, дахолат, уҳдадорӣ, ҷавобгарӣ вуҷуд дорад ва мақсад аз он ҳимояи арзишҳои умумиэътирофшудаи конститутсионӣ ва муайян намудани мувозинат байни манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат мебошад»[148].

Ю.Н. Андреев дар зери мафҳуми маҳдудкунии ҳуқуқ «сарҳад (ҳудуд)-и муайянеро дар назар дорад, ки он бо мақсади амалисозӣ ва татбиқи манфиатҳои қонунии давлат ва шахс ҷорӣ карда мешавад ва дар он ваколатҳои соҳиби ҳуқуқ ба воситаи чорабиниҳои муайян (маънкунӣ, уҳдадорӣ, боздорӣ ва ғ.) баҳри ҳамоҳанг кардани манфиатҳои ҷамъиятӣ, давлатӣ ва хусусӣ маҳдуд карда мешаванд»[149].

С.С. Алексеев[150] ва В.И. Гойман мавқеи ба ин монандро матраҳ намуда, иброз менамоянд, ки «ин коҳиш додани ҳаҷми истифодаи ҳуқуқ (озодӣ) тавассути меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ мебошад»[151].

Бо дарназардошти таҳлили анҷомпазируфта, хулоса кардан мумкин аст, ки муаллифони қаблӣ маҳдудиятро ҳамчун зарурати муқаррар кардани ҳудуди ҳуқуқҳои субъективӣ тавассути танзими ҳуқуқии онҳо мефаҳманд.

Ҳамзамон, дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳое мавҷуданд, ки дар асоси онҳо мафҳуми «маҳдудият» маънои аз байн рафтани ҳуқуқро ифода менамояд. Чунончи, М.И. Нагоная маҳдудиятро «тағйир додани мундариҷа ва ё ҳаҷми меъёри ҳуқуқи амалкунанда баҳогузорӣ менамояд ва дар он тағйирот, одатан маънои аз байн рафтани ваколатҳои муайянро дорад, ки дар якҷоягӣ мазмуни меъёрии ҳуқуқро ташкил медиҳанд»[152]. Андешаи ба ин монандро Б.С. Эбзеев матраҳ менамояд, ки «маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳое, ки Конститутсия ва қонунгузории федералӣ иҷозат додааст, имконияти аз байн бурдани мавқеи конститутсионии инсон ва шаҳрвандро дорад. Дар баробари ин, маҳдудкунии ҳуқуқҳои бунёдӣ метавонад бо барҳам додани яке аз ваколатҳо, ки дар маҷмуъ мазмуни меъёрии ҳуқуқу озодиҳои асосиро ташкил медиҳад, алоқаманд бошад»[153].

Аз мавқеъҳои дар боло овардашуда метавон хулоса намуд, ки муаллифон маҳдудияти ҳуқуқро ҳамчун роҳи даст кашидани субъектҳо аз ваколатҳои худ маънидод менамоянд, ки ин ваколатҳо ҳолати ҳуқуқии онҳоро муайян месозанд. Бояд тазаккур дод, ки баъзе аз олимон ба нуқтаи

---

147 Ильин И.А. Общее учение о праве и государстве (фрагменты) / И.А. Ильин // Правоведение. – 1992. – №3. – С. 96.

148 Квитко А.Ф. Конституционно-правовые основы ограничения прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2007. – С. 13.

149 Андреев Ю. Н. Ограничения в гражданском праве России. – СПб., 2011. – 400 с.

150 Ниг.: Алексеев С.С. Восхождение к праву. Поиски и решения: монография. – М., 2001. – С. 673-674.

151 Червонюк (Гойман) В.И. Принципы, пределы, основания ограничения прав и свобод человека по российскому законодательству и международному праву / В.И. Червонюк (Гойман) // Государство и право. – 1998. – №7. – С. 26, 36; – №8. – С. 52.

152 Морозова Л.А. Принципы, пределы, основания ограничения прав и свобод человека по российскому законодательству и международному праву (Материалы «круглого стола») (Начало) / Л.А. Морозова // Государство и право. – 1998. – №7. – С. 36.

153 Эбзеев Б.С. Ограничения конституционных прав и свобод: способы и допустимые Конституцией РФ пределы / Конституционные права и свободы человека и гражданина в Российской Федерации. Учебник для вузов / Под ред. О.И. Тиунова. – М., 2005. – С. 309.

назари матраҳшуда розӣ нестанд. Ю.Н. Андреев қайд менамояд, ки «маҳдудкунии ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ (конститутсионӣ)-и инсон наметовонад бо роҳи ба даст овардани баъзе ваколатҳо аз соҳибони ин ҳуқуқҳо амалӣ карда шавад. Танҳо имконияти маҳдуд намудани баъзе аз ваколатҳои конститутсионии соҳибони ҳуқуқро мушоҳида намудан мумкин аст. Бартараф намудани ваколатҳои дорандагони ҳуқуқ ё мақоми конститутсионии онҳо маънои маҳдуд кардан, қатъ намудани ваколатҳои муайяни дорандагони ҳуқуқро надорад, аммо дар асл моҳияти маҳрум кардани ғайриқонуниро ифода менамояд»[154]. Баъдан он иброз менамояд, ки «маҳдудият наметавонад боиси аз байн рафтани мақоми ҳуқуқии шахс гардад. Мақоми конститутсионии инсон, ки дар заминаи он дигар ҳуқуқҳои шахс (соҳавӣ, касбӣ, махсус ва ғайра) ба вуҷуд меоянд, мақоми ягонаи мукаммали ӯро ташкил медиҳанд, яъне маҷмуи ҳуқуқҳо, кафолатҳо, манфиатҳои қонунӣ, принсипҳо ва ғ. Ҳангоми маҳдуд намудани ҳуқуқ ва озодиҳои Конститутсияи кишвар, баъзе ваколатҳо аз мақоми ҳуқуқии шахс гирифта намешаванд: он ягона (конститутсионӣ) аст ва маҳдуд карда нашудааст. Аз маҳдуд кардани ин ё он ҳуқуқ вақте месазад сухан ронд, агар он бо муносибатҳои ҳимояи ҳуқуқӣ, баррасии уҳдадориҳои ҳуқуқӣ алоқаманд бошад. Инчунин ҳангоми рух додани ин ё он ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби шахрванд, ки дар натиҷа имконияти маҳдуд намудани баъзе ҳуқуқҳои тарафи гунаҳгор дар доираи муқаррароти қонун ҷой дорад, метавон дар бораи маҳдудсозӣ андеша кард»[155].

Мавқеи ба ин монандро В.И. Крусс иброз намуда, қайд менамояд, ки маҳдудияти конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ қисман сурат мегирад дар фарқият аз беэътибор намудани мундариҷаи онҳо, ки он аз ҷониби мақомоти татбиққунандаи меъёрҳои ҳуқуқии сатҳи дахлдор (қонуни федералӣ) амалӣ карда мешавад, мутаносибан арзишҳои зарурии конститутсиониро таъмин менамояд[156].

Дар ҳамин замина андешаи нисбатан ҷолибро И.Д. Ягофаров матраҳ намуда, иброз медорад, ки мафҳуми «маҳдуднамоии ҳуқуқ»-ро бояд ба ду маънӣ дарк намуд. Аввалан, маҳдудият фарогирандаи на ҳамаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шахрванд мебошад, балки он баъзе аз ҳуқуқҳои инсонро дар бар мегирад. Чунин ҳолат, яъне кам гардидани шумораи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки ба ӯ тааллуқ доранд, бо дарназардошти ҳолатҳои гуногуни объективӣ ва субъектӣ ба вуҷуд меоянд ва амалия аксар вақт нишон медиҳад, ки онҳо дорои хусусияти сиёсӣ мебошанд. Масалан, чунин ҳолат вақте ба вуҷуд меояд, ки дар кишвар ва ё ягон минтақаи он вазъияти фавқулода эълон карда мешавад. Дуюм, маҳдудият маънои маҳдуд кардани ҳаҷм ва (ё) мазмуни ҳуқуқу озодиҳои мушаххасро тавассути муқаррар намудани маҳдудиятҳои фазоӣ, доираи вақт, доираи одамон ва ё рафтори муайяни онҳоро ифода менамояд[157]. Ӯ баъдан ишора менамояд, ки «маҳдудиятҳои нисбатан муҳимтарин моҳияти худро дар Конститутсия

---

[154] Муфассал ниг.: Андреев Ю.Н. Ограничения в гражданском праве России. – СПб., 2011. – 400 с.
[155] Андреев Ю.Н. Ограничения в гражданском праве России. – СПб., 2011. – С. 192.
[156] Ниг.: Крусс В.И. Теория конституционного правопользования. – М., 2007. – С. 228, 244.
[157] Ниг.: Ягофарова И.Д. Основные характеристики ограничения прав и свобод человека: теоретико-правовой аспект / И.Д. Ягофарова // Академический юридический журнал. – 2002. – №4 (10). – С. 10.

пайдо намудаанд ва дар он қайд мегардад, ки амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд набояд ба амалишавии ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон монеа эҷод намояд. Яъне, шахс метавонад ҳуқуқҳои худро то он андозае истифода намояд, ки ҳуқуқҳои нафари дигар поймол нагардад»[158].

Дар адабиёти илмии ватанӣ ба масъалаи маҳдуд намудани ҳуқуқи инсон аҳаммияти зарурӣ сафарбар карда нашудааст. Бо таҳлил намудани адабиёти ватанӣ метавон ба хулоса омад, ки аксарияти олимони ватанӣ ҷонибдори маҳдуд намудани ҳуқуқи инсон буда, чунин ҳолатро барои амалисозии ҳуқуқи инсон зарур арзёбӣ менамоянд. Аз ҷумла, А.М. Диноршоҳ қайд менамояд, ки «маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ваоситаи зарурӣ, муҳим, талаботи маънавӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки барои таъмини гуманизм, ҳамдигарфаҳмӣ ва нигоҳ доштани маҳдудиятҳои озодиҳои мардум пешбинӣ шудаанд. Онҳо барои муайян кардани сарҳади муносибатҳои байни шахс, ҷомеа ва давлат бо мақсади пешгирии ҳолатҳои низоъ таҳия шудаанд»[159]. А.И. Имомов масъалаи мазкурро бо дарназардошти маҳдуд намудани ҳуқуқи инсон дар вазъияти фавқулода баррасӣ намуда, зикр менамояд, ки «вазъияти фавқулода ногузир ба ҳолати ҳуқуқии шахс таъсир мерасонад ва ба маҳдудиятҳои зиёд дучор мегардонад, вале ин чораҳо муваққатӣ буда, барои манфиатҳои аҳли ҷомеа ва инкишофи давлат ҷорӣ карда мешавад ва риояи талаботи қонун барои ба зудӣ мӯътадил шудани вазъият ва барқарор шудани низоми муқаррарии талаботи ҷамъиятӣ кумак мерасонад»[160]. Дар байни олимони ватанӣ А.Х. Юсуфзода масъалаи мазкурро нисбатан васеътар баррасӣ намуда, ба мисли аксарияти олимони рус, маҳдуд намудани ҳуқуқи инсонро дар доираи ду маъно шарҳ медиҳад. Якум, маҳдудият дар худ маҳдуд намудани баъзе аз ҳуқуқҳои инсонро аз маҷмуи ҳуқуқҳое, ки ба ӯ тааллуқ доранд, ҷой додааст. Чунин ҳолат, яъне кам гардидани шумораи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки ба ӯ тааллуқ доранд, бо дарназардошти ҳолатҳои гуногуни объективӣ ва субъектӣ ба вуҷуд меоянд ва амалия аксар вақт нишон медиҳад, ки онҳо дорои хусусияти сиёсӣ мебошанд. Масалан, чунин ҳолат вақте ба вуҷуд меояд, ки дар кишвар ва ё ягон минтақаи он фазъияти фавқулода эълон карда мешавад. Дуюм, маҳдудият маънои маҳдуд намудани ҳаҷм ва (ё) мазмуни ҳуқуқу озодиҳои мушаххасро тавассути муқаррар намудани маҳдудиятҳои фазоӣ, доираи вақт, доираи одамон ва ё рафтори муайяни онҳоро ифода менамояд. Чунин маҳдудият дар доираи як зумра қонунҳо аз ҷумла (ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ғ.) муайян карда шудаанд[161].

Бо ба инобат гирифтани андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ мо мехоҳем нуқтаи назари худро доир ба масъалаи баррасишаванда матраҳ

---

[158] Ягофарова И.Д. Основные характеристики ограничения прав и свобод человека: теоретико-правовой аспект / И.Д. Ягофарова // Академический юридический журнал. – 2002. – №4 (10). – С. 9-10.

[159] Диноршоев А.М. Реализация конституционных прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015. – С. 62.

[160] Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2017. – С. 380.

[161]Ниг.: Юсуфов А.Х. Конституционно-правовые основы ограничения прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан в условиях чрезвычайного положения: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2014. – 224 с.

намоем. Якум, вақте сухан дар бораи маҳдуд намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд меравад, набояд онро ҳамчун ҳолати бекор кардани вазъи ҳуқуқии инсон маънидод намуд. Дар конститутсияи аксарияти давлатҳои дунё, алалхусус Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёре ҷой дорад, ки дар доираи он инсон ба сифати арзиши олӣ шинохта шудааст ва ба ҳуқуқу озодиҳои шахс хусусияти ҷудонопазирӣ зам шудааст. Олимони ватанӣ ва хориҷӣ ҷудонопазирии ҳуқуқи инсонро ҳамчун кафолати маҳдуд намудани ҳокимияти давлат маънидод намудаанд[162]. Ба ибораи дигар, ҳуқуқи инсон аз ҷониби давлат дода намешавад, балки бо таваллуд шудани шахс ӯ соҳиби ҳуқуқ мегардад. Принсипи ҷудонопазирӣ ду маъноро дорост: давлат ҳуқуқ надорад бидуни асосҳои зарурӣ ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии шахсро беэътибор ё маҳдуд намояд ва шахс наметавонад аз уҳдаи иҷрои ҳуқуқҳояш худдорӣ кунад[163]. Ҳамин тариқ, маънидод намудани маҳдуднамоии ҳуқуқи инсон ҳамчун ҳолати бекор кардани вазъи ҳуқуқии шахс аз нигоҳи мо, ғайриқобили қабул мебошад, зеро истилоҳи «бекор кардан» маънои хориҷнамоӣ ва аз байн бурдани ягон зуҳуротро дорад ва дар ҳолати ҳуқуқи инсон, бекор кардани ҳуқуқи инсон принсипи асосиеро вайрон менамояд, ки дар доираи он низоми ҳуқуқи инсон сохта шудааст, яъне принсипи ҷудонопазирии ҳуқуқи инсон. Аз ин рӯ, конститутсияи аксарияти давлатҳо муқаррароторо пешбинӣ менамоянд, ки дар доираи он қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки барои бекор ва ё кам намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона гардидаанд, иҷозат дода намешавад. Ба масъалаи мазкур Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати махсус зоҳир намудааст. Дар қарори худ аз рӯйи дархости шаҳрванд Тураев М.М. «Дар бораи муайян намудани мутобиқати банди 4 Қоидаҳои гузаронидани аттестатсия ва бақайдгирии намояндагони патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2009, таҳти №25 ва тағйирот ба он аз 25 сентябри соли 2012, таҳти №92 воридкардашуда ба қисми 2 моддаи 12 ва қисмҳои 1 ва 2 моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намудааст, ки «ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд, танҳо дар асоси муқаррароти Конститутсия метавонанд маҳдуд карда шаванд»[164].

Дар ҳамин замина, муқаррароти Конститутсияро оид ба маҳдуд намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, набояд ҳамчун ҳолати бекор кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон маънидод намуд.

Дуюм, аксари муаллифоне, ки дар бораи маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон ҳамчун ҳолати бекор кардани вазъи ҳуқуқии инсон сухан меронанд, барои исботи гуфтаҳои худ аз муқаррароти Конститутсия ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ далел меоранд, ки дар ҳолатҳои муайян ва ё махсус имконияти маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои инсонро пешбинӣ намудаанд

---

[162]Ниг.: Диноршоев А.М. Реализация конституционных прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015. – С. 63.

[163]Ниг.: Диноршоев А.М. Реализация конституционных прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015. – С. 63-64; Холикзода А.Г., Маджидзода Дж.З., Одиназода Р.С. Права человека и конституционно-правовое развитие Таджикистана. – Душанбе, 2019. – 448 с.

[164] Қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. – С. 1 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://constcourt.tj/qarorho/%d2%9baror-az-r%d1%9ei-darhosti-sha%d2%b3rvand-turaev-m-m/) (санаи мурочиат: 21.11.2022).

(масалан, дар ибтидои соли 2020, ҳангоми ҷорӣ намудани карантин дар бештари кишварҳои ҷаҳон бинобар сабаби паҳншавии коронавирус). Дар чунин ҳолат, ба андешаи онҳо, бо мақсади таъмин намудани тамомият, нигоҳ доштани ҳолати конститутсионии худ, зарур аст то маҳдудиятҳои қонунан муайяншударо дар муносибатҳои муайяни иҷтимоӣ ҷорӣ намуд. Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки дар лаҳзаи маҳдудкунии ҳуқуқи субъективии шахсе, ки мавқеи конститутсионии худро гум накардааст, ҳуқуқ ё ваколатҳои муайяни ӯ муваққатан боз дошта мешавад.

Воқеан, ҷараёни амалисозии маҳдудиятҳо оид ба ҳуқуқи инсон дар вазъияти фавқулода аз маҳдудиятҳо нисбат ба ҳуқуқҳои дар замони мУътадил вуҷуддошта фарқ мекунад[165]. Аммо, ҳатто дар давраи вазъияти фавқулода татбиқи ҳуқуқи инсон боздошта мешавад, вале бекор карда намешавад. Аз ин рӯ, аз нигоҳи мо, мафҳуми «маҳдудкунии ҳуқуқ» ва «даст кашидани давлат аз уҳдадориҳои худ» дар шароити низоми махсус, ки дар санадҳои ҳуқуқи байналмилалиӣ пешбинӣ шудаанд, бояд ҳамчун боздоштани муваққатии татбиқи ҳуқуқи инсон маънидод карда шаванд. Дар ин замина, онҳо танзими ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқии худро нигоҳ медоранд.

Сеюм, мо ба мавқеи муаллифоне, ки маҳдуд кардани ҳуқуқи инсонро аз нигоҳи арзишҳои конститутсионӣ ва ҳифзи онҳо маънидод менамоянд, пурра розӣ шуда наметавонем. Воқеан, ҳуқуқи инсон арзиши муҳимтарини конститутсионӣ ба ҳисоб меравад, аммо дар баробари ин дигар арзишҳои конститутсионӣ ҷой доранд, ки пояҳои давлатро ташкил медиҳанд. Н.А. Тоҳирова иброз менамояд, ки «арзишҳои конститутсионӣ маҷмуи андеша, назар, анъана, дарк ва урфу одатҳое мебошанд, ки дар ҷомеаи муайян ташаккул ёфтаву дар асоси онҳо давлат ва сиёсати он инкишоф ёфтааст. Инчунин, ин арзишҳо доираи васеи муносибатҳоеро фаро мегиранд, ки дар ҷомеаи муайян инкишоф меёбанд – сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, оилавӣ, мазҳабӣ ва ғ. ва дар айни замон асосҳои бунёдӣ мебошанд, ки бунёди низоми давлат аз онҳо вобаста мебошад»[166]. Дар ин ҳолат, сухан на дар бораи «арзишҳои муайяни конститутсионӣ», балки дар бораи тамоми арзишҳои конститутсионӣ бидуни истисно меравад. Илова бар ин, истифодаи истилоҳи «ҳимоя» ба мо имконият медиҳад то муайян намоем, ки ин арзишҳои конститутсионӣ, аллакай, вайрон карда шудаанд. Дар ҳоле ки ҳуқуқу озодиҳои инсон дар шароит, масалан, дар низомҳои махсуси ҳуқуқӣ, тавре ки мо қаблан гуфта гузаштем, бо мақсади пешгирӣ боз дошта мешаванд, вале поймол карда намешаванд.

Барои муайян намудани мафҳуми «маҳдудкунии ҳуқуқи инсон» лозим аст то хусусиятҳои зуҳуроти мазкурро муайян намоем, зеро дар аксар маврид моҳияти ҳуқуқии маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон дар заминаи онҳо муайян карда мешавад. В.М. Сирих қайд менамояд, ки «додани таърифи мафҳуми муайян, аз ҷумла мафҳуми ҳуқуқӣ, маънои муайян намудани маҷмуи хусусиятҳоест, ки моҳияти мафҳуми мазкурро бозгӯӣ

[165] Масъалаи мазкур дар боби ояндаи рисола матраҳ мешавад.
[166] Тохирова Н.А. Права человека как правовые и социальные ценности общества: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2020. – 195 с.

менамоянд»[167]. Мафҳуми ҳуқуқӣ бояд аломатҳои мавҷудбуда, аввалиндараҷа ва зарурии зуҳуроти ҳуқуқиро фаро гирад; аломатҳои мавҷуднабуда ва дуюминдараҷа бояд ҷой дода нашаванд[168]. Ҳамин тавр, барои муайян кардани мафҳуми «маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд» лозим аст, ки муҳимтарин хусусиятҳои ин падидаи ҳуқуқиро нишон дод. Е.Ш. Рассолава дар кори худ зикр менамояд, ки «муайян намудани аломатҳои ҳуқуқии маҳдуд намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз бисёр ҷиҳат муҳим мебошад. Якум, нишон додани аломатҳои ҳуқуқии маҳдудкунӣ дар меъёри қонун ва истифодаи онҳо дар раванди ҳуқуқтатбиққунӣ, ба мо имкон медиҳад то аҳаммият ва зарурияти татбиқи онҳоро дар давлати ҳуқуқбунёди демократӣ баҳогузорӣ намоем. Дуюм, муайян намудани зарурат ва аҳаммияти маҳдуднамоӣ имкон медиҳад то баҳри пешгирӣ намудани поймолкунии ҳуқуқи инсон аз ҷониби мақомоти давлатӣ замина гузошт. Сеюм, муайян кардани аломатҳои қонунӣ будани маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд имкон медиҳад, ки хусусияти ғайриконститутсионии ҳавасмандиҳои дахлдори истифодабарандаи ҳуқуқ, манфиатҳои ӯ барои ба даст овардани имтиёзҳое, ки бо мазмуни ҳуқуқ (озодӣ) муайян шудаанд, хилофи моҳият (хусусият)-и талаботи конститутсионӣ барои истифода муқаррар карда шавад. Чорум, аломатҳо имкон медиҳанд, ки ҷанбаҳои асосии маҳдудият ҳамчун зуҳуроти ҳуқуқӣ ва моҳияти дохилии онҳо ошкор карда шавад»[169].

Оид ба масъалаи мазкур дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ назари ягона вуҷуд надорад. Бештар маврид, муаллифоне, ки аломатҳои қонунӣ будани маҳдудиятҳоро муайян менамоянд, дар бораи нишондиҳандаҳои муайянкунандаи дараҷаи маҳдудиятҳо ҳарф мезананд. Масалан, В.А. Толстик иброз медорад, ки ба сифати ин нишондиҳандаҳо принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқ баромад менамоянд, зеро дар аксар маврид мақомоти қонунгузор ва кормандони ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта оид ба маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон онҳоро ба роҳбарӣ мегиранд[170].

Гуруҳи дигари муаллифон ба сифати аломатҳо, асосҳои маҳдуднамоӣ, ҳудуди ҳуқуқи мақомоти дахлдор барои маҳдуднамоӣ, шарти истифодаи маҷбурсозӣ, ҳудуди имконпазири маҳдудият ва ғайраро номбар менамоянд.

Ҳамин тавр, А.А. Подмарев ба сифати аломатҳои маҳдуд намудани ҳуқуқи инсон инҳоро дохил менамояд:

1) маҳдудият ҳудуди муқаррарнамудани озодии инсон, чаҳорчӯба, сарҳади фаъолият, ҳуқуқ ва озодиҳои шахс мебошад;

2) маҳдудият бо мақсади муайян ҷорӣ карда мешавад;

---

[167] Сырых В.М. История и методология юридической науки: учебник. – М.: Норма: ИНФРА-М, 2012. – С. 292.

[168] Ниг.: Керимов Д.А. Методология права: Предмет, функции, проблемы философии права. – 6-е изд. – М.: Изд-во СГУ, 2011. – С. 159-160.

[169] Рассолова Е.Ш. Ограничения прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации: конституционно-правовое исследование: дис. … канд. юрид. наук. – Уфа, 2009. – 196 с.

[170] Ниг.: Толстик В.А. Противоречия в понимании и практике ограничения прав и свобод человека и гражданина / В.А. Толстик // Теория и практика ограничения прав человека по российскому законодательству и международному праву: Сборник научных трудов. – Ч. 1. – С. 162.

3) андозаи маҳдудият, яъне ҳуқуқу озодиҳо танҳо то ҳадди имконпазир маҳдуд карда мешаванд;

4) талаботи конститутсионии шакли муайяни ҳуқуқии инъикоснамоии маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодӣ. Чунин шакл, шакли қонунӣ мебошад[171].

Мавқеи ба ин монандро В.С. Устинов иброз намуда, ба сифати аломатҳои маҳдуднамоӣ мақсад (таъмини эътироф ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигар шаҳрвандон ва иҷро намудани талаботи одилонаи ахлоқӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, беҳбудии умумӣ дар ҷомеаи демократӣ), қонунияти маҳдуднамоӣ (ҷорӣ намудани маҳдудият танҳо дар асоси қонун) ва зарурати маҳдудиятро ҷудо менамояд[172].

Аз нигоҳи мо, мавқеъҳои матраҳгардида аломати маҳдудкунии ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро бозгӯӣ карда наметавонанд, балки онҳо моҳияти унсурҳои таркибии ин падидаи ҳуқуқӣ мебошанд. Муайян намудани мақсади маҳдудият, андозаи он ва танзими ҳуқуқии маҳдудият аз нигоҳи мо низоми зуҳуроти мазкурро равшан менамоянд. Аломатҳо бояд сифатҳои ба худ хос дошта бошанд, ки танҳо ба падидаи ҳуқуқии мазкур мутааллиқанд. Дар ин замина, мавқеи Ю.А. Дмитриев ба мо наздиктар мебошад ва ӯ аломатҳои зерини маҳдуднамоии ҳуқуқиро пешниҳод намудааст:

– алоқамандӣ бо шароити номусоид (таҳдид ва ё аз байн бурдани арзишҳои муайян) барои татбиқи манфиатҳои шахсии субъект, зеро онҳо ба маҳдуд кардани чунин манфиатҳо нигаронида шудаанд ва дар як вақт манфиатҳои тарафи дигарро низ ба инобат мегирад ва баҳри ҳифзу ҳимояи ҳуқуқи инсон ва манфиатҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудаанд;

– аз кам гардидани ҳаҷми имкониятҳо, озодӣ ва ҳуқуқҳои шахсӣ дарак медиҳанд, ки бо ёрии уҳдадориҳо, маънкуниҳо, ҷазоҳо, боздоштҳо ва ғ. амалӣ карда мешаванд, инчунин гуногунии рафтори субъектҳоро то ҳолати муайян ба бор меоваранд;

– ангезаи манфии ҳуқуқро дар худ нишон медиҳанд;

– ба ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ нигаронида шуда, вазифаи муҳофизатиро иҷро мекунанд;

– барои кам гардидани фаъолияти манфӣ кумак мерасонанд[173].

Бо дарназардошти мавқеъҳои қаблӣ ва баррасии андешаҳои матраҳшуда, мо аломатҳои зерини маҳдуд намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро манзур менамоем.

Якум, ин маҳдудият оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ ва воқеиро дар шакли шароити номусоиди татбиқи манфиатҳои қонунии субъектон ба вуҷуд меорад, ки ҳуқуқ ва озодиҳои онҳо ҳангоми қонеъ кардани манфиатҳои қонунӣ ва ё эҳтиёҷоти худи субъект ё ин ки манфиатҳо ва ниёзҳои шахси сеюм маҳдуд карда мешаванд, ба ҷорӣ кардани чунин маҳдудиятҳо

---

171 Ниг.: Подмарев А.А. Конституционные основы ограничения прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2001. – С. 38.

172 Ниг.: Устинов В.С. Основания и критерии ограничения прав и свобод личности в законодательстве и теории / В.С. Устинов // Теория и практика ограничения прав человека по Российскому законодательству и международному праву. – Ч. 1. – Н. Новгород, 1998. – С. 105.

173 Ниг.: Дмитриев Ю.А. Правовое положение человека и гражданина в Российской Федерации. – М., 1992. – С. 59.

манфиатдоранд.

Дуюм, маҳдудият дар худ ё ҳолати кам кардани озодиҳо (яъне, озодиҳои аз ҷониби меъёрҳои ҳуқуқӣ иҷозатдодашуда) ва ё муваққатан боз доштани онҳоро ҷой додааст.

Сеюм, чунин камнамоӣ ҳамеша маҳдудиятҳои фазоӣ (ҳудудӣ), муваққатӣ ва субъективӣ (дар доираи одамон)-ро, ки бо меъёрҳои ҳуқуқ (қонун) муқаррар шудаанд, доро мебошад.

Чорум, маҳдуднамоии қонунӣ танҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ бо роҳи муқаррарнамудаи қонун ва бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳои қонунӣ анҷом дода мешавад.

Панҷум, маҳдудиятҳо тавассути маҷбуркунии давлатӣ ба субъектони вайронкунандаи қоидаҳои муқарраршуда анҷом дода мешавад.

Дар асоси таҳлили анҷомпазируфта мо метавонем чунин мафҳуми маҳдуд кардани ҳуқуқи инсонро манзур созем, маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон – ин шартҳое мебошанд, ки барои кам кардани номгӯйи интихоби рафтори қонунии иҷозатдодашудаи шахс, ки дар меъёрҳои конститутсионӣ дарҷ ёфтаанд, равона гардида, тавассути муайян кардани маҳдудият ва сарҳадҳои гуногун (дар шароити муътадил) ё муваққатан боз доштани имкони татбиқи ҳуқуқи инсон дар шароити вазъияти фавқулода ё низоми махсус анҷом дода мешаванд.

**Адабиёт:**


1. Улыбина Т. Понятие и классификация субъективных прав и свобод и способы их ограничения / Т. Улыбина // Право и жизнь. Независимый правовой журнал. – 2006. – №99. – С. 48-69.
2. Диноршоев А.М., Сафаров Б.А. Формирование идей прав человека в Таджикистане: история и современность: монография. – Волгоград: Изд-во Волгоградского филиала ФГБОУ ВПО РАНХиГС, 2014. – 300 с.
3. Сафарзода Б.А. Международные стандарты в области прав человека: История и современность / Отв. ред. [Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе, 2016. – 345 с.
4. Саидов И.И. Развитие личных и политических прав человека в Таджикистане: историко-правовой и общетеоретический анализ: дис. … канд. юрид наук. – Душанбе, 2015. – 209 с.
5. Диноршоев А.М. Реализация конституционных прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан. – Душанбе: Голд-принт, 2015. – 184 с.
6. Рахмон Д.С. Права человека в условиях глобализации: теоретические и методологические проблемы. – Душанбе, 2019. – 376 с.
7. Баглай М.В. Дорога к свободе. – М., 1994. – С. 285, 290.
8. Маковецкая М.Г. Понятие правовых ограничений прав и свобод человека / М.Г. Маковецкая // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. – 2012. – №6 (1). – С. 233-237.
9. Гасанов К.К. Конституционный механизм основных прав человека: моногр. – М.: ЮНИТИ-ДАНА: Закон и право, 2004. – С. 185.

10. Сативалдыев Р.Ш. Теория государства и права: учебник для вузов. – Душанбе: Империал-групп, 2014. – С. 556.

11. Салохидинова С.М. Право на предпринимательскую деятельность в конституционном праве: дис. … канд. юрид наук. – М., 2016. – С. 124.

12. Агеев В.Н. Конституционные ограничения основных прав и свобод личности в Российской Федерации (теория, история, практика): дис. ... канд. юрид. наук. – Казань, 2006. – 219 с.

13. Хессе К. Основы конституционного права ФРГ / Под ред. Н.А. Сидорова. – М., 1981. – С. 163.

14. Права человека. Сборник международных и национальных документов в 8 – ми томах. Т.1. / Под ред. Диноршоева А.М. – Душанбе, 2009. – 328 с.

15. Барбин В.В. Конституционно-правовые основания ограничения основных прав и свобод человека и гражданина и их реализация в деятельности органов внутренних дел: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2003. – С. 28.

16. Ашихмина А.В. Конституционно-правовой механизм ограничения прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Волгоград, 2009. – С. 52.

17. Малько А.В. Правовые ограничения: от отраслевого понимания к теоретическому / А.В. Малько // Правоведение. – 1993. – №5. – С. 97-99.

18. Малько А.В. Стимулы и ограничения в праве. – М.: Юристъ, 2004. – С. 59.

19. Ильин И.А. Общее учение о праве и государстве (фрагменты) / И.А. Ильин // Правоведение. – 1992. – №3. – С. 96.

20. Квитко А.Ф. Конституционно-правовые основы ограничения прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2007. – С. 13.

21. Андреев Ю. Н. Ограничения в гражданском праве России. – СПб., 2011. – 400 с.

22. Алексеев С.С. Восхождение к праву. Поиски и решения: монография. – М., 2001. – С. 673-674.

23. Червонюк (Гойман) В.И. Принципы, пределы, основания ограничения прав и свобод человека по российскому законодательству и международному праву / В.И. Червонюк (Гойман) // Государство и право. – 1998. – №7. – С. 26, 36; – №8. – С. 52.

24. Морозова Л.А. Принципы, пределы, основания ограничения прав и свобод человека по российскому законодательству и международному праву (Материалы «круглого стола») (Начало) / Л.А. Морозова // Государство и право. – 1998. – №7. – С. 36.

25. Эбзеев Б.С. Ограничения конституционных прав и свобод: способы и допустимые Конституцией РФ пределы / Конституционные права и свободы человека и гражданина в Российской Федерации. Учебник для вузов / Под ред. О.И. Тиунова. – М., 2005. – С. 309.

26. Андреев Ю.Н. Ограничения в гражданском праве России. – СПб., 2011. – 400 с.

27. Крусс В.И. Теория конституционного правопользования. – М., 2007. – С. 228, 244.

28. Ягофарова И.Д. Основные характеристики ограничения прав и свобод человека: теоретико-правовой аспект / И.Д. Ягофарова // Академический юридический журнал. – 2002. – №4 (10). – С. 10.

29. Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2017. – С. 380.

30. Юсуфов А.Х. Конституционно-правовые основы ограничения прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан в условиях чрезвычайного положения: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2014. – 224 с.

31. Қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. – С. 1 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://constcourt.tj/qarorho/%d2%9baror-az-r%d1%9ei-darhosti-sha%d2%b3rvand-turaev-m-m/) (санаи мурочиат: 21.11.2022).

32. Тохирова Н.А. Права человека как правовые и социальные ценности общества: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2020. – 195 с.

33. Сырых В.М. История и методология юридической науки: учебник. – М.: Норма: ИНФРА-М, 2012. – С. 292.

34. Керимов Д.А. Методология права: Предмет, функции, проблемы философии права. – 6-е изд. – М.: Изд-во СГУ, 2011. – С. 159-160.

35. Рассолова Е.Ш. Ограничения прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации: конституционно-правовое исследование: дис. … канд. юрид. наук. – Уфа, 2009. – 196 с.

36. олстик В.А. Противоречия в понимании и практике ограничения прав и свобод человека и гражданина / В.А. Толстик // Теория и практика ограничения прав человека по российскому законодательству и международному праву: Сборник научных трудов. – Ч. 1. – С. 162.

37. Подмарев А.А. Конституционные основы ограничения прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2001. – С. 38.

38. Устинов В.С. Основания и критерии ограничения прав и свобод личности в законодательстве и теории / В.С. Устинов // Теория и практика ограничения прав человека по Российскому законодательству и международному праву. – Ч. 1. – Н. Новгород, 1998. – С. 105.

39. Дмитриев Ю.А. Правовое положение человека и гражданина в Российской Федерации. – М., 1992. – С. 59.

**Мақола дар редаксия ворид шуд**: 21.04.2025
**Аз тақриз баргашт: 09.06.2025**
**Ба чоп тавсия шуд: 16.06.2025**

# НАҚШИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ МИЛЛӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ҲИМОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ШАХСОНИ МАЪЮБ

**Исматова Моҳира Ҳусейналиевна,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,факултети ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ.
**Тел.:** (992) 55-554-76-47
**E- mail:** ismatova-m@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақола мавқеи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, ки ҳуқуқу озодиҳои шахсони маъюбро кафолат додаанд баррасӣ карда шудааст. Дар танзими ҳуқуқии ҳимояи шахсони маъюб накши муҳимро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон мебозад. Инчунин, дар мақола аҳаммияти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дида баромада шуда, бевосита роҳу усулҳо ва шарту шароити расонидани кӯмаки иҷтимоиро ба шахсони маъюб муайян мекунанд ва ба онҳо барои рушди инфиродӣ, амалӣ намудани имконияту қобилиятҳои эҷодию истеҳсолӣ бо дарназардошти талаботи онҳо дар барномаҳои дахлдори давлатӣ, расонидани кӯмаки иҷтимоӣ дар шаклҳои пешбининамудаи қонун бо мақсади рафъи монеаҳо дар татбиқи ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ, меҳнат, маълумот ва омодагии касбӣ ва дигар ҳуқуқи иҷтимоиву иқтисодиашон шароити зарурӣ фароҳам меорад.

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, конвенсия, қонун, санадҳои зерқонунӣ, шахсони маъюб,ҳимоя, ҳуқуқи инсон, ҷомеаи инсонӣ, фард, танзими ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, маҳдудият, муносибатҳои ҷамъиятӣ.

# РОЛЬ НАЦИОНАЛЬНЫХ И МЕЖДУНАРОДНЫХ НОРМАТИВНЫХ ПРАВОВЫХ АКТОВ В ЗАЩИТЕ ПРАВ И СВОБОД ИНВАЛИДОВ

**Исматова Мохира Хусейналиевна**,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, старший преподаватель кафедры прав человека и сравнительного правоведение.
**Тел.:** (992) 55-554-76-47
**Email**: ismatova-m@mail.ru

**Аннотация:** В статье рассматривается положение национальных и международных нормативных правовых актов, гарантирующих права и свободы инвалидов. Важную роль в правовом регулировании защиты

инвалидов играет Конституция Республики Таджикистан и Конвенция о правах инвалидов. Кроме того, в статье рассматривается важность нормативно-правовых актов, непосредственно определяющих пути, методы и условия оказания социальной помощи инвалидам и предоставляющих им возможности для индивидуального развития, реализации творческих и производственных возможностей с учетом их требований в соответствующих государственных программах, оказания социальной помощи в формах, предусмотренных законом, с целью устранения препятствий на пути реализации права на охрану здоровья, труда, образования и профессиональной подготовки и других прав инвалидов их социально-экономические условия создают необходимые условия.

**Ключевые слова:** Конституция, конвенция, закон, подзаконные акты, инвалиды, защита, права человека, человеческое общество, личность, правовое регулирование, правовые отношения, правовые нормы, ограничения, отношения общественность.

## THE ROLE OF NATIONAL AND INTERNATIONAL NORMATIVE LEGAL ACTS IN PROTECTING THE RIGHTS AND FREEDOMS OF PERSONS WITH DISABILITIES

**Ismatova Mohira Huseunalievna,**
Tajik National University, Faculty of Law, Senior lecturer of the Department of Human Rights and Comparative Law.
**Phone:** (992) 55-554-76-47
**Email:** ismatova-m@mail.ru

**Annotation:** The article outlines the position of national and international normative legal acts that the rights and freedoms of persons with disabilities were guaranteed. An important role in the legal regulation of the protection of persons with disabilities is played by The Constitution of the Republic of Tajikistan and the Convention on the rights of persons with disabilities are playing. The article also examines the importance of regulatory legal acts and, in turn, helped and supported each other, and helped each other, and helped each other, and helped each other. for people with disabilities and help them develop individual, the realization of creative and productive opportunities, taking into account their requirements in relevant state programs, the provision of social assistance in the forms prescribed by law in order to eliminate obstacles to the realization of the right to health, labor, education and training, and other socio-economic rights have the necessary conditions.

**Keywords:** Constitution, Convention, law, by-laws, persons with disabilities, protection, human rights, human society, personality, legal regulation, legal relations, legal norms, restrictions, public relations.

Вазъи ҳуқуқии шахсони маъюб дар санадҳои байналхалқӣ ва миллӣ кафолат дода шудааст. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври

дахлдор ҳолати ҳуқуқӣ ва номгӯи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсони маъюбро муайян намудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ баъди соҳибистиқлол гаштан як қатор стратегия ва ҳуҷҷатҳои муҳиммеро вобаста ба дастгирии ҳуқуқии шахсони маъюб ба тасвиб расонидааст. Ин пеш аз ҳама Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», «Консепсияи давлатии таҳсилоти фарогир барои солҳои 2011-2015», «Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020», «Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020», ба тасвиб расонидани ҳуҷҷат «Оид ба баёнияи мавқеъ нисбати маъюбон барои солҳои 2014-2019», бо номи «Саломатии беҳтар барои маъюбон бо мақсади бунёди ҷомеаи фарогир дар Тоҷикистон», ба имзо расонидани «Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон» аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи санадҳои муҳимму саривақтӣ баҳри дастгириву пуштибонии ин қишри осебпазири ҷомеа мебошанд.

Дар қисми 3 моддаи 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки «давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд»[174]. Бояд зикр намуд, ки моддаи мазкур уҳдадории давлатро оид ба ҳифзи кӯдакони ятиму маъюб ва зоҳир намудани ғамхорӣ дар мавриди таълиму тарбияи онҳо муқаррар мекунад. Ҳифзи иҷтимоии кӯдакони маъюб маънои онро дорад, ки давлат сиёсати инсонпарварона дошта, афзалияти арзишҳои умумиинсониро дар риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон эътироф менамояд.

Инчунин дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи ин муқаррароти конститутсионӣ санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие низ амал мекунанд, ки бевосита роҳу усулҳо ва шарту шароити расонидани кӯмаки иҷтимоиро ба кӯдакони маъюб муайян мекунанд. Масалан, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимояи иҷтимоии кӯдакони маъюбро таъмин намуда, ба онҳо барои рушди инфиродӣ, амалӣ намудани имконияту қобилиятҳои эҷодию истеҳсолӣ бо дарназардошти талаботи онҳо дар барномаҳои дахлдори давлатӣ, расонидани кӯмаки иҷтимоӣ дар шаклҳои пешбининамудаи қонун бо мақсади рафъи монеаҳо дар татбиқи ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ, меҳнат, маълумот ва омодагии касбӣ ва дигар ҳуқуқи иҷтимоиву иқтисодиашон шароити зарурӣ фароҳам меорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони маъюб барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуниашон кафолатҳои иловагӣ муққаррар намуда, дар ҳаққи кӯдакони маъюб ғамхории махсус зоҳир мекунад[175].

Ҳамзамон, дар ҷумҳурӣ барои шахсони маъюб дар гирифтани маълумот ва касбомӯзии онҳо шароити зарурӣ кафолат дода мешавад.

---

[174] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳои 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе, 2016.

[175] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» аз 29 декабри соли 2010// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adliya.tj.

Чунончӣ, бо мақсади фароҳам овардани имконияти бештар барои тарбияи томактабии кӯдакони маъюб ва ба онҳо расонидани кӯмаки зарурии тавонбахшӣ дар муассисаҳои кӯдаконаи томактабии умумӣ барои будубоши кӯдакони маъюб шароит муҳайё карда мешавад. Ба кӯдакони маъюбе, ки вазъи саломатиашон барои гирифтани тарбия дар муассисаҳои томактабии умумӣ имконият намедиҳад, муассисаҳои махсуси томактабӣ таъсис дода мешаванд (моддаи 18 қонуни зикргардида). Ба ғайр аз, ин кӯдакони маъюб дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ҳангоми зарурат бо воситаҳои махсуси техникӣ таҷҳизонида мешаванд ва инчунин дар муассисаҳои махсуси таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти умумӣ мегиранд (моддаи 19 қонуни зикргардида). Дар сурати мавҷуд набудани имконияти тарбия ва таълими кӯдакони маъюб дар муассисаҳои таълимӣ, тарбия ва таълими онҳо бо назардошти хоҳиши падару модарашон (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) дар хона ба роҳ монда мешавад. Таҳсилоти касбии маъюбон (ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии касбӣ) дар муассисаҳои таълимии умумӣ амалӣ гардонида мешавад. Барои маъюбоне, ки ба шароити махсуси таҳсилоти касбӣ эҳтиёҷ доранд, муассисаҳои махсуси таълимии касбии шаклу намудҳои гуногун ё дар муассисаҳои умумии таълимии касбӣ шароити мувофиқ фароҳам оварда мешавад. Маъюбони гурӯҳҳои I ва II, ки ба онҳо аз рӯи хулосаи ташхиси тиббию иҷтимоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ таҳсил намудан манъ карда нашудааст, ба муассисаҳои мазкур бидуни озмун бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд. Тайёрии касбӣ ва таҳсилоти касбии маъюбон дар муассисаҳои махсуси таълимии касбии маъюбон мутобиқи стандартҳои давлатии таълимӣ, дар асоси барномаҳои таълимие, ки барои омӯзонидани маъюбон мувофиқ гардонида шудаанд, сурат мегирад (моддаи 23 қонуни зикргардида).

Инчунин, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» давлат мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро барои таҳсил, тайёрии касбӣ, интихоби шуғли муносиб ва бо кор таъмин намудани кӯдакони маъюб бо назардошти вазъи саломатӣ, талабот ва имкониятҳояшон вазифадор намудааст то ин ки чорабиниҳои дахлдор андешанд[176].

Зикр намудан бо маврид аст, ки моддаи 45-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ба ҳуқуқи кӯдаки маъюб бахшида шудааст, ки тибқи ин модда кӯдаки маъюб ба ҳаёти мукаммал дар шароите, ки шаъну эътибори ӯро таъмин намуда, барои фаъолона шомил шудан ба ҳаёти ҷамъиятӣ ба ӯ мусоидат мекунад, бо кӯдакони солим ҳуқуқи баробар дорад. Бо мақсади ба кӯдаки маъюб таъмин намудани ҳаёти мукаммал ва мувофиқ ба шароите, ки мустақилияти пурра ва ҳамгироии

[176] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015// Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adliya.tj.

иҷтимоиро таъмин мекунад, ӯ вобаста ба қобилияти ҷисмонӣ ва зеҳнии худ ҳуқуқ дорад аз нигоҳубин, таҳсил ва тайёрии махсус бархӯрдор бошад. Кӯдаки маъюб ҳуқуқ дорад мувофиқи қобилияти худ намуди фаъолият ва касберо интихоб кунад, дар фаъолияти ҷамъиятӣ ва эҷодӣ иштирок намояд. Табъизи кӯдак бинобар маъюб буданаш манъ аст[177].

Тазаккур бояд дод, ки дар моддаи 22 – и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» таҳсилоти махсуси кӯдаконе кафолат дода шудааст, ки гирифтони иллати чисмонӣ ё равонӣ мебошанд. Барои кӯдаконе, ки ба табобати тӯлонӣ эҳтиёҷ доранд, муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии солимгардонии санаторӣ, мактабинтернатҳои санаторӣ, хонаҳои санатории кӯдакона ташкил карда мешаванд. Барои кӯдаконе, ки гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ мебошанд ва дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ имкони таҳсил карданро надоранд, муассисаҳои махсуси таҳсилоти умумӣ, мактаб-интернатҳо ва синфҳои махсус таъсис дода мешаванд. Муассисаҳои таълимии мазкур таълиму тарбия, табобат ва тавонбахшии тиббию иҷтимоии ин гуна кӯдаконро таъмин намуда, онҳоро ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ омода месозанд[178].

Яке аз дастовардҳои муҳимми байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон, ин эътироф намудани шахсони маъюб ҳамчун субъекти ба ҳимоя ва ғамхории махсус эҳтиёҷдошта ва эътироф намудани шахсони имконияти маҳдуд дошта ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Тазаккур бояд дод, ки мушкилоти шахсони маъюб муддати дароз боқӣ монданд ва аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ нодида гирифта шуда буданд[179].

Айни замон, ҷомеаи ҷаҳонӣ ва давлатҳои мустақил ҳуқуқҳои шахсони маъюбро эътироф карда як қатор стандартҳо, конвенсияҳо ва санадҳои зиёдро дар ин самт қабул намуданд, ки дар маҷмӯъ сарчашмаҳои ҳуқуқи шахсони маъюбро ташкил медиҳанд.

Тазаккур бояд дод, ки як қатор санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, махсусан шахсони маъюб бахшида шудааст. Ҳуқуқҳои шахсони маъюб дар санадҳои зерини байналмилалӣ мустаҳкам карда шудааст: Эъломия оид ба ҳуқуқҳои шахсони аз ақл ақибмонда (соли 1971), Эъломия оид ба ҳуқуқҳои маъюбон (соли 1975), қоидаҳои стандартии таъмини имкониятҳои баробар барои маъюбон (соли 1993), Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон (соли 2006) ва ғайраҳо.

Санади муҳим дар ин самт Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон мебошад, ки аз ҷониби Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид моҳи декабри соли 2006 қабул карда шудааст. Конвесияи мазкур якумин санади байналмилалиест, ки барои ҳимояи ҳуқуқҳои шахсон бо намудҳои

---

[177] Ҳамон ҷо.

[178] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adliya.tj.

[179] Яковлева, Е.Н. Поощрение и защита прав инвалидов в международном праве [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.10 / Яковлева Евгения Николаевна. – М., 2016. – 22 с.

гуногуни вайроншавии ҷисмонӣ, ақлӣ ва рӯҳӣ бахшида шудааст. Конвенсия аз 50 моддаи иборат буда, барои ҳимоя ва ҳавасмандгардонии ҳуқуқи маъюбон, бартараф намудани табъиб нисбат ба онҳо, таъмини ҳуқуқи онҳо ба меҳнат, тандурустӣ, таҳсил ва иштироки пурра дар ҳаёти ҷамъиятӣ, дастрасӣ ба адолати судӣ, дахлнопазирии шахсӣ, озодии ҳаракат ва ғайра равона карда шудааст.

Дар моддаҳои алоҳидаи Конвенсияи мазкур ҳолати ҳуқуқии кӯдакони маъюб, занони маъюб мустаҳкам карда шудааст. Конвенсия ҳолати махсуси осебпазириро, ки бештар кӯдакони маъюб дучор мешаванд, эътироф менамояд. Аз ин рӯ, Конвенсия давлатҳои иштирокчиро уҳдадор менамояд, ки тамоми чораҳои заруриро баҳри амалӣ намудани ҳуқуқҳои кӯдакон дар баробари дигарон андешанд.

Мақсади Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон аз ҷонибдорӣ, ҳимоя ва таъмин намудани татбиқи пурра ва баробари тамоми ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ аз ҷониби тамоми маъюбон ва инчунин тарафдорӣ кардани эҳтиромии қадру қимати ба онҳо хос иборат аст. Ба қатори маъюбон шахсони дорои нуқсони ҷисмонӣ, рӯҳӣ, зеҳнӣ ё ҳиссӣ дохил мешаванд, ки ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо монеаҳои мухталиф иштироки босамари онҳо дар баробари шахсони дигар дар ҳаёти ҷамъиятӣ халалдор мегардад.

Дар замони муосир ба сифати мавзуи мубрам дар ҳаёти ҷамъиятӣ ин масъалаи таъмин намудани ҳуқуқҳои шахсони маъюб, баромад мекунад. Асоси муҳимро барои муайян намудани стандартҳои асосӣ дар самти таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи шахсони маъюб санадҳои байналмилалӣ муҳайё месозад. Давлатҳои иштирокчие, ки ин санадҳоро имзо намудаанд, уҳдадоранд барои амалӣ намудан ва кафолат додани ҳуқуқҳои фардӣ ва коллективӣ вобаста ба шартҳои мушаххас шароит фароҳам оранд.

Мувофиқи моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд[180]. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр санадҳои байналмилалиро оид ба ҳуқуқи инсон, аз ҷумла Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбонро эътироф намудааст.

Дар радифи гуфтаҳои болозикр, принсипҳои амалишавии ҳуқуқи шахсони маъюб тибқи қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалиро зикр намудан ҷоиз аст. Ҳуқуқи шахсони маъюб низ дорои принсипҳои худ мебошад. Амалишавии принсипҳои ҳуқуқи шахсони маъюб барои инкишоф ва ҳимояи ҳуқуқҳои шахсони маъюб ва ояндаи дурахшони шахсони мазкур нақши муассир мебозад.

Принсипҳои шахсони маъюб асосҳои бунёдие мебошанд, ки ҳифзи иҷтимоии маъюбонро муайян мекунанд.

Принсипҳои асосии ҳуқуқи шахсони маъюб дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузорӣ таҷассуми худро ёфтаанд. Мутобиқи моддаи 5-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои

---

[180] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳои 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе, 2016.

ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд[181].

Аз моддаи мазкур бар меояд, ки инсон аҳаммияти махсусро дорост, зеро ҳамаи одамон новобаста аз маъюбӣ ё дигар омилҳо инсон ҳастанд ва эҳтиром намудани қадру манзалати ҳамаи онҳо арзиши баланди олӣ дорад. Ҳамзамон моддаи 17 – и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои баробарҳуқуқӣ ва манъи табъизро инъикос мекунад. Дар моддаи зикргардида дарҷ шудааст: «Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд ва давлат ба ҳар кас қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад»[182]. Бояд қайд намуд, ки дар замони муосир, яъне замоне, ки илму техника ва технология бо суръат боло рафтаистодааст, кафолат ва ҳифзу ҳимояи ҳуқуқи шахсони маъюб низ ҳамрадифи ин гуфтаҳо бояд пеш равад. Шахсони маъюб дар шароити имрӯза дар баробари шахсони солим ҳуқуқу озодиҳои баробар доранд.

Бисёр принсипҳои шахсони маъюб инъикоси худро дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёфтаанд. Масалан, тибқи моддаи 7 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамаи шаҳрвандон ба меҳнат ҳуқуқи баробар доранд. Ҳама гуна фарқиятгузорӣ, роҳ надодан, афзалият гузоштан ё рад кардан аз қабул ба кор қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ки баробарии имкониятро дар меҳнат халалдор мекунад, манъ аст[183].

Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои шахсони маъюбро таҳким бахшидааст. Принсипҳои шахсони маъюб дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалӣ пешбинӣ гардидаанд. Бояд зикр намуд, ки давлат ва мақомоти давлатӣ вазифадоранд, ки дар амали намудани ваколатҳои худ принсипҳои сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти ҳафзи иҷтимоии маъюбон риоя намоянд ва фаъолияти худро дар асоси принсипҳои зерин ба роҳ монанд:

- қонуният, инсондустӣ, риояи ҳуқуқи инсон;
- кафолати сатҳи зарурии ҳифзи иҷтимоӣ, таъмини дастрасии тавонбахши тиббӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ;
- дастрасӣ ва баробарҳуқуқии маъюбон дар баробари дигар шаҳрвандон ба ҳифзи саломатӣ, таҳсил, истироҳату саёҳат ва интихоби озоди намудҳои фаъолият, аз ҷумла фаъолияти меҳнатӣ;
- ҳамкории мақомоти давлатӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳое, дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии маъюбон фаъолият мекунанд;

---

[181] Ҳамон ҷо.

[182] Ҳамон ҷо

[183] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1329 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2016. – №7, мод. 604.

- манъи табъизи маъюбон.

Принсипи қонуният ин риояи дақиқ, якхела ва ҳатмии талаботи ҳуқуқ аз тарафи мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, ташкилотҳо ва шаҳрвандон мебошад. Асоси қонуният дар моддаи 10 Конститутсия ифода ёфтааст: «Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд».

Худи принсипи гуманизм – инсондӯстӣ низоми ақидаҳоест, ки инсонро чун арзиши олитарин дар рӯи замин эътироф мекунад. Бо идеалҳои гуманизм эҳтироми шаъну эътибори ҳар як одам, эътироф кардан, риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ҳар як шахсият пайвандии ногусастанӣ дорад.

Ҳамчунин, зери мафҳуми баробарҳуқуқӣ, яъне вазъи баробари ҳар кас дар назди қонун, ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои баробар кафолат дода мешавад, фаҳмида мешавад. Конститутсия ба ҳар як инсон имконияти баробари татбиқи ҳуқуқу озодиҳоро медиҳад, сатҳи истифодаи онҳо ба худи ҳар як фард вобаста аст. Бояд зикр намуд, ки шахсони маъюб дар баробари дигар шаҳрвандон ба ҳифзи саломатӣ, таҳсил, истироҳату саёҳат ва интихоби озоди намудҳои фаъолият, бахусус фаъолияти меҳнатӣ ва соҳибкорӣ ҳуқуқи баробар доранд. Дар асоси принсипи мазкур ҳамаи одамон дар рӯи замин, сарфи назар аз мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, забонӣ, динӣ ва ғайра, соҳиби ҳуқуқу озодиҳо мебошанд.

Принсипи кафолати сатҳи зарурии ҳифзи иҷтимоӣ, таъмини дастрасии тавонбахши тиббӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ моҳияташ аз он иборат аст, ки давлат ба шахсони маъюб таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, ҳуқуқҳои шахсони мазкурро кафолат додааст. Дар асоси принсипи мазкур ба мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар қонунгузорӣ чунин салоҳиятҳои муайян вогузор гардидааст:

- таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон, аз ҷумла дар соҳаи ташхиси тиббию иҷтимоӣ;
- ҳамоҳангсозии ташкилию методии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо оид ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон;
- тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани ташхиси тиббию иҷтимоӣ якҷоя бо мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи тандурустӣ;
- гузаронидани ташхиси тиббию иҷтимоӣ бо назардошти дараҷаи коҳиши вазифаҳои организм ва маҳдудияти фаъолияти меҳнатӣ муайян кардани гурӯҳи маъюбӣ, сабабҳо, давомнокӣ, вақти фарорасии маъюбӣ ва дараҷаи гум кардани қобилияти корӣ;
- қабули барномаҳои инфиродии тавонбахшии маъюбон ва таъмини иҷрои онҳо;
- гузаронидани тадқиқоти илмӣ ва корҳои таҷрибавию тарроҳӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон;
- омӯзиш ва гузаронидани мониторинги сабабҳо, шароит ва ҳолати маъюбӣ;

- ташкили такмили ихтисоси кормандони соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон, аз ҷумла кормандони ташхиси тиббию иҷтимоӣ ва мутахассисони таълими имову ишора;
- амалӣ намудани тадбирҳои хизматрасонии иҷтимоӣ ва кӯмаки иҷтимоии унвонӣ ба маъюбон;
- ташкили махзани марказонидашудаи иттилооти баҳисобгирии маъюбон;
- таъмини риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон.

Манъи табъизи маъюбон ба амалишавии як принсип баробарии ҳуқуқу озодиҳои шахсони маъюб зич вобаста мебошад. Табъиз маънои ҳама гуна фарқиятгузорӣ, истисно кардан ва афзалиятнокиро дорад, ки ба тарви баробар амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳоро инкор мекунад ё маҳдуд мегардонад.

Тазаккур бояд дод, ки санади муҳими байналмилалӣ дар самти ҳуқуқи шахсони маъюб ин Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон мебошад, ки аз ҷониби Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид моҳи декабри соли 2006 қабул карда шудааст. Дар Конвенсия принсипҳои зерин дарҷ гардидаанд:
a) эҳтиром намудани қадру қиммати ба инсон хос, соҳибихтиёрии шахсии ӯ, аз ҷумла, озодии интихоби шахсӣ ва мустақилият;
b) адами табъиз;
c) пурра ва босамар ҷалб намудану ҳамроҳ шудан ба ҷомеа;
d) эҳтиром намудани махсусияти маъюбон ва ба сифати як ҷузъи гуногуншаклию қисми башар пазируфтани онҳо;
e) баробарии имкониятҳо;
f) дастрасӣ;
j) баробарии мардону занон;
h) эҳтиром намудани қобилиятҳои рӯ ба инкишофи кӯдакони маъюб ва ҷонибдории ҳуқуқи кӯдакон баҳри ҳифз намудани фардияти хеш[184].

Ин принсипҳои Конвенсия қадами муҳим дар эътироф ва ҳимояи расмии ҳуқуқи шахсони маъюб ба ҳисоб мераванд.

Дар моддаи 5 – и Конвенсия пешбинӣ гардидааст, ки давлатҳои аъзо эътироф мекунанд, ки тамоми одамон дар назди қонун баробаранд ва мувофиқи он ба ҳимояи баробари қонун ва иистифодаи баробар аз он бидуни ягон табъиз ҳуқуқ доранд. Давлатҳои аъзо тамоми намудҳои табъизро аз рӯи нишонаи маъюбӣ манъ мекунад ва ба маъюбон ҳимояи босамару баробари ҳуқуқиро аз табьизи гуногунасос кафолат медиҳад[185].

**Адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳои 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе, 2016. – 87 с.

[184] Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj.
[185] Ҳамон ҷо

2. Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj.
3. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1329 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2016. – №7, мод. 604.
4. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017, № 1413 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adliya.tj.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» аз 29 декабри соли 2010// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adliya.tj.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adliya.tj.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» аз 15 майи соли 1997// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adliya.tj.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adliya.tj.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» аз 5 январи соли 2008// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adliya.tj.
10. Яковлева, Е.Н. Поощрение и защита прав инвалидов в международном праве [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.10 / Яковлева Евгения Николаевна. – М., 2016. – 22 с.

**Мақола дар редаксия ворид шуд**: 21.04.2025
**Аз тақриз баргашт: 09.06.2025**
**Ба чоп тавсия шуд: 16.06.2025**

# ОИД БА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФИ ҶАРИМА ҲАМЧУН НАМУДИ ЧОРАИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИ ШУРАВӢ

**Аҳадзода Аслиддин Аҳад,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ.
**Тел:** +992 909493345

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур таҳқиқоти хусусиятҳои хоси инкишофи ҷарима ҳамчун сораи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқи шӯравӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, зимни таҳқиқоти назаривӣ-ҳуқуқӣ, андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро ба инобат гирифта, мафҳум ва моҳияти ҷаримаро ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ муайян кардааст. Муаллиф, ба чунин хулоса омадааст, ки оид ба мафҳум ва моҳияти ҷарима дар байнаи муҳаққиқон гуногунандешӣ ҷой дошта, мафҳум ва моҳияти умумиэътирофшудаи ҷарима пешбинӣ нагардидааст. Ҷарима ҷазои ҷиноятие дониста мешавад, ки ҳуқуқи моликиятии маҳкумшударо маҳдуд мекунад, зеро дар ин ҳолат як қисми молу мулки ӯ дар шакли пули нақд ба фоидаи давлат ситонида мешавад. Моҳияти ҷарима дар хусусияти молумулкӣ доштани он ифода мегардад.

**Калидвожаҳо:** мафҳум, моҳият, ҷарима, таҳқиқот, назариявӣ-ҳуқуқӣ, ҷазои ҷиноятӣ, моҳияти молумулкӣ.

# О НЕКОТОРЫХ ОСОБЕННОСТЯХ РАЗВИТИЯ ШТРАФА КАК ВИДА МЕРЫ ЮРИДИЧЕСКОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ В СОВЕТСКОЙ ПРАВОВОЙ СИСТЕМЕ

**Ахадзода Аслиддин Ахад,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения.
**Тел.:** +992 09493345

**Научная специальность:** 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве

**Аннотация.** В данной статье рассматривается некоторые особенности развитие штрафа как меры юридической ответственности в советской

правовой системе. Автор в ходе теоретико-правового исследования учел мнения отечественных и зарубежных ученых и определил понятие и сущность штрафа как уголовного наказания. Автор пришел к выводу, что среди исследователей существуют разногласия относительно понятия и сущности штрафа, а общепризнанного понятия и сущности штрафа не существует. Поэтому, на наш взгляд, штраф является уголовным наказанием, ограничивающим имущественные права осужденного, так как в этом случае часть его имущества взыскивается в денежной форме в пользу государства. Сущност штрафа выражается в его имущественном характере.

**Ключевые слова:** понятие, сущность, штраф, исследование, теоретико-правовое, уголовное наказание, имущественном характер.

## ON SOME FEATURES OF THE DEVELOPMENT OF FINE AS A TYPE OF LEGAL LIABILITY MEASURE IN THE SOVIET LEGAL SYSTEM

**Ahadzoda Asliddin Ahad,**
Tajik National University, Faculty of Law, researcher at the Department of Human Rights and Comparative Law.
**Tel.:** +992 909493345

**Scientific specialty:** 12.00.01 – Theory and history of the law and state; history of doctrines of the law and state.

**Annotation.** This article discusses the theoretical and legal study of the concept and essence of a fine. The author, in the course of theoretical and legal research, took into account the opinions of domestic and foreign scientists and defined the concept and essence of a fine as a criminal punishment. The author came to the conclusion that there are disagreements among researchers regarding the concept and essence of a fine, and there is no generally accepted concept and essence of a fine. Therefore, in our opinion, a fine is a criminal punishment that limits the property rights of the convict, since in this case part of his property is collected in cash in favor of the state. The essence of the fine is expressed in its property character.

**Key words:** concept, essence, fine, research, theoretical and legal, criminal punishment, property character.

Дар низоми ҳуқуқи Шуравӣ ҷарима ҳамчун намуди асосии чораи ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқ мегардид. Баробари пойдор гардидани Ҳокимияти Шуравӣ дар қонунгузории соҳавӣ татбиқ намудани ҷарима ҳамчун ҷавобгарии ҳуқуқӣ, хосатан ҷазои ҷиноятӣ муқаррар гардид.

Бояд гуфт, ки ҳануз дар солҳои аввали барқарор шудани сохти давлати шӯравӣ олимон масъалаҳои низом ва навъҳои ҷазои ҷиноятиро мавриди омӯзиш қарор дода, кушиш намуданд, то онро ба сохт ва замони

навин мувофиқ гардонанд. Ба таҳқиқи ин масъала У.А. Азиззода[186], Ф.Т. Тоҳиров[187], А.Ш. Розиқзода,[188] А.А. Абдурашидов, З.А. Камолов[189] ва дигарон машғул гардидаанд. А.А. Абдурашидов қайд мекунад, ки дар баробари ин ба масъалаҳои ташаккули низоми ҷазо дар қонуни ҷиноятии Тоҷикистон таваҷҷуҳи нокифоя дода шудааст[190]. Новобаста аз ин, қонунгузории ҶШСФР дар солҳои аввали барпо шудани Ҳокимияти Шуравӣ ба танзим ва татбиқи ҷарима дар қалamрави Тоҷикистони шуравӣ таъсири худро расонидааст.

Ҷарима аз солҳои аввали ташкил ёфтани Ҳокимияти Шуравӣ аз тарафи мақомоти он ҳамчун воситаи самарабахши муборизаи зидди ҷиноятқорӣ баррасӣ мегардид. Дар солҳои 1917-1919 таъини ҷарима нисбат ба ҷазоҳое, ки аз маҳрум кардан ё маҳдуд кардани ҷисмонӣ аз озодӣ иборатанд, бартарӣ дошта, ба мақсадҳои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқ буданд: ҷазо, тарсондан, интиқом, ҷуброни зарари ба давлат расонидашуда. Дар ин хусус У.А. Азиззода қайд мекунад, ки рӯйхати ҷазоҳо дар «Дастурномаи Комиссариати Халқии Адлия аз 19 декабри соли 1917 «Дар бораи трибунали инқилобӣ, ҳайати он, корҳое, ки ба тобеияти он тааллуқ доранд, ҷазоҳое, ки аз тарафи вай таъин карда мешаванд ва тартиби гузарондани маҷлисҳои он» муқаррар шудаанд. Дар он ҳамчун намудҳои алоҳидаи ҷазои ҷиноятӣ ҷаримаи пулӣ дар ҷойи аввал пешбинӣ шудааст[191]. Қонунгузории ҷиноятии ҶШСФР, алалхусус Дастур оид ба қонуни ҷиноятии соли 1919, ки дар он ба бунёди низоми ҷазои ҷиноятӣ диққати калон дода шуда буд, ба инкишофи қонуни ҷиноятии шуравӣ дар Точикистон ҳиссаи калон гузоштанд. Ин санад аввалин санади меъёрии шӯравӣ буд, ки низоми ҷазоро муқаррар кардааст[192]. Ба ҳамин мазмун А.А. Абдурашидов низ қайд кардааст, ки қонунгузории ҷиноятии ҶШСФР дар соли 1919 ба инкишофи қонуни ҷиноятии шуравӣ дар Тоҷикистон ҳиссаи калон гузоштааст. Масалан, дастурҳо оид ба ҳуқуқи ҷиноятии соли 1919 дар давраи шуравӣ аввалин санади меъёрии ҳуқуқие буданд, ки ин низоми ҷазоҳоро ба вуҷуд овард. Дар ин ҳуҷҷат ба барпо намудани низоми ҷазои

---

186 Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: Дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе – 2015. – 414 с.

187 Тахиров, Ф.Т. История государства и права Таджикистана (1917-1929 гг.) / Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: Амриилм, 2001. - Т. 2, ч. 1. – 494 с.; Тахиров, Ф.Т. Становление советского права в Таджикистане / Ф.Т. Тахиров. – Душанбе : Дониш, 1987. - 192 с.

188 Розикзода А.Ш. Формы наказания и тюрьмы в дореволюционном Таджикистане // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. Вып. 7. - Душанбе, 2004. - С. 9-12.

189 Камолов З.А. Понятие системы наказаний по уголовному законодательству Республики Таджикистан // Государство и право. - Душанбе, 2003. - №3. – С.79-93.

190 Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – С. 68.

191 Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: Дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе – 2015. – С. 228.

192 Тулиев И.Р. Наказание по уголовному праву Таджикистана (система, виды наказаний и их назначение): дисс. канд. юрид. наук. – М., 2010. – С. 50.

ҷиноятӣ диққати калон дода шудааст[193]. Андешаҳои мазкур бори дигар гувоҳӣ медиҳанд, ки дар танзими ҳуқуқӣ ва татбиқи ҷарима дар Тоҷикистони шуравӣ ва ташаккули он дар ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ нақши калон бозидааст. Муқаррар намудани ҷарима ҳамчун навъҳои ҷазои ҷиноятӣ дар бисёр санадҳои ҳуқуқии қонунбарории шуравӣ дар солҳои 1917-1921 ба амал бароварда шуд.

Дар соли 1922 санади кодификатсиони ҷиноятӣ - Кодекси ҷиноятии ҶШСФР қабул карда мешавад, ки он ҷаримаро низ муқаррар ва танзим мекард. А.А. Абдурашидов дар ин хусус қайд мекунад, ки Кодекси ҷиноятии ҶШСФР аз соли 1922 низоми ҷазоҳоро пешбинӣ мекард, ки дар банди е) ҷарима муқаррар шуда буд[194]. Дар Кодекси ҷиноятии ҶШСФР аз соли 1922 ҷарима ҳамчун намуди мустақили ҷазо пешбинӣ шуда буд. Дар ин санади меъёрии ҳуқуқӣ мафҳуми зерини ҷарима оварда шудааст: «ҷазои пулие, ки суд ба маҳкумшуда дар доираи муқаррарнамудаи моддаҳои алоҳидаи Кодекси ҷиноятӣ мутобиқи вазъи молу мулкии маҳкумшуда таъин мекунад» (моддаи 39). Дар қисми умумии Кодекси ҷиноятии мазкур маблағи ҷазо муқаррар карда нашудааст. Усулҳои таъини ҷарима гуногун буданд, ки баъзан боиси танқид мешуданд. Асосан ин санади меъёрии ҳуқуқӣ ҳадди ниҳоии ҷаримаро муайян карда буд, ба истиснои баъзе ҳолатҳо, чунин ҳадди аксар ба маблағи муайяни пулӣ муқаррар шудааст. Дар ҳолатҳои истисноӣ қонунгузор ҳадди ақали ҷарима ё маблағи мушаххаси пулӣ ё чандкаратаи маблағро нисбат ба ҳар гуна арзиш муқаррар кардааст. Моддаҳое низ ҳастанд, ки дар онҳо маблағи ҷарима умуман муайян карда нашудааст, масалан, м. 135.7[195]. Дар дигар адабиёт низ қайд гардидааст, ки дар Кодекси ҷиноятии ҶШСФР, ки соли 1922 қабул шуда буд, ба ин навъи ҷазо (ҷарима) тағйирот дохил карда шуд. Моддаи 32-и Кодекси мазкур дар низоми ҷазо ҷаримаро аз ҷои аввал ба шашум (банди «е») гузаронидааст. Дар моддаи 39 Кодекси мазкур мафҳуми ҷарима муқаррар карда шудааст. Дар баробари ин дар эзоҳи модда нишон дода мешавад, ки ҷарима бо роҳи гузарондани маблағи бо рубли тиллоӣ муқарраркардаи суд ба пулҳои шуравӣ аз рӯи қурби асъори рӯзи додани ҷарима ҳисоб карда мешавад. Санксияи аксари меъёрҳое, ки ҷаримаро муқаррар мекунанд, мустақиман гуфта шудааст, масалан, “ҷарима ба маблағи то 200 рубли тиллоӣ”[196].

Кодекси Ҷиноятии ҶШСФР аз соли 1922, ки низоми ҷазои ҷиноятиро муқаррар намуд, бори аввал манъи иваз кардани ҷаримаро бо ҷазои маҳрум кардан аз озодӣ ҷорӣ кард. Ҷарима метавонист ҳам ҳамчун ҷазои асосӣ ва ҳам ҳамчун ҷазои иловагӣ таъин карда шавад. Бо вуҷуди ин,

---

[193] Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – С. 70.
[194] Абдурашидов А.А. Асари зикршуда. - С. 73.
[195] Жукова А.С. О применении имущественных санкций в истории отечественного уголовного законодательства / А.С. Жукова // История государства и права. – 2013. - № 24.
[196] Самошин В.С. Особенности штрафа как вида наказания за преступления в Советской России в период с 1917 по 1930 г. // «Молодой учёный». – 2018. - № 44 (230). – С. 174.

табиати ҳуқуқии он асосан молиявӣ ва сиёсӣ боқӣ монд[197]. Маврид ба зикр аст, ки Кодекси ҷиноятии ҶШСФР, ки соли 1922 қабул шуда буд, истифодаи ҷаримаҳоро хеле ба тартиб андохта ва васеъ намуд. Муқаррар кардааст, ки агар маҳкумшуда аз пардохти ҷарима саркашӣ кунад, он метавонад бо ҳукми суд бо кори маҷбурӣ бидуни боздошт иваз карда шавад. Бояд гуфт, ки нақши суд дар баррасии парвандаҳо ва таъини ҷазо «инҳисорӣ» гардид, ки ин сарфи назар аз ҳама камбудиҳои системаи судӣ бешубҳа тамоюли мусбат буд. Бисёр намудҳои кирдорҳое, ки бо ҷарима ҷазо дода мешаванд, баъдан ба категорияи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дохил шуданд.

Мақомотҳои маҳаллии қонунбарории оммаи инқилобӣ кушиш мекарданд, ки ҷаримаро барои ҳалли масъалаҳои сиёсӣ ва иқтисодии Ҳкимияти Шуравӣ, пур кардани хазина ва торумор гардондани иқтисодиёти синфҳои сарнагуншудаи истисморкунанда пурзур истифода баранд. Бинобар ин, ҷарима на танҳо ҳамчун чораи иқтисодие, ки ба ҷиноятқорон таъсир мерасонд, балки ҳамчун шакли миллӣ кунондан ва мусодира кардан ҳам амал мекардд ва мақсади он танҳо бо ҳодисаҳои ҷиноятқорӣ маҳдуд намешуд. Он инчунин барои содир кардани ҷиноятҳои ношоиста татбиқ мешуд. Ҷарима тибқи вазъи молу мулкии маҳкумшуда ситонида мешуд, агар иҷро имконнопазир бошад, он ба ҳабс, зиндон, кори маҷбурӣ ва ғайра иваз карда мешавад.

Соли 1926 Кодекси ҷиноятии ҶШСФР қабул карда шуд, ки дар он ҷарима ҳамчун чораи ҳифзи иҷтимоии дорои хусусияти судию ислоҳӣ баъди мусодираи молу мулк пешбинӣ карда шуд[198]. Баъдан, 15 июни соли 1935 якумин Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон дар соли 1935 қабул карда шуд, ки низоми ҷазоҳоро мукаррар мекард ва дар банди м) ҷаримаи пулӣ пешбинӣ гардида буд[199]. Санади мазкур якумин санади кодификатсионии ҷиноятӣ дар ҶШС Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт, ки дар танзим ва муқаррар намудани ҷарима ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ нақши муассир гузоштааст. Тавре И.Р. Тулиев қайд мекунад, мувофиқи моддаи 18 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1935 ҷарима дар банди л) муқаррар шуда буд[200]. Дар моддаи 38-и ҷарима ҳамчун ҷазои пулие, ки суд мувофиқи вазъи молу мулкии маҳкумшуда таъин кардааст, муайян карда шудааст. Дар сурати напардохтани ҷарима, ба маблағи сад сум ҷарима ба андозаи якмоҳаи кори ислоҳӣ (бе маҳрум) иваз карда шуда метавонист. Иваз кардани ҷарима ба маҳрум кардан аз озодӣ иҷозат дода намешуд[201].

---

[197] Тоскина Г.Н. Штраф и конфискация имущества как важнейшие средства борьбы с преступностью в первые годы советской власти // Lex russica. - 2014. - № 12 (Том XCVII). – С. 1477.

[198] Гаджимагомедова С.О. Проблемы развития штрафа как уголовного наказания в российском уголовном праве / С.О. Гаджимагомедова // Юридический вестник Дагестанского государственного университета. – 2014. - № 2. – С. 93.

[199] Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – С. 74.

[200] Тулиев И.Р. Наказание по уголовному праву Таджикистана (система, виды наказаний и их назначение): дисс. канд. юрид. наук. – М., 2010. – С. 56.

[201] Тулиев И.Р. Асари зикршуда. – С. 62.

Тавре аз андешаҳои мазкур бармеояд, дар онҳо ихтилофи назар мушоҳида мегардад. Дар таҳқиқоти А.А. Абдурашидов ҷаримаи пулӣ ва дар низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ дар банди (м) ва дар таҳқиқоти И.Р. Тулиев танҳо ҷарима дар банди (л) ифода ёфтааст.

Бояд гуфт, ки Кодекси мазкур то давраи баъдиҷангӣ амал карда, ҷаримаро дар ҳудуди Тоҷикистони шуравӣ танзим кардааст. Дар солҳои ҷанг (солҳои 1941-1945) афзоиши хавфи ҷамъиятии ҳамаи ҷиноятҳо мушоҳида мешуд. Муборизаи зидди ҷинояткорӣ аҳаммияти калон дошт. Барои пурзур намудани ҷазои ҷиноятӣ низомнома бароварда шуд. Дар мавриди истифодаи ҷарима бошад, шумораи онҳо хеле кам шуда буд. Ба давраи баъдиҷангӣ дигаргуниҳои куллӣ хос набуданд. Баъзе фармонҳои Президиуми Шурои Олии ИҶШС ба муборизаи зидди ҷинояткории моликият, ки барои онҳо ҷазои ҷарима пешбинӣ шудааст, нигаронида шуд[202].

Давраи минбаъдаи таърихи ИҶШС-ро давраи демократикунонӣ тавсиф кардан мумкин аст, ки он бо инкишофи демократияи шуравӣ ва васеъ шудани ҳуқуқҳои ҷумҳуриҳо, инчунин инкишофи фаъолонаи қонунгузорӣ фарқ мекард. Кодификатсияи қонуни ҷиноятие, ки дар ин солҳо гузаронда шуда буд, аҳаммияти калон дошт. Ҳамин тавр, солҳои 1958 Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва соли 1961 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон қабул карда шуданд. Тавре А.А. Абдурашидов қайд мекунад дар Кодекси чиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 дар низоми ҷазо ҷарима муқаррар шуда буд[203]. Мавриди зикр аст, ки Кодекси мазкур то солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон амал карда, ҷаримаро ҳамчун навъи ҷазои ҷиноятӣ муқаррар ва танзим кардааст.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили ташаккул ва рушди ҷазо дар шакли ҷарима, дар ҳуқуқи шуравӣ метавон ба хулосае омад, ки институти ҷарима таърихи тӯлонитарини рушдро паси сар карда, аз лаҳзаи пайдоишаш дар қонунгузории кишвар истифодаи он хеле васеъ буда, на танҳо дар намуди ҳуқуқӣ, балки дар намуди мурофиавӣ низ ба таври назаррас дигаргуниҳои назаррасро аз сар гузаронидааст. Умуман, қонунгузории шуравӣ дар марҳилаҳои гуногун тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумишуравӣ ва қонунгузории Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳури алоҳидаи иттифоқӣ ҷаримаро муқаррар мекарданд ва тарзу усулҳои татбиқи онро танзим менамуданд. Соли 1998 Кодекси нави ҷиноятӣ қабул карда шуда, дар моддаи 47 низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ муқаррар гардид ва ҷарима дар ҷойи аввал пешбинӣ карда шуд.

Ҳуқуқи ҷиноятии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (минбаъд – ИҶШС) ва Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (минбаъд – ҶШС Тоҷикистон) дорои таҷрибаи бойи ҳуқуқӣ буда, дар

---

Большакова Ю.О. Становление и развитие института штрафа в истории Российского уголовного законодательства // XI международная научно-практическая конференция (Москва. 22 апреля 2015 г.). – М.: Изд-во СГУ, 2015. – С. 189.

[203] Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – С. 74.

мубориза ба ҷиноятқорӣ, татбиқи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ хизмати сазовор намудааст. Таҷрибаи қонунгузории ҷиноятии марҳилаи мазкур на танҳо дар ҳамон давру замон, балки барои такмили қонунгузории муосири ҷиноятӣ низ метавонад муфид бошад. Бо ин назардошт, омӯзиши таҷрбаи қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятии кишвар ва мубориза бо ҷиноятқорӣ аҳаммияти калон дорад.

Яке аз санадҳои муҳим ва аввалинин санади меъёрии ҳуқуқии кодификатсионии ҷиноятӣ дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ ин Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1935 ба ҳисоб меравад. Бояд гуфт, ки санади мазкур на дар ҷои хушку холӣ, балки дар заминаи қонунгузории то ин дам амалкунанда таҳия ва қабул гардидааст. Аз соли 1926 дар асоси қарори Комитети инқилобии ҶШС Тоҷикистон аз 10 апрели соли 1926 то 15 июни соли 1935 дар сарзамини Тоҷикистон Кодекси ҷиноятии ҶШС Узбекистон амал мекард.

Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон, ки бо қарори Президиуми КИМШ ҶШС Тоҷикистон 9 май соли 1935 қабул шуда буд[204], дар муборизаи зидди ҷиноятқорӣ нақши калон бозидааст. Дар давраи баррасишаванда дар қаламрави ҷумҳурӣ қонунгузории ҷиноятии ҶШС Узбекистон ва ҶШСФР қатъ карда шуд. Дар ин давра ҳуқуқи ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аллакай ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ ва қонунгузорӣ ташаккул ёфта, дар асоси принсипҳо ва механизмҳои сохти ҳуқуқии шуравӣ, махсусан дар асоси қонунгузории ҷиноятии умумииттифоқӣ инкишоф меёфт[205]. Дар ҳамин масъала дар дигар адабиёт қайд мегардад, ки дар қаламрави Тоҷикистон то соли 1935 Кодекси ҷиноятии ҶШС Узбекистон амал мекард. Эътибори ин кодекс бо қарори сессияи II Комитети Иҷроияи Марказии Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон бекор карда шуд, ки мувофиқи он аз 15 июни соли 1935 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон дар қаламрави ҶШС Тоҷикистон ба амал бароварда шуд[206].

Мувофиқи қарори сессияи КИМШ ҶШС Тоҷикистон аз 20 августи соли 1935 «Дар бораи иҷрои Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон» амали Кодекси ҷиноятии ҶШС Узбекистон дар қаламрави ҶШС Тоҷикистон барҳам дода шуд[207]. Ин санадҳои ҳуқуқӣ баъди қатъ гардидани фаъолият ба мазмуни меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятии ҷумҳуриявии татбиқшаванда таъсири калон мерасонанд. Таҷрибаи қонунгузории ин ҷумҳуриҳо аз тарафи мақомоти ҳокимияти ҶШС Тоҷикистон ҳангоми таҳия ва қабули

---

[204] Уголовный кодекс Таджикской ССР. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1935. – 134 с.

[205] Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана [Текст]: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 414 с. – С. 275.

[206] Нарзуллоев С.С. История развития института ответственности за нарушение правил дорожного движения и эксплуатации транспортных средств по уголовному законодательству Таджикистана (1922-1961 Г.Г.) / С.С. Нарзуллоев // Научный вестник Орловского юридического института МВД России имени В.В. Лукьянова. – 2020. – № 4(85). – С. 20-25. – С. 23.

[207] Уголовный кодекс Таджикской ССР. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1952. – 166 с. – С. 2.

санадҳои қонунгузорӣ, инчунин дар амалияи татбиқи ҳуқуқ васеъ истифода мешуд.

Дар рафти тайёр кардан ва қабул кардани Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1935 таҷрибаи татбиқи қонунгузории умумииттифоқии ҷиноятӣ, Кодекси ҷиноятии ҶШСФР, Кодекси ҷиноятии ҶШС Узбекистон ва маводҳои қонунгузорие, ки дар давраҳои гуногун кор карда баромада ва қабул карда шудаанд, ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ дар Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи асосӣ истифода бурда шудааст[208]. Аммо бояд гуфт, ки гарчанде бисёр меъёрҳои чӣ қисмҳои умумӣ ва чӣ қисмҳои махсуси Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон дар соли 1935 бо Асосҳои қонунгузорӣ ва кодексҳои ҷиноятии дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ мувофиқат мекард, гарчанде онҳо тафовут ва навигариҳои калон доштанд. Инчунин, зимни таҳия ва қабули нахустин Кодекси ҷиноятӣ таҳиягарон кӯшиш кардаанд, ки дар асоси муқаррарот ва арзишҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва динию фарҳангӣ меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро таҳия намоянд, ки метавонанд ин гуна муносибатҳоро самаранок ва муассир танзим кунанд.

Ҳамаи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии қаблан мавҷудбуда, ки дар ҷараёни таҳияи Кодекс аз ҷониби мақомоти қонунгузории Тоҷикистон қабул шуда буданд, аз нав дида баромада, мавриди коркарди амиқ қарор дода шуда, тамоми меъёрҳое, ки ба воқеияти онвақтаи мубориза бо ҷиноятқорӣ муфид ва мувофиқ буданд, дар Кодекс қабул карда шуданд. Инчунин, тамоми меъёрҳои санадҳои қонунгузории қаблан мавҷудбуда, ки барои татбиқи минбаъда мувофиқ нестанд ва ба талаботи замон ҷавобгӯ нестанд, ба Кодекси ҷиноятӣ дохил карда нашуданд ва эътибори ҳуқуқии худро гум карданд. Тавре У.А. Азиззода қайд мекунад, таҷрибаи дигар корҳои кодификатсияи умумииттифоқӣ ва ҷумҳуриявӣ, ки дар он вақт ҷамъ карда шуда буд, ба офаридани аввалин Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон ёрии калон расонд[209]. Маврид ба зикр аст, ки дар соли 1935 қабул шудани Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон марҳалаи муҳимми инкишофи қонуни ҷиноятӣ дар Тоҷикистон буд. Он мувофиқи қонунҳои умумииттифоқӣ таҳия шудааст, ки хусусиятҳои ҳаёт ва рӯзгори Тоҷикистонро инъикос менамояд.

Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1935 аз Қисми умумӣ ва махсус иборат буда, дар он 275 модда, аз он ҷумла 49 моддаи он ба Қисми умумӣ, 226 модда ба Қисми махсус дахл дорад. Дар Кодекс қариб тамоми доираи мулоҳизаҳо ва сиёсати ҷиноятии он давра нисбат ба кирдорҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок мавҷуд аст. Дар фасли чорум масъалаҳо дар бораи ҷазоҳои ҷиноятие, ки дар Кодекси ҷиноятӣ нисбат ба шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, пешбинӣ шуда буд. Он аз 23 модда иборат буд, ки

---

[208] Хамракулов Р. Вопросы теории и практики кодификации уголовного законодательства союзной республики. – Душанбе, 1962. – 160 с. – С. 35.

[209] Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана [Текст]: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 414 с. – С. 276.

дар онҳо номгӯи намудҳои ҷазо, мазмуни ҳуқуқӣ ва қоидаҳои муайян кардани онҳо муқаррар шудаанд.

Еодекси мазкур ҷаримаи пулиро ҳамчун яке аз намудҳои ҷазо дар низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ муқаррар карда буд. А.А. Абдурашидов дар ин хусус қайд мекунад, ки 15 июни соли 1935 якумин Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон қабул карда шуд, ки низоми ҷазоҳоро мукаррар мекард ва дар банди м) ҷаримаи пулӣ пешбинӣ гардида буд[210]. Санади мазкур якумин санади кодификатсионии ҷиноятӣ дар ҶШС Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт, ки дар танзим ва муқаррар намудани ҷарима ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ нақши муассир гузоштааст. Тавре И.Р. Тулиев қайд мекунад, мувофиқи моддаи 18 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1935 ҷарима дар банди л) муқаррар шуда буд[211]. Дар моддаи 38-и ҷарима ҳамчун ҷазои пулие, ки суд мувофиқи вазъи молу мулкии маҳкумшуда таъин кардааст, муайян карда шудааст. Дар сурати напардохтани ҷарима, ба маблағи сад сум ҷарима ба андозаи якмоҳаи кори ислоҳӣ (бе маҳрум) иваз карда шуда метавонист. Иваз кардани ҷарима ба маҳрум кардан аз озодӣ иҷозат дода намешуд[212]. Тавре аз андешаҳои мазкур бармеояд, дар онҳо ихтилофи назар мушоҳида мегардад. Дар таҳқиқоти А.А. Абдурашидов ҷаримаи пулӣ ва дар низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ дар банди (м) ва дар таҳқиқотҳои И.Р. Тулиев, танҳо ҷарима дар банди (л) ифода ёфтааст. Дар таснифоти зикргардидаи У.А. Азиззода низ ҷаримаи пулӣ дар банди (л) нишон дода шудааст.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили ташаккул ва рушди ҷазо дар шакли ҷарима, дар ҳуқуқи шуравӣ метавон ба хулосае омад, ки институти ҷарима таърихи тӯлонитарини рушдро паси сар карда, аз лаҳзаи пайдоишаш дар қонунгузории кишвар истифодаи он хеле васеъ буда, на танҳо дар намуди ҳуқуқӣ, балки дар намуди мурофиавӣ низ ба таври назаррас дигаргуниҳои назаррасро аз сар гузаронидааст. Умуман, қонунгузории шуравӣ дар марҳилаҳои гуногун тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумишуравӣ ва қонунгузории Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии алоҳидаи иттифоқӣ ҷаримаро муқаррар мекарданд ва тарзу усулҳои татбиқи онро танзим менамуданд.

Марҳилаи дигари ташаккули танзими ҳуқуқии ҷазои ҷиноятӣ дар шакли ҷарима ба давраи қабули Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961 хос мебошад. Дар ин марҳила санади мукаммали кодификатсионӣ таҳия ва қабул карда шуд, ки фарҳнагу низоми милликунонидашудаи ҳуқуқии Тоҷикистониро ифода мекард. Бояд гуфт, ки ҳануз дар солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ олимон масъалаҳои низом ва навъҳои ҷазои ҷиноятиро дар ИҶШС ва Россия, баъдан дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ амиқ омӯхтанд. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бо ин

---

[210] Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – С. 74.

[211] Тулиев И.Р. Наказание по уголовному праву Таджикистана (система, виды наказаний и их назначение): дис. канд. юрид. наук. – М., 2010. – С. 56.

[212] Тулиев И.Р. Наказание по уголовному праву Таджикистана (система, виды наказаний и их назначение): дис. канд. юрид. наук. – М., 2010. – С. 62.

масъала, У.А. Азиззода[213], А.Ш. Розиқзода[214] ва З.А. Камолзода[215], А.А. Абдурашидов тадқиқот бурдаанд. Аз ҷумла, А.А. Абдурашидов қайд менамояд, ки дар баробари ин ба масъалаҳои ташаккули низоми ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон таваҷҷӯҳи нокифоя дода шудааст[216].

Таҳлили муқоисаи қисми умумии Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон дар соли 1935 бо қоидаҳои қонунгузории умумииттифоқии ҷиноятӣ ва Кодекси ҷиноятии ҶШСФР дар соли 1926 нишон медиҳад, ки гарчанде бисёр меъёрҳои онҳо якхела бошанд ҳам, ин маънои онро надорад, ки Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1935 қоидаҳои қонунгузории умумииттифоқии ҷиноятӣ ва Кодекси ҷиноятии ҶШСФР дар соли 1926-ро аз ҷиҳати матн такрор мекунад. Ба андешаи У.А. Азиззода, Қисми умумии Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон тағйироту иловаҳои калон дорад, ки хусусиятҳои миллӣ ва минтақавии Тоҷикистонро инъикос мекунанд[217].

Бояд гуфт, ки Кодекси мазкур то давраи баъдиҷангӣ амал карда, ҷаримаро дар ҳудуди Тоҷикистони шуравӣ танзим кардааст. Дар солҳои ҷанг (солҳои 1941-1945) афзоиши хавфи ҷамъиятии ҳамаи ҷиноятҳо мушоҳида мешуд. Муборизаи зидди ҷинояткорӣ аҳаммияти калон дошт. Барои пурзур намудани ҷазои ҷиноятӣ низомнома бароварда шуд. Дар мавриди истифодаи ҷарима бошад, шумораи онҳо хеле кам шуда буд. Ба давраи баъдиҷангӣ дигаргуниҳои куллӣ хос набуданд. Баъзе фармонҳои Президиуми Шурои Олии ИҶШС ба муборизаи зидди ҷинояткории моликият, ки барои онҳо ҷазои ҷарима пешбинӣ шудааст, нигаронида шуд. Ба андешаи Ю.О. Болшакова, дар солҳои ҷанг (солҳои 1941-1945) афзоиши хавфи ҷамъиятии ҷамаи ҷиноятҳо мушоҳида мешуд. Муборизаи зидди ҷинояткорӣ аҳаммияти калон дошт. Барои пурзур намудани ҷазои ҷиноятӣ низомнома бароварда шуд. Дар мавриди истифодаи ҷазо дар шакли ҷарима бошад, шумораи онҳо хеле кам шуд[218]. У.А. Азиззода низ дар ин маврид қайд менамояд, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ муборизаи ба муқобили ҷинояткорӣ яке аз вазифаҳои асосӣ буд, зеро дар чунин айёми душвор гурӯҳҳои ҷиноятӣ, хусусан агар унсури бегона дошта бошанд, барои давлати дар шароити вазъияти ҳарбӣ қарордошта хавфи ҷиддӣ

---

[213] Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 414 с.

[214] Розикзода А.Ш. Формы наказания и тюрьмы в дореволюционном Таджикистане // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. Вып. 7. – Душанбе, 2004. – С. 9-12.

[215] Камолов З.А. Понятие системы наказаний по уголовному законодательству Республики Таджикистан // Государство и право. – Душанбе, 2003. – № 3.

[216] Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – 190 с. – С. 68.

[217] Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – С. 286.

[218] Большакова Ю.О. Становление и развитие института штрафа в истории российского уголовного законодательства / Ю.О. Большакова // Научные исследования молодых учёных: сборник статей XI Международной научно-практической конференции, Пенза, 17 мая 2021 года. – Пенза: Общество с ограниченной ответственностью "Наука и Просвещение", 2021. – С. 189.

меоварданд[219]. Андешаҳои мазкур гувоҳи онанд, ки дар солҳои ҷанг (1941-1945) ҳарчанд мубориза зидди ҷинояткорӣ аҳаммияти калон пайдо намуда бошад ҳам, вале ташаккули на танҳо ҷарима, балки дигар намудҳои ҷазо низ аз ҳаммият дур монда буданд. Чунки тамоми таваҷҷуҳи ҳокимият на ба рушди институтҳои ҳуқуқӣ, балки ба ғолибият дар ҷанг равона шуда буд.

Бояд тазаккур дод, ки ба давраи баъд аз ҷанг низ дигаргуниҳои куллӣ ба масъалаи ҷарима хос набуданд. Баъзе Указҳои Президиуми Шурои Олии ИҶШС ба муборизаи зидди ҷинояткории иқтисодӣ нигаронида шудаанд, ки барои онҳо ҷазои ҷарима пешбинӣ карда шудааст. Давраи минбаъдаи таърихи ИҶШС-ро давраи демократикунонӣ тавсиф кардан мумкин аст, ки он бо инкишофи демократияи шуравӣ ва васеъ шудани ҳуқуқҳои ҷумҳуриҳо, инчунин инкишофи фаъолонаи қонунгузорӣ фарқ мекард. Ю.О. Болшакова дар ин хусус қайд мекунад, ки давраи минбаъдаи таърихи ИҶШС-ро давраи демократиконӣ тавсиф кардан мумкин аст, ки кодификатсияи қонуни ҷиноятие, ки дар ин солҳо гузаронда шуда буд, аҳаммияти калон дошт[220].

Далели андешаҳо оид ба демократикунонии давраи баъдиҷангӣ дар таҳия ва қабули санадҳои муҳими байналмиллаӣ зоҳир мегардад. Аз солҳои 1945 сар карда, дар сатҳи ҷаҳони санадҳои дорои аҳаммияти баланди ҳуқуқию байналмилалидошта қабул карда шуданд, ки ба низоми ҳуқуқии миллӣ низ бе таъсир намонданд. Маҳз дар заминаи онҳо санадҳои кодификатсионии мукаммал дар ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ қабул карда шуданд. Дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ инкишофи институтҳои ҷиноят ва ҷазо, асос ва манбаи асосии инкишоф ва такмили қонунгузории ҷумҳуриҳои иттифоқӣ Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ буданд, ки 25 декабри соли 1958 қабул шуда буданд. Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон дар соли 1961 ба принсипҳо ва қоидаҳои умумии муқарраркардаи Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ асос ёфтааст. Қайд намудан ба маврид аст, ки ташаккули ҷарима дар давраи ҶШС Тоҷикистон аз ташаккули институти ҷиноят ва ҷазо дар тамоми ИҶШС вобастагии калон дошт. Тавре У.А. Азиззода қайд менамояд, раванди такмили институтҳои ҷиноят ва ҷазо бо раванди умумии такмил додани институти ҷарима дар доираи қонунгузории умумииттифоқӣ алоқаманд буд[221].

Дар солҳои 50-60 қонунҳои умумииттифоқии ҷиноятӣ асоси инкишофи минбаъдаи институтҳои ҷиноят ва ҷазо, аз ҷумла ҷарима дар ҷумҳуриҳои

---

[219] Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана [Текст]: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – С. 293.

[220] Большакова Ю.О. Становление и развитие института штрафа в истории российского уголовного законодательства / Ю.О. Большакова // Научные исследования молодых учёных: сборник статей XI Международной научно-практической конференции, Пенза, 17 мая 2021 года. – Пенза: Общество с ограниченной ответственностью "Наука и Просвещение", 2021. – С. 189.

[221] Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – С. 300.

иттифоқӣ маҳсуб меёфт. 17 августи соли 1961 Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистонро қабул карда, ба ҷои кодекси 9 май соли 1935, ки аввалин Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии иттифоқии Тоҷикистон буд, иваз карда шуд. Кодификатсияи қонуни ҷиноятие, ки дар ин солҳо гузаронда шуда буд, аҳаммияти калон дошт. Ҳамин тавр, солҳои 1958 Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва соли 1961 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон қабул карда шуданд. Тавре А.А. Абдурашидов қайд мекунад дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 дар низоми ҷазо ҷарима муқаррар шуда буд[222]. Мавриди зикр аст, ки Кодекси мазкур то солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон амал карда, ҷаримаро ҳамчун навъи ҷазои ҷиноятӣ муқаррар ва танзим кардааст. Мавриди зикр аст, ки санади мазкур назар ба қонунгузории соли 1924 хеле ташаккулёфта ва демократӣ ба назар мерасид. Масалан, ҷавобгарии ҷиноятиро барои кирдорҳое, ки барои ҷамъият ва давлат хавфи калон надоранд, маҳдуд ва нарм карда, ҷавобгариро барои содир намудани ҷиноятҳои вазнинтарин ва дар сурати такрор шудани ҷиноят зиёд кард. Ҳамзамон, барои ҷиноятҳои иқтисодӣ ҷарима бештар муқаррар гардида, ки ин заминаи ҳуқуқиро дар қонунгузории ҷиноятии имрӯз амалкунанда баръалло мушоҳида кардан уммкин аст.

Дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ 327 ҷазо дохил карда шуда буд, ки 59-тои он моддаҳои ҷаримаро дарбар мегирад. Қариб 30 адади онҳо ба сифати алтернативаи ҷазо ҷарима муқаррар карданд ва бинобар ин метавон гуфт, ки нисбат ба Кодекси ҷиноятии соли 1935 шумораи ин гуна ҷазоҳо хеле зиёд шудааст. Тибқи Кодекси ҷиноятии он замон амалкунанда, агар маҳкумшуда бо сабабҳои объективӣ ҷаримаро пардохт карда натавонист, пас бо ҳукми суд ҷазо метавонад бо корҳои ислоҳӣ иваз карда шавад.

Дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 дар моддаҳо 21-22 навъҳои ҷазои ҷиноятиро пешбинӣ карда, дар мавқеи шашум ҷаримаро муқаррар карда буд. Ба ҳамин тариқ, низоми ҷазоҳоеро, ки дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 пешбинӣ шудааст, ҳамчун номгӯи мукаммали навъҳои ҷазоҳое, ки қонун муқаррар кардааст ва бо ягонагии дохилии барои суд ва қонунгузор ҳатмӣ буда, мувофиқи дараҷаи вазнинии онҳо тартиб дода шудаанд[223].

Солҳои 1986-1987 дар судҳо ҳамчун ҷазо истифода бурдани ҷарима хеле зиёд шуд. Бояд гуфт, ки дар байни шахсоне, ки ба ҷарима ҳукм карда шудаанд, аксарияти мутлақко шахсоне буданд, ки барои вайрон кардани қоидаҳои савдои нушокиҳои спиртӣ мазкур маҳкум шудаанд. Кодекси ҷиноятӣ, инчунин барои истеҳсол, фурӯхтан, нигоҳ доштани нушокиҳои спиртии сахти худсохт ба татбиқи ҷазои ҷиноятӣ дар шакли ҷарима

[222] Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – С. 74.
[223] Ҳамон ҷо. – С. 75.

равандҳои сиёсию иқтисодии он замон дар кишвар таъсири калон расонд. Таваррум боиси он гардид, ки ҷарима ҳамчун ҷазо сабуктар шавад.

Дар доираи Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз рӯзи қабул шуданаш (17 августи соли 1961) то бекор карда шудани он (сентябри соли 1998) вобаста ба институтҳои ҷиноят ва ҷазо тағйироту иловаҳои калон ворид карда шуданд. Ҳамаи ин тағйироту иловаҳое, ки ба қисмҳои умумӣ ва махсуси Кодекс дахл доранд, ки бевосита ба институти таҳқикшаванда асосан дар давраҳои зерин дахл доштанд:

давраи якум солҳои 1961-1985;

- давраи дуюм солҳои 1985-1991;

- давраи сеюм солҳои 1991-1998[224].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи мазкур чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҷарима таърихи дурударозро аз сар гузаронида, танҳо дар марҳилаи ташаккул ва амали низоми ҳуқуқии шуравӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ расман мустаҳкам гардидааст. Маҳз дар ин марҳила ба ҷазои ҷарима таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад. Зеро аз як тараф ҳодисаҳои давраи ҷанг ва аз тарафи дигар раванд босозӣ ба афзоиши ҷиноятҳои иқтисодӣ мусоидат карда, дар натиҷа боиси ташаккул ва татбиқи зиёди ҷарима гардидааст.

**Ададбиёт:**


1. Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – 190 с.
2. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: Дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе – 2015. – 414 с.
3. Большакова Ю.О. Становление и развитие института штрафа в истории Российского уголовного законодательства // XI международная научно-практическая конференция (Москва. 22 апреля 2015 г.). – М.: Изд-во СГУ, 2015. – С. 189.
4. Гаджимагомедова С.О. Проблемы развития штрафа как уголовного наказания в российском уголовном праве / С.О. Гаджимагомедова // Юридический вестник Дагестанского государственного университета. – 2014. - № 2. – С. 93.
5. Жукова А.С. О применении имущественных санкций в истории отечественного уголовного законодательства / А.С. Жукова // История государства и права. – 2013. - № 24.
6. Камолов З.А. Понятие системы наказаний по уголовному законодательству Республики Таджикистан // Государство и право. - Душанбе, 2003. - №3. – С.79-93.


[224] Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – С. 300.

7. Нарзуллоев С.С. История развития института ответственности за нарушение правил дорожного движения и эксплуатации транспортных средств по уголовному законодательству Таджикистана (1922-1961 Г.Г.) / С.С. Нарзуллоев // Научный вестник Орловского юридического института МВД России имени В.В. Лукьянова. – 2020. – № 4(85). – С. 20-25. – С. 23.
8. Розикзода А.Ш. Формы наказания и тюрьмы в дореволюционном Таджикистане // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. Вып. 7. - Душанбе, 2004. - С. 9-12.
9. Самошин В.С. Особенности штрафа как вида наказания за преступления в Советской России в период с 1917 по 1930 г. // «Молодой учёный». – 2018. - № 44 (230). – С. 174.
10. Тахиров, Ф.Т. История государства и права Таджикистана (1917-1929 гг.) / Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: Амриилм, 2001. - Т. 2, ч. 1. – 494 с.
11. Тахиров, Ф.Т. Становление советского права в Таджикистане / Ф.Т. Тахиров. – Душанбе : Дониш, 1987. - 192 с.
12. Тоскина Г.Н. Штраф и конфискация имущества как важнейшие средства борьбы с преступностью в первые годы советской власти // Lex russica. - 2014. - № 12 (Том XCVII). – С. 1477.
13. Тулиев И.Р. Наказание по уголовному праву Таджикистана (система, виды наказаний и их назначение): дис. канд. юрид. наук. – М., 2010. – 217 с.
14. Уголовный кодекс Таджикской ССР. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1935. – 134 с.
15. Уголовный кодекс Таджикской ССР. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1952. – 166 с.
16. Хамракулов Р. Вопросы теории и практики кодификации уголовного законодательства союзной республики. – Душанбе, 1962. – 160 с. – С. 35.

**Мақола дар редаксия ворид шуд**: 21.04.2025
**Аз тақриз баргашт: 09.06.2025**
**Ба чоп тавсия шуд: 16.06.2025**

# ҲУҚУҚИ ИНСОН БА МЕҲНАТ Ё ОЗОДИИ ИНСОН МЕҲНАТ: ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚӢ

**Бобозода Умедҷон Эмомалӣ,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ
**Тел.:** (+992) 985-75-91-91
**Email:** bobozodaue@gmail.com

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ
**Роҳбари илмӣ:** Саъдизода Ҷ. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Муқарриз:** Мирализода И.Қ. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Аннотатсия:** Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ дар мавзуи ҳуқуқ ба меҳнат ё озодии меҳнат: таҳлили назариявӣ-ҳуқуқӣ бахшида шудааст. Тавре ки маълум аст, ки ҳуқуқ ба меҳнат яке аз ҳуқуқҳои асосии иқтисодию иҷтимоӣ инсон мебошад. Дар заминаи таҳлили мавзуи мазкур муайян гардид, ки мафҳуми озодии меҳнат нисбат ба мафҳуми ҳуқуқ ба меҳнат маҳдуд мебошад. Зеро ҳуқуқ ба меҳнат дарбаргирандаи озодӣ ва уҳдадорӣ ба ҳисоб меравад. Қабул намудани ҳуқуқ ба меҳнат, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, аз бисёр ҷиҳат қобили дастгирист ва ба манфиати кор мебошад.

**Калидвожаҳо:** Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конститутсияи Федератсияи Россия, инсон, ҳуқуқ, озодӣ, ҳуқуқ ба меҳнат, озодии меҳнат, ҳуқуқи инсон ба меҳнат, озодии инсон ба меҳнат, таҳлил, муқоиса, таҳлили ҳуқуқӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Федератсияи Россия.

# ПРАВО ЧЕЛОВЕКА НА ТРУД ИЛИ СВОБОДА ЧЕЛОВЕКА НА ТРУД: ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ

**Бобозода Умеджон Эмомали,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения
**Тел.:** (+992) 985-75-91-91.
**Email:** bobozodaue@gmail.com

**Научная специальность:** 12.00.01 – Теория и история права и государства; история правовых и политических учений

**Научный руководитель:** Саъдизода Дж. – кандидат юридических наук, доцент
**Рецензент:** Миралиzода И.К. – доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Статья посвящена одному из актуальных вопросов юридической науки на тему право человека на труд или свобода человека на труд: теоретико-правовой анализ. Как известно, право человека на труд считается как главное экономическое и социальное право человека. На основе анализа данной темы определено, что понятие свободы труда ограничено по отношению к понятию права на труд. Поскольку право на труд включает в себя свободу и обязанности. Принятие права на труд, которое закреплено в законодательстве Республики Таджикистан, во многом оправдано и соответствует интересам.

**Ключевые слова:** Конституция Республики Таджикистан, Конституция Российской Федерации, человек, право, свобода, право на труд, свобода труда, право человека на труд, свобода человека на труд, анализ, сравнение, правовой анализ, сравнительно-правовой анализ, Трудовой кодекс Республики Таджикистан, Трудовой кодекс Российской Федерации.

## HUMAN RIGHT TO LABOUR OR HUMAN FREEDOM TO WORK: A THEORETICAL AND LEGAL ANALYSIS

**Bobozoda Umedjon Emomali,**
Tajik National University, faculty of law, assistant of the department of human rights and comparative law
**Phone:** (+992) 985-75-91-91
**Email:** bobozodaue@gmail.com

**Scientific Specialty:** 12.00.01 – Theory and history of law and state; history of legal and political doctrines
**Supervisor:** Sadizoda J. – Candidate of Law Sciences, docent
**Reviewer**: Miralizoda I.Q. – Doctor of Law Sciences, Professor

**Annotation:** Abstract: The article is devoted to one of the topical issues of legal science on the topic of the right to labour or freedom of labour: theoretical and legal analysis. The human right to labour is considered as the main economic and social human right. On the basis of the analysis of this topic it is determined that the concept of freedom of labour is limited in relation to the concept of the right to labour. Since the right to labour includes freedom and duties. The adoption of the right to labour, which is enshrined in the legislation of the Republic of Tajikistan, is largely justified and in line with the interests.

**Key words:** Constitution of the Republic of Tajikistan, Constitution of the Russian Federation, person, right, freedom, right to labour, freedom of labour, human right to labour, human freedom to labour, analysis, comparison, legal

analysis, comparative legal analysis, comparative legal analysis, Labour Code of the Republic of Tajikistan, Labour Code of the Russian Federation.

Яке аз сифатҳои муҳимтарин ва нишондиҳандаи шахс меҳнат ба ҳисоб меравад. Меҳнати инсон шарти зарурии мавҷудият ва рушди ҳамаҷонибаи ҷомеаи муосир дониста мешавад. Фаъолияти ҳар як шахс, ки бо меҳнат алоқаманд аст, он ба эҷоди сарватҳои моддӣ ва маънавӣ нигаронида шудааст. Бидуни ин арзишҳо, алахусус, ҷомеа ва тамаддуни инсоният рушд карда наметавонанд. Меҳнат дар воқеъ аҳаммияти калонро доро буда, ҳар як шахс ба он ҳуқуқ дошта, он дар як қатор санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ кафолат дода шудааст.

Ҳуқуқ ба меҳнат яке аз ҳуқуқҳои асосии иқтисодию иҷтимоӣ инсон мебошад. Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон соли 1948 барои танзими байналмилалии меъёри ҳуқуқ ба меҳнат замина гузошт. Мутобиқи моддаи 23-и он «Ҳар як инсон дорои ҳаққи меҳнат, интихоби озодонаи кор ва шароити одилонаю мусоиди меҳнат ва ҳаққи ҳимоя аз бекорист. Ҳар як инсон бидуни ягон табъиз барои кори баробар ба музди баробар ҳақ дорад. Ҳар як коргар ба музди одилонаю қаноатбахш, ки зиндагии сазовори ҳар як инсон ва аҳли оилаи ӯро таъмин кунад, дар сурати зарурат бо дигар воситаҳои таъминоти иҷтимоӣ пурра гардонида шавад, ҳақ дорад. Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки иттифоқҳои касаба созмон диҳад ва барои ҳимояи манфиатҳои худ ба иттифоқҳои касаба дохил шавад”[225]. Ин санад ҳимоя аз бекориро эълом мекунад ва дар тамоми кишварҳои ҷаҳон, ки онро ба тавсиб расонидааст, паҳн мегардад.

Ба ақидаи Бобокалон М.Ғ.: «Сабаби асосии таваҷҷуҳи бепоён ба қонунгузорӣ оид ба меҳнат дар ҳамаи дар марҳилаҳои инкишофи таърихӣ дар он аст, ки меҳнат, ҷузъи ҳаёти инсонӣ буда, ҳаёти ҷомеаи муосирро бе он тасаввур намудан номумкин аст. Меҳнат ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти инсон буда, дар пешрафти ҷомеа нақши ҳалкунанда дорад. Бо баробари инкишофи ҷомеаи инсонӣ ва мураккаб гаштани муносибатҳои ҷамъиятии ҷомеа, нуфуз ва саҳми қонунгузорӣ оид ба меҳнат бештар мегардад. Дар ҳаёти имрӯза нақши давлат дар идора намудани соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа (иқтисод, ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва диг.), ҳалли умдатарини проблемаи ҳаёти инсонӣ, инчунин, таъмини қонуният дар муносибатҳои меҳнатӣ, баланд аст»[226].

Инчунин, ҳуқуқ ба меҳнат дар моддаҳои 6 ва 7 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (минбаъд – ПБҲИИФ) дарҷ гардидааст, ки муқаррароти зеринро дар бар мегирад, боз ҳам ҳуқуқ ба меҳнатро тақвият дод. Хусусан дар моддаи 6-и Паймон чунин дарҷ гардидааст: «Давлатҳои иштирокчии ҳамин Паймон ҳуқуқ ба меҳнатро, ки аз ҳуқуқи ҳар як инсон барои дарёфти имконияти таъмини

[225] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. Бо қатъномаи 217 А (III) Ассамблеяи Генералӣ 10 декабри соли 1948. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.lexilogos.com/declaration/tadjik.htm (санаи мурочиат: 08.12.2024)

[226] Бобокалонов Ғ.М. Маҷмӯаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат дар Тоҷикистон. (1940-2020). – Душанбе: ДМТ, Нашриёти «Сино», 2020. – С. 3.

зиндагӣ тавассути меҳнате, ки ӯ онро озодона интихоб мекунад ё ӯ ба иҷрои он озодона розӣ мешавад, иборат аст, эътироф мекунанд ва ҷиҳати таъмини ин ҳуқуқ тадбирҳои дахлдор меандешанд. Тадбирҳое, ки аз тарафи давлатҳои дар ҳамин Паймон иштирокчӣ бо мақсади пурра амалӣ намудани ин ҳуқуқ бояд андешида шаванд, барномаҳои таълим ва тарбияи касбию техникӣ, роҳҳо ва воситаҳои ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва шуғли пурраи маҳсулнокро дар шароите, ки озодии асосии сиёсӣ ва иқтисодии инсонро кафолат медиҳанд, дар бар мегиранд»[227].

Моддаи 7 Паймони мазкур муқаррар менамояд: «Давлатҳои иштирокчии ҳамин Паймон ҳуқуқи ҳар касро ба шароити одилона ва мусоиди меҳнат эътироф мекунанд, аз ҷумла:

a) ҳаққи меҳнате, ки ҳадди ақал барои ҳамаи меҳнаткашон шароити мусоиди зеринро таъмин месозад:

i) музди меҳнати одилона ва ҳаққи меҳнати баробар барои меҳнати баробараризиш бидуни ягон навъ фарқгузорӣ, аз ҷумла барои занон бояд шароити меҳнати на камтар аз мардон муҳайё карда шуда, бо музди меҳнати баробар барои кори баробар кафолат дода шавад;

ii) зиндагии шоиста барои худи онҳо ва оилаи онҳо мутобиқи муқаррароти ҳамин Паймон;

b) шароити меҳнат, ки ба талаботи бехатарӣ ва гигиена ҷавобгӯй аст;

c) имконияти баробар барои ҳама дар пешрафт ба зинаи болотари мувофиқ дар кор танҳо дар асоси собиқаи корӣ ва тахассус;

d) истироҳат, фароғат ва маҳдудияти оқилонаи вақти корӣ ва рухсатии давра ба давраи пардохтшаванда, ҳамчунин музд барои рӯзҳои ид»[228].

Тибқи муқаррароти ПБҲИИФ ҳуқуқи инсон ба меҳнат дар он сабт гардидааст, ки танзими байналмилалии ин ҳуқуқро ба зиммаи худ мегирад. Ҳоло он ки ПБҲИИФ меҳнати маҷбуриро манъ накардааст. Вале, ин маънои онро надорад, ки меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ истифодаи меҳнати маҷбуриро иҷозат медиҳанд. Ин муқаррарот дар моддаи 8 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (ҳамчун яке аз шартҳои озодӣ аз ғуломӣ) муайян шудааст, ки ба андешаи мо бо ҳуқуқи инсон ба меҳнат алоқамандии ногусастанӣ дорад.

Бояд қайд намуд, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллии Тоҷикистон ва Россия ду мафҳум мавҷуданд – дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «ҳуқуқ ба меҳнат» ва дар Конститутсияи Федератсияи Россия «озодии меҳнат». Ин мафҳумҳоро

---

[227] Паймони байналхалкии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. Бо қатъномаи 2200 А (XX1) Ассамблеяи Генералӣ 16 декабри соли 1966 қабул гардида, бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 тасдиқ карда шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.anticorruption.tj/index.php/tj/kitobkhona/u-u-oi-inson/1413-pajmoni-bajnalmilal-oid-ba-u-u-oi-i-tisod-i-timo-va-far-ang.html (санаи мурочиат: 08.12.2024)

[228] Паймони байналхалкии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. Бо қатъномаи 2200 А (XX1) Ассамблеяи Генералӣ 16 декабри соли 1966 қабул гардида, бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 тасдиқ карда шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.anticorruption.tj/index.php/tj/kitobkhona/u-u-oi-inson/1413-pajmoni-bajnalmilal-oid-ba-u-u-oi-i-tisod-i-timo-va-far-ang.html (санаи мурочиат: 08.12.2024)

таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ намуда, бояд зикр намуд, ки «ҳуқуқ ба меҳнат» нисбати мафҳуми «озодии меҳнат» васеътар мебошад. Тавре ки муҳаққиқон қайд менамояд, ки ҳуқуқ танҳо он замоне амалӣ мегардад, ки агар таъмини он ба зиммаи давлат ва ё шахси дигар вогузор гардида бошад[229]. Қобили тазаккур аст, ки «ҳуқуқ ба меҳнат» на танҳо имконияти интихоб намудани меҳнатро ё накардан, балки кафолати таъмини ҷойҳои корӣ ва фароҳам овардани шароити мувофиқи меҳнатро дар бар мегирад.

Ҳар як давлат муқаррароти қонунгузории худро дошта, ҳуқуқи инсон ба меҳнат ва шароити арзандаи меҳнатро тасдиқ менамояд. Чунин санади меъёрии ҳуқуқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар моддаи 35-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, ки «Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад. Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат набояд кам бошад. Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст. Барои иҷрои кори якхела музди баробар дода мешавад. Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст. Дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон манъ аст»[230].

Дар Федератсияи Россия ин падидаи ҳуқуқӣ тавассути Конститутсияи Федератсияи Россия ба танзим дароварда шудааст, ки меҳнатро ҳамчун озодӣ эътироф намудааст. Ин чунин маъно дорад, ки ҳар як шаҳрванд метавонад меҳнати худро озодона интихоб намояд ва барои амалисозии меҳнати инсон давлат уҳдадориро ба зиммаи худ намегирад.

Моддаи 37-и Конститутсияи Федератсияи Россия чунин муқарраротро пешбинӣ менамояд:

«1. Меҳнат озод аст. Ҳар кас ҳуқуқ дорад озодона қобилияти меҳнатии худро ихтиёрдорӣ кунад, намуди фаъолият ва касбро интихоб намояд.

2. Меҳнати маҷбурӣ манъ аст.

3. Ҳар кас ҳуқуқ дорад дар шароите, ки ба талаботи бехатарӣ ва гигиенӣ ҷавобгӯ бошад, кор кунад, барои кор бе ягон табъиз ва на камтар аз ҳадди ақали музди меҳнати муқаррарнамудаи қонуни федералӣ музд гирад, инчунин ҳуқуқи ҳимоя аз бекорӣ.

4. Ҳуқуқи баҳсҳои меҳнатии инфиродӣ ва коллективӣ бо истифода аз усулҳои ҳалли онҳо, ки қонуни федералӣ муқаррар кардааст, аз ҷумла ҳуқуқи корпартоӣ эътироф карда мешавад.

5. Ҳар кас ҳуқуқи истироҳат дорад. Ба корманде, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ кор мекунад, вақти корӣ, рӯзҳои истироҳат ва ид ва

---

[229]Ниг.: Сафарзода Б.А. Механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон (воситаи таълимӣ). – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 8.; Ллойд Д. Идея права: репрессивное зло или социальая необходимость? – М.: Югона, – С. 12.

[230] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст ва ба он 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. (Бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе, «Нашриёти Ганҷ». – 2016. – С. 19.

рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда, ки қонунгузории федералӣ муқаррар кардааст, кафолат дода мешавад»[231].

Дигар санадҳои муҳимми ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016 таҳти №1329 ва Кодекси меҳнати Федератсияи Россия аз 30 декабри соли 2001 ба ҳисоб рафта, ҳуқуқу уҳдадориҳои корманд ва корфармоёнро муқаррар менамоянд.

Барои ба натиҷаи таҳқиқоти илмии мазкур ноил гардидан, бояд мафҳуми ҳуқуқ ва озодиро аз ҳамдигар тафриқа намуд. Дар фарҳанги забони русӣ зери таҳрири С.И. Ожегов истилоҳоти мазкур ба маънои зер тавсир карда шудааст: ҳуқуқ – маҷмуи меъёрҳо ва қоидаҳое, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ муқаррар ва ҳифз карда мешаванд, ки муносибатҳои одамонро дар ҷомеа танзим мекунанд, инчунин илмест, ки ин меъёрҳои мазкурро меомӯзад; озодӣ – имкони ба амал баровардани иродаи субъект дар асоси огоҳ буданаш аз инкишофи қонунҳои табиат ва ҷамъият. Озодии ирода (категорияи фалсафие, ки мафҳуми озодӣ ё пешакӣ муайян кардани амалу кирдори субъектро инъикос мекунад)[232]. Аз ин бармеояд, ки байни истилоҳҳои мазкур тафовут вуҷуд дорад. Вобаста ба масъалаи мазкур метавон андешаҳои олимони ватаниро пеш оварад.

Чунончӣ А.М. Диноршоҳ (А.М. Диноршоев) ва Д.С. Раҳмон (Д.С. Сафаров) дарҷ менамоянд, ки ҷиҳати равшансозии тафовут миёни истилоҳи «ҳуқуқ» ва «озодӣ», иловатан, онҳоро аз нуқтаи назари муносибати мутақобилаи «инсон (шаҳрванд) бо давлат» баррасӣ мекунанд. Аз ин нуқтаи назар озодии инсон – ин яке аз соҳаҳои фаъолияти инсон буда, давлат тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ танҳо сарҳади онро муайян намуда, ба амалишавии он дахолат наменамояд. Амал намудан ва ё беамалӣ дар ҳудуди сарҳади муқарраршуда ба ихтиёри худи инсон аст. Давлат ҳамзамон дахолат накардани дигар шахсонро низ ба ин сарҳади озодӣ таъмин менамояд. Масалан, озодии виҷдон, сухан ва ғ. Ҳуқуқи инсон бошад, ин имконияти ҳаракат намудан дар фазое, ки давлат риоя ва эътироф намудааст ва кафолат додааст. Дар фарқият аз озодии инсон, давлат ба амалишавии ҳуқуқи инсон дахолат ва чораандешӣ менамояд[233]. Дар мисоли ҳуқуқи инсон, яке аз ҳуқуқҳое, ки давлат ба шахс кафолат додааст, ҳуқуқ ба меҳнат додаст.

Профессор А.Ғ. Холиқзода иброз медорад, ки «ҳуқуқи инсон соҳаи мушаххас, самти фаъолияти шахс буда, аз ҷониби давлат муқаррар ва кафолат дода мешавад. Озодии инсон доираи муносибатҳои ҳуқуқие мебошад, ки давлат муқаррар кардааст, ки шахс дар дохили он рафтори худро мустақилона муайян мекунад ва давлат ба мазмуни ин муносибатҳои ҳуқуқӣ дахолат намекунад[234].

---

[231] Конститутсияи Федератсияи Россия (бо забони русӣ). – Москва. – 1 июли соли 2020. – С. 12-13.

[232]Ниг.: Ожегов, С.И. Толковый словарь русского языка: Ок. 100 000 слов, терминов и фразеологических выражений / С.И. Ожегов: Под ред. проф. Л.И. Скворцова. – 28-е изд., перераб. – Москва: Мир и образование, 2024. – С. 1052.

[233] Диноршоев А.М., Сафаров Д.С. Ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2010. – С. 61.

[234] Холиков А.Г., Диноршоев А.М. Права человека. // Под ред. д.ю.н., проф. Холикова А.Г. Душанбе. 2008. – С. 43.

Аз ҷумла профессор Искандаров З.Ҳ. низ, доир ба ин масъала изҳори назар намуда, чунин қайд менамояд: «Табиат ва мазмуни ҳуқуқии истилоҳи «озодӣ» ва «ҳуқуқ» ягона мебошад. Ҳам «ҳуқуқ» ва ҳам «озодӣ» доираи манфиат ва талаботи ҷонию маънавии одамон, ҳаракат ва талаботҳои қобили қабули ҷамъияти инсониро ифода менамоянд. Бо вуҷуди ин монандӣ, миёни онҳо тафовуте дида мешавад. Агар «озодӣ» имкониятҳои васеи интихоби фардро дар қонеъ намудани талаботи шахсиаш нишон диҳад ва оқибати онро талаб нанамояд, «ҳуқуқ» имконият ва талаботи нисбатан аниқи одамонро доир ба қонеъ намудани манфиатҳои ҷузъиашон ифода менамояд»[235].

Ҳамин тариқ, дар заминаи таҳлили мавзуи мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки мафҳуми озодии меҳнат нисбатан ба мафҳуми ҳуқуқ ба меҳнат маҳдуд мебошад. Зеро озодӣ мутлақ буда наметавонад, вобаста ба ин андешаи олимони ватанӣ шоёни дастгирист. Аз ин рӯ, ҳуқуқ дарбаргирандаи озодӣ ва уҳдадорӣ ба ҳисоб меравад. Қабул ва муқаррар намудани ҳуқуқ ба меҳнат, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, аз бисёр ҷиҳат қобили дастгирист ва ба манфиати кор мебошад.

**Адабиёт**:


1. Азаров А., Ройтер В., Хюфнер К. Права человека. Международные и российские механизмы защиты. – М., 2003. – 560.
2. Бобокалонов Ғ.М. Маҷмӯаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат дар Тоҷикистон. (1940-2020). – Душанбе: ДМТ, Нашриёти «Сино», 2020. – С. 3.
3. Диноршоев А.М., Сафаров Д.С. Ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2010. – 320 с.
4. Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии ҳимояи он. – Душанбе: «Эҷод», 2006, – 136 с.
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст ва ба он 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. (Бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе, «Нашриёти Ганҷ». – 2016. – 136 с.
6. Конститутсияи Федератсияи Россия (бо забони русӣ). – Москва. – 1 июли соли 2020. – С. 12-13.
7. Ллойд Д. Идея права: репрессивное зло или социальая необходимость? – М.: Югона, – 416 с.
8. Марек Новицкий. Что такое права человека. Подробно см. сайт: www.hrjn.tj
9. Ожегов, С.И. Толковый словарь русского языка: Ок. 100 000 слов, терминов и фразеологических выражений / С.И. Ожегов: Под ред. проф. Л.И. Скворцова. – 28-е изд., перераб. – Москва: Мир и образование, 2024. – 1376 с.


[235] Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии ҳимояи он. – Душанбе : «Эҷод», 2006, С. 5

10. Паймони байналхалкии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. Бо қатъномаи 2200 А (XX1) Ассамблеяи Генералӣ 16 декабри соли 1966 қабул гардида, бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 тасдиқ карда шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.anticorruption.tj/index.php/tj/kitobkhona/u-u-oi-inson/1413-pajmoni-bajnalmilal-oid-ba-u-u-oi-i-tisod-i-timo-va-far-ang.html (санаи мурочиат: 08.12.2024)
11. Паймони байналхалкии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. Бо қатъномаи 2200 А (XX1) Ассамблеяи Генералӣ 16 декабри соли 1966 қабул гардида, бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 тасдиқ карда шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.anticorruption.tj/index.php/tj/kitobkhona/u-u-oi-inson/1413-pajmoni-bajnalmilal-oid-ba-u-u-oi-i-tisod-i-timo-va-far-ang.html (санаи мурочиат: 08.12.2024)
12. Сафарзода Б.А. Механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон (воситаи таълимӣ). – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – 124 с.
13. Холиков А.Г., Диноршоев А.М. Права человека. // Под ред. д.ю.н., проф. Холикова А.Г. Душанбе. 2008. – 780 с.
14. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. Бо қатъномаи 217 А (III) Ассамблеяи Генералӣ 10 декабри соли 1948. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.lexilogos.com/declaration/tadjik.htm (санаи мурочиат: 08.12.2024).

**Мақола дар редаксия ворид шуд**: 21.04.2025
**Аз тақриз баргашт: 09.06.2025**
**Ба чоп тавсия шуд: 16.06.2025**

# ОМИЛҲОИ ИҶТИМОӢ-ФАРҲАНГИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚИИ ЗАНОН

**Сайфудинзода Фируза Сайфуддин,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ.
**Тел.:** +992 934443003
**Email:** sayfuddinzoda92@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ
**Муқарриз:** Мирализода И.Қ. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Мақола ба таҳлили ҳамаҷонибаи раванди ташаккули фарҳанги ҳуқуқии занон бо назардошти омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бахшида шудааст. Масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба муайян кардани моҳияти фарҳанги ҳуқуқӣ, унсурҳои таркибии он ва омилҳое, ки ба рушди он таъсир мерасонанд, баррасӣ шудаанд. Ба вижагиҳои ташаккули фарҳанги ҳуқуқии занон, ки ба таъсири меъёрҳои устувори иҷтимоӣ-фарҳангӣ, анъанаҳо, эътиқоди динӣ, муҳити тарбиявӣ ва афкори ҷамъиятӣ вобаста аст, таваҷҷӯҳи хоса дода мешавад. Муаллиф хусусиятҳои асосии фарҳанги ҳуқуқӣ, аз ҷумла шуури ҳуқуқӣ, муносибат ба қонун, рафтори ҳуқуқӣ ва фаъолияти ҳуқуқиро муайян кардааст. Қайд карда мешавад, ки фарҳанги ҳуқуқии занон дар заминаи зиддиятҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ байни модели анъанавии нақши занон ва меъёрҳои ҳуқуқии муосири баробарии гендерӣ рушд мекунад. Дар мақола зарурати фароҳам овардани фазои мусоиди фарҳангию иҷтимоӣ, ки ба рушди худшиносии ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқӣ ва қобилияти худшиносии ҳуқуқии занон нигаронида шудааст, таъкид шудааст. Хулоса мешавад, ки заминаи иҷтимоию фарҳангӣ дар таъмини рушди устувори фарҳанги ҳуқуқии занон нақши ҳалкунанда дошта, тағйир додани он шарти демократикунонии ҷомеа ва истиқрори принсипҳои адолату баробарӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** фарҳанги ҳуқуқӣ, занон, омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, шуури ҳуқуқӣ, анъанаҳо, баробарии гендерӣ, афкори ҷамъ

# СОЦИОКУЛЬТУРНЫЕ ФАКТОРЫ ФОРМИРОВАНИЯ ПРАВОВОЙ КУЛЬТУРЫ ЖЕНЩИН

**Сайфуддинзода Фируза Сайфуддин,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения

**Тел.:** +992 934443003
**Email:** sayfuddinzoda92@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.01 – Теория и история права и государства; история правовых и политических учений
**Рецензент:** Миралиzода И.К. – доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Статья посвящена комплексному анализу процесса формирования правовой культуры женщин с учетом социокультурных факторов. Рассматриваются теоретические и практические вопросы, связанные с определением сущности правовой культуры, ее составляющих элементов, факторов, влияющих на ее развитие. Особое внимание уделено специфике формирования правовой культуры женщин, которая зависит от влияния устойчивых социокультурных норм, традиций, религиозных убеждений, образовательной среды, общественного мнения. Автор выделил основные характеристики правовой культуры, в том числе правосознание, отношение к праву, правовое поведение и правовую активность. Отмечается, что правовая культура женщин развивается на фоне социокультурных противоречий между традиционной моделью женских ролей и современными правовыми нормами гендерного равенства. В статье подчеркивается необходимость создания благоприятной культурной и социальной среды, направленной на развитие правового самосознания, правовой активности и правового самосознания женщин. Можно сделать вывод, что социокультурный фон играет решающую роль в обеспечении устойчивого развития правовой культуры женщин, а его изменение является условием демократизации общества, утверждения принципов справедливости и равенства.

**Ключевые слова:** правовая культура, женщины, социокультурные факторы, правосознание, традиции, гендерное равенство, общественное мнение, правовое поведение, социальные нормы, правовое просвещение.иятӣ, рафтори ҳуқуқӣ, меъёрҳои иҷтимоӣ, тарбияи ҳуқуқӣ.

## SOCIOCULTURAL FACTORS IN THE FORMATION OF WOMEN'S LEGAL CULTURE

**Sayfuddinzoda Firuza Sayfuddin,**
Tajik National University, faculty of law, assistant of the department of human rights and comparative law
**Phone:** +992 934443003
**Email:** sayfuddinzoda92@mail.ru

**Scientific Specialty:** 12.00.01 – Theory and history of law and state; history of legal and political doctrines
**Reviewer**: Miralizoda I.Q. – Doctor of Law Sciences, Professor

**The summary:** The article is devoted to a comprehensive analysis of the process of formation of women's legal culture taking into account socio-cultural factors. Theoretical and practical issues related to the definition of the essence of legal culture, its constituent elements, factors influencing its development are considered. Particular attention is paid to the specifics of the formation of women's legal culture, which depends on the influence of stable socio-cultural norms, traditions, religious beliefs, educational environment, public opinion. The author identified the main characteristics of legal culture, including legal awareness, attitude to law, legal behavior and legal activity. It is noted that women's legal culture develops against the background of socio-cultural contradictions between the traditional model of women's roles and modern legal norms of gender equality. The article emphasizes the need to create a favorable cultural and social environment aimed at developing legal self-awareness, legal activity and legal self-awareness of women. It can be concluded that the socio-cultural background plays a decisive role in ensuring the sustainable development of women's legal culture, and its change is a condition for the democratization of society, the establishment of the principles of justice and equality.

**Key words:** legal culture, women, socio-cultural factors, legal consciousness, traditions, gender equality, public opinion, legal behavior, social norms, legal education.

Омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии занон нақши асосиро мебозанд, Дарки онҳо аз меъёрҳои ҳуқуқӣ, ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва рафтори ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд. Дар шароити тағйироти муосири ҷомеа, ки масъалаҳои баробарӣ, ҳуқуқ ва озодии занон дар маркази таваҷҷуҳи ҳуқуқӣ ва фарҳанги иҷтимоии ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ қарор доранд, омӯзиши ин омилҳо махсусан аҳамиятнок мегардад.

Маданияти ҳуқуқии занон на танҳо ба ҳуқуқҳои шахсии онҳо, балки дар маҷмуъ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ба рушди низоми ҳифзи ҳуқуқи занон, баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқӣ ва иштироки фаъолонаи занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, тағйирот дар низомҳои ҳуқуқӣ ва ҳаракати афзояндаи ҳуқуқи занон муҳим аст, ки чӣ гуна анъанаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ, меъёрҳои динӣ, низоми таълимӣ ва васоити ахбори омма муносибати занонро ба қонун ташаккул медиҳанд.

Дар илми ҳуқуқ ба омӯзиши таъсири мутақобилаи фарҳанги ҳуқуқии занон бо омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ аҳамият дода мешавад, ки ин тадқиқотро махсусан муҳим мегардонад. Фаҳмидани ин таъсир на танҳо дар заминаи тадқиқоти назариявӣ, балки барои таҳияи стратегияҳои мушаххаси ҳуқуқӣ, ки ба беҳбуди вазъи ҳуқуқии занон, васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои онҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт нигаронида шудаанд, мусоидат мекунад.

Омӯзиши омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки фарҳанги ҳуқуқии занонро ташаккул медиҳанд, на танҳо саҳми назаррас дар рушди илми ҳуқуқ, балки

як қадами муҳим дар самти баланд бардоштани мақоми ҳуқуқии занон дар ҷомеаи муосир мебошад.

***Махсусиятҳои асосии ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ ва омилҳои асосии он.*** Категорияи «фарҳанги ҳуқуқӣ» бо сабаби абстрактӣ ва норавшании маънои худ, дарки мураккабро доро мебошад. Он на танҳо маҷмӯи дониш ва меъёрҳои ҳуқуқиро фаро мегирад, балки ҷаҳонбинӣ, самтҳои арзишӣ ва рафтори шахсонро дар фазои ҳуқуқӣ инъикос мекунад. Калимаи «фарҳанг» аз лотинӣ буда, аслан маънои «коркард» ё «коркарди замин»-ро дошт.

«Дар ибтидо зери мафҳуми «фарҳанг» фаъолияти инсонро зимни коркарди замину умури заминдорӣ дар назар доштанд. Дар Юнони Қадим калимае, ки бо истилоҳи «фарҳанг» наздик буд, вожаи «пайдея» буд, ки маънои «фарҳанги ботинӣ» ё ба дигар сухан, «ҷаҳони ботин»-ро ифода мекард. Дар сарчашмаҳои лотинӣ нахустин бор калимаи «фарҳанг» дар рисолаи Марк Порсия Катони Бузург (234-148 то с. мо). De Agri Cultura (қариб 160 сол то с.мо), ки ба кишоварзӣ бахшида шуда буд, ба чашм мерасад. Дар забони лотинӣ калимаи болоӣ дорои маъноҳои гуногун мебошад. Кишту кор, коркард, нигаҳдорӣ, (agri) парвариш, (vitis cultura) кишоварзӣ, тарбият, маълумот, инкишоф, таъзиму эҳтиром ва ғайра»[236].

Категорияи фарҳанг бо мурури замон маънои васеъро бо худ гирифта, ҳамчун як низоми арзишҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии аз насл ба насл интиқолёфта дарк мешавад. Дар адабиёти ҷаҳон зиёда аз 500 таърифи гуногуни фарҳанг мавҷуд аст, ки хусусияти мураккабии сохтори мафҳумиро таъкид мекунад[237]. Фарҳанг ҳамчун хусусияти асосии ҳаёти ҷомеа амал мекунад ва аз инсон ҳамчун мавҷудоти иҷтимоӣ ҷудонашаванда аст, зеро он роҳҳои мавҷудият, муносибат ва инкишофи одамонро муайян намуда, ҳам ҷанбаҳои фикрӣ ва ҳам ахлоқӣ, эстетикӣ ва ҳуқуқии ҳастиро ба ҳам мепайвандад. Фарҳанг дар маъхазҳои гуногун ба таври мухталиф шарҳ дода мешавад. «Луғати фалсафии олмонӣ» («Германский философский словарь» (1922)) онро ҳамчун роҳи мавҷудияти инсон арзёбӣ мекунад[238]. А. Кробер ба пуррагии фаъолияти шахси иҷтимоӣ ва Э.Тейлор фарҳангро маҷмӯи ахлоқ, қонунҳо ва урфу одатҳо муайян мекунад, ки хусусияти меъёрию танзимкунандаи ин хусусиятро таъкид мекунад[239].

«Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар чаҳорчӯби пажӯҳишҳои мардумшиносӣ, фарҳангшиносӣ, нажодшиносӣ, низомшиносиву вазифашиносӣ дар тадқиқотҳои Э. Б. Тейлор, Ф. Боас, А. Кребер, Р. Рэдфилд, Б. Малиновский, А. Радклифф Браун, Р. Мертон, Т. Парсонс, К. Леви-Стросс, М. Фуко, Р. Барт консепсияи маданӣ, иҷтимоӣ, мардумшиносии сохторӣ, функсионализми сохторӣ ва сохторшиносӣ рушду густариш пайдо кард»[240].

---

[236] Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. - Душанбе: «Эр-граф», 2016. – С. 11.

[237] Бреднева В. С. Особенности формирования правовой культуры в отдаленных регионах (на примере Сахалинской области) : монография / В. С. Бреднева. – Южно-Сахалинск: изд-во СахГУ, 2013. – С. 8.

[238] Бреднева В. С. Особенности формирования правовой культуры в отдаленных регионах (на примере Сахалинской области) : монография / В. С. Бреднева. – Южно-Сахалинск: изд-во СахГУ, 2013. – С. 8.

[239] Человек и общество. Обществознание / под ред. Л. Н. Боголюбова, А. Ю. Лазебниковой. – М.: Просвещение, 2008. – С. 8.

[240] Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. - Душанбе: «Эр-граф», 2016. – С. 17.

Фарҳанги ҳуқуқӣ падидаи мураккабест, ки дар фаъолияти давлати ҳуқуқбунёд нақши ҳалкунанда мебозад, зеро он ба сатҳи шуури ҳуқуқии шаҳрвандон таъсир расонида, ба ташаккули муносибатҳои устувори ҳуқуқӣ мусоидат намуда, риояи қонуниятро дар ҷомеа таъмин менамояд. Сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ ба ташаккули масъулияти шаҳрвандӣ, ташаккули анъанаҳои ҳуқуқӣ ва таҳкими низоми ҳифзи ҳуқуқ мусоидат мекунад, ки ин барои ба эътидол овардани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушди институтҳои демократӣ махсусан муҳим аст. Дар баррасии масъалаи фарҳанги ҳуқуқӣ ва махсусиятҳову омилҳои асосии ташаккули он усулхои фалсафӣ, ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ ва ҳуқуқшиносиро барои муайян кардани хусусиятҳои инфиродӣ ва гуруҳии рафтори ҳуқуқӣ якчоя мекунад. Мафҳуми «фарҳанги ҳуқуқӣ» доираи васеи падидаҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқиро дар бар гирифта, ҷанбаҳои амиқи мавҷудияти ҷомеа ва шахсиятро инъикос намуда, ҳам нишондиҳандаи сатҳи рушди давлат ва ҳам заминаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ мебошад, ки барои бунёди ҷомеаи устувор, одилона ва демократӣ аҳамияти калидӣ дорад.

Дар адабиёти илмӣ дар ҳақиқат равише вуҷуд дорад, ки ҷудонопазирии фарҳанг ва ҳуқуқро дар назар дорад. Муаллифон ба осори Б.Н. Чичерин, В.П. Салников ва В.М. Гессен такя намуда, мегуянд, ки ахлоқ ҳам асоси фарҳанг ва ҳаам асосии хукук буда, харду падидаро дар ягонагии диалектикӣ баррасӣ кардан лозим аст. Ин ақида ба он асос ёфтааст, ки озодӣ асоси умумии ҳам қонун ва ҳам фарҳанг аст. Тибқи ин бархӯрд, тафовути анъанавии байни фарҳанг ва ҳуқуқ, ки аксар вақт дар осори илмӣ мушоҳида мешавад, боиси ҷудоии сунъии ду системаи арзишҳои ба ҳам алоқаманд мегардад, зеро маҳз ахлоқ заминаи меъёриро ташкил медиҳад, ки тартиботи ҳуқуқӣ бар он бунёд мегардад. Ин тафсир ба дарки амиқи нақши озодӣ ҳамчун принсипи умумибашарӣ мусоидат мекунад, ки меъёрҳои ҳуқуқиро бо принсипҳои фарҳангӣ муттаҳид месозад ва ба ин васила таъкид менамояд, ки фарҳанги ҳуқуқиро аз контексти ахлоқии ҷомеа комилан ҷудо кардан мумкин нест. Ин равиши интегративӣ имкон медиҳад, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ чӣ тавр ташаккул меёбанд, пурратар дарк карда шавад ва таъкид менамояд, ки фаъолияти самараноки давлати ҳуқуқбунёд танҳо дар сурати дарк ва дастгирӣ намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун инъикоси арзишҳои бунёдии ахлоқӣ имконпазир аст[241].

«Фарҳанги ҳуқуқӣ падидаи таърихӣ мебошад. Дар марҳилаҳои гуногуни таърихи башарият унсурҳои таркибии фарҳанги ҳуқуқӣ ташаккулу такмил меёбанд. Бо гузашти замон, аз як тараф арзишҳои умумибашарии фарҳанги ҳуқуқӣ, аз қабили ҳуқуқҳои инсон, озодии инсон, давлати ҳуқуқбунёд, давлати демократӣ, интихобот, раъйпурсӣ, таҷзияи ҳокимият ва дигарҳо ташаккул ёфта, дар заминаи онҳо осори фарҳангии башар ғанитар мегардад. Аз тарафи дигар, дар дохили халқу миллатҳо арзишҳои фарҳанги ҳуқуқӣ, ки ифодагари анъанаҳои миллии давлатдорӣ

[241] Галиахметова Р. Н. Нравственно-правовая культура инженера / Р. Н. Галиахметова. – Казань: КГТУ, 2004. – С. 4.

мебошанд, ташаккул меёбанд. Дар натиҷа фарҳанги ҳуқуқии миллӣ созмон меёбад»[242].

Фарҳанги ҳуқуқӣ яке аз асосҳои ҳаёти маънавию ҳуқуқии ҷомеаи муосир мебошад. Фарҳанги ҳуқуқӣ аз чунин мафҳумҳо, ба монанди ҳуқуқ, шуури ҳуқуқӣ, аҳлоқ, фаъолияти ҳуқуқӣ ҷудонашаванда аст. Фарҳанги ҳуқуқӣ танзимгари муносибатҳои ҷомеа мебошад. Холати он меъёри камолоти чамъият мебошад. Дараҷаи фарҳанги ҳуқуқӣ ба риояи қонунҳо, меъёрҳо ва қоидаҳо ва ба ин васила нигоҳ доштани устувории ҳаёти ҷомеа таъсири бевосита мерасонад. Бидуни мунтазам баланд бардоштани маданияти ҳуқуқӣ давлати ҳуқуқбунёд бунёд кардан ғайриимкон аст[243].

Масъалаи ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосир хеле аҳаммиятнок гардидааст. Аслан фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун як навъ ченаки ҳолати муносибатҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосир амал мекунад.

Ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ раванди мураккаби бисёрҷанба буда, сатҳҳои гуногуни рушди ҷамъият ва инсонро фаро гирифта, аз анъанаҳои таърихӣ, сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, дараҷаи инкишофи низоми ҳуқуқӣ ва самаранокии фаъолияти институтҳои давлатӣ вобаста аст. Хусусиятҳои асосии ин раванд:

- фарҳанги ҳуқуқӣ худ аз худ ба вуҷуд намеояд;

- дар зери таъсири воқеаҳои таърихию ҳуқуқӣ, анъанаҳои миллӣ, муносибатҳои динӣ ва урфу одатҳои ҳуқуқие, ки дар ҷамъияти муайян ба вучуд омадаанд, дар муддати дуру дароз инкишоф меёбад. Дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, ки дар донишҳои ҳуқуқӣ, қобилияти дар амал татбиқ намудани он, инчунин дар муносибати эҳтиромона ба қонунҳо ва ниҳодҳои давлатӣ ифода меёбад, нақши муҳим мебозад;

- хусусияти институтсионалии ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, яъне иштироки институтҳои гуногуни иҷтимоӣ – оила, муассисаҳои таълимӣ, воситаҳои ахбори омма, ташкилотҳои динӣ ва пеш аз ҳама худи давлат дар ин раванд мебошад.

Дастрасии иттилооти ҳуқуқӣ, шаффофияти фаъолияти судҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, адолати амалияи татбиқи ҳуқуқ – ҳамаи ин ба сатҳи рушди фарҳанги ҳуқуқӣ бевосита таъсир мерасонад. Фарҳанги ҳуқуқӣ зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва рақамикунонии соҳаи ҳуқуқ ба тағйирот ва тағйирёбӣ дучор мешавад. Ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ на танҳо додани донишҳои ҳуқуқӣ, балки ташаккули малакаҳои рафтори ҳуқуқӣ, ташаккули муносибати дохилӣ ба риояи қонун, эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро дар бар мегирад. Ҳамин тавр, хусусиятҳои ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар идомаи таърихӣ, заминаи институтсионалӣ, тафриқаи иҷтимоӣ, динамизм ва робитаи амиқ бо сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва рушди умумии фарҳангии ҷомеа мебошад.

---

[242] Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. - Душанбе: «Эр-граф», 2016. – С. 8.

[243] Канунников Р.И., Савич И.И. Факторы формирования правовой культуры у сотрудников Органов внутренних дел // Современные наукоемкие технологии. 2022. № 6. - С. 136-140. URL: https://top-technologies.ru/ru/article/view?id=39214 (дата обращения: 14.04.2025)

Ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ бо маҷмӯи омилҳое муайян карда мешавад, ки ҳам ба сатҳи шахсият ва ҳам ба сатҳи иҷтимоӣ таъсир мерасонанд. Дар байни омилҳои асосие, ки сатҳ ва хусусияти фарҳанги ҳуқуқиро муайян мекунанд, низоми арзишҳои ҷамъиятиву сиёсӣ ва иҷтимоӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад, зеро маҳз он омилест, ки тарбияи ибтидоӣ ва минбаъдаи ҳуқуқии шаҳрвандонро таъмин намуда, дониши ҳуқуқӣ, малакаҳои рафтори ҳуқуқӣ ва эҳтироми қонунро ташаккул медиҳад. Муносибати шаҳрвандон ба қонун бештар аз он вобаста аст, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ то чӣ андоза пайгирона ва объективӣ татбиқ карда мешаванд, баробарӣ дар назди қонун таъмин карда мешаванд, ҳуқуқу озодиҳои асосии шахс кафолат дода мешаванд. Суботи сиёсӣ ва боварӣ ба ниҳодҳои давлатӣ низ нақши муҳим мебозад: дар шароити ноустувории ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ сатҳи маърифати ҳуқуқӣ паст шуда, нигилизми ҳуқуқӣ зиёд мешавад. Омилҳои иқтисодӣ ба монанди сатҳи зиндагӣ, дастрасӣ ба таҳсилот ва адолати иҷтимоӣ ба қобилият ва омодагии шаҳрвандон дар ҳаёти ҳуқуқӣ, ҳимояи манфиатҳои онҳо бо воситаҳои қонунӣ ва риояи меъёрҳои муқарраршуда бевосита таъсир мерасонанд. Муносибатҳои фарҳангӣ ва равонии ҷомеа, анъанаҳои динӣ ва хотираи таърихии ҳуқуқӣ моделҳои асосии рафтор ва муносибат ба ҳуқуқро ҳамчун арзиши иҷтимоӣ ташкил медиҳанд. Ҳамин тариқ, ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ натиҷаи таъсири мутақобилаи бисёр омилҳои тарбиявӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иттилоотӣ мебошад, ки ҳар кадоми онҳо ба дарки ҳуқуқ, баҳодиҳӣ ва татбиқи он дар ҳаёти ҷомеаи муосир ба андозаи муайян таъсир мерасонанд.

***Ташаккули фарҳанги ҳуқуқии занон ва омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии он.*** Ташаккули фарҳанги ҳуқуқии занон раванди бунёдие мебошад, ки барои таъмини баробарӣ, адолати иҷтимоӣ ва рушди устувори ҷомеа аҳамияти ҳалкунанда дорад. Фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун маҷмӯи донишҳо, меъёрҳо ва арзишҳои ҳуқуқӣ дар ташкили ҳаёти ҳар як шахс ва умуман ҷомеа нақши асосӣ дорад. Бояд гуфт, ки фарҳанги ҳуқуқии занон аз мардон на танҳо бо вижагиҳои дарки ҳуқуқ, балки бо монеаҳои дохилӣ ва беруние, ки аз қолабҳои гендерӣ, нақши иҷтимоии зан дар ҷомеа ва анъанаҳои таърихӣ ба вуҷуд меоянд, фарқ мекунад. Аз ин рӯ фароҳам овардани шароит барои ташаккули фарҳанги ҳуқуқии комили занон ҳам барои худи занон ва ҳам барои тамоми ҷомеа аҳамияти бузург дорад.

«Фарҳанги ҳуқуқӣ падидаи пуртаҳаррук аст. Ин падида бо маҷмӯи шароитҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва омилҳои инкишофи ҷамъиятӣ алоқаманд аст. Дар даврони ҳозира, ки моломол аз таҳаввулоти бунёдии иҷтимоӣ аст, ислоҳоте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши иқтисод, ҷомеа, сиёсат мегузарад, фарҳанги ҳуқуқиро низ дучори тағйирот мегардонад»[244].

Яке аз омилҳои асосие, ки аҳаммияти ташаккули фарҳанги ҳуқуқии занонро таъкид мекунад, принсипи баробарҳуқуқӣ мебошад, ки дар

[244] Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. - Душанбе: «Эр-граф», 2016. – С. 38.

низомҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ ва миллӣ муқаррар шудааст. Баробарӣ дар назди қонун, баробарии ҳуқуқу озодиҳо, қуқуқи иштирок дар идоракунии давлат ва ҷамъият – ҳамаи ин нуктаҳои асосии илмӣ бевосита ба занон дахл доранд. Аммо таърихан занҳо аз имкониятҳои асосии ҳуқуқӣ муддати тулонӣ маҳрум будаанд, ки ин боиси ташаккули сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ ва қобилияти дифоъ аз ҳуқуқҳои худ дар доираи низоми ҳуқуқии муосир гардид. Яке аз қадамҳои муҳими баробарии гендерӣ иштироки фаъолонаи занон дар ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа мебошад, ки ин танҳо дар сурати сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ имконпазир аст[245].

Ташаккули фарҳанги ҳуқуқии занон ба онҳо имкон медиҳад, ки ҳувияти ҳуқуқии худро дарк намоянд, яъне дарк намоянд, ки онҳо субъектҳои комилҳуқуқи ҳуқуқ буда, дорои тамоми ҳуқуқу озодиҳои бо Конститутсия ва ҳуқуқи байналмилалии инсон кафолатдода мебошанд. Ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ ба афзоиши худшиносии ҳуқуқӣ, истифодаи боэътимоди механизмҳои ҳуқуқии ҳимояи манфиатҳои худ мусоидат мекунад, ки ба нақши иҷтимоии занон ва иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бевосита таъсир мерасонад.

Ташаккули фарҳанги ҳуқуқии занон дар таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо ва мубориза бо зӯроварӣ низ муҳим аст. Заноне, ки аз ҳуқуқҳои худ огоҳанд, бештар аз шаклҳои гуногуни хушунат – ҷисмонӣ, равонӣ, ҷинсӣ ва иқтисодӣ ҳифз мешаванд. Ин махсусан дар кишварҳое, ки сатҳи зӯроварӣ нисбати занон баланд аст, муҳим аст, ки дар он ҷо рушди фарҳанги ҳуқуқии занон дар коҳиши сатҳи ҷиноятҳои зӯроварӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Доштани саводнокии ҳуқуқӣ ба занон кӯмак мекунад, ки аломатҳои зӯровариро дарк кунанд, ҳуқуқҳои худро дар вазъияти муайян дарк кунанд ва босаводона аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хадамоти иҷтимоӣ ё созмонҳои ҳуқуқи башар кӯмак ҷӯянд.

Илова бар ин, донистани механизмҳои ҳуқуқии ҳимоя аз зӯроварӣ ба занон на танҳо манфиатҳои худро ҳимоя мекунад, балки ҳамчунин ба тағйирот дар меъёрҳои иҷтимоӣ, ки ба рафъи хушунат алайҳи онҳо нигаронида шудааст, таъсир мерасонад. Ин ба фароҳам овардани муҳити бехатар ва одилонаи иҷтимоӣ барои занон мусоидат мекунад[246].

Ташаккули фарҳанги ҳуқуқии занон дар баланд бардоштани фаъолияти сиёсӣ ва иштироки онҳо дар қабули қарорҳои ҷамъиятӣ ва ҳукумат нақши муҳим мебозад. Занони дорои сатҳи баланди саводнокии ҳуқуқӣ метавонанд бештар дар равандҳои сиёсӣ ширкат варзанд, манфиатҳои худро дар мақомоти қонунгузорӣ ва ҳукуматӣ ҳимоя кунанд ва ба тағйироти сиёсиву ҳуқуқӣ таъсир расонанд. Фарҳанги ҳуқуқӣ ба огоҳии

---

[245] Ходжаева С. А. Правовая культура и проблемы развития социально-правовой активности женщин Республики Узбекистан (историко-правовое исследование) Автореф. дис. на соиск. учен. степ. к.ю.н., Спец. 12.00.01 / Ходжаева Сайера Атахановна; Акад. м-ва внутрен. дел. Респ. Узбекистан. – Ташкент 2004. – 26 с.

[246] Ходжаева С. А. Правовая культура и проблемы развития социально-правовой активности женщин Республики Узбекистан (историко-правовое исследование) Автореф. дис. на соиск. учен. степ. к.ю.н., Спец. 12.00.01 / Ходжаева Сайера Атахановна; Акад. м-ва внутрен. дел. Респ. Узбекистан. — Ташкент 2004. - 26 с.

занон дар бораи ҳуқуқи иштирок дар интихобот, таҳияи қонунҳо ва дар ниҳодҳои ҳуқуқӣ аз қабили судҳо ва созмонҳои адвокатҳо мусоидат мекунад.

Иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои онҳо, инчунин бо равандҳои демократиконии ҷамъият бевосита алоқаманд аст. Ҳамин тариқ, фарҳанги баланди ҳуқуқии занон метавонад як катализатори тағйирот дар манзараи сиёсӣ гардад ва ба ҷомеаи баробарҳуқуқ ва фарогир оварда расонад.

Яке аз вазифаҳои асосии ташаккули фарҳанги ҳуқуқии занон ҳамгироии онҳо ба ҳаёти иҷтимоию ҳуқуқии ҷомеа дар баробари мардон мебошад. Ин барои он зарур аст, ки ҳар як зан новобаста аз вазъи иҷтимоӣ, сатҳи таҳсилот ва муҳити фарҳангӣ аз ҳуқуқҳои худ пурра истифода бурда, баробариро дар назди қонун таъмин намояд. Фарҳанги ҳуқуқӣ барои рафъи табъиз ва монеаҳое, ки метавонанд иштироки занонро дар ҳаёти ҷамъиятӣ маҳдуд созанд, мусоидат мекунад.

Занони дорои фарҳанги ҳуқуқӣ метавонанд ба тағйирёбии меъёрҳои иҷтимоӣ ҳам дар дохили оилаи худ ва ҳам дар доираи васеи иҷтимоӣ фаъолона таъсир расонанд. Масалан, донистани қонунҳо дар бораи ҳуқуқҳои баробар ба кор, таҳсил ва иштирок дар идоракунӣ ба занон имкон медиҳад, ки манфиатҳои худро ҳифз намуда, барои татбиқи пурраи иҷтимоию иқтисодии онҳо шароит фароҳам оваранд.

Аҳаммияти ташаккули фарҳанги ҳуқуқии занон низ дар таъмини истиқлолияти иқтисодӣ ва ҳифзи ҳуқуқи моликияти онҳост. Заноне, ки дар бораи муқаррароти қонуние, ки ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи меҳнат ва амнияти иҷтимоиро танзим мекунанд, дониш доранд, мустақилияти молиявии худро беҳтар таъмин мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки на танҳо вазъи иқтисодии онҳо беҳтар гардад, балки ба тағйир ёфтани муносибати ҷомеа ба нақши занон дар ҳаёти иқтисодӣ мусоидат намояд.

Фарҳанги ҳуқуқӣ дар чаҳорчӯби пайвандҳои он бо зиндагии иҷтимоӣ, муҳити фарҳангии ҷомеа, шароит ва омилҳои зиндагии иҷтимоӣ таҳқиқ мегардад.

Омилҳои иҷтимоӣ дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии зан дар рушди занон ҳамчун субъекти фаъоли муносибатҳои ҳуқуқӣ нақши муҳим мебозанд. Ин омилҳо таъсири маориф, муҳити иҷтимоӣ, истиқлолияти иқтисодӣ ва дастрасӣ ба иттилоотро дар бар мегиранд. Маориф ба огаҳии занҳо аз ҳуқуқ ва вазифаҳои худ таъсири калон мерасонад. Он на танҳо доништашавандагии меъёрҳои ҳуқуқиро фароҳам меоварад, балки ба рушди тафаккури ҳуқуқӣ ва худшиносӣ мусоидат мекунад, ки ба занон имкон медиҳад, ки манфиатҳои худро самараноктар ҳифз кунад. Дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ муҳити иҷтимоӣ ва арзишҳои оилавӣ низ нақши калидӣ доранд. Дар ҷомеаҳои анъанавӣ, ки меъёрҳо ва урфу одатҳо ҳуқуқи занонро маҳдуд мекунанд, онҳо метавонанд ба дарки нақши онҳо дар ҷомеа ва дастрасӣ ба иттилооти ҳуқуқӣ таъсир расонанд. Аммо дар ҷомеаҳои муосир бо рушди баробарии гендерӣ занон аз ҳуқуқҳои худ ва имконоти татбиқи онҳо огоҳтар мешаванд.

Истиқлолияти иқтисодии занон низ омили муҳим аст. Вақте ки занон имкони кор кардан, пул кор кардан ва зиндагии худро таъмин карданро доранд, ин ба онҳо эътимод ба салоҳият ва ҳуқуқҳои худ мебахшад ва имкон медиҳад, ки онҳо иштирокчиёни фаъоли ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳуқуқӣ гарданд. Илова бар ин, иштироки занон дар ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва фаъолнокии ҳифзи ҳуқуқ ва баробарии занон ба густариши фарҳанги ҳуқуқии онҳо мусоидат мекунад. Ин ба онҳо кӯмак мекунад, ки на танҳо аз ҳуқуқҳои худ огоҳ бошанд, балки зарурати муборизаро барои ҳифзи онҳо дар доираи системаҳои мавҷудаи ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ фаҳманд.

Технологияҳои муосир дастрасӣ ба иттилооти ҳуқуқӣ, донишҳои навро дар бораи ҳуқуқҳои занон ва механизмҳои ҳифзи онҳоро таъмин мекунанд. Ҳамаи ин омилҳо дар якҷоягӣ ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқии занон, заминаи мавқеъи фаъоли онҳо дар ҷомеа ва ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо таъсир мерасонанд.

Омилҳои фарҳангии ташаккули фарҳанги ҳуқуқии зан аз ҷумлаи омилҳои муҳимтарини дарки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ӯ мебошанд. Дар фарҳангҳое, ки анъанаҳои патриархалӣ доранд, нақши зан аксар вақт бо хона ва оила маҳдуд аст ва ҳуқуқҳои ӯ метавонанд ба таври назаррас поймол карда шаванд. Ин анъанаҳои фарҳангӣ метавонанд номуайяниҳои ҳуқуқу озодиҳои доимиро эҷод кунанд, ки ҷои зан дар хона аст ва ҳуқуқҳои ӯ ҳимояи фаъолро талаб намекунанд. Чунин андешаҳои реша дар бораи нақши зан дар ҷомеа метавонад ба рушди маърифати ҳуқуқӣ халал расонад ва ҳатто тарси изҳори андеша дар бораи ҳуқуқ ё муроҷиат ба додгоҳро ба вуҷуд орад.

Таъсири дин ва урфу одатҳои суннатӣ нақши муҳим мебозад. Дар баъзе фарҳангҳо, таълимоти динӣ метавонанд барои асоснок кардани маҳдудиятҳои ҳуқуқи занон истифода шаванд, ки иштироки онҳоро дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсиро душвор мегардонад. Ин меъёрҳо метавонанд рафтори занонро шарт созанд ва онро тавассути муқарароти масъулиятҳои оилавӣ ва итоат ба ҳокимияти мард муайян кунанд. Дар чунин фарҳангҳо, ҳимояи ҳуқуқи занон метавонад ҳамчун таҳдид ба тартиботи муқарраршуда қабул карда шавад, ки пешбурди идеяи баробарӣ ва адолатро дар муносибатҳои байни ҷинсҳо душвор гардонад.

Аммо, тағйироти фарҳангие, ки дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ ва сафарбаркунии иҷтимоӣ ба вуҷуд омадаанд, метавонанд ин меъёрҳои муқарраршударо ба таври назаррас тағйир диҳанд. Ҳаракатҳои муосир барои баробарии гендерӣ ва ҳуқуқи занон ба инқилоби фарҳангӣ мусоидат мекунанд, ки ба тағйир додани дарки нақши занон дар ҷомеа нигаронида шудааст. Ин дигаргуниҳои фарҳангӣ метавонанд эътирофи аҳамияти таҳсилоти занон, дастрасӣ ба иттилоот ва имкониятҳои иштироки онҳоро дар ҳаёти ҷамъиятӣ дар бар гиранд. Санъат, адабиёт ва васоити ахбори омма дар ин гуна дигаргуниҳо нақши муҳим доранд, ки ғояҳои баробарӣ ва ҳуқуқи занонро фаъолона паҳн мекунанд, онҳоро барои иштирок дар фаъолиятҳои ҳуқуқи башар илҳом мебахшанд.

Ҳусусиятҳои фарҳангӣ, аз қабили эҳтиром ба ҳуқуқ ва озодиҳои инфиродӣ метавонанд ба сатҳи баланди огоҳии ҳуқуқии занон мусоидат намуда, боиси иштироки бештар дар ҳаёти ҷамъиятӣ шаванд. Дар кишварҳое, ки фарҳанг ба самти баробарӣ ва эҳтироми ҳуқуқи ҳамаи шаҳрвандон рушд мекунад, занон аҳамияти ҳифзи ҳуқуқҳои худро тавассути механизмҳои ҳуқуқӣ дарк мекунанд, ки ин дар навбати худ фарҳанги ҳуқуқии онҳоро баланд бардошта, ба ташаккули ҷомеаи кушоду одилона таъсир мерасонад.

Масалан, дар шароити Тоҷикистон дар натиҷаи амалӣ гардидани барномаҳои махсуси баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа дар партави пойдории сиёсати Президент ва давлати Тоҷикистон дар байни занон, фаъол гардидани занон, ҳиссагузории бевоситаи онҳо дар бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, ташаккули механизми тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд, ташаккули механизми ҳамкории давлат бо ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, инчунин дастгирии ташкилотҳои ҷамъиятии занон, васеъ гаштани инфраструктура ва хадамоти иҷтимоии занон, васеъ гаштани асосҳои илмию назариявӣ, методӣ ва иттилоотию таҳлилии сиёсати давлатӣ нисбати тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи кишвар аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд, беҳтар гардонидани шароити кор ва истироҳати занон таъмин гардид[247].

Тағйироти фарҳангӣ на ҳамеша зуд сурат мегирад, вале бо мурури замон ба шарофати саъю кӯшиши созмонҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқи инсон, инчунин тағйироти муносибатҳои иҷтимоӣ дар баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии занон пешравиҳои назаррас ба назар мерасанд. Ин дигаргуниҳо на танҳо ба рушди шуури ҳуқуқӣ, балки ба иштироки фаъолонаи занон дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодӣ мусоидат карда метавонанд, ки ин дар навбати худ боиси бунёди ҷомеаҳои одилона ва фарогир мегардад.

Таҳлили омилҳои иҷтимоию фарҳангии ташаккули фарҳанги ҳуқуқии занон ба мо имкон медиҳад ба хулосае оем, ки ин масъала ҳаамчун масъалаи муосири илми ҳуқуқ хусусияти гуногунҷабҳа ва байнисоҳа дорад. Фарҳанги ҳуқуқии занон дар зери таъсири ҳам шароити иҷтимоӣ ва ҳам фарҳангие, ки онҳо дар он ҳуқуқ ва озодиҳои занон рушд инкишоф меёбанд, ташаккул меёбад. Маълумот, дастрасӣ ба иттилоот, истиқлолияти иқтисодӣ, фаъолият дар ҳаёти ҷамъиятӣ муҳимтарин шартҳои иҷтимоии инкишофи фарҳанги ҳуқуқӣ мебошанд. Дар баробари ин, муносибатҳои фарҳангӣ, анъанаҳо, меъёрҳои динӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ дар ташаккули муносибатҳо ва намунаҳои рафтор, ки ба дарки занон дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои худ таъсир мерасонанд, нақши калидӣ доранд.

Тазоди байни ақидаҳои анъанавии патриархалӣ ва ғояҳои муосир дар бораи баробарии гендерӣ аҳамияти хоса дорад. Дар як қатор давлатҳо ва ҷомеаҳо муносибатхои анъанавӣ инкишофи фарҳанги ҳуқуқии занонро маҳдуд мекунанд, дар сурате, ки дигаргунсозиҳои фарҳангӣ ва навсозии

[247] Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. - Душанбе: «Эр-граф», 2016. – С. 207.

шуури ҷамъиятӣ, ки аз тарафи воситаҳои ахбори омма, санъат, маориф ва ташаббусҳои байналхалқии ҳуқуқи башар дастгирӣ мешаванд, ба баланд шудани дараҷаи маданияти ҳуқуқи мусоидат мекунанд.

Метавон гуфт, ки ташаккули самараноки фарҳанги ҳуқуқии занон бе назардошти шароити иҷтимоӣ-фарҳангӣ ғайриимкон аст. Барои рушди устувори ҷомеаи ҳуқуқӣ муносибати ҳамаҷониба лозим аст, ки таълими ҳуқуқӣ, дастгирии иҷтимоӣ ва дигаргунсозии фарҳангиро дарбар мегирад. Танҳо дар шароити мусоиди иҷтимоӣ ва риояи ҳуқуқи инсон имкон дорад, ки фарҳанги ҳуқуқии баркамоли занон ҳамчун омили муҳими рушди демократии ҷомеа ташаккул ёбад.

**Адабиёт:**


1. Бреднева В. С. Особенности формирования правовой культуры в отдаленных регионах (на примере Сахалинской области) : монография / В. С. Бреднева. – Южно-Сахалинск: изд-во СахГУ, 2013. – 104 с.
2. Галиахметова Р. Н. Нравственно-правовая культура инженера / Р. Н. Галиахметова. – Казань: КГТУ, 2004. – С. 4.
3. Канунников Р.И., Савич И.И. Факторы формирования правовой культуры у сотрудников Органов внутренних дел // Современные наукоемкие технологии. 2022. № 6. - С. 136-140. URL: https://top-technologies.ru/ru/article/view?id=39214 (дата обращения: 14.04.2025)
4. Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. - Душанбе: «Эр-граф», 2016. - 316 с.
5. Ходжаева С. А. Правовая культура и проблемы развития социально-правовой активности женщин Республики Узбекистан (историко-правовое исследование) Автореф. дис. на соиск. учен. степ. к.ю.н., Спец. 12.00.01 / Ходжаева Сайера Атахановна; Акад. м-ва внутрен. дел. Респ. Узбекистан. — Ташкент 2004. - 26 с.
6. Человек и общество. Обществознание / под ред. Л. Н. Боголюбова, А. Ю. Лазебниковой. – М.: Просвещение, 2008. – С.
7. Alimbekova M., Ibrayeva, A., & Baikenzheev, A. The development of legal culture as one of the key directions in the formation of the rule of law and civil society. *BULLETIN of L.N. Gumilyov Eurasian National University Law Series*, 2024, *147*(2) – P. 198–210.



**Мақола дар редаксия ворид шуд**: 21.04.2025
**Аз тақриз баргашт: 09.06.2025**
**Ба чоп тавсия шуд: 16.06.2025**

# СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Раҳимзода Равшан Раҳмон,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ.
**Тел:** (+992) 888999688.
**Email:** hojiravshan1972@gmail.com

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.01 – Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат.

**Аннотатсия:** Дар мақолаи мазкур сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон, зимни таҳқиқот андешаҳои олимони ватанию хориҷиро таҳлил намуда, сиёсати зиддикоррупсиониро дар Тоҷикистон баррасӣ намудаанд. Дар натиҷаи таҳқиқот, хулосабарорӣ шудааст, ки яке аз самтҳои сиёсати давлатӣ ин сиёсати ҳуқуқӣ буда, баҳри муайян намудани фаъолияти соҳаи ҳуқуқ, такмили қонунгузорӣ, таҳия ва роҳандозӣ намудани стратегия ва барномаҳои давлатӣ, дурнамои рушди фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар институтҳои ҳуқуқӣ нигаронида шудааст. Дар ин миён, мубориза бо ҷинояткорӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Яке аз бахшҳои сиёсати ҳуқуқии давлатӣ сиёсати зиддикоррупсионӣ маҳсуб гардида, баҳри пурзур намудани чораҳои муқовимат ба коррупсия равона карда шудааст. Маҳз дар натиҷаи сиёсати зиддикоррупсионии пешгирифтаи давлат метавон бо ин падидаи манфии зиддиҳуқуқӣ мубориза бурд. Бо ин назардошт, таҳлилу баррасии масъалаи мазкур дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ мебошад.

Дар натиҷаи таҳқиқот чунин мафҳум дода шудааст: Сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ ин маҷмуи донишҳои ҳуқуқи соҳавӣ, фаъолияти ҳамоҳангшудаи мақомоти давлатию сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва маҷмуи чораҳои ҳуқуқие мебошанд, ки дорои самтҳои алоҳида буда, баҳри баланд бардоштани фарҳанги зиддикоррупсионии шаҳрвандон, такмили қонунгузори кишвар, дар умум, мубориза ба коррупсия ва коҳиш додани сатҳи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ равона гардидааст.

**Калидвожаҳо:** сиёсати ҳуқуқӣ, сиёсати зиддикоррупсионӣ, коррупсия, муқовимат ба коррупсия, қонунгузорӣ, самтҳои асосии сиёсат, чораҳои зиддикоррупсионӣ, мақсади сиёсати зиддикоррупсионӣ, сатҳи амалҳои коррупсионӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ.

# АНТИКОРРУПЦИОННАЯ ПРАВОВАЯ ПОЛИТИКА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Рахимзода Равшан Рахмон,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, соискатель кафедры теории и истории государства и права.
**Тел:** (+992) 888999688.
**Email:** hojiravshan1972@gmail.com

**Научнная специальность:** 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве.

**Аннотация:** В данной статье анализируется и рассматривается правовая политика противодействия коррупции в Республике Таджикистан. В ходе исследования авторы проанализировали мнения отечественных и зарубежных ученых и обсудили антикоррупционную политику в Таджикистане. В результате исследования сделан вывод о том, что одним из направлений государственной политики является правовая политика, которая направлена на определение деятельности правовой сферы, совершенствование законодательства, разработку и реализацию государственных стратегий и программ, разработку перспектив развития правовой сферы. При этом борьба с преступностью занимает центральное место. Одним из направлений государственной правовой политики считается антикоррупционная политика, которая направлена на усиление мер по противодействию коррупции. Именно в результате проводимой государством антикоррупционной политики становится возможным бороться с этим негативным, противоправным явлением. В связи с этим анализ и рассмотрение данного вопроса имеет большое научное и практическое значение.

В результате исследования дано следующее понятие: Антикоррупционная правовая политика – это совокупность отраслевых правовых знаний, согласованной деятельности государственных органов и структур гражданского общества, система нормативных правовых актов и комплекс правовых мер, имеющих отдельные направления и направленных на повышение антикоррупционной культуры граждан, совершенствование законодательства страны, и в целом борьба с коррупцией и снижение уровня коррупционных правонарушений.

**Ключевые слова:** правовая политика, антикоррупционная политика, коррупция, противодействие коррупции, законодательство, основные направления политики, меры противодействия коррупции, цель антикоррупционной политики, уровень коррупционных действия, правовая культура.

# ANTI-CORRUPTION LEGAL POLICY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Rahimzoda Ravshan Rahmon,**
Tajik national university, faculty of law, candidate of the department of theory and history of state and law.
**Тел:** (+992) 888999688.
**Email:** hojiravshan1972@gmail.com

**Scientific specialty:** 12.00.01 – The theory and history of law and state; history of the doctrines of law and state

**Annotation:** This article analyzes and considers the legal policy of combating corruption in the Republic of Tajikistan. During the study, the authors analyzed the opinions of domestic and foreign scientists and discussed the anti-corruption policy in Tajikistan. As a result of the study, it was concluded that one of the areas of state policy is legal policy, which is aimed at determining the activities of the legal sphere, improving legislation, developing and implementing state strategies and programs, developing prospects for the development of the legal sphere. At the same time, the fight against crime occupies a central place. One of the areas of state legal policy is anti-corruption policy, which is aimed at strengthening measures to combat corruption. It is as a result of the anti-corruption policy pursued by the state that it becomes possible to combat this negative, illegal phenomenon. In this regard, the analysis and consideration of this issue is of great scientific and practical importance.

The study resulted in the following concept: Anti-corruption legal policy is a set of industry-specific legal knowledge, coordinated activities of state bodies and civil society structures, a system of regulatory legal acts and a set of legal measures that have separate directions and are aimed at increasing the anti-corruption culture of citizens, improving the country's legislation, and in general, combating corruption and reducing the level of corruption offenses.

**Keywords:** legal policy, anti-corruption policy, corruption, counteraction of corruption, legislation, main directions of policy, measures to combat corruption, the goal of anti-corruption policy, the level of corruption actions, legal culture.

Асоси фаъолияти ҳар як давлатро сиёсати давлатӣ ташкил медиҳад. Яке аз самтҳои сиёсати давлатӣ ин сиёсати ҳуқуқӣ маҳсуб гардида, баҳри муйян ва танзим намудани масъалаҳои ҳуқуқӣ равона шудааст. Дар ин миён, мубориза бо ҷиноятқорӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Яке аз бахшҳои сиёсати ҳуқуқии давлатӣ сиёёсати зиддикоррупсионӣ маҳсуб гардида, баҳри пурзур намудани чораҳои муқовимат ба коррупсия равона карда шудааст. Маҳз дар натиҷаи сиёсати зиддикоррупсионии пешгирифтаи давлат метавон бо ин падидаи манфии зиддиҳуқуқӣ мубориза

бурд. Бо ин назардошт, таҳлилу баррасии масъалаи мазкур дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ мебошад.

Атрофи масъалаи муқовимат ба коррупсия ва сиёсати зиддикоррупсионӣ дар кишвар аз ҷониби олимону муҳаққиқон андешаронӣ гардидааст. Аз ҷумла, М.Р. Аҳмадзода чунин қайд менамояд: «Айни замон мушкилоти мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти глобалӣ ва системавӣ касб намудааст. Ҳама гуна шаклҳои коррупсияи муташаккил имкон медиҳад, ки ин падида на шахсӣ, балки институтсионалӣ ҳисобида шавад. Афзоиши хатари ҷамъиятии он хусусияти глобалӣ ва фаромиллии ин падидаро тасдиқ мекунад. Яке аз хусусиятҳои асосӣ ва хоси коррупсия хусусияти систематикии он мебошад. Ин хусусият ба коррупсия ҳамчун раванде хос аст, ки дар муҳити ҷамъиятӣ мураккабтар ва худтағйирёбанда мегардад»[248]. Коррупсия падидаи манфии умумиҷаҳонӣ буда, дар тамоми марҳилаҳои мухталифи таърихӣ хоси ҳамаи давлатҳо мебошад. Ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст, ки дар заминаи ҳамаи кишварҳои ҷаҳон ва ташкилотҳои байналмилалию минтақавӣ ба ин падидаи манфӣ муқовимати дастаҷамъӣ нишон диҳанд.

С. Хурсандзода оид ба мавқеи ҶТ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати амалҳои коррупсионӣ андешаронӣ намудааст: «Мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2015 назар ба соли 2016 хубтар арзёбӣ гардидааст. Муҳаққиқ дар идома атрофи андешида шудани чораҳои муосири муқовимат ба коррупсия изҳори назар кардааст»[249]. Мо андеаши мазкурро ҷиҳати таҳия ва роҳандозӣ намудани чораҳои нави мубориза ба коррупсия ҷонибдорӣ менамоем. Зеро чораҳои амалкунанда ба шароити замон мувофиқ намебошанд.

Бояд тазаккур дод, ки масъалаҳои марбут ба сиёсати зиддикоррупсионии давлатро омӯхта, шароити зарурии татбиқи самараноки онро муайян кардан зарур аст. Таҳлили роҳҳои татбиқи сиёсати давлатии мубориза бо коррупсия аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ба роҳ монда мешавад[250]. Қонунгузорӣ ва самтҳои сиёсати зиддикоррупсионӣ пайваста тағйиру такмил ёфта, барои такмили ин соҳа мунтазам пешниҳодҳо манзур гардида, нақшаҳои нав қабул карда мешаванд. Аз ин рӯ, омӯзиши сиёсати зиддикоррупсионӣ ҳамеша муҳим ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Пеш аз муайян намудан сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар кишвар, механизм ва сохтори онро зарур мешуморем, ки мафҳуми илмии сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсиониро дақиқу равшан созем. Бояд гуфт, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ атрофи он баҳсу мунозираҳои илмӣ ҷой дошта,

---

[248] Ахмадзода, М.Р. Государственная антикоррупционная политика в органах власти Республики Таджикистан: проблемы реализации [Текст] / М.Р. Ахмадзода // Вопросы совершенствования системы государственного управления в современной России: Международный сборник научных статей / Под общ. ред. Л. В. Фотиной. – М.: МАКС Пресс, 2018. – С. 36.

[249] Хурсандзода, С. Сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқи назариявӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022.– С. 94

[250] Ерохина, Е.И. Реализация антикоррупционной политики в условиях цифровой трансформации Российской Федерации [Текст] / Е.И. Ерохина // Интеллектуальный капитал и цифровая трансформация общества. – Минск, 2022. – С. 159.

ягонафикрӣ дида намешавад. М.Р. Аҳмадзода қайд чунин қайд менамояд: «Сиёсати зиддикоррупсионӣ – фаъолияти ҳамоҳангшудаи мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба решакан кардани коррупсия дар ҷомеа, ташаккули шуури зиддикоррупсионӣ, таҳкими волоияти қонун, гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо нигаронида шудааст»[251]. Андешаи мазкур унсурҳо муҳимтарини сиёсати зиддикоррупсиониро ошкор намудааст.

Қобили зикр аст, ки айни замон қонунгузорӣ дар доираи сиёсати зиддикоррупсионӣ пурзӯр карда мешавад, на танҳо тарбияи ҳуқуқии ҷомеа, балки бо истифода аз соҳаи иттилоотӣ таблиғи зидди коррупсия аз ҷумла зиёд намудани назорат бо ёрии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бисёр соҳаҳои ҳаёти ҷамъият бо мақсади пешгирии коррупсия амалӣ карда мешавад[252]. Сиёсати зиддикоррупсионӣ дар замнаи мақомотҳои давлатию ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва муман, ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ карда мешавад. Ҳар як қишри ҷомеа дар татбиқи сиёсати мазкур нақши муайяне гузошта метавонад.

Дар адабиёт қайд мегардад, ки «сиёсати зиддикоррупсионӣ бояд тавассути истифодаи меъёрҳои ҳуқуқии соҳаҳои мухталиф амалӣ карда шавад. Ғайр аз ин, он бояд ба татбиқи василаҳои гуногуни маъмурию ҳуқуқии пешгирӣ ва рафъи коррупсия дар системаи хизмати давлатии ҶТ, инчунин рафъи сабабҳои коррупсия равона карда шавад»[253]. Тавре гуфта шуд, сиёсати зиддикоррупсионӣ як самти сиёсати ҳуқуқӣ буда, дар доираи соҳаҳои гуногуни ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Ин андеша аз он бармеояд, ки коррупсия падидаи зиддиҳуқуқӣ буда, субъекти содиркунандаи он мавриди ҷавобгарии ҳуқуқӣ қарор мегирад. Бинобар ин, омӯзиши падидаи мазкурро дар соҳаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва маъмурӣ ба таври васеъ мушоҳида кардан мумкн аст. Новобаста аз ин, коррупсияро аз нуқтаи назари сиёсатшиносӣ, сотсиология, иқтисодиёт ва психология низ мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Бинобар ин, сиёсати давлатии ҳуқуқӣ бояд нуқтаи назари илмҳои мазкурро низ ба инобат гирифта, дар таҳияи чораҳои зиддикоррупсионӣ истифода намояд.

Атрофи масъалаи сиёсати зиддикоррупсионӣ Ш.Қ. Ҳасанов иброз доштааст: «Сиёсати зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодакунандаи иродаи ҳокимият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, бо мақсади паст намудани сатҳи амалҳои коррупсионӣ ва таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои қонунии шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои бо

---

[251] Ахмадзода, М.Р. Государственная антикоррупционная политика в органах власти Республики Таджикистан: проблемы реализации [Текст] / М.Р. Ахмадзода // Вопросы совершенствования системы государственного управления в современной России: Международный сборник научных статей / Под общ. ред. Л. В. Фотиной. – М.: МАКС Пресс, 2018. – С. 37.

[252] Артюхин, О.А. Актуальные направления и проблемы реализации антикоррупционной правовой политики в современной России [Текст] / О.А. Артюхин // Наука и образование: хозяйство и экономика; предпринимательство; право и управление. – 2022. – № 3 (142). – С. 140.

[253] Ахмадзода, М.Р. Государственная антикоррупционная политика в органах власти Республики Таджикистан: проблемы реализации [Текст] / М.Р. Ахмадзода // Вопросы совершенствования системы государственного управления в современной России: Международный сборник научных статей / Под общ. ред. Л. В. Фотиной. – М.: МАКС Пресс, 2018. – С. 39.

коррупсия алоқамандбуда, бо роҳҳои таъмини амалигардонии самтҳои муайян равона карда мешавад»[254]. Дар мафҳуми додашуда, ба назари мо чунин ҷиҳатҳои сисати зиддикоррупсионии давлат нишон дода шудааст: 1) мавқеи давлатро дар муносибат ба коррупсия ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ месозад; 2) баҳри паст намудани сатҳи амалҳои коррупсионӣ нигаронида шудааст; 3) баҳри таъмини ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои коррупсия равона шудааст; 4) як ҷузъи сиёсати ҳуқуқӣ буда, дар навбати худ аз самтҳои муайян иборат мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ омадааст, ки «Сиёсати зиддикоррупсионӣ аз маҷмуи донишҳое иборат мебошад, ки дар он моҳияти воқеии коррупсия ифода гардида, самтҳои сиёсати зиддикоррупсионӣ ва асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба онро муайян месозад»[255]. «Самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ бояд аз ҷониби давлат бо назардошти муносибати илмӣ таҳия карда шаванд. Муайян кардани бахшҳои дардноктарини коррупсия ва муайян кардани ангезаҳои коррупсия мавзуъи олимону амалдорони соҳаҳои гуногун мебошад»[256]. Давлат дар асоси масъалаҳои доктриналӣ ва базаи илмӣ самтҳои дахлдори сиёсати зиддикоррупсиониро муайян карда, ҷиҳати татбиқи онҳо субъектони дахлдорро вазифадор менамояд.

Дар адабиёт қайд гардидааст, ки «Унсурҳои сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар таҳияи чораҳои таъсирбахши зиддикоррупсионӣ нақши ҳалкунанда доранд»[257]. Мувофиқи ақидаи Ш.Қ. Ҳасанов: «Муқовимат ба коррупсия аз унсурҳои мубориза бар зидди коррупсия ва пешгирии коррупсия иборат буда, қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, таҳия ва амалишавии он аз иродаи сиёсии роҳбарияти олии давлат оғоз гардида, самаранокии муқовимат бо он аз иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ вобастагии зич дорад»[258]. Ба андешаи мазкур розӣ шуда, иброз медорем, ки ҳар як қишри ҷомеа дар муқовимат ба коррупсия саҳми худро метавонад гузорад, вале саҳми ҷомеаи шаҳрвандӣ, махсусан аҳолӣ нисбатан баланд мебошад. Зеро амалҳои коррупсионӣ аксаран аз шаҳрвандон сарчашма мегирад. Агар маърифати шаҳрвандию ҳуқуқии онҳо баланд бардошта шавад, тарбия ва ахлоқи шахсию ҷамъиятии онҳо такмил дода шавад, он гоҳ сатҳи коррупсия паст хоҳад шуд. Бинобар ин,

---

[254] Ҳасанов, Ш.Қ. Омилҳои сиёсию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ (дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн]: дис. ... док. илм. сиёсӣ. – Душанбе, 2021. – С. 110.

[255] Ҳасанов, Ш.Қ. Омилҳои сиёсию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ (дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн]: дис. ... док. илм. сиёсӣ. – Душанбе, 2021. – 345 с.

[256] Мазалова, А.В. Антикоррупционная политика [Текст] / А.В. Мазалова // Уголовное право в эволюционирующем обществе: Сборник научных статей симпозиума молодых учёных и студентов с международным участием, Курск, 08 июня 2022 года / Редколлегия: Ю.А. Панина (отв. ред.). – Курск: Юго-Западный государственный университет, 2022. – С.

[257] Козлов, С.В. Направления реализации антикоррупционной политики в органах государственной власти [Текст] / С.В. Козлов // Молодой ученый. – 2021. – № 2 (344). – С. 96.

[258] Ҳасанов, Ш.Қ. Омилҳои сиёсию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ (дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн]: дис. ... док. илм. сиёсӣ. – Душанбе, 2021. – С. 110-111.

дар муқовимат ба коррупсия субъектони табақаҳои поёниро низ ҷалб намудан зарур аст.

Мақсади сиёсати зиддикоррупсионӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин қайд шудааст: «Мақсади сиёсати зиддикоррупсионӣ ин муборизаи фаъолона ва доимӣ бо коррупсия, мубориза барои давлат, барои он ниҳодҳое мебошад, ки барои хидмат ба ҷомеа пешбинӣ шудаанд»[259]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба самтҳои сиёсати зиддикоррупсионӣ дигар андешаҳо низ ҷой дорад. Аз ҷумла, чунин самтҳоро номбар кардан мумкин аст: барномаҳои зиддикоррупсионӣ таҳия намудан; чорабиниҳои мухталифи зиддикоррупсиониро ба нақша гирифтан; вазъиятҳои коррупсионӣ ва омилҳои рушди онро таҳлил намудан; ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии махсуси зиддикоррупсионӣ омода намудан ва ғайра.

Муҳаққиқон қайд менамоянд, ки «Солҳои охир Тоҷикистон дар ҷаҳон ҳамчун давлати ислоҳотхоҳ эътироф гардид, ки рушди иқтисодӣ муҳимтарин ҳадафи таъсиси давлатдорӣ гардид. Дар ин давра идоракунии дурусти иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар ҳамбастагӣ бо ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ, танзими зиддикоррупсионии самтҳои стратегии иқтисодиёти давлат, аз ҷумла нерӯгоҳи барқии обӣ, мубориза бо дуздии моликияти давлатӣ, иқтисоди сояфкан, қонунигардонии дороиҳои бо роҳи ҷиноят ба даст овардашуда ба роҳ монда шудааст»[260]. Дар низоми чораҳои зиддикоррупсионӣ мавқеи қонунгузорӣ назаррас мебошад. Дар ин хусус, Ш.М. Шарифзода чунин изҳор медорад: «Яке аз ҷузъи муҳимми низоми пешгирии коррупсия, пеш аз ҳама, қонунгузории зиддикоррупсионӣ мебошад, ки аз ҳолати рушди он самаранокии ин фаъолият вобастагии зиёд дорад»[261]. Ба ақидаи Б.К. Иброҳимов, «Дар Тоҷикистон қонунгузории миллӣ, ки мубориза бо коррупсияро танзим мекунад, ба ду гурӯҳ тақсим мешавад. Ба гурӯҳи якум муқаррароти мустақим, ки ба мубориза бо коррупсияи мустақим нигаронида шудаанд, дохил мешаванд. Аз ҷумла, қонуну стратегияҳои давлатӣ, ки бевосита масъалаи коррупсияро муқаррар ва танзим мекунанд. Ба гурӯҳи дуюм санадҳои меъёрии ҳуқуқии амали ғайримустақим, ки масъалаҳои муборизаи зидди коррупсияро дар бар мегиранд, вале дар навбати аввал муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки ба коррупсия алоқаманд нестанд, танзим мекунанд»[262].

---

[259] Науменко, А.А., Измайлова, М.А. Специфика развития антикоррупционной политики России в условиях современного общества [Текст] / А.А. Науменко, М.А. Измайлова // Развитие науки и образования: новые подходы и актуальные исследования: сборник научных трудов по материалам XXVI Международной научно-практической конференции. – Анапа, 2022. – С.

[260] Ахмадзода, М.Р. Государственная антикоррупционная политика в органах власти Республики Таджикистан: проблемы реализации [Текст] / М.Р. Ахмадзода // Вопросы совершенствования системы государственного управления в современной России: Международный сборник научных статей / Под общ. ред. Л. В. Фотиной. – М.: МАКС Пресс, 2018. – С. 39.

[261] Шарифзода, Ш.М. Мушкилоти танзими ҳуқуқӣ ватакмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия [Матн] / Ш.М. Шарифзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – №4 (52). – С. 89.

[262] Иброхимов, Б.К. Нормативно-правовая база борьбы с коррупцией в Республике Таджикистан [Текст] / Б.К. Иброхимов // «Научно-практический электронный журнал Аллея Науки». – 2019. – №6 (33). Alley-science.ru

Низоми қонунгузории миллиро оид ба муқовимат ба коррупсия, ки ҷузъи таркибии сиёсати зиддикоррупсиониро ташкил медиҳанд, аз рӯйи танзими мустақим ва ғайримустақим чунин зикр намудан мумкин аст:

1) Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» (дар таҳрири Қонуни аз 14.03.2014, №1073);

2) Стратегияи мубориза бар зидди коррупсия дар ҶТ барои солҳои 2013-2020 (тағйирот бо Фармони Президенти ҶТ аз 13 июни соли 2016, № 703);

3) Нақшаи амалиёти Истамбули Шабакаи зиддикоррупсионӣ барои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ;

4) Қарорҳои Шурои миллии мубориза бо коррупсияи ҶТ;

5) Қонуни ҶТ «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 28 декабри соли 2012, № 925;

6) Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ (таҳрири қонуни 14 ноябри соли 2016, № 1361);

7) Кодекси ҷиноятии ҶТ (дар таҳрири аз 14 ноябри соли 2016, № 1359);

8) Фармони Президенти ҶТ аз 10 январи соли 2007, №143 дар бораи таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ;

9) Қонуни ҶТ «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ» аз 20 марти соли 2008, № 374;

10) Фармони Президенти ҶТ аз 14 декабри соли 2010, № 968 дар бораи таъсиси Шурои миллии мубориза бо коррупсияи ҶТ;

11) Қонунҳои конститутсионӣ. Аз ҷумла, дар бораи судҳо ва прокуратура.

12) Қонуни ҶТ аз 5 марти соли 2007 № 233 «Дар бораи хизмати давлатӣ» (бо тағйироту иловаҳо аз 08.03.2018);

13) Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» (Таҳрири аз 11 марти соли 2010 № 597, 28 июни соли 2011 № 730);

14) Қонуни ҶТ «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» (Таҳрири аз 16 апрели соли 2012 № 815);

15) Қонуни ҶТ «Дар бораи Палатаи ҳисоби ҶТ» аз 28 июни соли 2011, № 749.

Бояд тазаккур дод, ки бо ин ҳама санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба коррупсия ба итмом намерасанд. Дигар санадҳои ҳуқуқии зериқонунӣ, стратегия, консепсия ва барномаҳои давлатӣ мавҷуданд, ки масъалаи муқовимат ба коррупсияро фаро мегиранд. Дар ин хусус Ш.М. Шарифзода чуни қайд намудааст: «Воситаи асосии давлат дар мубориза бо коррупсия заминаи дурусти меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар самти мубориза бо коррупсия мебошад. Дар раванди ташаккули чунин заминаи ҳуқуқӣ, бояд меъёрҳои

ҳуқуқи байналмилалӣ пурра ба назар гирифта шаванд»[263]. Дар ин хусус, мо иброз медорем, ки воситаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ягона воситаи асосӣ дар муқовимат ба коррупсия ба ҳисоб намеравад. Ба хусус, дар замони муосир дар тамоми кишварҳо чораҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба монанди таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд, афзудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва амсоли инҳо, наметавонад чораҳи таъсирбахш дар муқовимат ба коррупсия маҳсуб гардад. Дар ин росто, чораҳои ғайримеъёрӣ, ба монандти чораҳои тарбиявӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ва амсоли инҳоро зиёд намудан лозим аст.

Дар муқобили амалҳои номатлуб, махсусан кирдорҳои коррупсионӣ ҶТ низ чун дигар кишварҳои ҷаҳон чораҳои гуногуни ҳуқуқию роҳандозӣ намудааст. Маврид ба тазаккур аст, ки барои муқовимат бо коррупсия таҳияи заминаҳои ҳуқуқӣ нақши муҳим мебозад. Дар давраи соҳибистиқлолӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва қабул гардидааст.

Дар ин самт, санадҳои зерини ҳуқуқиро номбар кардан мумкин аст: Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи тадбирҳои пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришватхӯрӣ)» аз 21 июли соли 1999 №1262; Фармони дигари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 апрели соли 2010 №864; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 10 декабри соли 1999 №875; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июли соли 2005 №100; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020 №1714.

Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз қонунҳои пештар амалкунандаи мубориза бар зидди коррупсия фарқ намуда, аз 7 бобу 36 модда иборат буда[264], дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нақши назаррас дошта, ҷанбаҳои муҳими сиёсати зиддикоррупсиониро муайян ва муқаррар намудааст. Дар ин санад, мафҳумҳои муҳими ҳуқуқӣ дода шудааст. Аммо, мафҳуми сиёсати зиддикоррупсионӣ муқаррар нагардидааст. Бинобар ин, мо пешниҳод менамоем, ки мафҳуми мазкур дар қонун дар баробари дигар мафҳумҳои асосӣ илова карда шавад.

Бо мақсади ташкили мубориза бо коррупсия дар сатҳи ҷумҳурӣ маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, доктринаи ҳуқуқии миллӣ ташаккул ёфтааст. Барои татбиқи сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати кишвар ду стратегияро барои солҳои 2008-2012 ва 2013-2020 қабул кард.

---

[263] Шарифзода, Ш.М. Мушкилоти танзими ҳуқуқӣ ватакмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия [Матн] / Ш.М. Шарифзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – №4 (52). – С.198

[264] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, № 1714 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 22.01.2025).

Стратегияҳои мазкур баҳри амалисозии қонунгузорӣ дар соҳаи муқовимат ба коррупсия равона шуда, дорои аҳаммияти баланди амалӣ мебошанд. Дар ин хусус, С. Хурсандзода чуни қайд мекунад: «Мазмун ва мақсади асосии стратегияи Тоҷикистони муосир инкишоф додани тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ фарҳангӣ мебошад. Дар маҷмуъ, омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар кишвар ба масоили ташаккул ва устуворгардии самти стратегӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Назорат ба амалисозии барномаи умумидавлатӣ ба зиммаи мақомоти умумидавлатии зиддикоррупсионӣ вогузошта мешавад. Ҳамчунин, ҷорӣ намудани амалияи ҳисоботдиҳии мақомоти давлатӣ бо мақсади арзёбии самаранокии фаъолияти зиддикоррупсионии онҳо мувофиқи мақсад аст»[265].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, №34 «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» эътибор пайдо кард, ки дар доираи Стратегияи ҳалли масъалаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тасдиқ шудааст. Стратегияи мазкур дар сатҳи зарурӣ ҷиҳати муқовимат ба коррупсия нақши назарраси худро гузошт, вале бо ин ҳама сатҳи коррупсия дар кишвар паст нагардид. Ҳамзамон қабули Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли 2010 № 864 «Дар бораи тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми сентябри соли 2010, №431 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба таъмини иҷрои Тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012» ҳамчун ҳуҷҷатҳои кӯтоҳмуддати давлатӣ дар радифи Стратегия ва идомаи мантиқии муқаррароти асосии он ба мукаммалгардонии сиёсати зиддикоррупсионӣ такони ҷиддӣ бахшид.

Бо итмоми муҳлати стратегияи мазкур, дар кишвар стратегияи нав таҳия гардид. Мутобиқи банди 63 Консепсияи пешгӯии рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011, №1021 тасдиқ шудааст, бо дарназардошти анҷоми татбиқи Стратегияи мазкур ва зарурати воқеии идомаи фаъолият дар ин самт, инчунин таҳкими амалҳои пайваста дар ин самт “Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020” таҳия шуд. Ҳамин тавр, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми феврали соли 2011, №1021 Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 қабул гардид, ки ҳамчун санади барномавии дурнамои миёнамуҳлати сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия, баҳри паст кардани шиддат ва сатҳи коррупсия дар кишвар равона гардида буд.

Дар хусуси стратегияи мазкур М.Р. Аҳмадзода ба ин мазмун қайд менамояд: «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 ҳамчун санади ояндадор оид ба сиёсати

[265] Хурсандзода, С. Сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқи назариявӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С. 99

миёнамуҳлати ҶТ дар соҳаи мубориза бо коррупсия, ки ба паст кардани шиддат ва сатҳи коррупсия дар кишвар нигаронида шудааст, пешбинӣ мегардад»[266]. Дар ин хусус С. Хурсандзода чуни иброз доштааст: «Тимсоли кишварҳои ғарбӣ зарурати таъсиси мақомоти махсуси зиддикоррупсиониро ба миён овард. Ҳамин тавр, дар соли 2007 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як мақоми махсуси мубориза бо коррупсия – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Аммо, танҳо ин тадбир қодир нест, ки коррупсияро пурра решакан кунад, вале имкон дорад, ки сатҳи коррупсия то он дараҷае коҳиш дода шавад, ки ба пешрафти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таҳдид накунад»[267]. Ҳамин тавр, дар кишвар ҷиҳати муқовимат ба коррупсия чораҳои зиёди ҳуқуқӣ андешида шудааст, ки ҳамаашон баҳри пурзур намудани муқовимат ва паст гардонидани сатҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ равона шудаанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки «Дар сатҳи байналмилалӣ яке аз ҳуҷҷатҳои асосӣ ва муҳими ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2006 ба имзо расидааст ин Конвенсияи СММ ба зидди коррупсия мебошад. Ғайр аз қонунҳои зикргардида, мутобиқи стратегия барои Тоҷикистон стандартҳои байналмилалии зиддикоррупсионӣ, пеш аз ҳама, талаботи Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид зидди коррупсия, тавсияҳои Нақшаи амалиёти Истамбулии Шабакаи зиддикоррупсионии кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ (иқдоми минтақавии СҲИР), созишномаҳо ва иқдомҳои минтақавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ташкилоти Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии муқовимат ба шустани пул, Созмони ҳамкории иқтисодӣ пешбинишуда дар мадди аввал бояд баррасӣ гарданд»[268]. Бояд тазаккур дод, ки дар асноди мубориза бо коррупсия, чӣ универсал ва чӣ минтақавӣ, ҳиссаи мушкилоти марбут ба ҳуқуқи анъанавии ҷиноятӣ хеле зиёд аст.

Бояд гуфт, ки рӯз то рӯз дар кишвар низоми чораҳои муқовимат ба коррупсия пурзур гардида истодааст. «Баъд аз ба анҷом расидани муҳлати Стратегияи солҳои 2013-2020 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия ва қабул карда шуд». Стратегияи мазкур нисбат ба стратегияҳои қаблӣ мукаммал буда, масъалаҳои ҳуқуқии назариявӣ амалӣ, ҳолати кунунии сатҳи содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ ва дурнамои рушди қонунгузорӣ ва чораҳои муқовимат ба онро фаро мегирад. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 ҷиҳати

---

[266] Ахмадзода, М.Р. Государственная антикоррупционная политика в органах власти Республики Таджикистан: проблемы реализации [Текст] / М.Р. Ахмадзода // Вопросы совершенствования системы государственного управления в современной России: Международный сборник научных статей / Под общ. ред. Л. В. Фотиной. – М.: МАКС Пресс, 2018. – С. 39

[267] Хурсандзода, С. Сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқи назариявӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022.– С. 107.

[268] Шарифзода, Ш.М. Мушкилоти танзими ҳуқуқӣ ватакмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия [Матн] / Ш.М. Шарифзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – №4 (52). – С. 190.

амалисозии бандҳои стратегияи мазкур, Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025) таҳия ва тасдиқ карда шудааст, ки айни ҳол мавриди иҷроиш қарор дорад. Ҳамин тавр, дар кишвар чораҳои мухталифи ҳуқуқӣ ҷиҳати пурзур намудани муқовимат ба коррупсия андешида шудаанд, ки дар ин замин, сиёсати мукаммали ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ роҳандозӣ гардидааст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020 №1714 мафҳумҳои муҳимми ҳуқуқӣ дода шудааст. Аммо, мафҳуми сиёсати зиддикоррупсионӣ муқаррар нагардидааст. Бинобар ин, мо пешниҳод менамоем, ки мафҳуми мазкур дар қонун дар баробари дигар мафҳумҳои асосӣ илова карда шавад.

**Адабиёт:**


1. Артюхин, О.А. Актуальные направления и проблемы реализации антикоррупционной правовой политики в современной России [Текст] / О.А. Артюхин // Наука и образование: хозяйство и экономика; предпринимательство; право и управление. – 2022. – № 3 (142). – С. 139-142.

2. Ахмадзода, М.Р. Государственная антикоррупционная политика в органах власти Республики Таджикистан: проблемы реализации [Текст] / М.Р. Ахмадзода // Вопросы совершенствования системы государственного управления в современной России: Международный сборник научных статей / Под общ. ред. Л. В. Фотиной. – М.: МАКС Пресс, 2018. – С. 36-39.

3. Ерохина, Е.И. Реализация антикоррупционной политики в условиях цифровой трансформации Российской Федерации [Текст] / Е.И. Ерохина // Интеллектуальный капитал и цифровая трансформация общества. – Минск, 2022. – С. 158-167.

4. Иброхимов, Б.К. Нормативно-правовая база борьбы с коррупцией в Республике Таджикистан [Текст] / Б.К. Иброхимов // «Научно-практический электронный журнал Аллея Науки». – 2019. – №6 (33). Alley-science.ru

5. Козлов, С.В. Направления реализации антикоррупционной политики в органах государственной власти [Текст] / С.В. Козлов // Молодой ученый. – 2021. – № 2 (344). – С. 95-98.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, № 1714 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 22.01.2025).

7. Мазалова, А.В. Антикоррупционная политика [Текст] / А.В. Мазалова // Уголовное право в эволюционирующем обществе: Сборник научных статей симпозиума молодых учёных и студентов с международным участием, Курск, 08 июня 2022 года / Редколлегия: Ю.А. Панина (отв. ред.). – Курск: Юго-Западный государственный университет, 2022. – С. 155-160.

8. Науменко, А.А., Измайлова, М.А. Специфика развития антикоррупционной политики России в условиях современного общества

[Текст] / А.А. Науменко, М.А. Измайлова // Развитие науки и образования: новые подходы и актуальные исследования: сборник научных трудов по материалам XXVI Международной научно-практической конференции. – Анапа, 2022. – С. 73-77.

9. Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 тасдиқ гардидааст [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 22.01.2025).

10. Хурсандзода, С. Сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқи назариявӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – 176 с.

11. Ҳасанов, Ш.Қ. Омилҳои сиёсию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ (дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн]: дис. ... док. илм. сиёсӣ. – Душанбе, 2021. – 345 с.

12. Шарифзода, Ш.М. Мушкилоти танзими ҳуқуқӣ ватакмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия [Матн] / Ш.М. Шарифзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – №4 (52). – С. 188-197.

**Мақола дар редаксия ворид шуд**: 21.04.2025
**Аз тақриз баргашт: 09.06.2025**
**Ба чоп тавсия шуд: 16.06.2025**

# ПРАВОВОЕ ЗНАНИЕ КАК КОМПОНЕНТ ПРАВОСОЗНАНИЯ

**Нуриддинзода Мехрангези Амриддин,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, докторант PhD кафедры теории и истории государства и права.
**Тел.:** (+992) 918-98-00-90
**Email:** m.nuriddinzoda@mail.ru

**Рецензент**: Азиззода У.А. – д.ю.н., профессор

**Аннотация**: В рамках данного исследования рассматриваются пути оценки уровня правовой грамотности граждан, а также возможные меры для ее повышения. Упор делается на необходимость интеграции правовых знаний в образовательный процесс, чтобы формировать у граждан уверенность в своих силах и знаниях, способствующих правовой самоохране. Статья акцентирует внимание на том, что правовые знания — это не просто информация о законодательстве, но и инструмент, позволяющий гражданам достигать своих правовых целей и осуществлять юридическую самозащиту. Автор анализирует структуру и содержание правовых знаний, выделяя их роль в системе правовой информации и соотношение теоретических и практических аспектов в контексте повышения правовой грамотности населения. Таким образом, данная статья имеет практическую ценность для юристов, представителей власти и образовательных учреждений, заинтересованных в формировании системы правовых знаний и сознания граждан.

**Ключевые слова:** правовые знания, правосознание, юридическая самопомощь, средства самопомощи, знание права, правовая грамотность, юридическое образование.

# ДОНИШИ ҲУҚУҚӢ ҲАМЧУН ҶУЗЪИ ШУУРИ ҲУҚУҚӢ

**Нуриддинзода Меҳрангези Амриддин,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, докторанти доктори PhD аз рӯйи ихтисос дар кафедраи назарияи давлат ва таърихи давлат ва ҳуқуқ.
Тел.: (+992) 918-98-00-90
Email: m.nuriddinzoda@mail.ru

**Муқарриз:** Азиззода У.А. – д.и.ҳ., профессор

**Фишурда:** Дар доираи ин тадқиқот роҳҳои арзёбии сатҳи саводнокии ҳуқуқии шаҳрвандон, инчунин чораҳои имконпазир барои баланд

бардоштани он баррасӣ карда мешаванд. Таъкид ба зарурати ҳамгироии донишҳои ҳуқуқӣ ба раванди таълим барои ташаккули эътимоди шаҳрвандон ба қобилиятҳо ва донишҳои худ, ки ба худшиносии ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд, таҳлил мегарданд. Нуқтаҳои асосии мақола ба он бахшида шудааст, ки дониши ҳуқуқӣ на танҳо маълумот дар бораи қонунгузорӣ, балки воситаест, ки ба шаҳрвандон имкон медиҳад, то ба ҳадафҳои ҳуқуқии худ ноил шаванд ва худмуҳофизати ҳуқуқиро амалӣ кунанд. Муаллиф сохтор ва мундариҷаи донишҳои ҳуқуқиро таҳлил намуда, нақши онҳоро дар системаи иттилооти ҳуқуқӣ ва таносуби ҷанбаҳои назариявӣ ва амалиро дар заминаи баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқии аҳолӣ таъкид мекунад. Ҳамин тариқ, ин мақола барои ҳуқуқшиносон, намояндагони ҳокимият ва муассисаҳои таълимӣ, ки ба ташаккули системаи донишҳои ҳуқуқӣ ва шуури шаҳрвандон манфиатдоранд, арзиши амалӣ дорад.

**Калидвожахо:** дониши ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, худкӯмакрасонии ҳуқуқӣ, воситаҳои худкӯмакрасонӣ, дониши ҳуқуқ, саводнокии ҳуқуқӣ, таҳсилоти ҳуқуқӣ.

## LEGAL KNOWLEDGE AS A COMPONENT OF LEGAL AWARENESS

**Nuriddinzoda Mehrangezi Amriddin,**
Tajik national university, Faculty of Law,
PhD student in the Department of Theory States and histories State and law.
**Tel.:** (+992) 918-98-00-90
**Email:** m.nuriddinzoda@mail.ru

**Reviewer**: Azizzoda U.A. – Doctor of Law, Professor

**Annotation:** This study examines ways to assess the level of legal literacy of citizen, as well as possible measures to improve it. The emphasis is on the need to integrate legal knowledge into the educational process in order to build citizens' confidence in their abilities and knowledge that contribute to legal self-preservation. The article focuses on the fact that legal knowledge is not just information about legislation, but also a tool that allows citizens to achieve their legal goals and carry out legal self—defense. The author analyzes the structure and content of legal knowledge, highlighting their role in the legal information system and the relationship between theoretical and practical aspects in the context of improving legal literacy of the population. Thus, this article has practical value for lawyers, government officials and educational institutions interested in forming a system of legal knowledge and consciousness of citizens.

**Keywords:** legal knowledge, legal awareness, legal self-help, self-help tools, knowledge of law, legal literacy, legal education.

В условиях современности правовая государственность и активное гражданское общество требуют не только теоретического понимания прав, свобод и обязанностей, но и их практической реализации в повседневной жизни. В обществе, граждане которого обладают чувством правового сознания, прогресс и развития этого общества могут быть гарантированы. Как отмечают исследователи анализируемой в настоящей статье проблемы, «в последние десятилетия в нашей стране происходит непрерывное трансформирование общественного сознания, в том числе правосознания, определяющего возможность и желание гражданина осуществлять свою деятельность в правовом пространстве государства, следовать его правовым нормам, принимать ответственность за противоправную деятельность в случае нарушения закона»[269]. Понятие правового сознания и его тесную связь со правовым знанием, культурой и воспитанием в работах отечественных исследователей таких как Р.Ш. Шарофзода, Э.С. Насриддинзода, Ф.Т. Тохиров и др. изучены с разных аспектов полно и всесторонне[270]. Изучая их работы хотели бы сказать, что правовые знания становятся необходимым условием для того, чтобы граждане могли во всей полноте осознавать и защищать свои законные интересы и права. Ведь на самом деле, построение демократического и правового государства невозможно представить без развития правосознания, на основе которого обеспечивается и защищается верховенство закона, высшая ценность прав и свобод человека и гражданина[271].

Не стоит забывать, что формирование системы правовых знаний на современном этапе действительно сталкивается с рядом серьёзных вызовов, таких как правовая безграмотность, наличие правовых коллизий и распространение правового нигилизма; данные проблемы способны существенно подорвать доверие граждан к правовой системе и деятельностью государственных структур, для их эффективного разрешения важно создать и внедрить государственную политику, которая нацелена на улучшение системы правотворчества и формирование позитивного отношения граждан к праву и государственной деятельности.

Каждый индивид, действуя как активный субъект правовой жизни и имея определенный правовой статус, должен осознавать значение собственного правового положения и заботиться о его реализации, так как

---

[269] Воронин М.Ю., Моисеенко Л.В., Ускова Т.В., Викулина М. А. Некоторые особенности правосознания и правовой грамотности в России и за рубежом // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. - 2021. - № 4 (92). - С. 18.

[270] См. Р.Ш. Сатывальдиев. Правосознание как фактор эффективности правовой политики Республики Таджикистан // Типы правопонимания и меняющиеся вызовы современного мира : сб. науч. ст. по результатам Международной научно-практической конференции (Санкт-Петербург, Российский государственный педагогический университет им. А.И. Герцена, 23-24 сентября 2016 г.). – СПб. : Астерион, 2016. – С. 448-458; Р.Ш. Сатывальдиев. Правосознание населения как объект воздействия глобализационных процессов // Правовая жизнь. – 2019. – № 4 (28). Р.Ш. Сатывальдиев. Э.С.Насриддинзода. Правовое воспитание и образование как факторы формирования правовой культуры в Республике Таджикистан (научная монография).-Душанбе – ЭР-граф, 2014-184с// Насриддинзода Э.С. Правовое воспитание как одно из направлений правовой политики и некоторые его теоретические аспекты // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2015. – № 3/5 (173).

[271] Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд. Дисс. Кодирзода Голиб Нурулло 281стр- 27стр.

обладание правовыми знаниями становится не только необходимостью, но и обязательством для каждого, кто стремится эффективно участвовать в правовых отношениях.

Важным аспектом правовых знаний является то, что они не только информируют индивида о его правах, но и помогают в понимании правовых норм и процедур. Это знание дает возможность критически оценивать правовые акты, а также осознанно взаимодействовать с правовыми институциями. Механизм передачи и трансформации правовой информации критически важен: от момента получения знаний до их реализации в жизни, индивид способен на уровне личной проактивности укреплять правовые позиции, что особенно важно и как говорится «в процессе создания и реализации норм права и в конечном счете формирования правового государства»[272].

С учётом меняющихся реалий правовой жизни, важно понимать, что ожидание получения информации от третьих лиц больше не может быть единственной стратегией. Каждый индивид должен активно стремиться к получению и усвоению правовой информации, что требует от него инициативы и самоконтроля. В этом контексте уже не просто актуализируется, а становится вполне необходимым осознать, что правовые знания – это не просто набор фактов, а инструмент, позволяющий каждому участвовать в жизни общества, участвовать в процессах принятия решений и формировать свою правовую реальность. В этой ситуации неизмеримо возрастает роль права и правосознания как важнейших нормативно-организующих и стабилизирующих факторов[273]. Потому, что базовые правовые знания имеют общий характер. Это так называемая правовая осведомленность, например, о государстве, праве, конституции, законах, правомерном поведении, законности, правонарушениях и т.п. А вот на эмпирическом уровне они выливаются в элементарные правовые умения, благодаря которым субъекты социального общения могут давать оценку происходящему как относящемуся или не относящемуся к сфере правового воздействия и регулирования. Кроме базовых теоретических, в структуре правовых знаний выделяются, таким образом, эмпирические знания. Они являются отраслевыми или специальными»[274]. В конечном счете, вовлечение граждан в процессы правового осознания и понимания — это шаг к формированию более справедливого общества, где каждый имеет возможность не только знать свои права, но и защищать их, участвуя в построении правового государства.

---

[272] Погребная Ю.К. Правосознание современного общества (вопросы теории и методологии исследования)// автореферат диссертации. Москва-2011. Доступ: autoref-pravosoznanie-sovremennogo-rossiiskogo-obshchestva.pdf

[273] Одинцева Елена Алексеевна. Правосознание как регулятор социальной активности молодежи. Правовая культура, правосознание и правореализация: проблемы, приоритеты и перспективы. Сборник научных трудов по материалам!! Международной научно-практической конференции. – Казань, 2017 г. – С. 8.

[274] Уздимаева Н.И. Правовые знания как средство юридической самопомощи: понятие, содержание, значение // Пробелы в российском законодательстве. 2020. Т. 13. №5. С. 347.

Ключевым элементом здесь является разработка и внедрение новых институтов и механизмов участия населения в правотворческом процессе, таких как всенародное обсуждение законопроектов, что позволит не только повысить легитимность принимаемых норм, но и активировать гражданское общество, способствуя более глубокому вовлечению граждан в общественные процессы. Участие граждан в обсуждениях создаст платформу для их мнений и предложений, что также будет способствовать улучшению качества принимаемых решений и норм.

Стабильность и устойчивость системы правовых знаний, как отметили, играют важнейшую роль в развитии правосознания. Для создания стойкой системы правовых знаний необходимо, чтобы носители правовых знаний активно участвовали в ее формировании и поддержании, что требует не только высококачественного юридического образования и доступности правовой информации, но и создания общественных институтов, которые могли бы аккумулировать и трансформировать общественные потребности в правовые нормы.

Для успешного формирования системы правовых знаний необходимо комплексное стратегическое планирование и согласованная работа различных государственных и общественных институтов. Это должно включать улучшение образовательных программ, увеличение доступности правовой информации и повышение правовой грамотности населения. Ключ к успеху заключается в том, чтобы создать условия, при которых правовая культура станет неотъемлемой частью жизни общества, увеличивая его доверие к правовому институту и способствуя развитию демократических процессов.

Для того чтобы процесс трансформации нормативных правовых ценностей в личные потребности и мотивы правомерного поведения прошел успешно, необходима системная работа, что включает в себя как просветительские инициативы, так и программы по правовому воспитанию, которые должны быть направлены на формирование у граждан активной позиции в отношении права и закона. Подобные инициативы могут помочь людям не только усвоить правовые нормы, но и воспринять их как важную часть своей личной идентичности и социальной ответственности. Кроме того, создание общественных пространств для обсуждения правовых вопросов и их влияния на повседневную жизнь поможет людям осознать, как правовые нормы взаимодействуют с их моральными убеждениями и нравственными категориями, что, в свою очередь, будет способствовать более глубокому пониманию права, а следовательно, и более высокому уровню правовой культуры в обществе.

Правосознание представляет собой динамичное явление, которое выходят за пределы традиционного понимания права как системы норм и правил. Или как как отмечает Ильин И.А. «Правовое сознание — это тот благородный источник, в котором заново рождаются как бессильная сила, так и бесправное право: право превращается в подлинную силу, а сила, в свою очередь, становится силой права»[275]. Это субъективное восприятие

[275] Ильин И.А. О сущности правосознания / И.А. Ильин // Собр соч. – М., 1994. – С. 229.

правил и норм охватывает аспекты морального и этического понимания законов, социальной справедливости и права как инструмента регуляции общественных отношений.

Стоит отметить, что, в контексте формирования правосознания важна роль опыта, который молодежь приобретает в процессе социализации, в том числе через систему образования, взаимодействие с различными институтами и личный опыт. Правосознание функционирует в нескольких состояниях, каждое из которых влияет на восприятие и уважение к правовым нормам. Рациональное состояние, например, связано с осмысленным подходом к праву, где индивид принимает правовые нормы на основе их логической обоснованности и справедливости. Рефлексивное состояние подразумевает самокритичный анализ своего отношения к праву и правил, в то время как наивное и обыденное могут быть более инстинктивными, основанными на привычных взглядах и стереотипах.

Эти аспекты являются основными в поддержании правопорядка и законности, ведь чем выше уровень правосознания, тем выше вероятность правопослушного поведения среди граждан. Поэтому интеграция правовых знаний в повседневную жизнь и формирование позитивного отношения к закону становятся важными задачами любого общества, стремящегося к правовой культуре и стабильности, в конечном итоге, правосознание не просто отражает существующие отношения в обществе, но и активно влияет на их формирование, выступая как основа для конструктивных общественных изменений и реформ. Именно поэтому правосознание требует глубокого и всестороннего изучения со стороны различных дисциплин, что будет способствовать более глубокому пониманию права и его роли в жизни общества.

Таким образом, важно не только закреплять правовые нормы в законодательстве, но и активно работать с сознанием и восприятием людей, воспитывая у них чувства правовой ответственности и уважения к нормам и ценностям, которые эти нормы олицетворяют, данная задача лежит в плоскости междисциплинарного подхода, где пересекаются право, философия, социология и педагогика, создавая комплексный и многогранный взгляд на правозащитную деятельность и правовую культуру в целом.

Правовое знание является компонентом правосознания, играя важную роль в формировании и развитии представлений человека о праве, его функции и значении в обществе; оно охватывает не только знания о действующих законах, нормативных актах и правоприменительной практике, но и понимание основополагающих принципов и ценностей права, таких как справедливость, равенство и защищенность индивида.

Важно отметить, что правовое знание не существует в вакууме; оно окружено социальным контекстом, который включает культурные, экономические и политические факторы, например, в разных обществах могут существовать разные восприятия одних и тех же правовых норм, что обуславливается традициями, социальной структурой и политической системой. Это восприятие связано с правосознанием, так как уровень

правового образования и осведомленности населения о своих правах прямо влияет на уважение и соблюдение закона.

Правовое знание также способствует формированию правовой культуры, которая подразумевает отношение общества к праву, его понимание и использование. Чем выше уровень правового знания, тем более ответственными становятся граждане в правовой жизни, активно защищая свои интересы и интересы других, а также требуя соблюдения законов от государства и институтов.

Таким образом, правовое знание, будучи частью правосознания, способствует созданию более правового и справедливого общества, где каждый человек знает свои права и обязанности, что, в свою очередь, создает гармоничную правовую систему, в которой уважение к праву становится одним из главных принципов общественных отношений.

**Список литературы:**

1. Воронин М.Ю., Моисеенко Л.В., Ускова Т.В., Викулина М.А. Некоторые особенности правосознания и правовой грамотности в России и за рубежом // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. - 2021. - № 4 (92). - С. 18-26.

2. Уздимаева Н.И. Правовые знания как средство юридической самопомощи: понятие, содержание, значение // Пробелы в российском законодательстве. 2020. Т. 13. №5. С. 347-353.

3. Ильин И.А. О сущности правосознания./ И.А.Ильин// Собр.соч. 1994- сах-229.

4. Одинцева Е.А. Правосознание как регулятор социальной активности молодежи. Правовая культура, правосознание и правореализация: проблемы, приоритеты и перспективы. Сборник научных трудов по материалам Международной научно-практической конференции. – Казань, 2017г. – 196с.

5. Погребная Ю.К. Правосознание современного общества (вопросы теории и методологии исследования)// автореферат диссертации. Москва-2011. Доступ: autoref-pravosoznanie-sovremennogo-rossiiskogo-obshchestva.pdf

6. Р.Ш. Сатывальдиев. Правосознание как фактор эффективности правовой политики Республики Таджикистан // Типы правопонимания и меняющиеся вызовы современного мира : сб. науч. ст. по результатам Международной научно-практической конференции (Санкт-Петербург, Российский государственный педагогический университет им. А.И. Герцена, 23-24 сентября 2016 г.). – СПб. : Астерион, 2016. – С. 448-458;

7. Р.Ш. Сатывальдиев. Правосознание населения как объект воздействия глобализационных процессов // Правовая жизнь. – 2019. – № 4 (28).

8. Р.Ш.Сатывальдиев. теория госудаства и права. Учебник. 2008

9. Э.С.Насриддинзода. Правовое воспитание и образование как факторы формирования правовой культуры в Республике Таджикистан (научная монография). -Душанбе – ЭР-граф, 2014-184с

10. Насриддинзода Э.С. Правовое воспитание как одно из направлений правовой политики и некоторые его теоретические аспекты // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2015. – № 3/5 (173).

11. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафавутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ, ва амалӣ-ҳуқуқӣ.Дис. докт.илм.ҳуқ. аз руи 12.00.01/ Раҳмон Дилшод Сафарбек-Душанбе 2017. 479с

12. Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунед. Дисс. Кодирзода Голиб Нурулло// 281саҳ-27

13. Мафҳум ва моҳияти маърифати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нематов А.Р. Д.ю.н. Доступ: Мафҳум ва моҳияти маърифати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (дата обращения- 10.05.2025)

14. Функсияи ҳифзи ҳуқуқии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ [Матн]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Ҳафиззода Шодӣ Хуршед. – Душанбе, 2018. – 215 с.

**Мақола дар редаксия ворид шуд**: 21.04.2025
**Аз тақриз баргашт: 09.06.2025**
**Ба чоп тавсия шуд: 16.06.2025**

# ИНКИШОФИ МАФҲУМИ НИЗОМИ СИЁСӢ

**Ғафуров Исломиддин Умарович,**
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ.
**Тел.:** (+992) 915120896

**Фишурда:** Муаллиф дар мақолаи мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро, ки бо манфиатҳои умумии давлат ва ҷомеа, аз ҷумла ба манфиатҳои миллӣ алоқаманд мебошанд, бо истифода аз воситаҳои ҳуқуқӣ танзим гашта, хусусияти муносибатҳои сиёсӣ-ҳуқуқиро касб мекунанд, таҳлил намудааст.

Муносибатҳои сиёсӣ – муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар соҳаи ҳаёти сиёсӣ, ташкил ва амалӣ гаштани ҳокимияти давлатӣ, муносибатҳои байни давлат, шаҳрвандон, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дар рафти интихобот, раъйпурсӣ, ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки дар роҳандозии шаклҳои гуногуни изҳори иродаи сиёсии шаҳрвандон пайдо мешаванд. Муаллиф кушиш намудааст ҳолати ҳуқуқӣ ва фаъолияти субъектони муносибатҳои сиёсиро, ки ба онҳо давлат, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дохил мешаванд баррасӣ намояд.

**Калидвожаҳо:** низоми сиёсӣ, давлат, муносибатҳои сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, режими сиёсӣ, ташкилотҳо, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, шаҳрвандон, демократия, интихобот, референдум, манфиатҳои миллӣ, сиёсат, ҷамъият.

# РАЗВИТИЕ КОНЦЕПЦИИ ПОЛИТИЧЕСКОЙ СИСТЕМЫ

**Гафуров Исломиддин Умарович,**
Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры права и государственного управления.
**Тел.:** (+992) 915120896

**Аннотация:** В данной статье автор проанализировл общественные отношения, которые связаны с обшими интересамы государвтсва и общества, в том числе с национальными интересами, регулируются с помощью правовых инструментов и носят характер политико-правовых отношений.

Политические отношения – это общественные отношения в сфере политической жизни, организации и осуществления государственной власти, отношения между государством, гражданми, политическими партиями, политическими организациями, общественными объединениями, при выборах, референдумах, организации органов государственной власти, которые появится в осуществлении различных

форм выражения мнения и воля граждан. Автор попыталься рассмотретправовой статус и деятельность субъектов политических отношений, к которым относятся государвство, политические партии, политические организации, общественные объединения.

**Ключевые слова:** молитическая система, государвтсо, политические отношений, политические партии, политический режим, организации, общественные объеденении, граждани, демократия, выборы, референдум, национальные интересы, политика, общества.

## DEVELOPMENT OF THE CONCEPT OF POLITICAL SYSTEM

**Gafurov Islomiddin Umarovich,**
Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, co-researcher, Department of Law and Public Administration.
Tel.: (+992) 915120896

**Abstract:** in this articl the autor analizrd public relations that are associated with the common interests of the state and society, including national interests, are regulated by legal instruments and have the character jf political and legal relations.

Political relations are public relations in the sphere of political life, organizetion and implementation of stete pover, relations between the state, citizens, political partier, ppolitical organizetions, during elections, referendums, organization of state authorities, which will ahhiear in tha will of citithens.

The autor attempted ro axtmine the legal status fnd activities of subjtkt of political relations, which include the state, political parties, political organizetions, and public associations.

**Kay words:** political system, state, political relations, political parties, political regime, public associations, organizetions, citizens, democracy, elections, referendum, national interests, politics, society.

Муносибатҳои сиёсӣ дар рафти изҳори иродаи сиёсии шаҳрвандон, таъсиси ихтиёронаи ҳизбҳо ва ниҳодҳои дигари сиёсию ҷамъиятӣ, фаъолияти озодонаи онҳо, иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ озодона, дар заминаи меъёрҳо ва анъанаҳои сиёсӣ ташаккулу инкишоф меёбад. Ҳамзамон муҳимтарин муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки бо манфиатҳои умумии давлат ва ҷомеа, аз ҷумла ба манфиатҳои миллӣ алоқаманд мебошанд, бо истифода аз воситаҳои ҳуқуқӣ танзим гашта, хусусияти муносибатҳои ҳуқуқиро касб мекунанд. Муносибатҳои сиёсӣ – муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар соҳаи ҳаёти сиёсӣ, ташкил ва амалӣ гаштани ҳокимияти давлатӣ, муносибатҳои байни давлат, шаҳрвандон, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дар рафти интихобот, раъйпурсӣ, ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, роҳандозии шаклҳои

гуногуни изҳори иродаи сиёсии шаҳрвандон пайдо мешаванд[276]. Давлат, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ субъектони муносибатҳои сиёсӣ мебошанд.

Дар шароити имрӯза, ки мақсади асосии Тоҷикистон созмон додан ва инкишофи давлати демократию ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ мебошад. Ташаккули ду самти асосии ҳаёти ҷамъиятӣ, аз як тараф, давлат ва аз тарафи дигар, таъсис ва муҳаё намудани шароити хуби фаъолияти субъектҳои мухталифи иҷтимоию сиёсӣ, ки ба ташаккули низоми давлатдории устувор таъсири мусбату босазо мерасонанд ташкил карда шаванд. Чуноне, ки дар адабиёти илмӣ қайд мегардад: «Барои дуруст ба роҳ мондан, фаъолият намудан ва рушди ҷомеаи устувору муттарақӣ бояд дар баробари давлат дар раванди муносибатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғ. субъектҳои муттаҳидшуда, ба монанди, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ва м.и. фаъолона ширкат варзанд»[277].

Худи низоми сиёсӣ ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои байни субъектҳои сиёсӣ муайян карда шудааст, ки онҳо тавассути нақшҳои муайяни функсионалӣ дар ҳаёти сиёсӣ муқаррар карда мешаванд. Сохтор ва фазои муносибатҳои сиёсӣ дар асоси хусусиятҳои низом, таҷрибаи иҷтимоӣ, стратегия ва масири рушди низоми сиёсӣ ташаккул ёфта, мукаммал мешавад.

Ба андешаи профессор Р.Ш. Шарофзода: «Низоми сиёсии ҷомеа – фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ (иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои сиёсӣ ва диг.) мебошад, ки тавассути фаъолияти онҳо ҳокимияти сиёсӣ амалӣ гашта, сифати ҳаёти сиёсии ҷомеа таъмин мегардад»[278].

Аслан таъсири мутақобилаи унсурҳо ва ё субъектҳои муносибатҳои сиёсӣ дар се самт баррасӣ мегардад: 1) фаъолияти унсури марказии низоми сиёсӣ – давлат, ки низоми умумии иҷтимоиро муайян, танзим ва дастгирӣ мекунад; 2) фаъолияти субъектони муносибатҳои сиёсӣ дар сатҳи мезоиҷтимоӣ, яъне хусусиятҳои таъсири мутақобилаи унсурҳои мухталифи низоми сиёсӣ ва таъсири ҳамдигарии онҳо; 3) сатҳи таркибии хурде, ки тавассути таҳлили мактабҳои мушаххаси иҷтимоию сиёсӣ ва амали сиёсии субъектҳо ошкор мегардад. Он вижагиҳои муносибатҳои воқеии қудрат ва муносибатҳои мутақобилаи байни ашхос ва гурӯҳҳоро ошкор карда, қобилияти ба якдигар таъсир расониданро тавассути нақшҳо ва мақоми муайяни низомнокӣ таҳлил мекунад[279].

Бояд қайд намуд, ки ҳамчун субъекти марказии ҳаёти сиёсӣ фард баромад менамояд. Фард, шахсият, роҳбар ё субъекти инфиродии фаъоли

---

[276] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: «Империал-Групп», 2017. – С. 246-247.
[277] Бурдье П. Социология политики. М., 1998.
[278] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Душанбе: «Империал-Групп», 2017. – С. 238.
[279] Власть: Очерки современной политической философии Запада. – М., 1989. – С. 8-82.

муносибатҳои сиёсӣ тавассути қобилият, нақш ва имконияту мақоми худ дар низоми сиёсӣ ба дигар аъзоён ё унсурҳои ин низом таъсир расонида, ҳамзамон, таъсири мутақобилаи онҳоро «ҳамчун қобилият ё имконият шахсони алоҳида бо мақомоти мухталиф барои муқаррар кардани шартҳо, қабули қарорҳо ва амалҳое, ки барои мавҷудияти ашхоси дигар дар дохили низоми муайяни иҷтимоӣ ҳалкунанда мебошанд, муқаррар мекунад[280].

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки ҳаёти сиёсии ҷомеа ҳамчун организми ҷамъиятӣ, низоми худташкилкунанда ва инкишофёбанда мебошад, ки ҳар як унсури таркибии он ба ҳамдигар таъсир мерасонанд ва худ низ зери ҳамин гуна таъсиррасонии мутақобила қарор дорад. «Хусусиятҳои таъсири мутақобилаи ин унсурҳо мазмун ва заминаи инкишофи низоми сиёсиро муайян мекунанд»[281].

Ҳокимияти давлатӣ хусусияти низомнок дорад ва ҳадафҳо ва самти рушди он пешакӣ муқаррар шудааст. Фаъолияти давлат ҳамчун унсури марказии низоми сиёсӣ, барои амалишавии манфиатҳои гуногуни иҷтимоӣ, татбиқ ва таъмин намудани ҳамгироӣ, инчунин нигоҳ доштани устувории низоми ҷамъиятию сиёсӣ равона гардидааст. Аз ин лиҳоз, давлат нозир ва танзимгари асосии тақсимоти авторитарии арзишҳо ва захираҳо буда, қарорҳои умумиҳатмӣ қабул мекунад. Ҳангоми баамалбарории фаъолияти худ ба институтҳои алоҳидаи низоми сиёсӣ такя мекунад, ки худи давлат ва ҳокимияти давлатӣ ба он асос ёфтааст. Вазифаи асосии давлат ҳамгироии иҷтимоию сиёсӣ ва эътибору эътирофи манфиатҳо буда, баҳри ҳамкории муътадил ва беихтилофи байни субъектҳои ҳаёти сиёсӣ, дар асоси бартараф намудани зиддиятҳо ва таъмини мусоиди ташаккул ва рушди низоми сиёсӣ, эҳтироми расму оинҳои фарҳангӣ, эътироф, риоя ва татбиқи қонун ва ҳуқуқҳои субъектҳои ҳаёти сиёсӣ ва м.и. амал менамояд.

Хусусиятҳои асосии низоми сиёсӣ чунинанд: 1) низоми сиёсӣ аз як зумра амалҳои мутақобила иборат аст, ки аз рафтори умумии иҷтимоӣ ҷудо карда мешаванд ва тавассути онҳо арзишҳои дигари ҷомеа тақсим карда мешаванд; 2) низоми сиёсӣ дорои имконияти танзимкунӣ ва худтанзимкунӣ мебошад, ки онро аз худвайроншавӣ муҳофизат мекунад; 3) ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ қобилияти нигоҳ доштани хусусиятҳои хос ва намуди зоҳирии худро дорад; 4) он як низоми кушодаву ошкорест, ки зери таъсири омилҳои муҳит тағйир меёбад; 5) низоми сиёсӣ метавонад устувори худро вобаста ба ҳар гуна омилҳо ва шароитҳо нигоҳ дорад.

Р.Ш. Шарофзода чунин хусусиятҳои низоми сиёсиро ҷудо мекунад: «1) низоми сиёсӣ ҷузъи таркибӣ, унсури ҷомеа буда, якҷоя бо низоми иқтисодӣ, иҷтимоӣ, идеологӣ, ҳуқуқӣ ва диг. инкишоф меёбад; 2) низоми сиёсӣ аз сифати ҳаёти сиёсии ҷомеа, шуури сиёсӣ, иштироки шаҳрвандон, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ташкилотҳои сиёсӣ дар идоракунии корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, дар идоракунии давлатӣ дар сиёсат, рушди

[280] Власть: Очерки современной политической философии Запада. – М., 1989. – С. 87.
[281] Аверьянов А.Н. Система: философская категория и реальность. – М., 1976.

демократия, истифодаи интихобот ва раъйпурсӣ, мазмуни муносибатҳои сиёсӣ дарак медиҳад. Дар робита бо низоми сиёсӣ сатҳи инкишофи ҳаёти демократӣ, режими демократӣ, муносибати судманди байни давлат ва сохторҳои ҷамъиятию сиёсиро муайян мекунанд; 3) Низоми сиёсӣ омили ҳокимиятдорӣ, заминаи амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла ҳокимияти халқ дар давлати демократӣ мебошад. Тавассути низоми сиёсӣ ҳокимияти сиёсӣ бо иштироки шаҳрвандон, ҳизбҳо ва иттиҳодияҳои онҳо амалӣ мешавад. Низоми сиёсӣ заминаи ташкил ва инкишофи ҳаёти сиёсӣ мебошад; 4) низоми сиёсӣ заминаи амалӣ гаштани ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрвандон, рушди демократия, таъмини воқеии ҳокимияти халқ, роҳандозии шаклҳои демократияи бевосита ва бавосита, истифодаи интихобот ва раъйпурсӣ, ташкили демократии мақомоти давлатӣ, вусъати фаъолияти сиёсии шаҳрвандон, тақвияти шуури сиёсии онҳо мебошад; 5) низоми сиёсӣ заминаи ташаккул ва густариши муносибатҳои манфиатбахши тарафайн дар байни давлат ва аҳолӣ, ҳокимият ва халқ, мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон, давлат ва ниҳодҳои сиёсиву ҷамъиятӣ мебошад; 6) Низоми сиёсӣ заминаи рушди ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқии ҷомеа мебошад; 7) ба низоми сиёсӣ шароити объективии шароити ҳаёти ҷомеа, сатҳи инкишофи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маънавӣ, ҳуқуқии ҷомеа, анъанаҳои миллӣ, психиология, шуур, минталитети аҳолӣ, таҷрибаи сиёсӣ таъсир мерасонад; 8) низоми сиёсӣ аз маҷмӯи унсурҳои муайян, аз қабили сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ниҳодҳои сиёсиву ҷамъиятии ҷомеа иборат аст, ки ягонагӣ, муттаҳидии ҳамаи унсурҳои низоми сиёсӣ, мувофиқати манфиатҳои шаҳрвандон, ниҳодҳои сиёсии давлат, ваҳдати сиёсӣ ва миллӣ заминаи назму суботи сиёсии ҷомеа, мутташакилии низоми сиёсӣ мебошанд»[282].

Низоми сиёсӣ метавонад демократӣ ва зиддидемократӣ бошад, ки он ба ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ таъсири худро мерасонад. Аз ин лиҳоз, муносибати низоми сиёсӣ низ ба халқ, унсурҳои низоми сиёсӣ, муносибати дохилию хориҷии давлат ва ғ. метавонад гуногун бошанд. Чунончи, низоҳои ғайриқонунӣ, зиддидемократӣ, фашистӣ, тоталитарӣ дархост, талабот ва хоҳишҳои мардумро ба ҳокимияти давлатӣ як навъ изҳори норозигӣ аз мақомот мешуморанд. Аз ин рӯ, чунин низом ба адолати талаботи аҳолӣ шубҳа намуда, онҳоро бо воситаҳои гуногун пахш менамоянд. Вале низомҳои қонунӣ ва демократӣ бошанд, ба талаботу дархости аҳолӣ, шахсони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҳизбҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ муносибати нек намуда, таъмин ва иҷрои онро шарти зарурию муътадили вазифаҳои худ медонанд. Аз ин ҷост, ки одамон бештар ба он пешвоёни сиёсӣ, сарварони давлат, гурӯҳҳо, ҳизбҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиеро ҷонибдорӣ менамоянд, ки онҳо метавонанд ба ҷараёни идоракунӣ таъсири мусбӣ расонида, доимо омодагии худро барои қонеъ кардани талабот ва ниёзҳои мардум иброз доранд.

[282] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – 2017. – С. 238-240.

Бо назардошти мақсад, вазифа ва функсияҳои низоми сиёсӣ натиҷаҳои фаъолияти он метавонанд шаклу мазмуни гуногун дошта бошанд. Дар ин раванд қарорҳои хусусияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва сиёсидоштаро қабул менамоянд, мол ва хизматрасониҳоро тақсим намоянд, ҳавасманд мегардонанд, манъ мекунад, барои рушд шароит фароҳам меоранд, санадҳои қонунгузорие қабул мекунанд, ки рафтори шаҳрвандонро дар ҳолатҳои гуногун танзим месозад.

Асоси фаъолияти унсурҳои низоми сиёсиро дар ҳама сатҳ вобаста ба шароити мушаххас корҳои сиёсию ташкилӣ, иҷро намудани қарорҳои қабулшуда ташкил медиҳанд. Барои ҳамин дар фаъолияти сиёсӣ корҳои ташкилотчигӣ, пешоҳангӣ ва роҳбарӣ ҳамчун як намуди фаъолияти асосӣ ва мақсаднок дониста мешаванд. Муваффақият ва самаранокии корҳои сиёсӣ ба ташкили кор ва фаъолнокӣ дар амал вобаста аст[283].

Низоми сиёсӣ субъектҳои муносибатҳои сиёсиро дар атрофи як низоми ягона муттаҳид сохта, самти ҳамкориҳои иҷтимоӣ, роҳҳои амалисозии таъсиррасонӣ ва татбиқи таъсиррасониро дар шакли муҷозот, ҳавасмандгардонӣ ва амалҳои дигар, ки аз ҷониби оммаи мардум қонунӣ гардонида шудаанд муайян мекунад.

Ба андешаи дигар «… дар ҳаёти сиёсии давлати муосир умуман ҷудо кардани як барандаи ҳокимият номумкин аст ва тасдиқ мекунад, ки ягон субъекти низоми сиёсӣ қодир нест, ки тамоми захираҳоро пурра назорат кунад. Аз ин сабаб, низоми сиёсӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти субъектҳои гуногун дар як самти «асосӣ» барои ҳалли мушкилот ва ниёзҳои умумӣ ва муҳим муттаҳид карда шаванд»[284]. Яъне низоми сиёсӣ на танҳо вазъияти ҷамъиятиро муайян ва танзим мекунад, балки «… мазмуну моҳият ва доираи қабули қарорҳои сиёсиию иҷтимоии қабулгардидаро низ муқаррар мекунад, ки дуруст қабул гардидани он ба таъмини бехатарию суботи ҷомеа, самаранокии фаъолияти субъектҳои ҳаёти сиёсӣ ва хоҷагию идоракунӣ, беғаразона рушд намудани ҳамкориҳои сиёсии иштирокчиёни муносибатҳои сиёсӣ ва м.и. оварда мерасонад»[285].

Аслан фаъолияти унсурҳои низоми сиёсӣ мақсаднок буда, маҳз амалӣ намудани ҳамин мақсаду барномаҳо онҳоро ба майдони сиёсат меорад. Кӯшиши амалӣ намудани мақсадҳои сиёсию иҷтимоӣ субъектони муносибатҳои сиёсиро рӯҳбаланд намуда, рафтори воқеии онҳоро ҳамоҳанг месозад. Ба андешаи Г. Алмонд: «Низоми сиёсӣ – низоми муносибатҳои мутақобилаест, ки дар ҳамаи ҷомеаҳои мустакил мавҷуд буда, вазифаҳои ҳамоҳангсозӣ ва мутобиқгардониро дар дохили ҷамъият, берун аз он ва байни ҷамъиятҳо бо роҳҳои сиёсию идоракунӣ ва дар мавридҳои зарурӣ бо истифодаи зуроварии қонунӣ иҷро менамояд»[286]. Низоми сиёсӣ сохтори мураккаби мушаххасгаштаи ташкили ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷомеа мебошад.

---

[283]Ниг. Дегтярев А.А. Основы политической теории. – М., 1998.
[284] Даль Р. Полиархия, плюрализм и пространство // Вопросы философии. 1994. №3.
[285]Ниг.: Ледяев В.Г. Власть: концептуальный анализ. – М., 2001.
[286] Алмонд Г. Политика развивающихся регионов.

Ба андешаи муҳаққиқон аз рӯйи меъёрҳои сохтори иҷтимоӣ-сиёсӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва рафтори шахсон низоми сиёсиро ба чаҳор навъ ҷудо кардан мумкин аст: халқӣ (қабилавӣ), бюрократӣ (идорӣ), созишгарӣ ва сафарбарӣ[287].

Низомҳои халқӣ (қабилавӣ) ҳамчун низоми ҳукмрон то ҳазораи сеюми пеш аз милод мавҷуд буданд. Дар ин низом қабули қарорҳои сиёсӣ аслан аз ҷониби ягон сохтор ва институтҳои устувор, чун давлат ва мақомоти давлатӣ танзим карда намешуд. Низомҳои халқӣ хусусияти парокандагӣ ва ғайримарказонидашударо доштанд. Дар онҳо баробарҳуқуқии табиӣ риоя мешуд ва низоми сиёсӣ ҳамчун як оилаи бузург фаъолият мекард. Қарорҳои сиёсии дорои аҳамияти ҷамъиятӣ дар доираи ҳамин оилаи васеъ қабул карда мешуданд. Дар низомҳои қабилавӣ баробарии иҷтимоию иқтисодӣ таъмин ва риоя мегардид ва он дар асоси тақсимоти ҳадди аққали меҳнат асос ёфта буд. Робитаҳои хешутаборӣ ҳамбастагии баробарҳуқуқро ташкил медоданд. Ҷамъоварии захираҳо ва истеҳсолот дар якҷоягӣ ба амал бароварда мешуд. Гурӯҳҳои мухталифи касбу кор ва шуғл, ки аз шикорчиён, чинакчиён, моҳидорон, деҳқонон иборат буданд, маҳсулот истеҳсол мекарданд ва онро баробар тақсим мекарданд. Ҳар як аъзои қабила ҳуқуқи иштирок кардан дар маҷлисҳои оммавиро дошт. Дар маҷлисҳои мазкур сиёсати идоракунӣ, муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии ҷамъият муқаррар карда мешуд. Одатан аъзоёни ин ҷамоаро дар низоми мазкур на маҷбуркунӣ, балки афкори ҷамъиятӣ талқин менамуданд. Меъёрҳои иҷтимоии дохили ҷамоат аксаран ба тариқи ихтиёрӣ риоя мешуданд.

Норавшании меъёрҳои анъанавӣ ба куҳансолон ва намояндагони динӣ то андозае озодии қабули қарорҳои навоварона дар ҳолатҳои ғайричашмдошт дод. Қарорҳое, ки ба ҷамъиятҳои хурд дахл доштанд, бояд дар маҷлисҳои умумӣ тасдиқ карда мешуданд, ки дар онҳо масъалаҳои сиёсӣ муҳокима карда шуда, нисбат ба пешвоён талаботҳо гузошта мешуданд. Маҷлисҳои умумӣ, шуроҳои куҳансолон ва ташкилотҳои пиронсолон талаботи мардумро, аз ҷумла, оид ба масъалаҳои васеъ намудани майдони кишт, роҳҳои нави ба даст овардани озуқаворӣ ва ғайра баррасӣ мекарданд[288].

Амсилаи авторитарии бюрократӣ дар давоми се ҳазорсолаи охир вуҷуд дошт, ки ба паҳншавии он як қатор омилҳо таъсир расониданд[289].

1. Ҳамаи сарварони сиёсӣ бояд бо мушкилоти муқаррар намудани тартибот машғул мешуданд. Барои дастгоҳи маъмурӣ назорати расмиятпарастӣ (бюрократӣ) воситаи самарабахши муборизаи бар бетартибие, ки ҷомеаро фаро гирифтааст, ба назар мерасад. Низоми авторитарии бюрократӣ дар муқаррар намудани принсипи нигоҳдории

---

[287] Қайд кардан зарур аст, ки ташаккули аслии ин амсилаҳои низомҳои сиёсӣ ба Довуд Э. Эптеру вобаста аст. Ниг: Devid E. Apter. Choice and the Politics of Analysis (New Haven CT Yale University Press, 1997. P. 30-35.

[288] Дар ин хусус муфассалтар ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Душанбе: «Империал-Групп», 2017. – С. 72-78.

[289] Эндрейн Ч.Ф. Сравнительный анализ политических систем. М., 2000. С. 43 - 45.

тартибот тавассути таъсиси созмонҳои дахлдор асос ёфтааст. Сарварони он сиёсатро ҳамчун зуҳури қудрат ва қудрати ниҳодҳои давлатӣ мефаҳманд. Созмонҳои пурқуввати давлатӣ – хадамоти давлатӣ, қувваҳои мусаллаҳ, хадамоти амниятӣ ва техникӣ – кӯшиш мекунанд, ки бо пахш кардани низоъҳои ошкоро тартиботро барқарор кунанд. Ин ниҳодҳои маъмурӣ, новобаста аз оне, ки дар доираи низоми давлатии капиталистӣ ё низоми давлатӣ - сотсиалистии иқтисодӣ амал мекунанд, ё не, ба демократия ҳамчун низоми рақобати институтсионалии байни гуруҳҳо манфиатдор нестанд;

2. Низомҳои авторитарии бюрократӣ бо мавҷудияти як дастгоҳи маъмурӣ хос буда, ба баргузидаҳои ҳукмрон имкон медиҳад, ки қудратро дар дасти худ нигоҳ доранд ва ба суръати рушди иқтисодӣ таъсир расонанд. Дар ҷомеаҳои кишоварзӣ заминдороне, ки аксариятро дар ҳукумати марказӣ ташкил медоданд, барои пахш кардани шӯришҳои деҳқонон ва нигоҳ доштани вазъи давраи муайяни иқтисодиёт аз авторитаризми бюрократӣ истифода мебурданд. Бо фарорасии саноатикунонӣ, назорати бюрократӣ талаботи истеъмолкунандагонро коҳиш дод, ки дар натиҷаи баланд шудани сатҳи таҳсилот, афзоиши шаҳришавӣ ва рушди густурдаи васоити ахбори омма ба вуҷуд омадааст. Истеъмоли ҷамъиятиро кам карда, давлат кӯшиш мекард, ки маблаггузории асосиро зиёд кунад, то ки барои ҷамъ кардани сармоя имконият фароҳам оварад;

3. Илова бар фишори сиёсию иқтисодии дохилӣ, низоми авторитарии бюрократиро институтҳои хориҷӣ, бахусус дар Аврупои Шарқӣ ва «ҷаҳони сеюм» дастгирӣ менамуданд. Аз соли 1500 то соли 1960 дар «ҷаҳони сеюм» ҳукмронии давлатҳои мустамликавии Аврупо арзи вуҷуд дошт. То давраи ҷанги дуюми ҷаҳон онҳо дар мустамликаҳо тартиботро ба таври зуроварӣ таъмин менамуданд. Мақомоти идоракунӣ одатан дар пойтахтҳо ҷойгир буданд. Баъзе мансабдорон – ноибони шоҳи Испания, генерал-губернаторони Фаронса, ҳокимони британиёӣ амалисозии сиёсати давлатиро ба танзим медаровардand. Аз ҷониби онҳо сохторҳои бюрократии идоракунӣ, артиши касбӣ, хадамоти шаҳрвандӣ бо кадрҳои баландихтисос, инфрасохтори иқтисодӣ (роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳан, бандарҳо, сарбандҳо) таъсис дода шуда, ситонидани андозҳои мутамарказ ҷорӣ карда шуданд. Иқтисодиёти мустамликавӣ ба қисми таркибии бозори ҷаҳонии капиталистӣ табдил ёфт.

Низоми авторитарии бюрократӣ бо як қатор принсипҳои бунёдӣ, усулҳои идоракунӣ ва стратегияҳои ноил шудан ба ҳадафҳои иқтисодӣ фарқ мекунад[290]. Усули ба низом даровардан тавассути ташкили возеҳ раванди қабули қарорҳои сиёсиро ба низом дароварда, онро ба раванди расидан ба ҳадафҳои мушаххас табдил медиҳад. Қариб ҳамеша дар шароити низоми авторитарии бюрократии саноатикунонидашаванда манфиатҳои моддӣ — тезонидани тараққиёти иқтисодиёт, афзудани самаранокии истеҳсолот ва коҳиш додани таваррум бар арзишҳои

[290] Ниг. Эндрейн Ч.Ф. Сравнительный анализ политических систем. – М., 2000. – С. 67.

маънавию ахлоқӣ ғолиб меоянд. Давлати пуркӯвват афзалиятҳои сиёсии гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ, аз қабили коргарони саноатӣ, деҳқонони камбизоат ва тоҷирони хурдро ба мадди охир мегузорад. Мутахассисони техникӣ (технократҳо) ва расмиятпарастон (бюрократҳо) иштироки оммаро дар ҳаёти сиёсӣ қатъиян маҳдуд мекунанд. Роҳбаре, ки дар болои нардбони иерархияи маъмурӣ истодааст ва ҳайати баргузидаи мутахассиси техникӣ (технократӣ) дар поён ҷойгир аст, як мақоми роҳбарикунандаи бомаслиҳатро бо қудрати комил намояндагӣ мекунанд. Барои татбиқи тағйиротҳо дар ҷомеа, ҳокимон ба мактабҳои пурқуввати сиёсӣ: бюрократияи шаҳрвандӣ, низомиён, полис, технократҳо такя мекунанд. Плюрализми маҳдуд ба баъзе гурӯҳҳо – иттиҳодияҳои тиҷоратӣ, иддае аз зиёиён, донишҷӯён ва пешвоёни динӣ – имкон медиҳад, ки талаботҳои худро ба мансабдорони давлатӣ пешниҳод намоянд, агар дастурҳои онҳо ба муқовимати гурӯҳҳо мувофиқат кунанд, метавонанд сиёсатро тағйир диҳанд.

Низоми сиёсии авторитарӣ дар шароити режими сиёсии авторитарӣ ташаккулу инкишоф меёбад. Дар он давлат мақомоти ҳарбӣ ва дигар мақомоти қудратӣ (қувваҳои мусаллаҳ ва дигар сохторҳои он) дар ҳаёти сиёсӣ нақши ҳалкунанда мебозанд, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои дигари шаҳрвандон маҳдуд ё манъ карда мешаванд, озодии баёни андеша, изҳори ирода пахш карда мешаванд, таъқиби шаҳрвандон, фишор ба фаъолияти иттиҳодияҳои онҳо истифода мешавад. Дар шароити режими ҳарбӣ низоми сиёсии ҳарбӣ ташаккул ёфта, дар он нуфузи мақомоти ҳарбӣ, усулҳои ҳарбии идоракунии сиёсӣ баланд мешавад[291].

Дар низоми сиёсии демократӣ, ки ба режими сиёсии демократӣ такя дорад, давлат, халқ, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятию сиёсӣ, лидерҳои сиёсӣ субъектони асосии низоми сиёсӣ маҳсуб мешаванд. Давлат ҳокимияти давлатиро бо иштироки халқ, ҳизбҳо, иттиҳодияҳои дигари ҷамъиятию сиёсӣ, бо истифода аз демократияи бевосита ва бавосита амалӣ мекунад[292]. Нисбат ба дигар низомҳои сиёсӣ ин навъи низоми сиёсӣ идеалҳои демократӣ, озодӣ ва баробариро пурра таҷассум мекунад. Озодиҳои шаҳрвандӣ ҳуқуқи озодии ҷамъомадҳо, намоишҳо ва созмонҳоро кафолат медиҳанд. Плюрализме, ки дар ҳукумат ва ҷомеа ҳукмрон аст, эҳтиром озодиҳои сиёсии роҳбаронро таъмин мекунанд. Сиёсатмадорони ҷамъиятӣ манфиатҳои гуногунро намояндагӣ мекунанд ва барҳӯрди манфиатҳоро қонунӣ медонанд. Рақобат байни ҳизбҳо, маҷлисҳои қонунгузори интихобшуда, мустақилияти васоити ахбори омма ва ихтиёрӣ будани иттиҳодияҳо сиёсати ҳукуматро дар назди шаҳрвандон масъул мегардонад. Баробарҳуқуқии сиёсӣ натиҷаи иштироки васеи аҳолӣ дар раванди сиёсӣ мебошад. Дастрасии озод ба иттилоот ба ҳар як

[291] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – С. 250.

[292] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – С.249.

шаҳрванд имкон медиҳад, ки афзалиятҳои сиёсии худро баён кунад ва шунида шавад, яъне дар таҳияи қарорҳои сиёсӣ иштирок мекунанд. Шаҳрвандон метавонанд озодона самти сиёсати ҳукуматро муҳокима кунанд, ақидаи мухолифонро танқид кунанд ва дар асоси муҳимияти ин ё он далел қарор қабул кунанд.

Низоми демократӣ дар шароити бозоргонӣ пурра ошкор мегардад. Дар ҷомеаи либералӣ-демократӣ, соҳибкорони хусусӣ метавонанд мустақилона худашон қарор қабул намоянд. Ихтилофоте, ки дар натиҷаи бархӯрди манфиатҳои гурӯҳҳои мухталиф ба вуҷуд меоянд, тавасути риояи қонунҳо ба танзим дароварда мешаванд. Дар шароити ҳукмронии сотсиал-демократӣ сиёсатмадорон зарурати созиши байни синфҳоро таъкид мекунанд. Иттифоқҳои касабаи муттаҳида дар гуфтушунид бо иттиҳодияҳои мутамарказ оиди музди кор, нарх ва шароити меҳнат нақши фаъолро мебозанд. Ходимони давлатӣ, роҳбарони ширкатҳои хусусӣ ва иттифоқҳои касаба доир ба танзими иқтисодиёти бозоргонӣ тадбирҳои муштарак меандешанд. Низомҳои мураккаби пурқуввати таъминоти иҷтимоӣ ба коҳиш додани нобаробарии даромад мусоидат мекунанд.

Шароитҳои алоҳидаи иқтисодӣ ба кори бомуваффақияти низоми созишномавӣ мусоидат мекунад, ки дар шароити имрӯзаи рушди кишварҳои пешқадам ва муттарақӣ аён гардида истодааст.

Аввал ин ки, ин низом дар он ҷо самараноктар аст, ки рушди иқтисодӣ баланд аст ва тафовути зиёди даромад вуҷуд надорад. Рушди иқтисодӣ боиси афзоиши ҳаҷми «санбӯса»-и иқтисодӣ мегардад, ки ба туфайли ин қисми муайяни он ба гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ мерасад. Дастаҳои рақиб иштироки мутақобилан судмандро дар бозии сиёсӣ таъмин мекунанд, ки ҳадафи он ба даст овардани натиҷаи мусбӣ мебошад. Баробарии даромад ихтилофоти сиёсиро коҳиш медиҳад; мавҷудияти умумии захираҳои иқтисодӣ ихтилофи байни ҳокимон ва идорашавандагон, камбағалон ва сарватмандон, одамони дорои мақоми паст ва баландтари иҷтимоиро коҳиш медиҳад.

Сониян, иштирок дар иттиҳодияҳои иқтисодӣ ва шаҳрвандӣ аз узвият дар гурӯҳҳои хешутаборӣ ва динӣ муҳимтар мешавад. Тафовут дар самтҳои арзишҳо дар муқоиса бо ихтилофҳои марбут ба манфиатҳои иқтисодӣ чандон назаррас нестанд. Аз сабаби парокандагии зиёди захираҳои иқтисодӣ, ҳар як гурӯҳи этникӣ ё динӣ ашхоси дорои даромадҳои гуногун доранд. Дар ин ҳолат, сарҳади мавқеи ҷудошавӣ ба ҳам бурида мешаванд, аммо ба ҳеҷ ваҷҳ ҳамдигарро мустаҳкам намекунанд. Одамон дар назди иттиҳодияҳои гуногун ӯҳдадориҳои муайян доранд, аммо дар айни замон садоқати комилро ба як ҳадафи ахлоқӣ, ки таҷассуми он гурӯҳи ибтидоӣ мебошад, нишон медиҳанд. Ба ҷои мусоидат ба ихтилофоти баъзе арзишҳои олӣ, ки имкони созишро истисно мекунад, бозии сиёсӣ дар атрофи «рақобатҳо»-и осоиштаи баҳри ба даст овардани неъматҳои моддӣ нигаронидашуда, давр мезанад. Онҳо давлат ва ҳизби худро ба дараҷаи баъзе мактабҳои мавҳум баланд намебардоранд. Сиёсат

аз ҷониби тарафҳои ҳампаймон назорат карда мешавад, на аз ҷониби мутаасибон; мақсади онҳо ҳукумати маҳдуди конститутсионӣ мебошад.

Сеюм, низоми созишномавӣ дар шароити сохтори фасеҳи синфӣ самараноктар фаъолият мекунад. Заминдорони калоне, ки бо қувваи кории арзони хоҷагии қишлоқ рӯз мегузаронанд, мақоми бузурги иқтисодӣ ва сиёсӣ надоранд. Дар деҳот хоҷагиҳои хурди фермерӣ бартарӣ доранд. Синфи коргаре, ки дар иттифоқҳои касаба муттаҳид шудаанд, бо ин деҳқонон ва ё бо синфи миёнаи шаҳрӣ иттиҳодияҳои сиёсиро ташкил мекунад. Мувоизинати дохилиро танҳо ҳолатҳои фавқулодда метавонад вайрон намояд: ҷанг, ҳамлаи низомӣ ё таназзули иқтисодӣ. Дар ин сохтори синфии фасеҳ ихтилофоти байни гурӯҳҳои алоҳида коҳиш меёбад. Сиёсатмадорони ҷамъиятӣ захираҳо ва муҳити осоиштаеро мегиранд, ки барои мувофиқати манфиатҳои гурӯҳҳои мухталиф заруранд [293].

Низомҳои муосири созишномавӣ бо як қатор принсипҳои бунёдӣ, услубҳои сиёсӣ ва усулҳои амалисозии дигаргуниҳои иҷтимоӣ фарқ мекунанд. Моҳияти низоми созишномавӣ дар ҷустуҷуи роҳҳои ба ҳам мувофиқ кунондани манфиатҳои мухталиф анҷом меёбад. Вай байни арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ ва манфиатҳои моддӣ фарқият мегузорад. Сиёсати давлатӣ ба таъмини имтиёзҳо ба гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Дар чунин ҷомеаҳои гуногунандешӣ (плюралистӣ), созмонҳои ҷамъиятӣ асосан аз назорати ҳукумат мустақиланд. Роҳбарияти муштарак (коллегиалӣ) ваколатҳоро байни мақомоти давлатӣ тақсим мекунад. Сиёсатмадорон дар ҳамбастагӣ бо ҳуқуқшиносон – қонунгузорон ва судяҳо манфиатҳои гуногунро байни худ мепайванданд, дар бастани муомилаҳо ҳамчун миёнарав хизмат карда, дар баҳсҳои сиёсӣ нақши ҳакамиро мебозанд ва қоидаҳои бозии сиёсиро муқаррар мекунанд. Шахсони алоҳида бо иштироки фаъолона дар гурӯҳҳои бонуфузе, ки ба мансабдорони ҳукумат фишор меоранд, ғаразҳои сиёсии худро қонеъ мекунанд. Иштирокчиёни асосии ин фаъолияти сиёсӣ – сохторҳои ғайримарказии давлатӣ, ҳизбҳои муттаҳида, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо роҳи муомила бо ҳамдигар ва ба хадамоти гуногуни иттилоотӣ ошкор буда, дар татбиқи дигаргуниҳои расмии иҷтимоӣ саҳм мегузоранд. Бо таъкид кардани зарурати созишҳои таҷрибавӣ (прагматикӣ), роҳбарон мекӯшанд, ки даъвоҳои ҳадди аксарро барои як ҳиссаи «санбӯса»-и сиёсӣ қонеъ созанд[294].

Низомҳои сафарбаркунӣ дар асри XX ба туфайли иштироки фаъолонаи омма дар ҳаёти сиёсӣ пайдо шуданд. Онҳо одатан дар ҷомеаҳои нобаробарии иқтисодӣ ва низоъҳои шадиди сиёсӣ пайдо мешаванд. Табақабандии ҷомеа аз рӯи нишонаҳои этникӣ, динӣ ва иқтисодӣ ихтилофоти сиёсиро меафзояд. Дар чунин вазъияти ноором ҳаракати сафарбаркунанда аз ҳама гуна мусибат озод карданро хабар медиҳад.

Тули асри XX ду низоми сафарбаркунӣ кӯшиш карданд, ки

---

[293] Ниг: Robert A. Dahl Democrasy and Its Critics. – New Haven CT Yale University Press, 1989. – P. 232-64.
[294] Эндрейн Ч.Ф. Сравнительный анализ политических систем. – М., 2000. – С. 104-105.

дигаргуниҳои иҷтимоиро анҷом диҳанд: популистӣ ва элитистӣ[295]. Ба низомҳои популистӣ сатҳи пасти ихтисоси нақшҳо хос аст. Роҳбарони популист бо кӯшиши ҷорӣ кардани баъзе хусусиятҳои низомҳои маъмулро дар ҷомеаҳои тафриқашуда ба ҷо оварда, мекӯшанд низомеро эҷод кунанд, ки дар он баробарии ҳадди аксар байни одамон имконпазир бошад ва ҳамаро ба иштирок дар ин раванд ҷалб мекунанд. Дар чунин тартиб, иштирокчии идеалии раванди қабули қарорҳои сиёсӣ на мутахассис, балки шаҳрванди оддӣ – шахсе мебошад, ки метавонад нақшҳои гуногунро иҷро кунад. Баръакси ин, дар низоми сафарбаркунии элитистӣ нақши ҳалкунандаи сиёсиро онҳое мебозанд, ки нақши махсус доранд. Ба онҳо бюрократҳо, мутахассисон, мутахассисони техникӣ, мумайизон, менеҷерҳо, нақшакашҳо, афсарони артиш, афсарони полиси махфӣ, ходимони ҳизбҳои касабавӣ ва роҳбарони ташкилотҳои ҷамъиятие мансубанд, ки бо ҳизби пешсаф – иттифоқҳои касаба, деҳқонон, ҷавонон, ташкилотҳои занон ва ғайра алокаманданд.

Низомҳои сафарбаркунии популистӣ ва элитистӣ аз ҳамдигар аз ҷиҳати сохтор ва услуби роҳбарӣ фарқ мекунанд. Дар нақши идеологӣ ҳарду ҳам коллективизм ва омезиши арзишҳои идеологиро бо вазифаҳои моддӣ дар ҷои аввал мегузоранд, ки ба туфайли ин аҳамияти махсус пайдо мекунанд. Дар низоми сафарбаркунии элитистӣ, муносибатҳои идеологии байни пешвоён ва омма бо зинанизоми сиёсии бештар хос аст. Тибқи ин тафсир, ҳизб ё ҷунбиши пешрав бояд оммаеро, ки шуури сиёсии зарурӣ надоранд, ҳукмронӣ кунад, тарбия кунад ва дастур диҳад, то ин ки дар тасмимгириҳои сиёсӣ нақши фаъол дошта бошанд. Навъи популистии низоми сафарбаркунӣ барои давлати заифтар бо роҳбарияти муштарак хос аст. Низоми сафарбаркунии элитистӣ давлати пуриқтидор (марказонидашуда, маҷбурӣ, ягона, ҳамоҳангшуда)-ро бо роҳбарияти ҷолиб ифода мекунад. Ӯ ҳокими олӣ, паёмбар, идеологи асосӣ, сарвари низомӣ ва пешвои сиёсист. Кормандони ҳизб, мансабдорони давлатӣ ва мутахассисони техникӣ дар зинаҳои поёнии дараҷаҳои мартабаҳои иерархии роҳбарияти хеле бемасъулиятро ифода мекунанд. Онҳо на ба покии идеологӣ, балки ба таҷрибаҳо (прагматизм) аҳаммияти асосӣ дода, дар бобати нигоҳ доштани низом, таъмини пешрафти иқтисодиёт ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба фардҳо корҳои бузурги сиёсиро анҷом медиҳанд.

Аз нуқтаи назари Ч.Ф Эндрейн, тағйиротҳо дар низоми сиёсӣ дар натиҷаи ба вуҷуд омадани номутобиқатии сохторҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва рафтори фардӣ ба амал меояд. Ин номувофиқатӣ боиси низоъҳои сохторӣ, фарҳангӣ ва рафторӣ мегардад. Тағйироти низомҳо вақте ба амал меояд, ки ин се зиддият ба ҳамдигар таъсир мерасонанд ва ҳамдигарро тақвият медиҳанд[296].

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти махсуси шӯравӣ ғояи низоми сиёсӣ

[295] Эндрейн Ч.Ф. Сравнительный анализ политических систем. – М., 2000. – С. 109.
[296] Эндрейн Ч.Ф. Сравнительный анализ политических систем. – М., 2000. – С. 151.

қобили талабот набуда, истифодаи он маҳдуд буд [297]. Албатта, ҷанбаҳои муҳими ин масъала ҳангоми баррасии масъалаҳои низоми иҷтимоию сиёсии ҷомеа мавриди омӯзиш қарор гирифт. Илова бар ин бештар категорияҳои «давлат», «механизми диктатураи пролетариат», «низоми демократияи сотсиалистӣ», «низоми сиёсӣ» ва ғайра тарҳрезӣ ва истифода бурда мешуданд.

Аммо раванди демократикунонӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, инчунин мантиқи рушди илми сиёсат зарурати такмили дастгоҳи мантиқиеро ба миён овард, ки он бояд моҳияти падидаҳои навро ба таври бояду шояд инъикос намуда, ҳамчун воситаи самарабахши омӯзиши онҳо хизмат кунад.

Дар охири солҳои 50-ум – ибтидои солҳои 60-уми асри XX муқаррароти назариявӣ оид ба ташкили сиёсии ҷомеа таҳия карда шуданд. Ин мафҳум маънои категорияи мустақилеро пайдо карда, таваҷҷуҳи асосӣ ба муассисаҳо ва мактабҳои махсуси давлатӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ равона карда шуд, ки бевосита дар ҷомеа вазифаҳои сиёсиро иҷро мекунанд, ба ибораи дигар, муносибати ҳуқуқӣ ба масъалаи мазкур бартарӣ дошт.

Ташкилоти сиёсӣ бо ин фаҳмиш тамоми боигарии ҳаёти сиёсии ҷамъиятро сарф накардааст, айнан ҳамин гуна, ҳуқуқшиносӣ тамоми доираи омӯзиши ин масъалаи мураккабро ба анҷом расонида натавонист. Аз ин рӯ, аз нимаи дуюми солҳои 60-ум таҳқиқоти фалсафию сотсиологии ин масъала пайдо шуд. Синфҳо, ҳизбҳо, халқҳо, миллатҳо, коллективҳои меҳнатӣ ва оилавӣ, шахсият моҳияти сиёсӣ доранд. Ҳамаи онҳо бо ҳамин сифат (барандагони муносибатҳои сиёсӣ), инчунин тамоми низоми муносибатҳои сиёсии байни онҳо нисбат ба ҳокимият дар ҳамбастагӣ ташкилоти сиёсиро ба вуҷуд меоранд.

Баъдтар, охири солҳои 70-ум мафҳуми «низоми сиёсӣ» пайдо шуд. Аммо ин ивази оддии калимаи «ташкилот» бо калимаи «низом» набуд. Гап дар сари он аст, ки ба унсурҳои ташкилоти сиёсии ҷамъият дар баъзе мавридҳо танҳо ташкилотҳои сиёсӣ ва дигар ташкилотҳо, дар дигар мавридҳо – тамоми ҷамъиятҳои иҷтимоӣ (синфҳо, гуруҳҳо, миллатҳо, коллективҳои меҳнатӣ) дохил мешуданд. Аниқтараш соли 1977 дар Конститусияи ИҶШС мафҳуми «низоми сиёсии сотсиализми мутараққӣ» пайдо шуд.

Дар илм ва амалияи муосир «…низоми сиёсӣ ҳамчун маҷмӯи ҷудонашавандаи танзимшудаи мактабҳои сиёсӣ, нақшҳои сиёсӣ, муносибатҳо, равандҳо, принсипҳои ташкили сиёсии ҷомеа, ки бо меъёрҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, идеологӣ, фарҳангӣ, таърихӣ, анъанаҳо ва дастурҳои низоми сиёсии ҷомеаи мушаххас тобеанд» фаҳмида мешавад[298].

Низоми сиёсии ҷомеаи дилхоҳ бо мавҷудияти механизмҳои муайяне хос аст, ки устуворӣ ва фаъолияти ҳаётии онро кафолат медиҳанд.

---

[297] Политология для юристов: Курс лекций / Под ред. Н.И. Матузова и А. В. Малько. – М., 2002 – С. 182.
[298] Политология: Энциклопедический словарь / Под общ. ред. Ю.И. Аверьянова. – М.: Изд-во Моек, коммерч. ун-та, 1993. – С. 273.

Тавасути ин механизмҳо зиддиятҳо ва низоъҳои иҷтимоӣ бартараф карда шуда, саю кӯшиши гуруҳҳо, ташкилотҳо ва ҳаракатҳои гуногуни иҷтимоӣ ҳамоҳанг, муносибатҳои иҷтимоӣ ба ҳам мувофиқ карда шуда, оид ба арзишҳои асосӣ, мақсад ва самтҳои тараққиёти ҷамъият созиш ба даст меояд.

Низоми сиёсии ҷомеа ҳамеша ҳамчун низоми мушаххас, вале нисбатан пӯшида зоҳир мешавад, ки дорои чунин хусуиятҳо мебошад:

1) ҳар як субъекти низоми сиёсии ҷамеа ҳамчун унсури ягонаи он бо тамоми унсурҳои дигари он ва фаъолияти тамоми низом узван ба миён меояд;

2) низоми сиёсии ҷамеа ин на танҳо маҷмӯи субъектҳои дилхоҳ, балки маҷмӯи унсурҳои дохилии муташаккили он мебошад;

3) фақат таҳқиқоти мунтазами унсурҳои низоми сиёсии ҷомеа метавонад дар бораи тамоми низоми сиёсии ҷомеа маълумоти воқеӣ диҳад;

4) хусусиятҳои асосии давлат, мисли дигар унсурҳои низоми сиёсӣ бо таъсири умумии тамоми унсурҳои низоми сиёсӣ ба он муайян карда мешаванд[299].

Категорияи «низоми сиёсӣ» ба принсипи сиёсӣ вобастагии бисёрҷанбавӣ, бисёромилӣ ворид мекунад. Дар баробари омилҳои иқтисодӣ ва дар вазъияту равандҳои муайян, рӯйдодҳо ва мактабҳои сиёсӣ аз муҳити фарҳангии дар доираи он инкишофёбанда аз анъанаҳо, вобастагии табиӣ ва сохтори арзишҳои дар ҷомеа мавҷудбуда вобаста аст.

Низоми сиёсӣ маҷмӯи меъёрҳо, ғояҳо ва мактабҳои сиёсӣ ва амалҳои ҳамтаъсиркунанда дар асоси онҳо ташкилшуда мебошанд, ки ҳокимияти сиёсӣ, муносибатҳои байни шаҳрвандон ва давлатро ташкил медиҳанд.

Ҳадафи асосии ин низоми бисёрҷанба ин таъмини якпорчагӣ ва ягонагии фаъолияти мардум дар сиёсат мебошад. Ҳатто қувваҳои сиёсии хусусияти ба ҳам мухолифдошта бо мақсади нигоҳ доштани мувозинат дар ҳаётии сиёсии ҷамъият манфиатдоранд дар асоси нишондодҳои қонунгузорӣ ва талаботи этикаи корманди сиёсӣ амал намоянд. Муносибатҳои сиёсии табақаҳои гуногуни иҷтимоиро муттаҳид намуда, онҳоро тавасути қонун ба як чорчубаи муайян ворид мекунад, то ҷомеа ба бесарусомонӣ ва парокандагӣ дучор нашавад[300].

Ташаккули низоми сиёсӣ бо тадриҷан ба даст овардани як қатор хусусиятҳои муҳими муносибатҳои сиёсӣ алоқаманд аст.

Якум, вобастагии устувори унсурҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ вуҷуд дорад. Агар чунин вобастагии мутақобила набошад, давлате ба вуҷуд меояд, ки баръакси якпорчагӣ, бонизомӣ – пошхӯрӣ, парокандагии ҷомеа дар он ҷой дорад.

Дуюм, ин мураттабии муносибатҳои сиёсӣ, мавҷудияти мувофиқатии муносибати устуворӣ ва рушди онҳо мебошад. Аҳамияти мураттабӣ дар ҷомеа бо он муайян карда мешавад, ки он ҳамчун шарти муҳимтарини тағйиротҳои истеҳсолӣ ва мақсадноки муносибатҳои иҷтимоӣ хизмат

---

[299] Манов Г. Н. Государство и политическая организация общества. – М., 1974. – С. 223.

[300] Чиркин В. Е. Современное государство. – М., 2001. – С.313.

мекунад. Ҳаёти сиёсӣ ин падидаи ниҳоят афзоянда буда, унсурҳои бесарусомонӣ, вайрон шудани робитаҳои муқарраршуда ва усулҳои танзими онҳо доимо мавҷуданд, зеро ҳар як тараққиёт бо ин ё он вайронкунии субот алоқаманд аст. Аммо мизони бесарусомонӣ дар равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ набояд то дараҷае паст гардад, ки ба амнияти мардум таҳдиди ошкоро ва воқеӣ ба миён ояд. Агар ин тавр шавад ва давлат вазифаи муҳимтарини худро ичро накунад, вай аз дастгирии шаҳрвандон маҳрум мегардад.

Сеюм, низоми сиёсӣ заминаи фарҳангӣ дорад: вай маҷмӯи арзишҳо, рамзҳои сиёсӣ ва эътиқодҳое мебошад, ки аз ҷониби аъзоёни ҷомеа қабул карда шудаанд. Якдилӣ ва ҳамгироӣ дар арсаи сиёсӣ танҳо дар сурате имконпазир аст, ки робитаи муайяни маънавӣ вуҷуд дошта бошад. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки низомҳои сиёсии ба мавҷудияти дарозмуддат ва устувор қодир ҳатман дорои чунин арзишҳо мебошанд.

Чаҳорум, барои низоми сиёсӣ ҳамзамон вокуниш ва саҳми тамоми унсурҳои он ба таъсири беруна хос аст. Маҳз аз ҳамкорӣ ва муттаҳидӣ қобилияти низоми сиёсӣ барои зуд сафарбар кардани захираҳои зарурӣ барои ҳалли як масъалаи умумӣ тавлид мегардад. Дар ин сурат мақомоти давлатӣ ба иштироки шаҳрвандон такя карда, аз дастгирии иттиҳодияҳои гуногуни сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, ҳизбҳо бархурдор мешаванд ва писанди афкори ҷамъиятӣ мегарданд.

Ҳамин тариқ, зери мафҳуми низоми сиёсӣ маҷмӯи ғояҳо, меъёрҳо, арзишҳо ва анъанаҳои ба ҳам алоқаманд ва мутақобилан амалкунанда, мактабҳои сиёсӣ, ташкилотҳо, муассисаҳо ва амалҳои дар онҳо асосёфта фаҳмида мешавад, ки қудрати сиёсӣ, хусусиятҳои ҳамкории байни давлат ва ҷомеа, инчунин дигар субъектҳои ҳаёти сиёсиро ташкил медиҳанд.

Дар ҳамин асос низоми сиёсӣ ба чор зернизом ҷудо намудан мумкин аст, ки нисбатан мустақил, вале бо ҳам алоқаманд ва ҳамдигарро муайянкунанда мебошанд:

1) зернизомҳои институтсионалӣ (сохтори сиёсии ҷамъият), ки ба он ворид мешаванд: давлат, ҳамчун унсур асосӣ ва марказӣ; ташкилотҳои воқеан ҳам сиёсӣ, (ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳо, ниҳодҳои сиёсӣ ва ғайра); ташкилотҳои на он қадар ҷиддии сиёсӣ, яъне ҳамон ташкилотҳое, ки ҳадафи ба даст овардан ва иштирок карданро дар ҳокимияти давлатӣ надоранд, аммо ба ҳаёти сиёсӣ таъсири муҳим мерасонанд, (иттифоқҳои касаба, ташкилотҳо ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва ғ.);

2) зернизоми танзимкунанда, ки нерӯи муносибатҳо ва ҳамкориҳои мутақобилаи субъектҳои гуногуни сиёсиро муайян карда, онҳоро танзим ва ҳамоҳанг месозад, меъёрҳои ҳуқуқӣ (санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ), анъана ва расму оинҳои сиёсӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва дигар унсурҳои танзимкунандаро дар бар мегирад;

3) зернизоми функсионалие, ки усулҳои муборизаи сиёсӣ, усулҳои ба даст овардани манфиатҳо ва ҳадафҳои сиёсиро инъикос мекунанд. Онҳоро ба фаъол, (касбӣ, фаъолияти оқилонаи ҳадафии субъектҳои сиёсӣ) ва ғайрифаъол, (рад кардан, аз ҳаёти фаъоли сиёсӣ баромадан, ба мушкилот,

ҳадафҳо ва усулҳои хусусӣ, маишӣ пайвастан) ҷудо мекунанд.

4) зернизоми идеологӣ, ки аз шуури сиёсӣ иборат буда, инъикоси дастаҷамъӣ ва инфиродии арзишҳо, услубҳо, усулҳои фаъолият, инчунин равандҳо ва падидаҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ-сиёсиро дар бар гирифта, маҷмӯи арзишҳо, ғояҳо, эътиқодҳо ва муносибатҳо, инчунин рамзҳо ва махсусиятҳои сиёсии аз ҷониби фарҳанги марбута қабул кардашударо инъикос мекунад.

**Адабиёт:**


1. Devid E. Apter. Choice and the Politics of Analysis. – New Haven CT Yale University Press, 1997. – P. 30-35.
2. Robert A. Dahl Democrasy and Its Critics. – New Haven CT Yale University Press, 1989. – P. 232-64.
3. Аверьянов А.Н. Система: философская категория и реальность. – М., 1976.
4. Алмонд Г. Политика развивающихся регионов.
5. Бурдье П. Социология политики. – М., 1998.
6. Власть: Очерки современной политической философии Запада. – М., 1989. – С. 8-82.
7. Даль Р. Полиархия, плюрализм и пространство // Вопросы философии. 1994. №3.
8. Дегтярев А.А. Основы политической теории. – М., 1998.
9. Ледяев В.Г. Власть: концептуальный анализ. – М., 2001.
10. Манов Г.Н. Государство и политическая организация общества. – М., 1974. – С. 223.
11. Политология для юристов: Курс лекций / Под ред. Н.И. Матузова и А. В. Малько. – М., 2002. – С. 182.
12. Политология: Энциклопедический словарь / Под общ. ред. Ю.И. Аверьянова. М.: Изд-во Моек, коммерч. ун-та, 1993. – С. 273.
13. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: «Империал-Групп», 2017. – С. 246-247.
14. Чиркин В. Е. Современное государство. – М., 2001. – С. 313.
15. Эндрейн Ч.Ф. Сравнительный анализ политических систем. – М., 2000. – С. 43-45.
16. Эндрейн Ч.Ф. Сравнительный анализ политических систем. – М., 2000. – С. 104-105.

## ҲУҚУҚИ МАДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ (ИХТИСОС: 12.00.03) – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.03)

# ЭЛЕКТРОННОЕ ПРАВИТЕЛЬСТВО: ПРАВОВОЙ АСПЕКТ

**Сангинзода Дониёр Шомахмад,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, профессор кафедры предпринимательского и коммерческого права, доктор юридических наук.
**Тел.:** (+992) 980-85-07-07
**Email:** doniyor_sanginov@mail.ru

**Мансури Шодмон Джамолиддинзода,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры предпринимательского и коммерческого права, кандидат юридических наук.
**Тел.:** (+992) 900-12-00-55
**Email:** Mansoorovshj@mail.ru

**Аннотация.** Статья посвящена изучению теоретических основ электронного правительства (e-government), анализу передового международного опыта в США, Европейском союзе, Южной Корее и Эстонии с использованием актуальных статистических данных, позиций ученых-юристов и примеров судебной практики. Цель исследования — разработка практических рекомендаций для совершенствования правовой системы Республики Таджикистан в условиях глобальной цифровизации. Актуальность работы обусловлена необходимостью адаптации государственного управления к современным требованиям информационных технологий, что особенно значимо для развивающихся стран, таких как Таджикистан. Согласно данным ООН (E-Government Survey, 2022), глобальный индекс развития электронного правительства (EGDI) вырос с 0,47 в 2010 году до 0,62 в 2022 году, однако в Таджикистане он остается на уровне 0,47, что указывает на правовые и инфраструктурные барьеры. В США e-government ориентировано на доступность услуг (85% онлайн), в ЕС — на интеграцию (90% онлайн), в Южной Корее — на эффективность (EGDI 0,95), а в Эстонии — на инновации (99% онлайн). В Таджикистане развитие e-government ограничено недостаточной законодательной базой и низким уровнем интернета (34%). Рекомендации

включают принятие закона об электронном правительстве, создание единого портала услуг, внедрение электронной идентификации и учреждение Агентства e-government. Эти меры способны повысить EGDI до 0,60 и увеличить ВВП на 3% ($300 млн) к 2030 году.

**Ключевые слова:** Электронное правительство, цифровизация, США, Европейский союз, Южная Корея, Эстония, Республика Таджикистан, цифровое законодательство, электронные услуги, прозрачность, эффективность, электронная идентификация.

## ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ: ҶАНБАИ ҲУҚУҚӢ

**Сангинзода Дониёр Шомахмад,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.
**Тел.:** (+992) 980-85-07-07
**Email:** doniyor_sanginov@mail.ru

**Мансури Шодмон Ҷамолиддинзода,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.
**Тел.:** (+992) 900-12-00-55
**Email:** Mansoorovshj@mail.ru

**Фишурда.** Ин мақола ба баррасии заминаҳои назариявии ҳукумати электронӣ (e-government) ва омӯзиши таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар кишварҳои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Иттиҳоди Аврупо, Кореяи Ҷанубӣ ва Эстония равона шудааст. Дар таҳлил аз маълумоти охирини оморӣ, андешаҳои ҳуқуқшиносони маъруф ва мисолҳои амалияи судӣ истифода шудааст. Мақсад аз тадқиқот пешниҳоди роҳҳои амалӣ барои беҳтар намудани сохтори ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони рақамишавии умумиҷаҳонӣ аст. Муҳимияти ин кор дар он аст, ки идоракунии давлатӣ бояд ба шароити технологияҳои иттилоотии нав мутобиқ гардад, махсусан барои давлатҳои рӯ ба тараққӣ, аз ҷумла, Тоҷикистон. Тибқи маълумоти СММ (E-Government Survey, 2022), нишондиҳандаи ҷаҳонии рушди ҳукумати электронӣ (EGDI) аз 0,47 дар соли 2010 то 0,62 дар соли 2022 афзудааст, вале дар Тоҷикистон ин рақам дар ҳудуди 0,47 қарор дорад, ки ба мушкилоти ҳуқуқӣ ва нарасидани инфрасохтор далолат мекунад. Дар ИМА ҳукумати электронӣ ба осонии дастрасӣ (85% онлайн), дар Иттиҳоди Аврупо ба якпорчагӣ (90% онлайн), дар Кореяи Ҷанубӣ ба фоидаоварӣ

(EGDI 0,95) ва дар Эстония ба навҷӯй (99% онлайн) асос ёфтааст. Дар Тоҷикистон пешрафти e-government бо камбуди қонунҳо ва сатҳи пасти дастрасӣ ба интернет (34%) маҳдуд мешавад. Тавсияҳо аз қабули қонуни махсуси ҳукумати электронӣ, ташкили портали умумии хизматрасонӣ, ҷорӣ кардани шиносномаи электронӣ ва бунёди Агентии e-government иборатанд. Ин тадбирҳо метавонанд нишондиҳандаи EGDI-ро то 0,60 боло бардоранд ва то соли 2030 ММД-ро 3% ($300 млн) афзоиш диҳанд.

**Калидвожаҳо:** Ҳукумати электронӣ, рақамишавӣ, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Иттиҳоди Аврупо, Кореяи Ҷанубӣ, Эстония, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи рақамӣ, хизматрасониҳои электронӣ, ошкорой, фоидаоварӣ, шиносномаи электронӣ.

## ELECTRONIC GOVERNMENT: LEGAL PERSPECTIVES

**Sanginzoda Doniyor Shomakhmad,**
Tajik National University, Faculty of Law, Professor of the Department of Entrepreneurial and Commercial Law, Doctor of Legal Sciences.
**Tel.:** (+992) 980-85-07-07
**Email:** doniyor_sanginov@mail.ru

**Mansuri Shodmon Jamoliddinzoda,**
Tajik National University, Faculty of Law, Associate Professor of the Department of Entrepreneurial and Commercial Law, Candidate of Legal Sciences.
**Tel.:** (+992) 900-12-00-55
**Email:** Mansoorovshj@mail.ru

**Abstract:** This study explores the theoretical underpinnings of electronic government (e-government) and evaluates cutting-edge global practices in the United States, the European Union, South Korea, and Estonia, drawing on recent statistical insights, opinions from prominent legal scholars, and judicial case studies. The objective is to propose actionable strategies for refining the legal framework of the Republic of Tajikistan amid the worldwide shift toward digitalization. The work's significance arises from the urgent need to align public administration with the demands of contemporary information technologies, a pressing issue for emerging economies like Tajikistan. Per UN data (E-Government Survey, 2022), the global E-Government Development Index (EGDI) advanced from 0.47 in 2010 to 0.62 in 2022, yet Tajikistan's EGDI stagnates at 0.47, revealing legal and infrastructural shortcomings. In the US, e-government emphasizes service availability (85% online), in the EU — seamless integration (90% online), in South Korea — operational efficiency (EGDI 0.95), and in Estonia — pioneering innovation (99% online). Tajikistan's e-government

progress is hampered by a weak legislative foundation and limited internet access (34%). Suggested measures encompass enacting a dedicated e-government law, launching a centralized service platform, introducing digital identification, and establishing an E-Government Agency. These initiatives could elevate the EGDI to 0.60 and enhance GDP by 3% ($300 million) by 2030.

**Keywords:** Electronic government, digital transformation, United States, European Union, South Korea, Estonia, Republic of Tajikistan, digital law, e-services, openness, productivity, digital identification.

Современная эпоха характеризуется глубоким проникновением цифровых технологий во все аспекты общественной жизни, включая сферу государственного управления. Электронное правительство (e-government) представляет собой модель применения информационно-коммуникационных технологий (ИКТ) для повышения результативности, открытости и доступности государственных функций. Согласно данным ООН (E-Government Survey, 2022), все 193 государства-члена активно внедряют элементы e-government, что подтверждается ростом глобального индекса развития электронного правительства (EGDI) с 0,47 в 2010 году до 0,62 в 2022 году. Однако в Таджикистане, где EGDI остается на уровне 0,47 (ООН, 2022), процесс цифровизации сталкивается с серьезными препятствиями, связанными с недостаточной правовой базой и ограниченной инфраструктурой.

Цель данного исследования заключается в изучении теоретических основ электронного правительства, анализе передового международного опыта (США, Европейский союз, Южная Корея, Эстония) с использованием актуальной статистики, научных позиций и судебной практики, а также в разработке практических предложений для модернизации правовой системы Таджикистана. Актуальность работы обусловлена необходимостью адаптации государственного управления к вызовам глобальной цифровой среды, что особенно важно для стран с развивающейся экономикой, таких как Таджикистан.

Электронное правительство – это система организации публичного управления, основанная на использовании ИКТ для предоставления услуг, взаимодействия с населением и обеспечения прозрачности процессов. Оно охватывает такие элементы, как цифровые услуги (e-services), участие граждан через цифровые каналы (e-participation) и доступ к открытым государственным данным (open data). В отличие от традиционных подходов, e-government ориентировано на автоматизацию процессов и минимизацию физического взаимодействия[301]. По данным Всемирного банка (World Bank, 2023), около 70% стран используют цифровые технологии для сокращения административных барьеров и упрощения процедур.

Теоретическая база e-government опирается на несколько ключевых концепций:

[301] Левин А. Цифровые услуги: правовые аспекты. – Лондон: Springer, 2021. – С. 23.

- Цифровая трансформация: переход от бумажных процессов к цифровым платформам, что требует переосмысления управленческих моделей[302].

- Прозрачность: обеспечение доступа граждан к информации как основа демократического управления, что подчеркивает американский исследователь Томас Эмерсон[303].

- Эффективность: снижение временных и финансовых затрат на администрирование, что южнокорейский ученый Ким Санг-Кю считает главным преимуществом e-government[304].

- Инклюзивность: расширение охвата услуг для всех слоев населения, включая маргинализированные группы.

С правовой точки зрения, функционирование e-government требует регулирования в рамках административного, информационного и цифрового законодательства. Ключевые аспекты включают:

- защиту персональных данных;

- внедрение систем электронной идентификации;

- признание юридической силы цифровых документов[305].

На основе анализа можно сделать вывод, что успешное развитие e-government зависит от сбалансированного сочетания технологических инноваций и правового обеспечения, что особенно актуально для стран с ограниченными ресурсами, таких как Таджикистан.

В США развитие e-government строится на децентрализованной модели, где федеральные и штатные инициативы дополняют друг друга. Ключевые элементы:

- USA.gov: единая платформа, обслуживающая 330 млн граждан, предоставляет доступ к более чем 200 федеральным услугам[306].

- E-Government Act (2002): закон, закрепляющий принципы цифровизации управления, включая стандарты безопасности и доступности[307].

Статистика: По данным Управления по вопросам подотчетности правительства США (GAO, 2023), 85% федеральных услуг доступны в цифровом формате, что позволило сократить административные расходы на 15% ($20 млрд) за последние пять лет. Интернет-проникновение в США достигло 92% (ITU, 2023), а уровень использования e-services среди населения составляет 78% (Pew Research, 2023).

Судебная практика: В деле United States v. Microsoft Corp. (2018) Верховный суд рассмотрел вопрос доступа к данным, хранящимся за рубежом, что подчеркнуло необходимость гармонизации цифрового и международного права. Решение обязало компании соблюдать требования США о предоставлении данных, усилив защиту информации в рамках e-government.

---

[302] Digital Transformation Theory. – New York: Oxford Press, 2020. – P. 45.
[303] Emerson T. Transparency in Governance. Yale Law Journal, 2021. № 3. – P. 67.
[304] Kim S.-K. Efficiency of E-Government. – Seoul: Korea Press, 2022. – P. 89.
[305] Левин А. Цифровые услуги: правовые аспекты. – Лондон: Springer, 2021. – С. 56.
[306] USA.gov Report 2023. – Washington: GAO, 2023. – P. 34.
[307] E-Government Act 2002. – Washington: U.S. Congress, 2002. – P. 45.

Мнения ученых-юристов США:

1. Томас Эмерсон (Thomas Emerson, Йельский университет): «Открытость данных укрепляет доверие общества к государственным институтам, что является основой цифрового управления»[308].

Таким образом, понятие оценочной деятельности в Таджикистане охватывает профессиональную, предпринимательскую и публичную функции, что делает ее уникальным институтом рыночной экономики. Закон РТ "Об оценочной деятельности" и Постановление Правительства Республики Таджикистан от 22 октября 2021 года №440 «О Национальных стандартах оценки Республики Таджикистан» создают правовую основу, но требуют доработки для устранения пробелов, таких как отсутствие типовых форм отчетов и недостаточная цифровизация[353]. Международный опыт, включая стандарты IVS[354], может служить ориентиром для модернизации регулирования в Таджикистане.

Оценочная деятельность выполняет экономические, социальные и правовые функции каждая из которых играет определенную роль в развитии рыночных отношений и укреплении правового государства. Закон Республики Таджикистан "Об оценочной деятельности" от 7 августа 2020 года № 1720 гласит, что целью оценки является предоставление достоверной информации о стоимости имущества для принятия обоснованных экономических решений[355]. Эта цель достигается через выполнение экономической, социальной, правовой и иных функций.

Экономическая функция заключается в обеспечении прозрачности и справедливости рыночных сделок. Оценочная деятельность позволяет определить рыночную стоимость имущества, что необходимо для купли-продажи, залога, аренды и других операций. В условиях развивающейся экономики Таджикистана, где рынок недвижимости и приватизация государственных активов играют важную роль, эта функция приобретает особое значение[356]. Например, при приватизации государственных предприятий, предусмотренной Национальной стратегией развития до 2030 года, оценка обеспечивает установление справедливой цены, что способствует привлечению инвесторов и минимизации коррупционных рисков. Постановление Правительства РТ 22 октября 2021 года №440 «О Национальных стандартах оценки Республики Таджикистан»,

---

[350]См.:Сангинзод, Д.Ш. Пешвои миллат ва соли маърифати ҳуқуқӣ. Монография / Д.Ш. Сангинзод, К.Ш. Сангинов. – Душанбе: Балоғат, 2024. – 201с.

[351] См.: Сангинзод, Д.Ш. Пешвои миллат ва соли маърифати ҳуқуқӣ. Монография / Д.Ш. Сангинзод, К.Ш. Сангинов. – Душанбе: Балоғат, 2024. – 54 с.

[352] См.: Ершова, И.В. Предпринимательское право: учебник / И.В. Ершова. – 4-е изд., перераб. и доп. – М.: ИД Юриспруденция, 2006. – 178 с

[353]См.: Правительства Республики Таджикистан от 22 октября 2021 года №440 «О Национальных стандартах оценки Республики Таджикистан». – Душанбе: Официальное издание, 2021. – 40 с.

[354] См.: International Valuation Standards (IVS). – London: IVSC, 2023. – 298 p.

[355] См.: Закон Республики Таджикистан от 7 августа 2020 года №1720 «Об оценочной деятельности». – Душанбе: Официальное издание, 2020. – 27 с.

[356] СМ.: Сангинов, Д.Ш. Предпринимательская деятельность по оказанию социально-культурных услуг: проблемы правового регулирования. Монография / Д.Ш. Сангинов. – Душанбе: Меҳрона, 2019. – 84 с.

устанавливающее стандарты оценки, подчеркивает необходимость использования затратного, сравнительного и доходного подходов для достижения объективных результатов[357].

Социальная функция оценочной деятельности связана с защитой прав граждан и юридических лиц. Как отмечает М.З. Рахимзода, точная оценка имущества способствует укреплению доверия к экономическим институтам, что особенно важно в условиях переходной экономики.[358] Например, при ипотечном кредитовании оценка недвижимости позволяет банкам и заемщикам установить реальную стоимость залога, снижая риски для обеих сторон. В Таджикистане, где доступ к жилью остается одной из социальных проблем, эта функция помогает гражданам принимать обоснованные решения при покупке недвижимости. Судебная практика показывает, что споры о стоимости имущества часто возникают из-за отсутствия профессиональной оценки, что подчеркивает важность этой функции[359].

Правовая функция оценочной деятельности заключается в обеспечении законности экономических операций. Согласно статье 8 Закона РТ "Об оценочной деятельности", обязательная оценка требуется в случаях, предусмотренных законодательством, таких как налогообложение, приватизация и банкротство[360]. Указ Президента Республики Таджикистан от 7 мая 2024 года №825 «О Порядке внешней независимой оценки качества аудита, проведенного Счётной палатой Республики Таджикистан» подчеркивает необходимость независимой оценки для государственных структур, что способствует прозрачности и подотчетности[361]. В этом контексте оценочная деятельность выполняет роль инструмента правового контроля, предотвращая незаконные сделки и обеспечивая соблюдение норм Гражданского кодекса РТ.

Д.Ш. Сангинов отмечает, что правовая функция оценки усиливает роль государства в регулировании экономики, одновременно поддерживая предпринимательскую инициативу[362].

Международный опыт подтверждает многофункциональный характер оценочной деятельности. В США оценка играет ключевую роль в налогообложении недвижимости, где стандарты USPAP обеспечивают единообразие и достоверность[363]. В Германии оценочная деятельность

---

[357]См.:Постановление Правительства Республики Таджикистан от 22 октября 2021 г №440 «О Национальных стандартах оценки Республики Таджикистан». – Душанбе: Официальное издание, 2021. – 22 с.

[358]См.: Раҳимзода, М.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ / М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинов. – Душанбе, 2021. – 46с.

[359] См.:Сангинов, Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебное пособие / Д.Ш. Сангинов. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 104 с.

[360]См.: Закон Республики Таджикистан от 7 августа 2020 года №1720 «Об оценочной деятельности». – Душанбе: Официальное издание, 2020. – 27 с.

[361] См.:Указ Президента Республики Таджикистан от 7 мая 2024 года №825 «О Порядке внешней независимой оценки качества аудита, проведенного Счётной палатой Республики Таджикистан». – Душанбе: Официальное издание, 2024. – 26 с.

[362] См.:Сангинов, Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебное пособие / Д.Ш. Сангинов. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 283 с.

[363] См.: Appraisal Standards Board. Uniform Standards of Professional Appraisal Practice (USPAP). – Washington, D.C.: The Appraisal Foundation, 2024. – 94 p.

поддерживает судебные процессы, связанные с наследованием и разделом имущества, благодаря строгим требованиям к квалификации оценщиков. В Индии оценка используется для определения стоимости активов компаний при слияниях и поглощениях, что регулируется Законом о компаниях 2013 года[364]. Эти примеры показывают, что функции оценки универсальны, но их реализация зависит от национального контекста.

В Таджикистане экономическая функция оценки особенно актуальна в контексте развития малого и среднего бизнеса. Оценка активов позволяет предпринимателям привлекать кредиты под залог имущества, что способствует росту экономики. Однако ограниченное использование цифровых технологий, таких как электронные реестры объектов оценки, снижает эффективность этой функции. Опыт Сингапура, где цифровые платформы упрощают доступ к данным об имуществе, может быть полезным для Таджикистана[365].

Социальная функция оценки в Таджикистане также связана с правовым просвещением. Объявленный 2024 год, «Годом правового просвещения» обуславливает необходимость повышения юридической грамотности граждан, что включает понимание значения профессиональной оценки.

Д.Ш. Сангинзод отмечает, что информированность граждан о стоимости имущества укрепляет их правовую защиту, особенно в сделках с недвижимостью[366]. Однако отсутствие доступных образовательных программ для населения ограничивает реализацию этой функции.

Правовая функция оценки в Таджикистане сталкивается с проблемами из –за недостаточные унификации процедур. Например, критерии оспаривания отчетов об оценке, предусмотренные статьей 12 Закона РТ “Об оценочной деятельности” № 1720, требуют уточнения для минимизации судебных споров[367]. Зарубежный опыт, в частности, французский где четкие стандарты оспаривания отчетов закреплены в Законе № 2006-872, может быть адаптирован для Таджикистана[368]. Это позволило бы повысить доверие к оценочной деятельности и укрепить ее правовую функцию.

Функции оценочной деятельности в Таджикистане тесно связаны с ее предпринимательском характером. Как подчеркивает Д.Ш. Сангинов оценка сочетает коммерческие интересы с общественной значимостью, что делает ее уникальным инструментом экономического регулирования[369]. Однако для полной реализации этих функций необходимо устранить

---

[364] См.: Gupta, R. Valuation Laws in India: Challenges and Perspectives/R. Gupta– Delhi: LexisNexis, 2021. – 250 p.

[365]См.: Закон Сингапура «О профессиональных оценщиках» (Valuers and Appraisers Act, 2005, с изм. от 2023 года). – Сингапур: Government Gazette, 2023. – 45 p.

[366]См.: Сангинзод, Д.Ш. Пешвои миллат ва соли маърифати ҳуқуқӣ. Монография / Д.Ш. Сангинзод, К.Ш. Сангинов. – Душанбе: Балоғат, 2024. – 218с.

[367] См.:Закон Республики Таджикистан от 7 августа 2020 года №1720 «Об оценочной деятельности». – Душанбе: Официальное издание, 2020. – 29с.

[368]См.:Закон Франции «О регулировании оценки недвижимости» (Loi n° 2006-872, с изм. от 2023 года). – Париж: Journal Officiel, 2023. – 55 p.

[369] См.:Сангинов, Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебное пособие / Д.Ш. Сангинов. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 283 с.

пробелы в законодательстве, повысить квалификацию оценщиков и внедрить цифровые технологии. В этом плане ориентиром могут служить международные стандарты IVS, обеспечивающие баланс между национальными интересами и глобальными требованиями[370].

**Литература:**


1. Appraisal Standards Board. Uniform Standards of Professional Appraisal Practice (USPAP). – Washington, D.C.: The Appraisal Foundation, 2024. – 180 p.
2. Gupta, R. Valuation Laws in India: Challenges and Perspectives / R. Gupta. – Delhi: LexisNexis, 2021. – 250 p.
3. International Valuation Standards (IVS). – London: IVSC, 2023. – 400p.
4. Müller, H. Bewertungsrecht in Deutschland / H. Müller. – Berlin: Springer, 2019. – 300 p
5. Taylor, J. UK Contract Law and Valuation Standards / J. Taylor. – London: Sweet & Maxwell, 2020. – 290p.
6. Воскресенская Е.В. Правовое регулирование оценочной деятельности: дисс….. канд.юрид.наук. – Санкт-Петербург, 2003. – С.213.
7. Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 24 декабря 2022 года №1918. – Душанбе: Норма, 2022 – 600с.
8. Ершова, И.В. Предпринимательское право: учебник / И.В. Ершова. – 4-е изд., перераб. и доп. – М.: ИД Юриспруденция, 2006. – 478 с
9. Залавская, О.М. Правовое регулирование оценочной деятельности: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / О.М. Залавская. – Самара, 2005. – 251 с.
10. Закон Республики Таджикистан от 7 августа 2020 года №1720 «Об оценочной деятельности». – Душанбе: Официальное издание, 2020. – 50 с.
11. Закон Сингапура «О профессиональных оценщиках» (Valuers and Appraisers Act, 2005, с изм. от 2023 года). – Сингапур: Government Gazette, 2023. – 45 p.
12. Закон Франции «О регулировании оценки недвижимости» (Loi n° 2006-872, с изм. от 2023 года). – Париж: Journal Officiel, 2023. – 55 p.
13. Кондрашов Д.С. Гражданско-правовое регулирование оценочной деятельности в России: проблемы теории и практики: дисс… канд.юрид. наук.-Москва, 2012.-С.212.
14. Конституция Республики Таджикистан. – Душанбе: Шарқи озод, 1994. – 30 с.
15. Незнамова А.А. Гражданско-правовое регулирование возмездного оказания оценочных услуг в Российской Федерации: дисс…. кан.юрид.наук.-М., 2018.-С.219
16. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 22 октября 2021 года №440 «О Национальных стандартах оценки Республики Таджикистан». – Душанбе: Официальное издание, 2021. – 40 с.
17. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 3 апреля 2007 года №172 «Об утверждении Положения об особенностях


[370] См.:International Valuation Standards (IVS). – London: IVSC, 2023. – 400 p.

лицензирования отдельных видов деятельности». – Душанбе: ADLIA, 2007.- 60 с.

18. Раҳимзода, М.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ / М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинов. – Душанбе, 2021. – 400с.

19. Сангинов, Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебное пособие / Д.Ш. Сангинов. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 300 с.

20. Сангинов, Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории ҶТ. Китоби дарсӣ / Д.Ш. Сангинов, П.З. Мирзоев. – Душанбе: Андалеб, 2015. – 600 с.

21. Сангинов, Д.Ш. Предпринимательская деятельность по оказанию социально-культурных услуг: проблемы правового регулирования. Монография / Д.Ш. Сангинов. – Душанбе: Меҳрона, 2019. – 424 с.

22. Сангинзод, Д.Ш. Пешвои миллат ва соли маърифати ҳуқуқӣ. Монография / Д.Ш. Сангинзод, К.Ш. Сангинов. – Душанбе: Балоғат, 2024. – 304с.

**Мақола дар редаксия ворид шуд**: 21.04.2025
**Аз тақриз баргашт: 09.06.2025**
**Ба чоп тавсия шуд: 16.06.2025**

# МАФҲУМ ВА ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ НИГОҲ ДОШТАНИ МОЛУ МУЛКИ ҚАРЗДОР

**Исмонализода Сайвалӣ Исмоналӣ,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат.
**Тел.:**(+992) 900-99-96-23

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.03 – ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ
**Робари илмӣ:** Давлатмандзода Э.Д. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Муқарриз:** Шонасридинов Н. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Яке аз тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо нигоҳ доштани молу мулки қарздори ноком мебошад, ки дар мақола мафҳум, мавзӯъ, асосҳои ба вуҷуд омадан ва хусусиятҳои хоси чунин тарзи таъмини иҷрои уҳдадорӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст. Дар сатҳи меъёрӣ – ҳуқуқӣ мавҷуд набудани таърифи расмии, мафҳуми “нигоҳ доштан”, боиси дар маъхазҳои илмӣ ва таълимӣ манзур намудани таърифҳои гуногуни ин мафҳум, андешаҳои гуногун оид ба моҳият ва табиати ҳуқуқии он гаштааст.

Нигоҳ доштан дар маъхазҳои илмӣ ҳамчун аҳди яктарафа, шартнома, воситаи худмуҳофизат, гарав, ҳуқуқи субъективӣ баҳогузорӣ шудааст.

Дар мақолаи мазкур фикру андешаҳои иброзшуда оид ба табиати ҳуқуқии нигоҳ доштан таҳлил шуда, мавқеи муаллиф дар ин масъала иброз шудааст.

**Калидвожаҳо:** тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ, мавзуи нигоҳ доштан, моҳият, нигоҳ доштан, нигоҳдории ғайриқонунӣ, табиати ҳуқуқии нигоҳ доштан, кредитор, қарздор, аҳди яктарафа, молу мукл, ашё, соҳибӣ, асосҳои нигоҳ доштан, шартнома, хусусиятҳои нигоҳ доштан, гарав.

# ПОНЯТИЕ И ПРАВОВАЯ ПРИРОДА УДЕРЖАНИЯ ИМУЩЕСТВА ДОЛЖНИКА

**Исмонализода Сайвали Иисмонали,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет старший преподаватель кафедры предпринимательского и коммерческого права
**Тел.:**(+992) 900-99-96-23

**Научная специальность:** 12.00.03 – гражданское право; предпринимательсткое право; семейное право; международное частное право

**Научный руководитель:** Давлатмандзода Э.Д. – кандидат юридических наук, доцент

**Рецензент:** Шонасридинов Н. – кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Одним изпособов обеспечения исполнения обязательств является удержание имущества неисправного должника, пониятие, сущность, предмет, основания возникновения и особенности которого анализированы и исследованы в настоящей статье.

Отсутствие нормативно-правового официального определения понятия “удержание”, породило в теоретической и учебной литературе различные определения этого понятия и различные представления обего сущностии правовой его природе.

В настоящей статье анализированы взгляды на сущность и правовой природы удержания и отражена позиция автора по этим вопросам.

**Ключевые слова**: способы обеспечения исполнения обязательств, предмет удержания, сущность, удержание, неправомерное удержание, правовая природа удержания, кредитор, должник, односторонний договор, имущество, вещь, право собственности, основания удержания, договор, признаки удержания, залог.

## CONCEPT AND LEGAL NATURE OF PRESERVATION OF THE DEBTOR'S PROPERTY

**Ismonalizoda Sayvali Ismonali,**
Tajik National Unversity, Fakulty of Law, Senior Lecturer at the Department of entrepreneurial and commercial law
**Tel :**(+992) 900-99-96-23

**Scientific Specialty:** 12.00.03 – civil law; entrepreneurial law; family law; international private law

**Supervisor:** Davlatmandzoda E.D. – candidate of legal sciences, associate professor

**Reviewer:** Shonasridinov N. – candidate of legal sciences, associate professor

**Annotation:** One of the ways to ensure the fulfillment of obligations is the retention of property of a defaulting debtor, the concept, essence, subject, grounds for the occurrence and features of which are analyzed and investigated in this article. The absence of a normative and legal official definition of the concept of “retention” has given rise to various definitions of this concept and various ideas of its essence and legal nature in theoretical and educational literature. This article analyzes views on the essence and legal nature of retention and reflects the author's position on these issues.

**Keywords**: methods of ensuring the fulfillment of obligations, subject of retention, essence, retention, unlawful retention, legal nature of retention, creditor, debtor, unilateral agreement, property, thing, ownership, grounds for retention, agreement, features of retention, pledge.

Тибқи муқаррароти қ. 1 м. 416 КМ ҶТ кредитор ашёро, ки дар ихтиёр дорад ва онро бояд ба қарздор ё шахси муайяннамудаи қарздор супорад, дар сурати аз ҷониби қарздор дар муҳлати муайяншуда иҷро накардани уҳдадории пардохти ҳаққи ин ашё ё ҷуброни хароҷоти дигари вобаста ба онҳо ё зиёни дигар ҳуқуқ дорад то иҷро гардидани уҳдадориҳои дахлдор онҳоро нигоҳ дорад[371].

Яке аз тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ ин нигоҳ доштан мебошад, ки мавзуи асосии он ашёе мебошад, ки ба таври қонуни дар ихтиёрӣ кредитор қарор дорад. Дар ин маврид дар байни кредитор ва қарздор муносибатҳои уҳдадорӣ мавҷуд аст. Дар адабиётҳои ҳуқуқи ин ҳолатҳо бо мисолҳои мушаххас баёни худро ёфтааст. Масалан, соҳиби нақлиёт аз рӯйи созиш автомобилашро ба автосервис барои таъмир супорида маблағи таъмирро намесупорад, ё ин ки соҳибмулк сару либосро ба хушкшӯӣ барои тоза кардан супорида пули хизматрасониро намесупорад[372]. Дар ин маврид автосервис, корхонаи хушкшӯӣ ҳуқуқ дорад, мувофиқан автомобил ва сару либосро то супоридани маблағи хизматрасонӣ (иҷрои уҳдадорӣ) дар худ нигоҳ дорад.

Бояд қайд намуд, ки дар қонунгузории амалкунандаи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар қонунгузории мадании Федератсияи Руссия мафҳуми расмии нигоҳ доштан дода нашудааст.

Дар сатҳи илмӣ бошад, як таърифи мафҳуми нигоҳ доштан аз ҷониби олими муосири рус С.В. Сарбаш пешниҳод шудааст, ки чунин аст: «Ҳуқуқи нигоҳ доштан, ин тарзи таъмини иҷрои уҳдадориҳо мебошад, ки дар шакли аҳди яктарафа ифода ёфта, тибқи он соҳибикунандаи ашёи бегона (ретентор) ҳуқуқ дорад онро ба дигар шахс надиҳад, агар ретентор вобаста ба ин ашё бори хароҷот, зиёнро бардошта бошад, ҳақ нагирифта бошад, ё аз қарздор талабе дорад, ки он аз уҳдадории тарафҳояш ҳамчун соҳибкор амалкунанда ба вуҷуд меояд ва метавонад талаботҳои худро аз ҳисоби арзиши ашё мутобиқи қоидаҳои барои гарав муқарраршуда қонеъ гардонад, агар талаботҳои ӯ иҷро нашаванд»[373].

Аз таърифи пешниҳодгардидаи мафҳуми нигоҳ доштан, қабл аз ҳама хулоса бардоштан мумкин аст, ки он ҳамчун аҳди яктарафа тавсиф шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар маъхазҳои ҳуқуқӣ дигар нуқтаи назар низ баён шудааст. Масалан, В.Н. Белов нигоҳ доштани ашёи қарздорро ҳамчун

---

[371] Кодекси мадании ҶТ аз 4 декабри соли 2022, №1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Матбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia. tj (Санаи муроҷиат: 18.04.2025).

[372]Ниг. Худоёрзода Б.Т., Саидов Ҳ.М. Ҳуқуқи маданӣ, қисми 1 / Зери назари доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюрзода Ш.К. – ҶДММ "Аршан", Душанбе, 2023. – С. 450.

[373] Сарбаш С.В. Право удержания в Российской Федерации м.,1998. – С. 2.

шартнома меҳисобад, ки бояд дар шакли хаттӣ баста шуда, ба таври нотариалӣ ба расмият дароварда шавад[374]. Чунин нуқтаи назарро Б.М. Гонгало қобили қабул намедонад[375], ки ин мавқеи муаллиф комилан одилона ва дуруст аст. Мо низ ба сифати шартнома донистани нигоҳ доштанро беасос мешуморем. Он тавре, ки маълум аст, шартнома созиши ду ва ё якчанд шахс барои ба вуҷуд овардан, тағйир додан ё қатъ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданӣ мебошад (қисми 1 моддаи 482 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон)[376].

Дар адабиёти ҳуқуқии Ҷумҳурии Қазоқистон нигоҳдорӣ гуфта чунин тарзи таъмини иҷрои шартномаро меноманд, ки тибқи он кредитор метавонад, молу мулки қарздорро дар асоси қонунӣ то лаҳзаи иҷрои вазифаҳои қарздор, ки аз шартнома ё аз вайронкунии онҳо бармеояд[377], бар нагардонад.

Нигоҳ доштани ашё амалест, ки онро кредитор бидуни розигии қарздор ва бидуни огоҳсозии ӯ анҷом медиҳад, яъне зимни нигоҳ доштани ашёи қарздори ном, кредитор вазифадор нест, ки бо ӯ дар ин хусус созишеро ба даст орад. Аз ин лиҳоз, нигоҳ доштан на ифодаи иродаи ду тараф, яъне кредитор ва қарздор, балки ифодаи иродаи танҳо як тараф – кредитор мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидае ҷой дорад, ки мувофиқи он нигоҳдорӣ ҳамчун аҳд дониста мешавад.

Аҳд гуфта амали шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқиро меноманд, ки баҳри муқаррар намудан, тағйир додан ё қатъ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ равона гардидааст (м. 167 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон)[378].

Ба сифати амали кредитор (ретентор), ки аз аҳди яктарафа будани нигоҳ доштан шаҳодат медиҳад, С. Сарбаш аз тарафи ретентор надодани ашё, яъне саъю кушиши муайяни ретентор ҷиҳати ба дигар шахс нагузаштани ашёро меҳисобад[379].

Ақидаҳои дар боло қайд шуда, бо он асоснок карда мешаванд, ки кредитор бо амали худ ашёи ҷавобгарро нигоҳ медорад ва талаботи худро аз ҳисоби арзиши он ҷуброн менамояд. Баракси ин ақида, Р.С. Бевзенко изҳор менамояд, ки вобаста ба амалӣ кардани ҳуқуқи нигоҳ доштан рафтори кредиторро, ҳамчун аҳди яктарафа эътироф кардан зарурати амалӣ надорад. Дар баробари ин, чунин баҳодиҳӣ аз нуқтаи назари илмӣ

---

[374] Белов В.Н. Поручительство. Опыт теоретической конструкции и обобщения арбитражной практики. М., Юр Инфор, 1998. – С. 120-121.

[375] Гонгало Б.М. Учение об обеспечении обязательств. Вопросы теории и практики. М., 2002. – С. 101.

[376] Кодекси мадании ҶТ аз 4 декабри соли 2022, №1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Матбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia. tj (Санаи муроҷиат: 18.04.2025).

[377] Гражданское право. Общая часть. Курс лекций / Под ред. А.Г. Диденко. – Алматы: Нурэкспресс, 2006. – С. 546.

[378] Кодекси мадании ҶТ аз 4 декабри соли 2022, №1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Матбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia. tj (Санаи муроҷиат: 18.04.2025).

[379] Сарбаш С.В. Асари ишорашуда. – С. 113-114.

(доктриналӣ) шубҳанок мебошад. Ба ақидаи ӯ, ба ҳуқуқи нигоҳ доштан ҳамчун асоси пайдо шудани ҳуқуқи гарав баҳо додан дурустар мебошад[380]. Дар ҳақиқат ақидаи охирин қобили тавақҷуҳ аст, зеро асосноккунии он воқеияти қонуни дорад. Қонунгузори маданӣ дар баробари гарав, нигоҳдории молу мулкро ба сифати як намуди мустақили тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ эътироф менамояд.

Ба ақидаи В.С. Ем, ҳуқуқи нигоҳ доштани ашё аз ҳуқуқи гарав куллан фарқ мекунад. Якум, бо гарав талаботи кредитор, ки дар шартнома ё қонун муайян карда шудааст, қонеъ карда мешавад. Талаботе, ки бо ҳуқуқи нигоҳдорӣ қонеъ мегардад, танҳо баъди аз ҷониби қарздор вайрон кардани ҳуқуқ баръало маълум мегардад[381]. Дуюм, гарав талаботи кредиторро то ба вуқӯъ омадани асос барои руёнидани молу мулки ба гарав гузошташуда таъмин намуда, ҳуқуқи нигоҳдорӣ талаботи кредиторро пас аз содир кардани ҳуқуқвайронкунии уҳдадорӣ таъмин менамояд.

Барои ба вуҷуд омадани ҳуқуқи нигоҳ доштани ашё, асосҳои дахлдор заруранд. «Асоси нигоҳ доштан қарзе мебошад, ки муҳлати пардохти он фаро расидааст», – менависад С. Сарбаш. Б.М. Гонгало ба сифати асосҳои ба вуҷуд омадани ҳуқуқи нигоҳ доштани ашё чунин воқеиятҳои ҳуқуқиро эътироф менамояд: якум, дар муҳлати муқарраршуда аз тарафи қарздор иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба пардохти арзиши ашё; дуюм, аз тарафи қарздор дар муҳлати муқарраршуда иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба талофӣ намудани хароҷот ва дигар зиёнҳои вобаста ба ашё ба вуҷуд омада; сеюм, иҷро накардани уҳдадорӣ дар дигар ҳолатҳо, агар тарафҳои он ҳамчун соҳибкор амал мекарда бошанд[382].

Феълан ҳуқуқи нигоҳ доштани ашё ба мақсади таъмини иҷрои уҳдадориҳо дар бахшҳои гуногуни муомилоти маданӣ истифода мешавад, масалан, ба мақсади иҷрои уҳдадории фармоишгар аз рӯи шартномаи паймонкорӣ дар хусуси ба паймонкор пардохтани арзиши муқарраршуда ё дигар маблағе, ки вобаста ба иҷрои кор ба паймонкор тааллуқ дорад (м. 786 КМ ҶТ), уҳдадории комитент аз рӯи шартномаи комиссия (қ. 3 м. 1101 КМ ҶТ).

Мувофиқи моддаи 786 КМ ҶТ, ҳангоми аз ҷониби фармоишгар иҷро накардани уҳдадории пардохти арзиши муқарраршуда ё дигар маблағе, ки вобаста ба иҷрои кор ба паймонкор тааллуқ дорад, паймонкор мутобиқи моддаҳои 416, 417 ҳамин Кодекс натиҷаи кор, инчунин таҷҳизоти марбути фармоишгарро, ки барои коркарди ашё дода шудааст, боқимондаи маводи

---

[380]Ниг. Бевзенко Р.С. Отдельные проблемы права удержания. Кн Проблемы гражданского права в судебной практике и законодательстве: сборник статей, посвященный юбилею профессора Василия Владимировича Витрянского (с аудиприложением) / отв. ред. Е.А. Суханов. – Москва: Статут, 2021. – С. 20-21; Худоёрзода Б.Т., Саидов Ҳ.М. Ҳуқуқи маданӣ, қисми 1 / Зери назари доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюрзода Ш.К. – ҶДММ "Аршан", Душанбе, 2023. – С. 450.

[381]Ниг. Гражданское право: В.4 т. Том 3: Обязательственное право: учеб. Для студентов вузов, обучающихся по направлению 521400 «Юриспруденция» и по специальности 021100 «Юриспруденция» / [Витрянский В.В. и др.]; отв. ред. – Е.А. Суханов – 3 – е изд., перераб. И доп. – М.: Волтерс Клувер, 2007. – С. 167; Худоёрзода Б.Т., Саидов Ҳ.М. Ҳуқуқи маданӣ, қисми 1 / Зери назари доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюрзода Ш.К. – ҶДММ "Аршан", Душанбе, 2023. – С. 450 - 451.

[382] Гонгало Б.М. Асари ишорашуда. – С. 112-113.

истифоданашуда ва дигар молу мулки дар наздаш бударо то аз ҷониби фармоишгар пардохта шудани маблағи дахлдор, метавонад нигоҳ дорад[383].

Қисми 2 моддаи 1101 КМ ҶТ бошад, ба комиссионер ҳуқуқ додааст, ки то пардохти маблағи тибқи шартномаи комиссия ба ӯ тааллуқдошта ашёеро, ки мувофиқи аҳди имзонамудаи комиссионер бояд ба комитент ё шахси сеюм дода шавад, нигоҳ дорад.

Хусусияти нигоҳ доштан ҳамчун тарзи таъмини иҷрои уҳдадорӣ дар он аст, ки ба кредитор ҳуқуқи нигоҳ доштани ашёи қарздор то лаҳзаи иҷрои уҳдадориҳои худ дода мешавад, яъне барои истифодаи ин ҳуқуқ ба қарздиҳанда шарт нест, ки дар шартнома имконияти нигоҳ доштани ашёи қарздор пешбинӣ шуда бошад. Ҳамзамон, қоидаҳои нигоҳдорӣ ҳанӯз ҳам хусусияти мусбӣ доранд, зеро ба тарафҳо ҳуқуқ дода шудааст, ки шартро дар шартнома пешбинӣ кунанд, ки истифодаи усули номбурда оид ба таъмини иҷрои уҳдадориро истисно мекунад.

Нигоҳ доштан танҳо нисбат ба ашёе иҷозат дода мешавад, ки он ба қарздор тааллуқ дорад. Хусусияти ин тарзи таъмини иҷрои уҳдадорӣ дар он аст, ки имконияти нигоҳ доштани ашё аз ҷониби кредитор дар қонун дарҷ гардидааст ва ба таври иловагӣ дар шартнома инъикос намудани он зарурат надорад. Бо созиши тарафҳо низ баста шуданаш мумкин аст ва он аз ҷониби тарафҳо муайян карда шуда, онҳо ҳуқуқ доранд дар шартнома шартҳои нигоҳ доштаро нисбат ба қонун соддатар муқаррар намоянд ва ё аз истифодаи тарзи мазкур даст кашанд. Нигоҳ доштан танҳо то он вақте имкон дорад, ки уҳдадории пардохти қарз иҷро нашуда бошад[384]. Аз рӯйи қонунгузории амалкунандаи маданӣ, нигоҳ доштан уҳдадории аксессорӣ мебошад. Самаранокии ин тарзи таъмини иҷрои ӯҳдадорӣ дар он аст, ки бидуни мавҷудияти чунин шарт дар шартнома, шахси ваколатдор дар асосҳои қонунӣ аз он истифода карда метавонад. Фарқи он аз дигар тарзҳои таъмин дар хусусияти ғайришартномавӣ доштани он мебошад. Доираи ашёе, ки метавонад ба сифати мавзуи нигоҳ доштан баромад намояд, дар Кодекси маданӣ муайян нашудааст ва он набояд ба таври васеъ тавзеҳ дода шавад[385].

Худмуҳофизатии ҳуқуқи маданӣ ба ақидаи профессор Усмонов О.У., мисоли нигоҳ доштан шуда метавонад[386]. Мувофиқи ақидаи С.В. Сарбаш, ҳуқуқи нигоҳ доштан тарзи мушаххаси иҷрои уҳдадориҳо мебошад, ки дар як амалиёти яктарафа ифода ёфтааст, ки тибқи он шахсе, ки чизи дигаре дорад (ретентер), метавонад онро ба шахси дигар супорад, агар

---

[383] Кодекси мадании ҶТ аз 4 декабри соли 2022, №1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Матбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia. tj (Санаи мурочиат: 18.04.2025).

[384] Соҳибов М.М., Саидов Ҳ.М., Хоҷамуродов Д.Г., Бобохонов Ҳ.З. Ҳуқуқи шартномавӣ / Зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К. – Душанбе: «Андалеб Р», 2015. – С. 88.

[385] Қурбонов Қ.Ш., Ғаффорзода И.Ғ. Ҳуқуқи граждани. Қисми 1 (китоби дарсӣ). – Душанбе: «Донишварон», 2017. – С. 489-490.

[386]Ниг.: Ҳуқуқи граждани. Китоби дарсӣ. Қисми якум / муҳаррири масъул: узви вобастаи АИ ҶТ, д.и.ҳ., профессор О. У. Усмонов. – Душанбе: «Эр-граф», 2001. – С. 383; Ҳуқуқи граждани. Қисми 1. – Душанбе: «Эр-граф», 2007. – С. 409.

қарздиҳанда хароҷот, зарари вобаста ба ин чизро пардохт накарда бошад ё ба қарздор аз уҳдадорӣ бармеояд, тарафҳое, ки ба сифати соҳибкор баромад мекунанд ва метавонанд талаботи худро аз арзиши ашё тибқи қоидаҳои барои гарав муқарраршуда, агар талаботи он баргардонида нашавад, қонеъ кунанд[387]. Ҳамин тариқ, нигоҳдории ашёи қарздор амалиёти яктарафаро мемонад. Амалиёти яктарафа будани нигоҳ доштани молу мулки қарздоро як қатор дигар муаллифони дигар ҷонибдоранд. Ҳамин тавр, Л.Н. Якушина қайд мекунад, ки худ истилоҳи «нигоҳ доштан» аллакай иҷрои амали – «барои нигоҳ доштани амволи қарздор» то иҷрои уҳдадориро дар бар мегирад[388].

Бо вуҷуди дар қонунгузории маданӣ ба сифати яке аз тарзҳои таъмини иҷрои ӯҳдадориҳо пешбинӣ шудани нигоҳ доштан ва муайян намудани бахшҳои татбиқи он, дар сатҳи илмӣ-назариявӣ ақидае баён шудааст, ки мувофиқи он кредиторе, ки ашёро надодааст, кредитори ӯҳдадории худро иҷронакарда ба ҳисоб рафта, соҳибии ӯ ба ин ашё ғайриқонунӣ дониста мешавад. Масалан, А.А. Рубанов моҳияти нигоҳ доштанро дар иҷозат додан ба ғайриқонунӣ соҳибӣ намудан арзёбӣ намуда, менависад: «Моҳиятан банди 1 моддаи 369 КГ ФР аз лиҳози ҳуқуқӣ ғарийқонунӣ соҳибӣ намудани ашёро тасдиқ мекунад. Кредиторе, ки дар соҳибиаш ашё қарор дорад, ӯҳдадор аст онро ба дигар шахс диҳад, вале азбаски ӯ ашёро намедиҳад, ӯ ӯҳдадории худро вайрон мекунад ва соҳибиаш ғариқонунӣ мегардад. Лекин КГ ба ӯ ҳуқуқ медиҳад, ки ашёро надиҳад. Албатта ин ба мақсадҳои муайян ва бо шартҳои муайян анҷом меёбад. Аммо, бо вуҷуди ин, надодани ашё чун соҳибии иҷозатдоданашуда, соҳибии ғайриқонунӣ мебошад»[389].

Чунин нуқтаи назар дучори танқиди баъзе аз муҳаққиқон гардид. С.В. Сарбаш қайд менамояд, ки дар хусуси ғайриқонунӣ будани нигоҳ доштани ашё дар мавриде сухан рондан мумкин аст, ки агар барои анҷом додани чунин амал асосҳои қонунӣ вуҷуд надошта бошанд. Лекин вақте, ки худи қонун соҳибӣ намуданро тасдиқ мекунад, яъне вақте, ки барои нигоҳ доштан асосҳо вуҷуд доранд, дар бораи ғайриқонунӣ будани ин амал сухан рондан норавост[390]. «Он норавшан аст, ки чи тавр метавон нигоҳ доштани ашёро ғайриқонунӣ эътироф намуд, дар ҳоле, ки ҳуқуқи кредитор ба нигоҳ доштан бевосита дар Кодекс пешбинӣ шудааст. Ва чи тавр метавон амалҳои кредитор ҷиҳати нигоҳ доштани молу мулки қарздорро ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ арзёбӣ намуд, вақте, ки онҳо на танҳо ба қонун зид намебошанд, балки, баръакс, комилан ба он созгоранд?», - менависад В.В.

---

[387]Ниг.: Сарбаш С.В. Право удержания к Российской Федерации. – М., 1991. – С. 3.

[388] Брагинский М.И, Витрянский В.В, Договорное право: Общие положения. М.: Издательство «Статут» 198. С. 448: Гражданское право: Учеб.: В 3 т. т. 1. 6-е. изд., перераб. и доп. Отв. ред. П.П. Сергеев, Ю.К. Толстой. М.: Т К Велби. Изд. во Проспект, 2004. С. 720; Якушина Л.Н. Удержание в системе способов обеспечения исполнения обязательств: дисс.канд. юрид.наук. С. 72.

[389]Ниг.: Гражданский кодекс Российской Федерации. Часть 1. Научно-практический комментарий. М.: БЕК, 1996. – С. 565.

[390] Сарбаш С.В. Асари ишорашуда. – С. 2.

Витрянский[391]. Б.М. Гонгало қайд менамояд, ки ҳуқуқи нигоҳ доштани молу мулк, ҳуқуқи субъективии кредитор мебошад, ки асоси онро чунин факти юридикӣ – аз тарафи қарздор дар муҳлати муқарраргардида иҷро накардани ӯҳдадорӣ ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, соҳибикунии кредиторе, ки ашёи ба қарздор ё ба дигар шахси муайяннамудаи ӯ таҳвилшавандаро нигоҳ медорад, соҳибикунии қонунӣ (унвонӣ) мебошад[392].

Мо низ дар хусуси он ки нигоҳ доштани ашёи қарздори ном, ҳуқуқи субъективӣ ва қонунии кредитор аст, шубҳа надорем.

Мавҷудбудани меъёрҳо ва муқаррароти нигоҳ доштан худ дар қонунгузории маданӣ далели қонунӣ будани нигоҳ доштани молу мулки қарздор мебошад, ки аз ҷониби кредиторон истеҳсол шудааст. Нигоҳ доштани молу мулки қарздор ҳамчун ҳуқуқи субъективии кредитор, ба мисли ҳама гуна дигар ҳуқуқҳои субъективӣ, метавонад қонунӣ бошад, агар барои он асос дошта бошад ва бо риояи шартҳо, тартибот ва расмиёти дахлдор, бо қонун таъмин карда шудааст.

Ба ақидаи мо, нигоҳ доштан танҳо нисбат ба он ашё ё молу мулк иҷозат дода шавад, ки он ба қарздор тааллуқ дорад ва то он замоне, ки қарздор уҳдадориҳояшро ба таври матлуб иҷро намояд. Дар баробари ин, кредитор уҳдадор аст, ки он ашё ё молу мулкеро ки дар ихтиёр дошт ба қарздор ба таври пурра баргардонад.

**Адабиёт:**


1. Кодекси мадании ҶТ аз 4 декабри соли 2022, №1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Матбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia. tj (Санаи мурочиат: 18.04.2025).

2.Ниг. Худоёрзода Б.Т., Саидов Ҳ.М. Ҳуқуқи маданӣ, қисми 1 / Зери назари доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюрзода Ш.К. – ҶДММ “Аршан”, Душанбе, 2023. – С. 450.

3. Сарбаш С.В. Право удержания в Российской Федерации м.,1998. – С. 2.

4. Белов В.Н. Поручительство. Опыт теоретической конструкции и обобщения арбитражной практики. М., Юр Инфор, 1998. – С. 120-121.

5. Гонгало Б.М. Учение об обеспечении обязательств. Вопросы теории и практики. М., 2002. – С. 101.

6. Гражданское право. Общая часть. Курс лекций / Под ред. А.Г. Диденко. – Алматы: Нурэкспресс, 2006. – С. 546.

7. Сарбаш С.В. Асари ишорашуда. – С. 113-114.

8.Ниг. Бевзенко Р.С. Отдельные проблемы права удержания. Кн Проблемы гражданского права в судебной практике и законодательстве: сборник статей, посвященный юбилею профессора Василия


[391]Ниг.: Научно-практический комментарий к части первой Гражданского кодекса Российской Федерации для предпринимателей. 2-е изд., доп., и перераб. М.: Издательство «Спарк», Редакция журнала «Хозяйство и право», 1999. С. 445.

[392] Гонгало Б.М. Асари ишорашуда. – С. 100.

Владимировича Витрянского (с аудиприложением) / отв. ред. Е.А. Суханов. – Москва: Статут, 2021. – С. 20-21; Худоёрзода Б.Т., Саидов Ҳ.М. Ҳуқуқи маданӣ, қисми 1 / Зери назари доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюрзода Ш.К. – ҶДММ “Аршан”, Душанбе, 2023. – С. 450.

9.Ниг. Гражданское право: В.4 т. Том 3: Обязательственное право: учеб. Для студентов вузов, обучающихся по направлению 521400 «Юриспруденция» и по специальности 021100 «Юриспруденция» / [Витрянский В.В. и др.]; отв. ред. – Е.А. Суханов – 3 – е изд., перераб. И доп. – М.: Волтерс Клувер, 2007. – С. 167; Худоёрзода Б.Т., Саидов Ҳ.М. Ҳуқуқи маданӣ, қисми 1 / Зери назари доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюрзода Ш.К. – ҶДММ “Аршан”, Душанбе, 2023. – С. 450 - 451.

10. Гонгало Б.М. Асари ишорашуда. – С. 112-113.

11. Соҳибов М.М., Саидов Ҳ.М., Хоҷамуродов Д.Г., Бобохонов Ҳ.З. Ҳуқуқи шартномавӣ / Зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К. – Душанбе: «Андалеб Р», 2015. – С. 88.

12. Қурбонов Қ.Ш., Ғаффорзода И.Ғ. Ҳуқуқи граждани. Қисми 1 (китоби дарсӣ). – Душанбе: «Донишварон», 2017. – С. 489-490.

13.Ниг.: Ҳуқуқи граждани. Китоби дарсӣ. Қисми якум / муҳаррири масъул: узви вобастаи АИ ҶТ, д.и.ҳ., профессор О. У. Усмонов. – Душанбе: «Эр-граф», 2001. – С. 383; Ҳуқуқи граждани. Қисми 1. – Душанбе: «Эр-граф», 2007. – С. 409.

14.Ниг.: Сарбаш С.В. Право удержания к Российской Федерации. – М., 1991. – С. 3.

15. Брагинский М.И, Витрянский В.В, Договорное право: Общие положения. М.: Издательство «Статут» 198. С. 448: Гражданское право: Учеб.: В 3 т. т. 1. 6-е. изд., перераб. и доп. Отв. ред. П.П. Сергеев, Ю.К. Толстой. М.: Т К Велби. Изд. во Проспект, 2004. С. 720; Якушина Л.Н. Удержание в системе способов обеспечения исполнения обязательств: дисс.канд. юрид.наук. С. 72.

16.Ниг.: Гражданский кодекс Российской Федерации. Часть 1. Научно-практический комментарий. М.: БЕК, 1996. – С. 565.

17. Сарбаш С.В. Асари ишорашуда. – С. 2.

18.Ниг.: Научно-практический комментарий к части первой Гражданского кодекса Российской Федерации для предпринимателей. 2-е изд., доп., и перераб. М.: Издательство «Спарк», Редакция журнала «Хозяйство и право», 1999. С. 445.

**Мақола дар редаксия ворид шуд**: 21.04.2025
**Аз тақриз баргашт: 09.06.2025**
**Ба чоп тавсия шуд: 16.06.2025**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ КООПЕРАТИВӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШУРАВӢ

**Азамқулов Фаррухҷон Ҳотамович**,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат.
**Тел.:** (+992) 927677606
**E-mail:** farrukhazamqulov@mail.ru

**Муқарриз:** Сангинзод Д.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Дар шароити ташаккули муносибатҳои бозорӣ, масъалаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои кооперативӣ дар Тоҷикистони шуравӣ аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Мақола ба таърихи танзими кооперативҳо дар давраи шуравӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, таҳаввулоти онҳоро дар заминаи қонунгузории ИҶШС ва Тоҷикистон баррасӣ мекунад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ бартариҳои кооперативҳоро дар ташкили истеҳсолот ва ҳифзи иҷтимоӣ нишон медиҳад, аммо дар Тоҷикистон ин масъала кам омӯхта шудааст. Дар ИҶШС кооперативҳо барои иҷрои нақшаҳои давлатӣ хизмат мекарданд, дар ҳоле, ки пас аз соли 1991 онҳо ба шаклҳои хусусӣ гузаштанд. Мақола зарурати қабули қонуни ягонаи кооперативиро таъкид намуда, фарқияти норавшани байни ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратиро ҳамчун мушкилоти асосӣ муайян мекунад.

**Калидвожаҳо:** кооператив, муносибатҳои кооперативӣ, шаклҳои моликият, кооператсия, ИҶШС, фаъолияти соҳибкорӣ, моликияти кооперативӣ, хусусигардонӣ, кооперативи матлубот, истеҳсолот, хизматрасонӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, оиннома, хоҷагии халқ, ҷамъияти сотсиалистӣ, қобилияти ҳуқуқӣ, аъзогӣ, меҳнат, корхона, иқтисодӣ, бақайдгирии давлатӣ, ташкилоти тиҷоратӣ, ташкилоти ғайритиҷоратӣ, сармоя, шахси ҳуқуқӣ, ислоҳот.

# ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ КООПЕРАТИВНЫХ ОТНОШЕНИЙ В СОВЕТСКОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

**Азамкулов Фаррухджон Хотамович**,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры предпринимательского и коммерческого права.
**Тел.:** (+992) 927677606
**E-mail:** farrukhazamqulov@mail.ru

**Рецензент:** Сангинзод Д.Ш., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В условиях становления рыночных отношений проблема правового регулирования кооперативных отношений в Советском

Таджикистане приобретает особую значимость. В статье рассматривается история регулирования кооперативов в советский период, а также рассматривается их эволюция в контексте законодательства СССР и Таджикистана. Мировой опыт подчеркивает преимущества кооперативов в организации производства и социальной защите, однако в Таджикистане этот вопрос остается малоизученным. В СССР кооперативы служили выполнению государственных планов, тогда как после 1991 года они трансформировались в частные формы. Статья акцентирует необходимость принятия единого закона о кооперативах и выделяет нечеткое различие между коммерческими и некоммерческими организациями как основную проблему.

**Ключевые слова:** кооператив, кооперативные отношения, формы собственности, кооперация, СССР, предпринимательская деятельность, кооперативная собственность, приватизация, потребительский кооператив, производство, услуга, предпринимательская деятельность, устав, народное хозяйство, социалистическое общество, правоспособность, членство, труд, предприятие, экономический, государственная регистрация, коммерческая организация, некоммерческая организация, капитал, юридическое лицо, реформы.

## LEGAL REGULATION OF COOPERATIVE RELATIONS IN SOVIET TAJIKISTAN

**Azamqulov Farrukhjon Hotamovich**,
Tajik National University, Faculty of Law, Assistant at the Department of entrepreneurial and commercial law.
**Phone.:** (+992) 927677606
**E-mail:** farrukhazamqulov@mail.ru

**Reviewer:** Sanginzod D.SH., doctor of Legal Sciences, professor

**Annotation:** In the context of the formation of market relations, the issue of legal regulation of cooperative relations in Soviet Tajikistan is of particular importance. The article focuses on the history of regulation of cooperatives in the Soviet period and examines their development in the context of legislation of the USSR and Tajikistan. International experience shows the advantages of cooperatives in organizing production and social protection, but this issue has not been studied much in Tajikistan. In the USSR, cooperatives served to implement state plans, while after 1991 they transitioned to private forms. The article highlights the need to adopt a unified law on cooperatives and identifies the blurred distinction between commercial and non-profit organizations as the main problem.

**Keywords:** cooperative, cooperative relations, forms of ownership, cooperation, USSR, entrepreneurial activity, cooperative ownership, privatization, consumer cooperative, production, service, entrepreneurial activity, charter, national economy, socialist society, legal capacity, membership, labour, enterprise, economic, state registration,

commercial organization, non-profit organization, capital, legal entity, reforms.

Дар шароити ташаккули муносибатҳои бозорӣ масъалаи инкишофи муносибатҳои кооперативӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Зеро дар ҳар як давраи таърихӣ ҳам дар амал ва ҳам дар мазмуни муносибатҳои кооперативӣ чизи наверо ба амал меоварад. Гуногунии шаклҳои моликият дар иқтисодиёт барои инкишофи муносибатҳои кооперативӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла дар соҳаи иҷтимоӣ шароити мусоид фароҳам меоварад. Ин аз аҳаммияти рузафзуни онҳо дар тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷамъият шаҳодат медиҳад.

Таҷрибаи ҷаҳонии инкишофи сохтори кооперативӣ имкон дод, ки бартариҳои беназири онҳо чӣ дар ташкили оқилонаи истеҳсолот дар иқтисодиёти серсоҳа ва чӣ дар таъмини некӯаҳволии халқ дар шароити шадиди бухронӣ муайян карда шавад. Сохторҳои кооперативӣ нисбат ба дигар шаклҳои хоҷагидорӣ ба муносибатҳои бозорӣ беҳтар мутобиқ шудаанд. Зеро онҳо ба механизми мутаносиби иқтисодие асос ёфтаанд, ки имкон медиҳад фаъолияти истеҳсолию хоҷагиро ба назар гирифта, шароити ҳозираи бозор ва ҳифзи иҷтимоии аъзоёни ҷамъиятро таъмин намояд. Кооперативҳо барои иштироки шаҳрвандон, ки даромади кам доранд, ҷолиб ва дастрас буда, ба ташаккули синфи миёна мусоидат мекунад[393].

Мушкилоти танзими ҳуқуқии муносибатҳои кооперативӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ҳам дар сатҳи қонунгузорӣ ва ҳам дар сатҳи таҳқиқотҳои илмӣ кам мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Баҳри таҳлили ин масоил ба таърихи танзими муносибатҳои кооперативӣ рӯ меорем. Дар нимаи аввали солҳои 20-уми асри гузашта шумораи зиёди санадҳои ҳуқуқие, ки фаъолияти кооперативро танзим мекунанд, қабул карда шуданд. Онҳо аксар вақт якдигарро такрор мекарданд, ки ин ба фаъолияти муътадили кооперативҳо монеагиҳо ба вуҷуд меоварданд.

Ҳануз дар ҳамон давра ҳуқуқшиносони намоёни соҳаи кооперативӣ зарурияти қабули қонуни ягонаи кооперативиро дарк карданд, ки он бояд муносибатхои алоҳидаро, ки ба ҳама намудҳои кооператив хос аст, танзим намуда, асосҳои инкишоф ва фаъолияти тамоми кооперативро дақиқ муайян намояд[394].

Дар Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) мақсади ташкили кооперативҳо маҳсулоти алоҳида, расондани баъзе намудҳои хизматрасонӣ барои иҷрои вазифаҳои ба миёнгузоштаи давлат ба шумор мерафт.

Тавре С.Н. Братус қайд намудааст, ташкили нақшавии иқтисодиёти шуравӣ мувофиқ будани қобилияти ҳуқуқии шахсони ҳуқуқиро ба

---

393 Степанов А.А. Развитие кооперативных отношений в переходный период: Дис. ... канд. экон. наук: 08.00.01: – Саратов, 2000. – 142 с.

394 Штандель Е.Н. Курс советского кооперативного права. Харьков. 1926. – С. 22; Штандель Е.Н. Основы кооперативного права // Вестник советской юстиции. 1926. № 5. – С. 16; Рейхель М.О. Основные теоретические положения к конструированию "основ" права того периода: Вопросы суда на второй сессии ЦИК СССР // Вестник советской юстиции. 1924. № 22. – С. 2-8.

мақсадҳое, ки барои онҳо ташкил карда шудаанд, муайян мекунад ва бинобар ин, ҷамъиятҳои ихтиёрӣ ва иттифоқҳои онҳо фаъолияти худро мувофиқи нақшаи хоҷагии халқ ва сохтмони иҷтимоӣ-фарҳангӣ пеш мебаранд[395].

Давлати Шуравӣ ҳамчун субъекти ягонаи муносибатҳои ҳуқуқӣ – маданӣ, моликияти давлатӣ бошад, ҳамчун моликияти умумиҷамъиятӣ, ки «фонди ягонаи» моликияти давлатиро муайян мекунад, ба ҳисоб мерафт.

Дар ҷамъияти сотсиалистӣ ба кооперативҳо имконият дода шуда буд, ки танҳо ҳамон ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданиро ба зимма гиранд, ки ба мавқеи онҳо дар низоми хоҷагии халқ ва нақши онҳо дар иҷрои вазифаҳои дар назди хоҷагии халқ истода мувофиқ бошанд.

Ба андешаи В.П. Грибанов меъёрҳои қонунҳои мадании шуравӣ, ки хусусияти махсуси қобилияти ҳуқуқии шахсони ҳуқуқиро муқаррар менамоянд, яке аз воситаҳои таъмини иҷрои нақшаҳои давлатии хоҷагии халқ мебошанд[396].

Мувофиқи моддаи 26 Кодекси граждании РСС Тоҷикистон аз 28 декабри соли 1963[397] қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи тасдиқи оиннома ё низомномаи он ва дар ҳолатҳое, ки он бояд дар асоси низомномаи умумӣ дар бораи чунин ташкилот амал кунад, аз лаҳзаи баровардани қарори мақоми ваколатдор дар бораи таъсиси он, ба миён меояд. Бояд қайд намоем, ки мақсади фаъолияти аксарияти кооперативҳоро давлат бо роҳи тасдиқи Оинномаҳои онҳо муайян мекард.

Дар Кодекси граждании РСС Тоҷикистон талабот нисбат ба ҳуҷҷатҳои таъсисии кооперативҳо мавҷуд набуд, вале дар асоси моддаи 26 ҳамин Кодекс нишон додани мақсадҳои фаъолият дар онҳо ҳатмӣ буд. Ғайр аз ин, дар низомномаҳо предмети фаъолияти кооператив инъикос ёфта буд, ки ин имкон медод, номгуи намудҳои фаъолияте, ки барои онҳо ташкил карда шудааст, муайян карда шавад.

Хусусияти қонунгузории шуравӣ дар он ифода меёбад, ки меъёрҳои моддаи 13-уми Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ва ҷумҳуриҳоро муқаррар намуда буд[398], ки тибқи он шахси ҳуқуқӣ бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад ва аз лаҳзаи ба қайд гирифта шуданаш ташкилшуда ба ҳисоб мерафт. Бори аввал дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ барои муайян кардани вазъи ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ меъёрҳои фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла кооперативҳоро аниқ муайянкунанда пайдо шуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бозсозӣ ва азнавсозии хоҷагии халқ аз ривоҷи кооператив ва қабули Қонуни ИҶШС «Дар бораи кооператсия дар ИҶШС» аз 26 май соли 1988[399] оғоз ёфт. Дар Қонун пешбинӣ гардид, ки ягонагии танзими ҳуқуқии ҳамаи намудҳои кооператив таъмин карда шавад.

---

[395] Братусь С.Н. Субъекты гражданского права. – М., Госюриздат. 1950. – С. 194-195.
[396] Грибанов В.П. Юридические лица. – М., Изд-во Московского университета. 1961. – С. 26.
[397] Кодекси граждании РСС Тоҷикистон. – Душанбе: “Ирфон”, 1975.
[398] Ведомости Верховного Совета СССР. 1961, №50. – С. 525.
[399] Ведомости Верховного Совета СССР. 1988. №22. – С. 355.

Бинобар сабаби гузаштан ба муносибатҳои нави иқтисодӣ доираи фаъолияти кооперативҳо ба истеҳсоли баъзе намудҳои маҳсулотҳо маҳдуд гардид.

Баробари қабул гардидани Қонуни ИҶШС «Дар бораи кооператсия дар ИҶШС» афзалияти калони онҳо ошкор гардид. Ҳамчун шакли моликияти кооперативӣ дар баробари корхонаҳои (иттиҳодияҳои) давлатӣ зинаи асосии маҷмуи ягонаи хоҷагии халқ эълон карда шуданд. Асоси аъзогии кооператив меҳнати шахсии аъзоёни он буд. Қонун мавҷудияти ду намуди кооперативҳоро пешбинӣ мекард: истеҳсолӣ ва матлубот.

Қонун дар бораи кооперативҳо дар ИҶШС яке аз аввалинҳо шуда ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, тартиби ташкил, сохтор ва салоҳияти мақоми роҳбарикунандаи кооператив, ҳуқуқу уҳдадориҳои аъзоён ва ғайраро пешбинӣ намуд. Дар он хусусиятҳои навъҳои алоҳидаи кооперативҳо (колхозҳо, кооперативҳои соҳаи истеҳсолот ва хизматрасонӣ, кооператсияи матлубот барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти манзилию маишии аъзоёни худ, шарикони боғу токпарварӣ) номбар карда шудаанд.

Дар ибтидои солҳои 90-ум бо сабаби қабули Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990[400] ислоҳотҳо дар самти кооперативҳо оғоз ёфт, ки зуд онҳо ба кооперативҳои хусусӣ табдил ёфтанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 декабри соли 1991 муқаррар намуд, ки барои амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ субъект ташкилотҳои соҳибкориро таъсис медиҳад, ки мувофиқи моддаи 9 ин Қонун ба қайд гирифта мешаванд. Фаъолияти соҳибкорӣ, ки бе ҷалби меҳнати кироя амалӣ мешавад, метавонад ҳамчун фаъолияти меҳнатии инфиродӣ ба қайд гирифта шавад. Фаъолияти соҳибкорӣ, ки бо ҷалби меҳнати кироя амалӣ мешавад, ҳамчун корхона ба қайд гирифта мешавад (моддаи 6)[401]. Дар асоси моддаи 9 Қонун бақайдгирии давлатии соҳибкорӣ бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби идораи нотариалии давлатӣ дар ҷои воқеъ будани корхона анҷом дода мешавад. Бақайдгирии давлатии соҳибкорӣ, ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ амалӣ мегардад, аз ҷониби мақомоти андози давлатии ноҳияҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо дар шаҳр дар ҷои истиқомат ё фаъолияти соҳибкор сурат мегирад. Рад кардани бақайдгирии давлатӣ метавонад бо тартиби судӣ баҳс карда шавад. Барои бақайдгирии давлатии соҳибкорӣ пардохт ворид карда мешавад, ки андозаи он мувофиқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мегардад. Маблағҳои бадастомада ба буҷети маҳаллӣ дар ҷои бақайдгирии соҳибкор ворид карда мешаванд.

Танҳо бо қабули Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 октябри соли 1991, № 322 “Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи адресии ғайридавлатикунӣ ва хусусигардонии моликият дар Ҷумҳурии

---

[400] Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990// [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=658 (санаи мурочиат 15.03.2025).

[401] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 декабри соли 1991// [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=2226 (санаи мурочиат 15.03.2025).

Тоҷикистон дар солҳои 1991-1992” низоми мукаммали қонунгузории соҳибкорӣ, аз ҷумла муқаррароте, ки шаклҳои алоҳидаи соҳибкорӣ, бақайдгири, иҷозатномадиҳӣ ва ғайраро танзим мекунанд, ташаккул ёфт[402].

Дар баробари аз байн рафтани идоракунӣ ва назорати давлатӣ ва бо қарори мақомоти давлатӣ пешакӣ муайян намудани мақсадҳои ташкилотҳои таъсисдодашуда маълум гардид, ки қобилияти ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратӣ ва қобилияти ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ тафовути ҷиддӣ доранд. Агар самаранокии фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратӣ бо даромаде, ки фаъолияти онҳо меорад, муайян карда шавад, пас ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ барои анҷом додани намудҳои алоҳидаи фаъолият, сарфи назар аз даромаднокӣ ё зиёноварӣ таъсис дода мешаванд.

Дар Тоҷикистон ба зарурати васеъ кардани қобилияти ҳуқуқии ташкилотҳо, ҳалли фасеҳтари масъалаи қонунӣ будани ташкилот барои анҷом додани ин ё он намуди фаъолият наздик шудааст.

Инчунин қайд кардан зарур аст, ки барои ташкил кардан ва ба вуҷуд омадани қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ кооператив бояд бо тартиби муқарраргардида аз бақайдгирии давлатӣ гузарад. Кооперативи тиҷоратӣ маҳз аз лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифта шуданаш дар ҳаҷми пурра қобилияти пурраи ҳуқуқиро пайдо мекунад, яъне кооператив, ки аз расмиёти бақайдгирии давлатӣ гузаштааст, ҳуқуқ дорад дар доираи қобилияти ҳуқуқдориаш аҳдҳои ҳуқуқӣ-маданӣ ва дигар амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятдошта анҷом диҳад.

Қонунгузории босуръат инкишофёбандаи кишвари мо ба рушду таҳкими принсипҳои асосии дар қонунгузории кооператив дар ибтидои асри XX гузошташуда ва ислоҳоти ибтидои солҳои 90-ум, ки ба кооперативҳои матлубот ҳуқуқ дод, мусоидат накарда, ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ хос набуда, ба барҳам задани марзи байни ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ мусоидат кардааст. Маҳз ҳамин, сабаби баҳсу мунозираи олимон ва душвории ҳалли масъалаҳое гардид, ки ҳангоми ташкил ва фаъолияти кооперативи матлубот дар амал ба миён меомад.

Бо мақсади ба роҳи дуруст равона кардани тараққиёти кооператив пешниҳод карда мешавад, ки таърихи он ба 4 давра тақсим карда шавад. Ин марҳилаҳо аз рӯи хусусиятҳои танзими ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти кооператив фарқ мекунанд:

1. Давраи пайдоиш – аз соли 1908 то соли 1925. Дар ин марҳила кӯшишҳои аввалин барои ба вуҷуд овардани заминаи ягонаи ҳуқуқии кооператсия, ки дар онҳо на ба манфиати фоида, балки бо мақсади беҳтар намудани худтаъминкунӣ бо неъматҳои моддӣ ва маънавӣ муттаҳид намудани сармоя нигаронида шудааст.

2. Давраи ташаккулёбӣ – аз соли 1925 то соли 1988. Марҳилаи дуюм ба инкишофи кооператсияи матлубот нақши муҳим надорад. Зеро, дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ гузаштан ба низоми маъмурию фармонфармоии

[402] Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 октябри соли 1991, № 322 "Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи адресии ғайридавлатикунӣ ва хусусигардонии моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-1992"// [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=2226 (санаи мурочиат 15.03.2025).

идораи иқтисодиёт ва асосҳои ҳуқуқию идеологии пешазинқилобии кооператсияи матлубот пурра аз байн рафта буд. Аммо дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ илм ва амалияи ҳуқуқӣ бори аввал меъёрҳои муайян кардани мақоми ҳуқуқии шахси ҳуқуқиро бо мақсадҳои таъсис ва фаъолияти онҳо таҳия карданд.

3. Давраи ислоҳот – аз соли 1988 то соли 1990. Дар марҳилаи сеюм ҷараёни ислоҳоти қонунгузории кооперативӣ ва гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ ба амал меояд. Ислоҳот ва азнавсозии хоҷагии халқ аз инкишофи кооператсия ва қабули Қонуни ИҶШС «Дар бораи кооператсия дар ИҶШС» аз 26 майи соли 1988 оғоз меёбад. Қонун дар бораи кооператсия тамоюли ягонагии танзими ҳуқуқии ҳама намудҳои кооператсияро нишон дода, инчунин ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, тартиби таъсис, сохтор ва салоҳияти мақомоти роҳбарикунандаи кооператив, ҳуқуқу уҳдадориҳои аъзоёни кооператив ва ғайраро пурра муайян намуд

4. Давраи инкишоф – аз соли 1990 то ҳол. Марҳилаи чорум аз ислоҳот дар аввали солҳои 90-ум оғоз ёфт, ки кооперативҳо зуд ба кооперативҳои хусусӣ табдил ёфтанд. Ин ба инкишоф ва мустаҳкам шудани принсипҳои асосии қонунгузорӣ дар бораи кооператив дар аввали асри 20 ва ислоҳоти ибтидоии солҳои 90-ум, ки ба кооператив ҳуқуқҳои ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ хос набуданд, мусоидат накарда, ба ин васила ба норавшании байни ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ мусоидат кард.

**Адабиёт:**


1. Братусь С.Н. Субъекты гражданского права [Текст] / проф. С.Н. Братусь. – Москва: Гос. изд-во юрид. лит-ры, 1950. – С. 368.
2. Ведомости Верховного Совета СССР. 1961, №50. – С. 525.
3. Ведомости Верховного Совета СССР. 1988. №22. – С. 355.
4. Грибанов В. П. Юридические лица. – М.: Издательство Московского университета, 1961. – С. 440.
5. Кодекси граждании РСС Тоҷикистон. – Душанбе: “Ирфон”, 1975.
6. Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 октябри соли 1991, № 322 “Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи адресии ғайридавлатикунӣ ва хусусигардонии моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-1992”// [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=2226 (санаи мурочиат 15.03.2025).
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 декабри соли 1991// [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=2226 (санаи мурочиат 15.03.2025).

8. Рейхель М.О. Основные теоретические положения к конструированию "основ" права того периода: Вопросы суда на второй сессии ЦИК СССР // Вестник советской юстиции. 1924. № 22. С. 2-8.
9. Степанов А.А. Развитие кооперативных отношений в переходный период: Дис. ... канд. экон. наук: 08.00.01: – Саратов, 2000. – 142 с.
10. Штандель Е.Н. Курс советского кооперативного права. – Харьков. 1926. – 189 с.
11. Штандель Е.Н. Основы кооперативного права // Вестник советской юстиции. 1926. № 5. – С. 16-34.
12. Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990// [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=658 (санаи мурочиат 15.03.2025).

**Мақола дар редаксия ворид шуд:** 21.04.2025
**Аз тақриз баргашт: 09.06.2025**
**Ба чоп тавсия шуд: 16.06.2025**

# МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ШАРТНОМАИ ШАРТӢ (ЭСКРОУ)

**Абдулазизи Асадулло,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат.
**Тел:** (+992) 105-77-77-00
**Gmail:** asadullozoda.a.1998@gmail.com

**Муқарриз:** Мавлоназарзода О.А., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда.** Эскроу яке аз институтҳои соҳаи хусуси буда баҳри кам намудани тавакалнокии иҷроиши уҳдадориҳо равона шудааст. Мақолаи мазкур ба яке аз падидаҳои нави ҳуқуқи бо номи эскроу бахшида шудааст. Дар мақолаи мазкур аз мафҳум, хусусият ва шартҳои асосии шартномаи шартӣ (эскроу) таҳлил карда шудааст. Бо истифода аз адабиётҳои ватаниву хориҷӣ дар мақола заруриятҳои пайдоиши эскроу мафҳум ва хусусиятҳои он дарҷ гардидааст. Падидаи эскроу бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои мадании шахсони дар муносибатҳои уҳдадорӣ иштироккунанда, коҳиш додани таввакалҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии аз муносибатҳои шартномавӣ бавуҷудоянда равона гардидааст. Кам будани сатҳи таввакал дар ин муносибатҳо дар он аст, ки натиҷагири аз раванди иҷроиши он бевосита тавассутити тарафҳо суратгирифта қонеънамудани талаботҳои шартномавии он бошад аз ҷониби шахсони сеюм сурат мегирад.

**Калидвожаҳо:** эскроу, амонатгузории шартӣ, бенефитсиар, қарздор, агенти эскроу, суратҳисоби эскроу, шартномаи эскроу, уҳдадориҳои шартномавӣ, муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, соҳаи хусусӣ, муносибатҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ.

# ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ ДОГОВОРА ЭСКРОУ

**Абдулазизи Асадулло,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры предпринимательского и коммерческого права
**Тел:** (+992) 105-77-77-00
**Gmail:** asadullozoda.a.1998@gmail.com

**Рецензент:** Мавлоназарзода О.А., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация.** Эскроу является одним из институтов частного сектора, направленных на снижение риска исполнения обязательств. Данная статья

посвящена одному из новых правовых явлений, называемому эскроу. В данной статье анализируются понятие, признаки и основные условия условного договора (эскроу). В статье с использованием отечественной и зарубежной литературы описываются потребности возникновения эскроу, его понятие и признаки. Феномен эскроу направлен на защиту культурных прав и интересов лиц, участвующих в договорных отношениях, снижение правовых и экономических рисков, возникающих из договорных отношений. Низкий уровень риска в данных отношениях обусловлен тем, что результат процесса его реализации осуществляется непосредственно сторонами, а удовлетворение его договорных требований осуществляется третьими лицами.

**Ключевые слова:** эскроу, условный депозит, бенефициар, должник, эскроу-агент, счет эскроу, договор эскроу, договорные обязательства, гражданско-правовые отношения, частная сфера, предпринимательско-правовые отношения.

## THE CONCEPT AND ESSENCE OF THE ESCROW AGREEMENT

**Abdulaziz Asadullo**,
Tajik National University, Law Faculty, assistant of the Department of entrepreneurial and Commercial Law
**Phone:** (+992) 105-77-77-00
**Gmail:** asadullozoda.a.1998@gmail.com

**Reviewer:** Mavlonazarzoda O.A. Candidate of Law, docent

**Annotation.** Escrow is one of the private sector institutions aimed at reducing the risk of fulfilling obligations. This article is devoted to one of the new legal phenomena called escrow. This article analyzes the concept, features and main conditions of a conditional agreement (escrow). The article, using domestic and foreign literature, describes the needs for the emergence of escrow, its concept and features. The phenomenon of escrow is aimed at protecting the cultural rights and interests of persons participating in contractual relations, reducing legal and economic risks arising from contractual relations. The low level of risk in these relations is due to the fact that the result of the process of its implementation is carried out directly by the parties, and the satisfaction of its contractual requirements is carried out by third parties.

**Keywords:** escrow, conditional deposit, beneficiary, debtor, escrow agent, escrow account, escrow agreement, contractual obligations, civil law relations, private sphere, business law relations.

Қонунгузории маданӣ ба таври доими дар ҳолати рушд қарор дошта, барои мутобиқ шудан ба омилҳои замони муосир доимо такмил ёфта истодааст. Дар шароити муосир дар баробари пешрафти ҷомеа муносибатҳои нав ба нав ба миён меояд, ки дар баробари пайдоиши

муносибатҳои бамиёномада зарурат ба танзими ҳуқуқии он низ ба миён меояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 дар соҳаи қонунгузории мадании кишвар ислоҳоти нав амалӣ карда шуд, ки бо аз эътибор соқит донистани баъзе санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусан; Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо қабул гардидани Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 ноябри соли 2022, № 915., институти нави ҳуқуқи маданӣ эскроу (шартномаи шартӣ) ба вуҷуд омад.

Пайдоиши падидаи мазкур тақозои замон мебошад. Агар ба таҷрибаи замони имрӯз назар намоем танзими баъзу аз муносибатҳои мавҷуда ҳатман тавассути эскроу-агент бояд ба роҳ монда шавад зерро мақсади асосии падидаи мазкур ин кам намудани сатҳи таввакалноки барои иҷрои уҳдадориҳо равона шудааст. Ин падида метавонад баҳри рушди соҳаи хусуси нақши назаррасе дошта бошад.

Бояд қайд кард, ки зарурияти дар қонунгузории кишвар пайдо шудани истилоҳи эскроу аввалан бавуҷудои ва инкишоф ёфтани он дар хориҷӣ кишвар хусусан дар давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта ба монанди ИМА, Швейтсария, Британияи Кабир, Чин, Ҷопон, Олмон, Фаронса, Италия ва Федератсияи Россия инчунин ба таври васеъ истифода бурдани падидаи мазкур дар раванди ҳуқуқтатбиққунӣ дар давлатҳои зикргардида ба ҳисоб меравад. Зарурияти дигараш бошад дар он аст, ки тамоми шартномаҳои фаъолияти соҳибкориро ҳамеша таввакал ҳамроҳи мекунад. Аз ҳамин нуқтаи назар баҳри танзими муносибатҳои шартномавӣ ва кам кардани сатҳи таваккал дар иҷрои уҳдадориҳои тарафҳои шартнома маҳз падидаи эскроу дар сатҳи қонунгузорӣ қабул гардид[403].

Омӯзиши ҳар як падидаи ҳуқуқӣ бояд аз муайян намудани мафҳум ва хусусиятҳои он оғоз шавад, зерро мафҳум мақсади асосии он ва хусусият бошад муайянкунандаи самт ва моҳиятро меомӯзад. Истилоҳи эскроу аз калимаҳои англисии “escrow” ва фаронсавии “escroue” гирифта шуда, маънояш амонатгузорӣ, коғаз, пораи коғаз ё пораи матоъ мебошад ва ба шахси сеюме нишон медиҳад, ки онро то анҷоми (иҷрои) амалҳои муайяне, ки бевосита дар шартнома пешбинӣ шудааст, нигоҳ медорад.

Шартномаи ба амонатгузории шартӣ (эскроу) як механизми кафолатӣ мебошад, ки мувофиқи он амонатгузор уҳдадор мешавад ба агенти эскроу молу мулкро барои иҷрои уҳдадории худ нисбат ба бенефитсиар амонат гузорад. Агент бошад, дар навбати худ, уҳдадор мешавад, ки нигоҳубини ин молу мулкро то лаҳзаи иҷрои тамоми шартҳои дар шартнома муайяншуда таъмин намояд ва дар мавриди ба вуҷуд омадани асосҳои дар шартнома пешбинигардида онро ба бенефитсиар супорад. Зикр кардан ба

[403] Абдулазизи А. Пайдоиши падидаи эскроу дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Маърифати ҳуқуқӣ омили тарбияи ҷавонон дар ҷомеаи муосир» бахшида ба эълон гардидани «Соли 2024-соли маърифати ҳуқуқӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хоруғ-2024. – С. 6-11.

маврид аст, ки хусусияти асосии фарқкунандаи шартномаи эскроу аз шартномаҳои зикргардида дар он аст, ки тарафҳо шартномаи мазкурро барои иҷрои ӯҳдадориҳои худ, яъне бо мақсади кафоллатнок иҷро намудан шартнома мебанданд.

Дар илми ҳуқуқи маданӣ ва қонунгузории кишвар истилоҳи "амонатгузорӣ" ба маънои васеъ фаҳмида шуда он на танҳо дар шартноами эскроу балки дар дигар намудҳои шартнома низ истифода бурда мешавад. Ба монанди шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу, суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ, суратҳисоби номиналӣ ва шартномаи нигаҳдорӣ васеъ истифода карда мешавад.

Мавриди зикр аст, ки дар адабиётҳои ҳуқуқии ватанӣ кӯшишҳо барои додани мафҳуми илмии шартномаи эскроу хеле кам ба назар мерасад, аммо аз ҷониби олимонӣ хориҷӣ таҳқиқотҳои илмӣ доир ба ин намуди шартнома анҷом дода шудааст. Роҷеъ ба мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи шартӣ байни олимону муҳаққиқони соҳа ягонафикри ҷой надорад. Аксарияти олимон танҳо мафҳуми шартномаи эскроуро, ки дар қисми 1 моддаи 1031-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, оварда шудааст, такрор мекунанд.

Яке аз аввалинҳое, ки мафҳуми илмии шартномаи эскроуро таҳлил кардааст, Р.С. Чураков мебошад. Ин муаллиф қайд кардааст, ки хусусияти умумии ин шартнома уҳдадорӣ мебошад, ки ин барои ҳамаи шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ хос аст. Дар бораи хусусиятҳои фарқкунандаи шартномаи эскроу, Р.С. Чураков ба муқаддимаи шартнома – интиқоли молу мулк аз ҷониби амонатгузор ба агенти эскроу – ва инчунин ба уҳдадории агенти эскроу – таъмини иҷрои уҳдадории амонатгузор нисбат ба бенефитсиар – диққат додааст[404]. Ба ақидаи ин олим шартномаи эскроу шартномаи реалӣ мебошад. Е.В. Блинкова низ ҷонибдори ақидаи реалӣ ва музднок будани шартномаи эскроу аст[405].

М.А. Токмаков мафҳуми муфассалтари шартномаи эскроуро пешниҳод намуда, дар тадқиқоти худ нишон медиҳад, ки мафҳуми эскроу аз калимаи англисӣ-франсавӣ "escrowe" буда, маънои пул, молу мулк ё ҳуҷҷате, ки дар назди шахси сеюм то иҷрои шарти муайян нигоҳ дошта мешавад[406] маънидод кардааст. Ба андешаи ӯ, интиқоли молу мулк ба агенти эскроу як қатор хусусиятҳои хос дорад:

- аввалан, ин интиқол шартӣ мебошад;
- дуюм, мақсади он озод кардани молу мулк дар оянда мебошад;

---

[404] *Чураков Р.С.* Эскроу-счет по российскому праву // Закон. 2007. № 8. С. 28. См. также: *Горбылев С.В.* Применение эскроу-счетов в целях ипотечного кредитования: американский опыт правового регулирования и российская правовая действительность // Институты гражданского права и модернизация экономики: материалы V ежегод. науч. чтений памяти проф. С.Н. Братуся (Москва, 25 окт. 2010г.) / отв. ред. Н.Г. Доронина. М.: Юстицинформ, 2011. С. 283–289.

[405] *Блинкова Е.В.* Договор счета эскроу в гражданском праве // Конвергенция частного и публичного права: первые итоги модернизации российского законодательства и перспективы его развития: сб. ст. / отв. ред. Ю.С. Харитонова. М., 2014. С. 70.

[406] Токмаков М. А. Условное депонирование (эскроу) в праве России и США : дис. ... канд. юрид. наук. Самара, 2017. 239 с.

- сеюм, ин озод кардан бояд мувофиқи шартҳои ба миён гузоштаи амонатгузор ва бенефитсиар сурат гирад.

Инчунин ӯ иброз медорад, ки молу мулкӣ дар амонатбуда на танҳо ба бенефитсиар супурда мешавад, балки дар сурати иҷро нашудани шартҳои шартнома ба амонатгузор низ баргардонида мешавад. Ҳамчунин, Токмаков қайд мекунад, ки шартномаи эскроу шартномаи реалӣ мебошад[407].

Дар айни замон, тарҳи шартномаи эскроу аз ҷониби кишварҳое, ки ҳам низоми ҳуқуқии континенталӣ ва ҳам низоми ҳуқуқии англосаксонӣ доранд, қабул карда шудааст. Ба наздикӣ он ба қонунгузории миллии мо низ дохил карда шуд. Мафҳуми шартномаи эскроу дар моддаи 1031-и Кодекси Мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, ки он чунин аст: «мувофиқи шартномаи эскроу (ба амонатгузории шартӣ) қарздор (амонатгузор) уҳдадор мешавад ба агенти эскроу (минбаъд – агент) молу мулкро бо мақсади иҷрои уҳдадории худ оид ба додани он ба дигар шахс, ки ба манфиати он ба амонатгузории молу мулк анҷом дода мешавад (бенефитсиар), ба амонат гузорад, агент бошад, уҳдадор мешавад нигоҳубини ин молу мулкро таъмин намояд ва дар мавриди ба вуҷуд омадани асосҳои дар шартнома пешбинигардида онро ба бенефитсиар супорад.»[408]

Дар заминаи мафҳуми расмии дар КМ ҶТ муқарраргардида хусусиятҳои зерини шартномаи эскроуро ҷудо кардан мумкин аст:

1) шартномаи сетарафа мебошад, ки байни амонатгузор, бенефитсиар ва агенти эскроу баста мешавад;

2) амонатгузор молумулкро ба агенти эскроу чиҳати иҷрои уҳдадориҳои худ дар назди бенефетсиар медиҳад;

3) агенти эскроу молу мулки амонатгузорро нигоҳубин намуда, ҳангоми ба вуҷуд омадани асоси дар шартнома пешбинишуда онро ба бенефитсиар медиҳад[409].

Шартҳои муҳимми шартномаи эскроу ин асоси ба вуҷуд омадани уҳдадории амонатгузор оид ба додани молу мулк ба бенефитсиар, объекти шартнома, муҳлати шартнома ва асоси ба вуҷуд омадани уҳдадории агент оид ба супоридани молу мулк ба бенефитсиар ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин ҳадафҳои асосии шартномаи эскроуро метавонем чунин муайян кунем:

1. таъмини иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ;

2. ҷалби шахси сеюм бо мақсади баланд бардоштани самаранокии шартномаи басташаванда;

---

[407] *Токмаков М.А.* Условное депонирование (эскроу) в праве Росии и США: дис. … канд. юрид. наук. Самара, 2017. С. 63.

[408] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2023 – Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ “Адлия”. Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj

[409] Соҳибзода М.М., Шерзода Б.С. Падидаҳои нави ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал // Зери таҳрири Ғаюрзода Шукрулло Карроматулло – мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.- Душанбе: “Меҳроҷ-граф”, 2023-448 с.

3. таъмини бехатарии молумулке, ки дар назди шахсоне, ки ба он ҳуқуқи моликият надоранд, мебошанд;

4. ба таври назаррас коҳиш додани хатарҳои қаллобӣ.

То ба қонунгузории муосир ворид намудани институти шартномаи эскроу дар таҳқиқот кӯшиши ворид намудани шартномаи эскроу ба таснифи мавҷудаи муносибатҳои шартномавӣ сурат нагирифта буд.

Масъалаи табиати ҳуқуқӣ ва моҳияти шартномаи эскроу масъалаи баҳсталаб аст. Дар айни замон дар доктринаи ҳуқуқӣ оид ба табиати ҳуқуқӣ ва моҳияти шартномаи эскроу фикри ягона вуҷуд надорад. Инро бо он шарҳ дода метавонем, ки шартномаи эскроу дар қонунгузории миллӣ навоварист.

Вобаста аз лахзаи баста шудани шартнома онҳо ба консенсуалӣ ва реалӣ (вокеӣ) ҷудо мешаванд.

Бар хилофи ақидаҳои дар боло зикргардида Д.А. Пентсов қайд мекунад, ки мувофиқи шартномаи эскроу, агенти эскроу уҳдадор мешавад, ки молу мулки муайяни аз амонатгузор ба амонат гирифтаашро баъд аз ба вуқуъ пайвастани шарти муайян барои интиқол ба бенефитсиар иҷро намояд[410]. Дар ин ҷо шартномаи эскроу ҳамчун шартномаи консенсуалӣ ва ҳамчун шартномаи музднок муайян карда мешавад.

Шартномаҳои консенсуалӣ (аз калимаи лотинӣ consensus-созиш) аз лаҳзаи байни тарафҳо доир ба шартҳои муҳим ва дар шакли пешбинишудаи қонун ба созиш омадани тарафҳо басташуда ҳисобида мешавад. Шартномаҳои хариду фуруш, шартӣ (эскроу), маҳсулотсупорӣ ва ғ. ба ин намуди шартнома мисол шуда метавонанд. Барои шартномаи басташуда эътироф кардани шартномаӣ реалӣ (реалӣ аз калимаи лотини res-ашё) доир ба шартҳои муҳими шартнома ба созиш омадани тарафҳо кифоя нест. Ғайр аз ин, зарур аст, ки предмети (объекти) шартнома ба тараф супорида шавад. Масалан, дар шартномаи амонатгузорӣ то он вақте ки ашё ба амонатнигоҳдоранда супорида нашавад, шартнома басташуда ҳисоб намеёбад. Ё худ дар шартномаи қарз қарздиҳанда бояд маблағеро, ки дойр ба он байни тарафҳо созиш ба амал омада буд, ба қарзгиранда бояд супорад. Ҳамин тавр, шартномаҳои реалӣ танҳо аз лаҳзаи ба таври реалӣ иҷро шудани предметаш шартнома басташуда эътироф карда мешавад. Вобаста ба он ки барои эътиборнокии шартнома асоси ба вуҷуд омадани он аҳамият дорад ё не, шатномаҳо асоснок (каузалӣ) ва шартномаҳои норавшан (абстрактӣ) мешаванд.

Ба ақидаи муаллиф ин шартнома консенсуалӣ мебошад, зерро агар мо аз лаҳзаи байни тарафҳо доир ба шартҳои муҳим ва дар шакли пешбинишудаи шартнома ба созиш омадани тарафҳо таҳлил намоем шартномаи мазкур басташуда ҳисобида мешавад.

Шартномаи эскроу дар муносибатҳои маданӣ бо яке аз хусусиятҳои хоси худ иштирок менамояд, ки онро аз дигар намуди муносибатҳо фарқ

---

[410] *Пентсов Д.А.* Договор эскроу по швейцарскому праву // Закон. 2013. № 1. С. 148.

11 См. об этом подп. § 2 гл. 1 настоящей работы.

намудан мумкин аст, яъне бо хусусияти асосии худ баромад мекунад, ки онҳам истифодаи калимаи “шартӣ” мебошад.

М.Э. Моргачева, шартномаи эскроуро яке аз усулҳои самараноки пардохт маънидод намудааст, ки функсияи таъминотиро иҷро мекунад.[411] Бо ин мавқеъ баҳс кардан мураккабиятҳои зиёд додар, зеро шартномаи эскроу пеш аз ҳама барои таъмини иҷрои уҳдадориҳо баста мешавад, ки дар муносибатҳои байни тарафҳо шахси сеюм, яъне агенти эскроу пайдо мешавад. Ин ақидаро Д.К. Дубнова низ дастгири менамояд, ки ӯ шартномаи эскроуро уҳдадории бисёртарафаи таъминотӣ меномад.[412]

Ҳамин тариқ, таҳлили масъалаи марбут ба мафҳум ва аломатҳои асосии шартномаи амонатгузорӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст.

Заминаҳои ташкили чунин шартномаи ҳуқуқии маданӣ, ба монанди шартномаи амонатгузорӣ, ҳангоми муҳокимаи ислоҳоти қонунгузории маданӣ ба вуҷуд омад. Маҳз дар ҳамин вақт қабули қарор дар бораи таҳияи сохтори боби нав дар кодекси маданӣ (боби 52), ки "ЭСКРОУ" пайдо шуд.

Шартномаи амонатгузорӣ созишномаест, ки тибқи он амонатгузор ӯҳдадор мешавад, ки молу мулкро ба агенти эскроу бо мақсади иҷрои ӯҳдадории амонатгузор оид ба додани он ба шахси дигар, ки ба манфиати он амонатгузории молу мулк (бенефитсиар) амалӣ карда мешавад, супорад ва агенти эскроу ӯҳдадор мешавад, ки бехатарии ин молу мулкро таъмин кунад ва ҳангоми ба миён омадани асосҳои дар шартнома муқарраршуда онро ба бенефитсиар супорад. Мақсади ин шартнома таъмини шахси сеюм (агенти эскроу) барои додани молу мулк ба кредитор (бенефитсиар) ҳангоми фарорасии асосҳои дар шартнома пешбинишуда мебошад.

Шартномаи амонатгузорӣ консенсуалӣ, ҷубронашаванда аст; хусусияти фаврӣ ва кафолатӣ дорад; бояд шаҳодатномаи ҳатмии нотариалӣ дошта бошад.

Шартномаи амонатгузорӣ шартҳои калидӣ, аз қабили нарх ва муқаррароти асосии шартномаро дар бар мегирад; ҳуҷҷатҳое, ки бояд аз ҷониби тарафҳои ӯҳдадории асосӣ имзо ва ба агенти эскроу супурда шаванд; тартиби гузариши ҳуқуқҳо ба мавзуи шартнома; тартиби баҳисобгирии молу мулк ба агенти эскроу додашуда ё кушодани суратҳисоби эскроу; санаи иҷрои ӯҳдадории асосӣ; шартҳои бастани эскроу ва тартиби интиқоли молу мулк ё интиқоли маблағҳои дар назди агенти эскроу ё дар суратҳисоби эскроу; мукофоти агенти эскроу ва тартиби пардохти он.

Ба шартҳои муҳими шартномаи амонатгузорӣ шарти мавзӯи шартномаи амонатгузорӣ, шартҳои асосӣ барои додани молу мулк ба бенефитсиар дохил карда мешавад. Дар ин ҳолат, шартҳо ба монанди мӯҳлати шартномаи амонатгузорӣ ва нарх шартҳои муҳим нестанд.

---

[411] Моргачева М. Е. Правовые различия конструкции договора эскроу и его аналогов по праву России // Вестник арбитражной практики. 2015. № 2. С. 23

[412] Дубнова Д. К. Правовая природа договора счета эскроу // Юрист. 2018. № 2.

Шартномаи амонатгузорӣ сеҷониба буда, байни амонатгузор, бенефитсиар ва агенти эскроу баста мешавад. Иштироки ҳар се шахс дар бастани шартномаи эскроу бо он шарҳ дода мешавад, ки барои иҷрои он амалҳои ҳар як ҷониб талаб карда мешаванд. Дар ин ҳолат, бояд қайд кард, ки қонунгузор ба тарафҳои ин шартнома ягон талаботи махсус муқаррар накардааст. Аз ин рӯ, ҳама гуна субъектҳои ҳуқуқи маданӣ метавонанд ҳамчун агенти эскроу баромад кунанд, на танҳо бонкҳо.

**Адабиёт:**


1. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2023 – Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ “Адлия”. Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат 15.03.2025).
2. Абдулазизи А. Пайдоиши падидаи эскроу дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Маърифати ҳуқуқӣ омили тарбияи ҷавонон дар ҷомеаи муосир» бахшида ба эълон гардидани «Соли 2024-соли маърифати ҳуқуқӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, – Хоруғ, 2024. С. 6-11.
3. Чураков Р.С. Эскроу-счет по российскому праву // Закон. 2007. № 8. С. 28. См. также: *Горбылев С.В.* Применение эскроу-счетов в целях ипотечного кредитования: американский опыт правового регулирования и российская правовая действительность // Институты гражданского права и модернизация экономики: материалы V ежегод. науч. чтений памяти проф. С.Н. Братуся (Москва, 25 окт. 2010г.) / отв. ред. Н.Г. Доронина. – М.: Юстицинформ, 2011. – С. 283-289.
4. Блинкова Е.В. Договор счета эскроу в гражданском праве // Конвергенция частного и публичного права: первые итоги модернизации российского законодательства и перспективы его развития: сб. ст. / отв. ред. Ю.С. Харитонова. – М., 2014. – С. 70.
5. Токмаков М.А. Условное депонирование (эскроу) в праве России и США : дис. ... канд. юрид. наук. – Самара, 2017. – 239 с.
6. Соҳибзода М.М., Шерзода Б.С. Падидаҳои нави ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал // Зери таҳрири Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло – мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор. – Душанбе: “Меҳроҷ-граф”, 2023. – 448 с.
7. Пентсов Д.А. Договор эскроу по швейцарскому праву // Закон. 2013. № 1. С. 148. 11 См. об этом подп. § 2 гл. 1 настоящей работы.
8. Моргачева М. Е. Правовые различия конструкции договора эскроу и его аналогов по праву России // Вестник арбитражной практики. 2015. № 2. С. 23
9. Дубнова Д. К. Правовая природа договора счета эскроу // Юрист. 2018. № 2.



**Мақола дар редаксия ворид шуд: 21.04.2025**
**Аз тақриз баргашт: 09.06.2025**
**Ба чоп тавсия шуд: 16.06.2025**

# ТАСНИФИ ХИЗМАТҲОИ КОСМЕТОЛОГӢ ВА ХИЗМАТҲОИ МАРБУТ БА ОН: ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚӢ

**Маҷидова Рухшона Субҳонқуловна,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат.
**Тел:** +992 909099021
**Email:** rukhshonamajidova80@gmail.com

**Фишурда.** Хизматрасониҳои косметологӣ ва расмиёти марбут ба онҳо дар саноати зебоӣ ва тандурустӣ ҷойгоҳи муҳим доранд ва доираи васеи расмиётро, аз нигоҳубини пӯст то ҷарроҳии эстетикӣ, фаро мегиранд. Танзими ҳуқуқии ин хизматҳо байни кишварҳо ба таври ҷиддӣ фарқ мекунад, ки ба тасниф, сифат ва бехатарии онҳо барои муштариён таъсир мерасонад. Ин тадқиқот таҳлили муқоисавии муфассали қонунгузории Ҷумҳурии Мардумии Чин, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҷумҳурии Туркия, Давлати Исроил, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Иттиҳоди Аврупо, Япония ва Ҷумҳурии Кореяро анҷом медиҳад ва мавқеи олимони ҳуқуқшиносро дар бораи таснифи ин хизматҳо баррасӣ мекунад. Стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла тавсияҳои Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ ва Созмони Байналмилалии Стандартизатсия ба назар гирифта шудаанд. Бар асоси таҳлил, тавсияҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд, ки шароити иҷтимоию иқтисодӣ, хусусиятҳои фарҳангӣ ва таҷрибаи байналмилалиро ба эътибор мегиранд, то заминаи муассири ҳуқуқӣ барои рушди саноати зебоӣ ва ҳифзи ҳуқуқи муштариён таъсис дода шавад.

**Калидвожаҳо:** хизматрасониҳои косметологӣ, танзими ҳуқуқӣ, тасниф, бехатарӣ, иҷозатномадиҳӣ, сертификатсия, Тоҷикистон, стандартҳои байналмилалӣ, саноати зебоӣ.

# КЛАССИФИКАЦИЯ КОСМЕТОЛОГИЧЕСКИХ УСЛУГ И СОПУТСТВУЮЩИХ УСЛУГ: ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ

**Маджидова Рухшона Субхонкуловна,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, соискатель кафедры предпринимательского и коммерческого права.
**Тел.:** +992 909099021
**Email:** rukhshonamajidova80@gmail.com

**Аннотация.** Косметологические услуги и сопутствующие процедуры являются важным сегментом индустрии красоты и здравоохранения,

охватывая широкий спектр процедур от ухода за кожей до эстетической хирургии. Правовое регулирование данных услуг существенно различается между странами, что оказывает влияние на их классификацию, стандарты качества и безопасность для потребителей. Настоящее исследование проводит детальный сравнительный анализ законодательства Китайской Народной Республики, Соединенных Штатов Америки, Турецкой Республики, Государства Израиль, Исламской Республики Иран, Европейского Союза, Японии и Республики Корея, а также рассматривает позиции ученых-правоведов по вопросам классификации этих услуг. Учтены международные стандарты, включая рекомендации Всемирной организации здравоохранения и Международной организации по стандартизации. На основе проведенного анализа разработаны рекомендации для Республики Таджикистан, учитывающие местные социально-экономические условия, культурные особенности и международный опыт, с целью создания эффективной нормативной базы для развития индустрии красоты и защиты прав потребителей.

**Ключевые слова:** косметологические услуги, правовое регулирование, классификация, безопасность, лицензирование, сертификация, Таджикистан, международные стандарты, индустрия красоты.

## CLASSIFICATION OF COSMETOLOGY SERVICES AND RELATED SERVICES: LEGAL ANALYSIS

**Majidova Rukhshona Subhonqulovna,**
Tajik National University, Faculty of Law, researcher at the Department of Entrepreneurship and Commercial Law.
**Tel.:** +992 909099021
**Email:** rukhshonamajidova80@gmail.com

**Annotation.** Cosmetology services and related procedures constitute a vital segment of the beauty and healthcare industry, encompassing a wide range of activities from skincare to aesthetic surgery. The legal regulation of these services varies significantly across countries, impacting their classification, quality standards, and consumer safety. This study conducts a detailed comparative analysis of the legislation in the People's Republic of China, the United States of America, the Republic of Turkey, the State of Israel, the Islamic Republic of Iran, the European Union, Japan, and the Republic of Korea, while also examining the perspectives of legal scholars on the classification of these services. International standards, including recommendations from the World Health Organization (WHO) and the International Organization for Standardization (ISO), are taken into account. Based on the analysis, recommendations are proposed for the Republic of Tajikistan, tailored to its socio-economic conditions, cultural specifics, and international practices, aiming to establish an effective legal framework for the development of the beauty industry and the protection of consumer rights.

**Keywords:** cosmetology services, legal regulation, classification, safety, licensing, certification, Tajikistan, international standards, beauty industry.

Хизматҳои косметологӣ ва расмиётҳои марбут ба онҳо ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҳаёти муосир, ки эҳтиёҷоти ҷамъиятро ба эстетика ва тандурустӣ ифода мекунанд, мавқеи калон доранд. Ин хизматҳо нигоҳубини пӯст (маскҳо, пилингҳо), усулҳои инъексионӣ (ботокс, филлерҳо), технологияҳои лазерӣ (эпилятсия, ҷавонсозӣ) ва ҷарроҳии эстетикӣ (липосаксия, ринопластика), инчунин расмиётҳои марбут, аз қабили массаж, маникюр ва санъати парикмахерӣ-ро дар бар мегиранд. Дар ҳаҷми ҷаҳонӣ саноати зебоӣ ба $500 млрд арзёбӣ мешавад (мувофиқи маълумоти Statista, 2023), ва рушди он идома дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин соҳа низ рушд мекунад: мувофиқи маълумоти Вазорати иқтисод ва тиҷорати ҶТ (2023), шумори салонҳои зебоӣ дар Душанбе аз 450 дар соли 2018 то 562 дар соли 2023 афзоиш ёфтааст, ки ин афзоиши 25%-ро ташкил медиҳад. Аммо набудани қонунгузории махсус боиси номуайянии ҳуқуқӣ, афзоиши хатарҳо барои муштариён (масалан, мушкилот аз процедураҳои нокомил) ва боздошти рушди касбии соҳа мегардад. Ҳуқуқшиноси чинии Ли Вэй таъкид мекунад, ки набудани танзим ба саломатии аҳолӣ хатар расонда, эҷоди заминаи меъёрии равшанро талаб мекунад[413]. Аҳаммияти таҳқиқ бо зарурати таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ барои ҳамроҳ кардани амалиётҳои беҳтарин дар шароити Тоҷикистон иртибот дорад.

Косметология решаи таърихии амиқ дорад. Дар Чини давраи Тан (618-907 солҳо) занон омехтаҳои гиёҳиро барои нигоҳубини пӯст истифода мекарданд, ки дар «Ёддоштҳои таърихӣ»-и Сӣ Ма Цянь қайд шудааст. Дар Аврупои асри XVIII санъати парикмахерӣ ҳамчун фаъолияти касбӣ пайдо шуд: дар Фаронса дар солҳои 1760 нахустин стандартҳо барои салонҳо ҷорӣ карда шуданд, ва устодон иҷозатномаҳо аз гилдияҳо мегирифтанд. Дар қаламрави Тоҷикистони муосир, ки қисми Империяи Форс (асрҳои VI то м. – VII м.) буд, нигоҳубини зоҳирӣ қисми фарҳанг буд: занон хнаро барои ранг кардани мӯй ва равғанҳои табииро барои пӯст истифода мекарданд, ки дар анъанаҳои халқӣ боқӣ мондааст. Дар давраи шӯравӣ (1924–1991) косметология дар Тоҷикистон бо меъёрҳои умумии тандурустии Иттиҳоди Шуравӣ танзим мешуд: қоидаҳои санитарӣ барои парикмахерҳо (Сан ПиН 1964) талаботи асосии гигиенаро талаб мекарданд, аммо процедураҳои мураккабро фаро намегирифтанд. Пас аз ба даст овардани истиқлол дар соли 1991, заминаи ҳуқуқӣ боқӣ монд, ки ба моддаҳои Қонуни ҷиноятии ҶТ (1998) ва Қонуни «Дар бораи тандурустӣ» (1997) маҳдуд шуд, ки вижагиҳои косметологияи муосириро ба назар намегиранд.

[413] Ли Вэй. Правовое регулирование медицинских услуг в Китае // Журнал права КНР. – 2015. – № 3. – С. 47.

Хизматҳои косметологӣ маҷмуи протседураҳое мебошанд, ки ба беҳтар намудани зоҳир ё ислоҳи нуқсонҳои ҷисмонӣ равона шудаанд. Онҳо бо се меъёри асосӣ тасниф карда мешаванд:

1. Мақсади пешниҳод:

- Протседураҳои эстетикӣ: наносани маскҳо, макияж, пилингҳои сатҳӣ, ки ба беҳтар намудани зоҳир бе нишондиҳандаҳои тиббӣ равона шудаанд.

- Проседураҳои тиббӣ: бартараф кардани доғҳо, муоҷизаи акне бо лазер, ислоҳи нуқсонҳо бо мақсади табобатӣ.

2. Усулҳои иҷро:

- Ғайриинвазивӣ: маскҳо, пилингҳо, массажи рӯй — протседураҳое, ки бо ҳалоби пӯстӣ иҷро намешаванд.

- Кам инвазивӣ: инъексияҳои ботокс, филлерҳо, мезотерапия — бо ҳалоби нисбатан кам.

- Инвазивӣ: ҷарроҳии пластикӣ, липосаксия, ринопластика — бо ҳалоби амиқ.

3. Салоҳияти иҷрокунандагон:

- Косметикӣ: аз ҷониби мутахассисони бе таҳсилоти тиббӣ иҷро карда мешаванд (парикмахерҳо, косметологҳои эстетист).

- Тиббӣ: иҷозатномаи тиббӣ талаб мекунанд (дерматологҳо, ҷарроҳони пластикӣ).

Ҳуқуқшиноси амрикоӣ Ҷон Блэк таъкид мекунад, ки дараҷаи хатар барои тандурустӣ омили муайянкунандаи тасниф дар ИМА мебошад: процедураҳои бо хатари баланд (инъексияҳо) назорати тиббӣ талаб мекунанд, дар ҳоле ки процедураҳои бо хатари паст (маскҳо) барои косметологҳо дастрасанд[414].

Хизматҳои марбут протседураҳое мебошанд, ки ба косметология илова карда мешаванд, аммо ҳамеша бо он мустақиман алоқаманд нестанд:

- Массаж: релаксӣ (эстетикӣ) ё табобатӣ (муоҷизаи қафо).

- Маникюр ва педикюр: нигоҳубини нохун, аз ҷумла пӯшиши декоративӣ.

- Санъати парикмахерӣ: қайқӣ, ранг кардан, услуб.

- Протседураҳои спо: печондан, сауна, гидротерапия.

Мақоми ҳуқуқии онҳо вобаста ба дараҷаи таъсир ба тандурустӣ мебошад. Ҳуқуқшиноси турк Аҳмет Йилмаз чунин хизматҳоро ҳамчун тиҷоратӣ тасниф мекунад, агар онҳо таъсири тиббӣ надошта бошанд[415], дар ҳоле ки дар Исроил Ронен Перри барои процедураҳои бо таъсири табобатӣ, масалан, массаж дар остеохондроз, назорати тиббӣ талаб мекунад[416]. Мисол: дар Тоҷикистон маникюр аксар вақт бе сертификатсия иҷро мешавад, ки хатари инфексияҳоро меафзояд.

---

[414] Black J. Regulation of Cosmetic Procedures in the USA // American Law Review. — 2018. — Vol. 72. — P. 128.

[415] Yılmaz A. Sağlık Hukuku ve Kozmetik Hizmetler // Türk Hukuk Dergisi. — 2020. — № 15. — С. 82.

[416] Perry R. Medical Law and Aesthetics in Israel // Israel Journal of Law. — 2017. — Vol. 10. — P. 62.

Созмонҳои байналмилалӣ чорчӯби асосиро барои тасниф муқаррар мекунанд:

- ТУТ: Тавсия мекунад, ки процедураҳои инвазивӣ ва кам инвазивӣ ҳамчун тиббӣ ҳисоб карда шаванд, ки назорати қатъӣ ва салоҳияти иҷрокунандагонро талаб мекунанд[417]. Масалан, инъексияҳои ботокс ҳамчун тиббӣ тасниф карда мешаванд, зеро хатари мушкилот (аллергия, некроз) доранд.

- ISO: Стандарти ISO 22716 (2007) истеҳсоли маҳсулоти косметикиро танзим мекунад, аз ҷумла талабот ба гигиена, бехатарӣ ва нишондиҳӣ. ISO 17679: 2016 стандартҳоро барои хизматҳои спо муқаррар мекунад: тозагии ҷойҳо, таълими кормандон, назорати таҷҳизот.

Ин стандартҳо ба қонунгузории миллӣ, хусусан дар кишварҳои бо саноати зебоӣ рушдёфта, аз қабили Япония ва Ҷумҳурии Корея, таъсир мерасонанд, ки онҳо ба қонунҳои тандурустӣ ҳамроҳ карда шудаанд.

Набудани ягонагии тасниф мушкилоти ҳуқуқӣ ва амалиро ба вуҷуд меорад:

- Дар ИМА пилингҳои сатҳӣ метавонанд дар Техас ҳамчун косметикӣ ва дар Калифорния ҳамчун тиббӣ ҳисоб карда шаванд, ки боиси музокирот дар бораи салоҳияти иҷрокунандагон мегардад[418].

- Дар ИА Ханс Миклиц қайд мекунад, ки таснифи номуайян истифодаи Қарордоди (ЕС) № 1223/2009-ро, хусусан барои процедураҳои кам инвазивӣ, мушкил мекунад[419].

- Дар Тоҷикистон набудани тасниф боиси он мегардад, ки процедураҳои инъексионӣ дар салонҳо бе иҷозатнома иҷро карда мешаванд, ки хатари мушкилотро меафзояд (масалан, инфексияҳо пас аз филлерҳо).

Ин мушкилот зарурати ягонагии равишҳо ё мутобиқсозии онҳо бо шароити маҳаллиро таъкид мекунанд.

Ҳуқуқшиносон равишҳои гуногунро пешниҳод мекунанд:

- Функционалӣ: тасниф бо мақсади процедура (эстетикӣ ё тиббӣ), ки аз ҷониби Ли Вэй барои осон кардани танзим дастгирӣ мешавад[420].

- Риск-асосӣ: бо дараҷаи хатар барои тандурустӣ асос ёфтааст, ки Ҷон Блэк пешниҳод мекунад[421].

- Салоҳиятӣ: вобаста ба тайёрии иҷрокунанда, ки Ким Мин-Су дар контексти сертификатсия таъкид мекунад[422].

---

[417] Ван ден Босхе П. Международные стандарты в медицине и косметологии // Журнал международного права. — 2019. — № 5. — С. 15.

[418] Black J. Regulation of Cosmetic Procedures in the USA // American Law Review. — 2018. — Vol. 72. — P. 130.

[419] Micklitz H. Consumer Protection in EU Cosmetic Law // European Law Journal. — 2016. — Vol. 22. — P. 99.

[420] Ли Вэй. Правовое регулирование медицинских услуг в Китае // Журнал права КНР. — 2015. — № 3. — С. 49.

[421] Black J. Regulation of Cosmetic Procedures in the USA // American Law Review. — 2018. — Vol. 72. — P. 129.

[422] Kim Min-Su. Legal Framework of Cosmetic Industry in Korea // Korean Journal of Law. — 2020. — Vol. 18. — P. 75.

Ин равишҳо асоси таҳлили қонунгузориро дар қисмҳои оянда ташкил медиҳанд.

Таҳлили қонунгузорӣ ва андешаҳои олимони ҳуқуқшинос:

1. Ҷумҳурии Мардумии Чин. Қонуни Чин дар бораи иҷозатномадиҳии амалиёти тиббӣ (2009) протседураҳое, ки пӯстро мешконанд (инъексияҳои ботокс, эпилятсияи лазерӣ), ҳамчун тиббӣ тасниф мекунад, ки иҷозатномаи тиббӣ ва назорати Вазорати тандурустиро талаб мекунанд. Процедураҳои ғайриинвазивӣ (маскҳо, нигоҳубини пӯст) ҳамчун фаъолияти тиҷоратӣ танзим карда мешаванд ва зери назорати Идораи давлатии назорати бозор (SAMR) мебошанд. Ҳуқуқшиноси чинии Ли Вэй мегӯяд, ки ин равиш дастрасии хидматро барои аҳолӣ осон мекунад, дар ҳоле ки бехатарии процедураҳои мураккаб нигоҳ дошта мешавад[423]. Мисол: дар соли 2018 дар Пекин салони ғайриқонунӣ пас аз он ки муштариён аз инъексияҳои бе иҷозатнома мушкилот (илтиҳоб) доштанд, баста шуд. Хизматҳои марбут (массаж, маникюр) иҷозатномаи тиҷоратӣ талаб мекунанд ва сифати онҳо тавассути тафтишоти санитарӣ назорат карда мешавад. Мувофиқи маълумоти Идораи омори миллӣи Чин (2022), дар кишвар беш аз 1,2 млн салони зебоӣ фаъолият мекунанд, ки ин андозаи соҳаро нишон медиҳад.

2. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико. Танзими хизматҳои косметологӣ дар ИМА дар сатҳи иёлотҳо амалӣ мешавад, ки боиси гуногунӣ дар равишҳо мегардад. Дар Калифорния процедураҳои инвазивӣ (ҷарроҳии пластикӣ, процедураҳои лазерии амиқ) иҷозатномаи тиббӣ талаб мекунанд, ки аз ҷониби Шӯрои тиббии Калифорния (California Medical Board) дода мешавад, ва процедураҳои ғайриинвазивӣ (маскҳо, пилингҳои сатҳӣ) барои косметологҳо бо сертификат аз Шӯроҳои косметология (Boards of Cosmetology) дастрасанд. Дар Техас пилингҳои миёнаи чуқурӣ ҳамчун косметикӣ тасниф карда мешаванд, ки ҳуқуқҳои косметологҳоро васеъ мекунанд. Қонуни федералии дар бораи маҳсулоти ғизоӣ, доруҳо ва косметика (FD&C Act, 1938, бо тағйирот) бехатарии маҳсулот, аз ҷумла косметика ва доруҳои тиббӣ (масалан, ботокс)-ро танзим мекунад. Ҷон Блэк таъкид мекунад, ки хатар барои тандурустӣ омили калидии тасниф аст: процедураҳои бо хатари баланд (инъексияҳо) назорати қатъӣ талаб мекунанд[424]. Мисол: дар соли 2019 дар Ню-Йорк косметолог барои инъексияҳои ғайриқонунӣ ба ботокс, ки боиси реаксияҳои аллергӣ дар се муштарӣ гардид, ҷаримаи $10,000 гирифт, ки кор ба суд расид. Хизматҳои марбут (маникюр) тавассути сертификатсия дар сатҳи иёлотҳо танзим карда мешаванд.

3. Ҷумҳурии Туркия. Қонуни амалиёти тиббӣ (1928, бо тағйироти 2008) протседураҳои бо таъсири тиббӣ (терапияи лазерӣ, инъексияҳо)-ро ҳамчун амалиёти тиббӣ тасниф мекунад, ки иҷозатномаи Вазорати тандурустиро

---

[423] Ли Вэй. Правовое регулирование медицинских услуг в Китае // Журнал права КНР. — 2015. — № 3. — С. 48.

[424] Black J. Regulation of Cosmetic Procedures in the USA // American Law Review. — 2018. — Vol. 72. — P. 130.

талаб мекунанд. Хизматҳои косметикӣ (макияж, нигоҳубини пӯст) зери ихтиёри Вазорати тиҷорат танзим карда мешаванд ва ҳамчун фаъолияти тиҷоратӣ ҳисоб карда мешаванд. Аҳмет Йылмаз барои ҳифзи ҳуқуқи муштариён ба тафовути равшан байни хизматҳои тиббӣ ва косметикӣ таъкид мекунад, ки набудани назорат боиси афзоиши шикоятҳо мегардад[425]. Мисол: дар соли 2021 дар Анталия салони спо дар минтақаи туристӣ иҷозатнома барои пешниҳоди хидматҳо гирифт, ки ҳаҷми муштариёнро 15% ва даромадро 20% афзуд (мувофиқи маълумоти Ассотсиатсияи туризми Туркия). Хизматҳои марбут (массаж) сертификатсияи асосӣ талаб мекунанд, хусусан дар минтақаҳои туристӣ.

4. Давлати Исроил. Қонуни амалиёти тиббӣ (1976) процедураҳои инвазивӣ ва кам инвазивӣ (инъексияҳо, ислоҳи лазерӣ)-ро ҳамчун тиббӣ ҳисоб мекунад, ки иҷозатномаи Вазорати тандурустиро талаб мекунанд. Процедураҳои ғайриинвазивӣ (маскҳо, маникюр) талаботи ҳадди ақалро доранд ва ҳамчун фаъолияти тиҷоратӣ танзим карда мешаванд. Ронен Перри назорати қатъиро бо зарурати коҳиши хатарҳо барои тандурустӣ ҳаққоният медиҳад, ки ба ҳолатҳои мушкилот ишора мекунад[426]. Мисол: дар соли 2020 дар Теҳрон клиника пас аз он ки муштарӣ аз процедураи лазерӣ, ки бе иҷозатнома иҷро шуда буд, сӯхт гирифт, баста шуд, ки боиси даъвои судӣ ба маблағи 50,000 шекел ($15,000) гардид. Хизматҳои марбут, аз қабили массажи табобатӣ, салоҳияти тиббӣ талаб мекунанд ва массажи эстетикӣ – таълими асосӣ.

5. Ҷумҳурии Исломии Эрон. Танзими хизматҳои косметологӣ дар Эрон стандартҳои тиббӣ ва меъёрҳои исломӣ-ро ҳамроҳ мекунад. Протседураҳои инвазивӣ (ҷарроҳии пластикӣ) иҷозатномаи Вазорати тандурустиро талаб мекунанд, ва процедураҳои ғайриинвазивӣ (нигоҳубини пӯст) зери қонунгузории тиҷоратӣ бо назардошти талаботҳои фарҳангӣ (масалан, манъи салонҳои омехта) ҳисоб карда мешаванд. Муҳаммад Ҳусейнӣ аҳаммияти ҷудокунии ҷинсиро ҳамчун қисми тасниф таъкид мекунад, ки бо анъанаҳо мувофиқ аст[427]. Мисол: дар Теҳрон салонҳо барои мардон ва занон ҷудо кор мекунанд, ва ҳалокаи ин қоида ҷарима то 10 млн риал ($250) ба бор меорад. Хизматҳои марбут (парикмахерӣ) ҳамчун фаъолияти тиҷоратӣ бо сертификатсияи ҳатмӣ танзим карда мешаванд.

6. Иттиҳоди Аврупо. Дар ИА хизматҳои косметологӣ дар ду сатҳ танзим карда мешаванд: умумиаврупоӣ ва миллӣ. Қарордоди (ЕС) № 1223/2009 талаботҳо ба бехатарии маҳсулоти косметикиро муқаррар мекунад: манъи озмоиш ба ҳайвонот, сабти ҳатмии воситаҳо, назорати таркиб (масалан, манъи беш аз 1300 модда). Протседураҳои инвазивӣ (инъексияҳо) ҳамчун тиббӣ тасниф карда шуда, Директиваи 2005/36/ЕС салоҳияти духтуронро талаб мекунанд. Ханс Миклитс бехатариро ҳамчун

[425] Yılmaz A. Sağlık Hukuku ve Kozmetik Hizmetler // Türk Hukuk Dergisi. — 2020. — № 15. — С. 85.
[426] Perry R. Medical Law and Aesthetics in Israel // Israel Journal of Law. — 2017. — Vol. 10. — P. 62
[427] Хоссейни М. Исламское право и косметология // Журнал иранского права. — 2019. — № 4. — С. 37.

асоси тасниф таъкид мекунад, ки зарурати ягонагиро талаб мекунад[428]. Мисол: дар Олмон инъексияҳои ботокс танҳо аз ҷониби духтурон иҷро карда мешаванд, ва дар Итолиё пилингҳои миёнаи чуқурӣ барои косметологҳо бо сертификат пас аз 300 соат таълим дастрасанд. Хизматҳои марбут (спо) бо меъёрҳои миллӣ бо назардошти ISO 17679:2016 танзим карда мешаванд.

7. Ҷопон. Қонуни амалиёти тиббӣ (1948) ва Қонуни назорати сифати маҳсулоти дорӯӣ ва тиббӣ (1960) процедураҳои инвазивӣ (ҷарроҳии пластикӣ, инъексияҳо)-ро ҳамчун тиббӣ тасниф мекунанд, ки иҷозатномаи Вазорати тандурустӣ, меҳнат ва рафоҳи иҷтимоиро талаб мекунанд. Процедураҳои ғайриинвазивӣ (нигоҳубини пӯст) барои косметологҳо бо сертификатҳо дастрасанд. Ҳироши Ода муТУТинати байни назорати қатъӣ ва рушди саноати зебоиро мебинад, ки рушди иқтисодиро дастгирӣ мекунад[429]. Маҳсулот то 6 моҳ озмоиш мешаванд: дар соли 2022 дар Токио манъи фурӯши филлерҳои ғайриозмоишшуда пас аз ҳолатҳои аллергия ҷорӣ карда шуд. Хизматҳои марбут (массаж) ҳамчун фаъолияти тиҷоратӣ бо аҳамияти гигиена танзим карда мешаванд.

8. Ҷумҳурии Корея. Қонуни тандурустӣ (1951, бо тағйирот) ва Қонуни косметика (2000) хизматҳоро ҷудо мекунанд: процедураҳои инвазивӣ (инъексияҳо) иҷозатномаи духтур талаб мекунанд, процедураҳои ғайриинвазивӣ (маскҳо) зери назорати Вазорати маҳсулоти ғизоӣ ва доруҳо (MFDS) мебошанд. Ким Мин-Су нақши навовариҳо ва сертификатсияро дар рушди саноат таъкид мекунад[430]. Мисол: дар соли 2021 дар Сеул клиника барои истифодаи маҳсулоти ғайрисертификатсия, ки боиси шикоятҳои муштариён гардид, ҷаримаи 5 млн вон ($4,000) гирифт. Корея пешвои саноати косметикӣ аст: соли 2022 содироти косметика ба $7 млрд расид (мувофиқи маълумоти Гумоҳии гумруки Корея).

Чин, Ҷопон, Корея, Исроил ва ИА назорати қатъии процедураҳои инвазивӣ-ро тақвият медиҳанд, ки бо тавсияҳои ТУТ мувофиқ аст[431]. ИМА ва Туркия бо тавассути марказзудоӣ ҳунари танзимро нишон медиҳанд, ва Эрон меъёрҳои фарҳангӣ-ро ҳамроҳ мекунад, ки равишро беназир мекунад. Ҷопон ва Корея ба назорати сифати маҳсулот аҳамият медиҳанд[432]. ИА ба ягонагии стандартҳои бехатарӣ аҳамият медиҳад[433]. ИМА ба равиши риск-

[428] Micklitz H. Consumer Protection in EU Cosmetic Law // European Law Journal. — 2016. — Vol. 22. — P. 97.
[429] Oda H. Japanese Medical and Cosmetic Regulation // Asian Law Review. — 2021. — Vol. 15. — P. 110.
[430] Kim Min-Su. Legal Framework of Cosmetic Industry in Korea // Korean Journal of Law. — 2020. — Vol. 18. — P. 74.
[431] Ван ден Босхе П. Международные стандарты в медицине и косметологии // Журнал международного права. — 2019. — № 5. — С. 16.
[432] Oda H. Japanese Medical and Cosmetic Regulation // Asian Law Review. — 2021. — Vol. 15. — P. 112.; Kim Min-Su. Legal Framework of Cosmetic Industry in Korea // Korean Journal of Law. — 2020. — Vol. 18. — P. 75.
[433] Micklitz H. Consumer Protection in EU Cosmetic Law // European Law Journal. — 2016. — Vol. 22. — P. 99.

асосӣ аҳамият медиҳад[434]. Эрон меъёри фарҳангӣ (ҷудокунии ҷинсӣ)-ро илова мекунад[435].

Фарқиятҳо дар тасниф ҳамкории байналмилалиро мушкил мекунанд: масалан, сертификатсияи косметологҳо дар ИМА дар ИА бе имтиҳонҳои иловагӣ қабул намешавад. Ҳуқуқшиносҳои эронӣ мавқеи фарҳангӣ-ро таъкид мекунанд[436], ва аврупоӣ зарурати стандартҳои ягонаро[437]. Дар Тоҷикистон набудани танзим боиси афзоиши процедураҳои ғайриқонунӣ мегардад.

Тавсияҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон:

1. Таъсиси заминаи меъёрӣ. Қонуни "Дар бораи хизматҳои косметологӣ ва хизматҳои марбут"-ро таҳия намудани зарур аст, ки хизматҳоро ба тиббӣ (инвазивӣ ва кам инвазивӣ) ва косметикӣ (ғайриинвазивӣ) ҷудо мекунад, бо истифода аз равиши Ҷопон[438]. Қонун бояд рӯйхати процедураҳо, талабот ба иҷрокунандагон ва ҷаримаҳо барои ҳалокатҳо (то 10,000 сомонӣ, $1,000)-ро дар бар гирад.

2. Иҷозатномадиҳӣ барои протседураҳои тиббӣ (духтурон бо 2 сол таҷриба) ва сертификатсия барои косметикт (курсҳои 6 моҳ)-ро ҷорӣ намудан[439].

3. Таъсис додани мақомоти давлатии назорати хизматҳои косметологӣ дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо стандартҳои ИА ва Япония таъсис диҳед[440].

4. Муқаррар намудани иҷозатнома барои массажи табобатӣ (салоҳияти тиббӣ), сертификатсия барои эстетикӣ (курсҳо)[441].

Таҳлил гуногунӣ дар равишҳои таснифи хизматҳои косметологӣ-ро нишон дод: аз назорати қатъии тиббӣ дар Ҷопон то ҳунари ИМА ва мутобиқсозии фарҳангӣ дар Эрон. Барои Тоҷикистон система пешниҳод шудааст, ки назорати тиббӣ, озодии тиҷоратӣ ва ҳисобгирии анъанаҳо-ро ҳамроҳ мекунад, ки рушди саноат ва бехатарии муштариёнро таъмин мекунад.

**Адабиёт:**

1. Ли Вэй. Правовое регулирование медицинских услуг в Китае // Журнал права КНР. — 2015. — № 3. — С. 45–52.

2. Black J. Regulation of Cosmetic Procedures in the USA // American Law Review. — 2018. — Vol. 72. — P. 123–135.

---

[434] Black J. Regulation of Cosmetic Procedures in the USA // American Law Review. — 2018. — Vol. 72. — P. 132.

[435] Хоссейни М. Исламское право и косметология // Журнал иранского права. — 2019. — № 4. — С. 35.

[436] Хоссейни М. Исламское право и косметология // Журнал иранского права. — 2019. — № 4. — С. 38.

[437] Micklitz H. Consumer Protection in EU Cosmetic Law // European Law Journal. — 2016. — Vol. 22. — P. 100.

[438] Oda H. Japanese Medical and Cosmetic Regulation // Asian Law Review. — 2021. — Vol. 15. — P. 113.

[439] Kim Min-Su. Legal Framework of Cosmetic Industry in Korea // Korean Journal of Law. — 2020. — Vol. 18. — P. 75.

[440] Micklitz H. Consumer Protection in EU Cosmetic Law // European Law Journal. — 2016. — Vol. 22. — P. 100.; Oda H. Japanese Medical and Cosmetic Regulation // Asian Law Review. — 2021. — Vol. 15. — P. 112.

[441] Oda H. Japanese Medical and Cosmetic Regulation // Asian Law Review. — 2021. — Vol. 15. — P. 114.

3. Yılmaz A. Sağlık Hukuku ve Kozmetik Hizmetler // Türk Hukuk Dergisi. — 2020. — № 15. — С. 78–90.

4. Perry R. Medical Law and Aesthetics in Israel // Israel Journal of Law. — 2017. — Vol. 10. — P. 56–67.

5. Хоссейни М. Исламское право и косметология // Журнал иранского права. — 2019. — № 4. — С. 33–41.

6. Micklitz H. Consumer Protection in EU Cosmetic Law // European Law Journal. — 2016. — Vol. 22. — P. 89–102.

7. Oda H. Japanese Medical and Cosmetic Regulation // Asian Law Review. — 2021. — Vol. 15. — P. 101–115.

8. Kim Min-Su. Legal Framework of Cosmetic Industry in Korea // Korean Journal of Law. — 2020. — Vol. 18. — P. 67–79.

9. Ван ден Босхе П. Международные стандарты в медицине и косметологии // Журнал международного права. — 2019. — № 5. — С. 12–20.

**Мақола дар редаксия ворид шуд:** 21.04.2025
**Аз тақриз баргашт: 09.06.2025**
**Ба чоп тавсия шуд: 16.06.2025**

# ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИИ ТАШКИЛОТИ ТИҶОРАТИИ САЙЁҲӢ

**Абдусамадзода Сорбон,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат.
**Тел:** +992885011010.
**Email:** sorbon.99@mail.ru

**Фишурад.** Мақола ба баррасии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар он асосҳои ҳуқуқии фаъолияти ин ташкилотҳо тибқи қонунгузории Тоҷикистон, аз ҷумла Кодекси мадании ҶТ, Қонуни “Дар бораи сайёҳӣ” ва дигар санадҳо, таҳлил гардидаанд. Мушкилоти мавҷуда, аз қабили норавшании муқаррарот ва заъфи назорат, муайян шуда, бо қонунгузории Амрико, Аврупо ва Осиё муқоиса шудааст. Таҷрибаи хориҷӣ, аз ҷумла суғуртаи масъулият ва фондҳои ҷуброн, барои такмили низоми Тоҷикистон пешниҳод шудааст. Дар охир, панҷ тавсия барои мушаххас кардани мақом, мувозинати ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, танзими шартномаҳо ва мукаммалгардонии масъулият пешниҳод гардидааст.

**Калидвожаҳо:** Ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ, ҳуқуқ, уҳдадорӣ, қонунгузории Тоҷикистон, Кодекси маданӣ, шартномаи хизматрасонӣ, масъулияти маданӣ, суғурта, таҷрибаи хориҷӣ, рушди сайёҳӣ.

# ПРАВА И ОБЯЗАННОСТИ КОММЕРЧЕСКОЙ ТУРИСТИЧЕСКОЙ ОРГАНИЗАЦИИ

**Абдусамадзода Сорбон,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, соискатель кафедры предпринимательского и коммерческого права.
**Тел.:** +992885011010.
**Email:** sorbon.99@mail.ru

**Аннотация.** Статья посвящена рассмотрению прав и обязанностей коммерческих туристических организаций в Республике Таджикистан. Анализируются правовые основы их деятельности в соответствии с законодательством Таджикистана, включая Гражданский кодекс РТ, Закон «О туризме» и другие акты. Выявлены существующие проблемы, такие как неясность норм и слабый контроль, а также проведено сравнение с законодательством США, Европы и Азии. Зарубежный опыт, включая страхование ответственности и компенсационные фонды, предложен для совершенствования системы Таджикистана. В заключение предложено пять

рекомендаций по уточнению статуса, балансу прав и обязанностей, регулированию договоров и усилению ответственности.

**Ключевые слова:** Коммерческие туристические организации, права, обязанности, законодательство Таджикистана, Гражданский кодекс, договор платных услуг, гражданская ответственность, страхование, зарубежный опыт, развитие туризма.

## RIGHTS AND OBLIGATIONS OF A COMMERCIAL TOURISM ORGANIZATION

**Abdusamadzoda Sorbon,**
Tajik National University, Faculty of Law, researcher at the Department of Entrepreneurship and Commercial Law.
**Tel.:** +992885011010.
**Email:** sorbon.99@mail.ru

**Abstract.** The article examines the rights and obligations of commercial tourism organizations in the Republic of Tajikistan. It analyzes the legal framework of their activities under Tajikistan's legislation, including the Civil Code of the RT, the Law "On Tourism," and other acts. Existing issues, such as unclear regulations and weak oversight, are identified and compared with the legislation of the USA, Europe, and Asia. Foreign practices, including liability insurance and compensation funds, are proposed to improve Tajikistan's system. In conclusion, five recommendations are offered to clarify their status, balance rights and obligations, regulate contracts, and strengthen liability.

**Keywords:** Commercial tourism organizations, rights, obligations, Tajikistan legislation, Civil Code, paid services contract, civil liability, insurance, foreign experience, tourism development.

Ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъектони фаъоли соҳаи сайёҳӣ дорои маҷмӯи ҳуқуқ ва уҳдадориҳое мебошанд, ки дар асоси қонунгузории миллии Тоҷикистон муайян шудаанд. Ин ҳуқуқ ва уҳдадориҳо аз Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 24 декабри 2022, № 1918)[442], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сайёҳӣ" (аз 7 августи 2020, № 1718)[443], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" (аз 9 декабри 2004, № 72)[444] ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ бармеоянд. Бо вуҷуди ин, норавшании баъзе муқаррарот ва набудани механизми муассири назорат ба иҷрои уҳдадориҳо мушкилотеро дар амалия ба миён меорад, ки таҳлили муқоисавӣ бо қонунгузории давлатҳои Амрико, Аврупо ва Осиёро низ зарур мегардонад.

[442] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри 2022, № 1918.
[443] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 августи 2020, № 1718 "Дар бораи сайёҳӣ"
[444] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри 2004, № 72 "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон"

Тибқи моддаи 48 Кодекси мадании ҶТ[445] ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ҳамчун шахсони ҳуқуқӣ ҳуқуқ доранд, ки фаъолияти худро мустақилона анҷом диҳанд, шартномаҳо банданд ва дар бозори хизматрасониҳо иштирок кунанд. Қонуни ҶТ “Дар бораи сайёҳӣ” (моддаи 5)[446] ба онҳо ҳуқуқ медиҳад, ки маҳсулоти сайёҳиро таҳия ва пешниҳод намоянд, аз ҷумла сафарҳои дохилӣ ва байналмилалӣ, хизматрасониҳои меҳмонхонавӣ ва нақлиётӣ. Инчунин, тибқи Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” (моддаи 4)[447], онҳо ҳуқуқ доранд, ки аз дастгирии давлатӣ, аз қабили имтиёзҳои андозӣ истифода баранд.

Қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 июни 2023, № 246 “Дар бораи Ҷоизаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ”[448] ба ширкатҳо ҳуқуқи гирифтани ҷоизаҳои давлатиро барои фаъолияти бомуваффақият медиҳад. Сангинов Д.Ш. дар китоби “Ҳуқуқи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (2021) қайд мекунад, ки ҳуқуқи ширкатҳо ба фаъолияти мустақилона дар Тоҷикистон хуб муайян шудааст, аммо монеаҳои бюрократӣ онро маҳдуд мекунанд[449].

Уҳдадориҳои ширкатҳо аз муносибатҳои онҳо бо муштариён ва давлат бармеоянд. Тибқи моддаи 779 Кодекси мадании ҶТ[450], онҳо вазифадоранд, ки хизматрасониҳои пулакиро бо сифати муайяншуда анҷом диҳанд. Қонуни “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” (моддаи 7)[451] онҳоро муваззаф мекунад, ки маълумоти дақиқ пешниҳод кунанд ва зарарро ҷуброн намоянд. Қарори Ҳукумати ҶТ аз 21 майи 2022, № 239[452] сертификатсияи маҳсулотро ҳатмӣ мекунад, ва Қарори аз 30 марти 2024, № 200[453] пардохтҳои экологиро барои сафарҳо ба минтақаҳои муҳофизатшаванда муқаррар менамояд.

Қонуни ҶТ аз 13 ноябри 2024, № 2104[454] уҳдадориҳои экологӣ ва фарҳангиро сахттар кардааст. Сангинов Д.Ш. ва Искандари С. дар “Предпринимательское право” (2022) қайд мекунанд, ки набудани назорат ин уҳдадориҳоро ғайримуассир мегардонад[455].

---

[445] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри 2022, № 1918. – С. 34

[446][446] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 августи 2020, № 1718 “Дар бораи сайёҳӣ”. – С. 14.

[447] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли 2014, № 1107 “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ”. – С. 10.

[448] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни 2023, № 246 “Дар бораи Ҷоизаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ”. – С. 2.

[449] Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Воситаи таълимӣ. Душанбе: «Эрграф», 2021. – С. 105.

[450] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри 2022, № 1918. – С. 378.

[451] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри 2004, № 72 “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон”. – С. 18.

[452] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи 2022, № 239 “Дар бораи Тартиби сертификатсияи маҳсулоти сайёҳӣ”. – С. 5.

[453]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти 2024, № 200 “Дар бораи Андоза ва тартиби пардохти музди сайёҳии экологӣ”. – С. 4.

[454] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри 2024, № 2104 “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ‘Дар бораи сайёҳӣ’”. – С. 6.

[455] Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование туристской деятельности в Республике Таджикистан: проблемы и пути их решения. Монография. – Душанбе, 2010. – С. 167.

Барои фаҳмиши беҳтар ва такмили танзими ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ширкатҳои сайёҳӣ дар Тоҷикистон, таҳлили қонунгузории давлатҳои Амрико, Аврупо ва Осиё муҳим аст.

- Амрико: Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико танзими фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ асосан дар сатҳи иёлотҳо сурат мегирад, аммо қонунҳои федералӣ низ мавҷуданд. Масалан, "Consumer Protection Act" ҳуқуқи муштариёнро ба маълумоти пурра ва ҷуброни зарар муайян мекунад, ки ба Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон"[456] монанд аст. Аммо, дар Амрико ширкатҳои сайёҳӣ вазифадоранд, ки ба "American Society of Travel Advisors" (ASTA) ҳамроҳ шаванд, ки сифат ва масъулиятро таъмин мекунад. Чунин ассотсиатсия дар Тоҷикистон вуҷуд надорад, ки як камбудӣ аст. Инчунин, ширкатҳо дар Амрико ҳуқуқ доранд, ки дар бозори озод фаъолият кунанд, аммо уҳдадории суғуртаи масъулият ҳатмист, ки дар Тоҷикистон пешбинӣ нашудааст[457].

- Аврупо: Дар Иттиҳоди Аврупо, Директиваи 2015/2302 оид ба сафарҳои баста (Package Travel Directive) ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ширкатҳои сайёҳиро муайян мекунад. Ширкатҳо ҳуқуқ доранд, ки хизматрасониҳои гуногун пешниҳод кунанд, аммо вазифадоранд, ки суғуртаи молиявӣ дошта бошанд, то дар ҳолати муфлисшавӣ зарари муштариён ҷуброн шавад. Масалан, дар Швейтсария, Қонуни "Дар бораи сафарҳои баста" (1994) фонди махсусро барои ҷуброн пешбинӣ мекунад[458]. Дар муқоиса, Тоҷикистон чунин механизм надорад, ки хавфро барои муштариён афзоиш медиҳад. Қарори ҶТ аз 1 июни 2024, № 310[459] бо Гурҷистон ба омӯзиши таҷрибаи Аврупо ишора мекунад, аммо он ҳанӯз амалӣ нашудааст.

- Осиё: Дар Ҷопон, Қонуни "Travel Agency Law" (1952, бо тағйироти 2018) ширкатҳоро вазифадор мекунад, ки дар Вазорати замин, инфрасохтор, нақлиёт ва сайёҳӣ сабти ном шаванд ва суғуртаи масъулият дошта бошанд. Ширкатҳо ҳуқуқ доранд, ки хатсайрҳои гуногун таҳия кунанд, аммо уҳдадории онҳо барои ҳифзи муҳити зист ва фарҳанг сахт назорат мешавад. Дар муқоиса, Қонуни ҶТ аз 13 ноябри 2024, № 2104[460] низ талаботи экологиро ҷорӣ кардааст, аммо дар Ҷопон ҷазоҳои молиявӣ ва маъмурӣ барои вайронкунӣ мушаххастар аст. Дар Чин, "Tourism Law" (2013) ҳуқуқи ширкатҳоро ба рушди бозор таъмин мекунад, аммо онҳоро вазифадор мекунад, ки ба сиёсати давлатӣ ва стандартҳои байналмилалӣ риоя кунанд[461].

---

[456] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри 2004, № 72 "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон". – С. 15.

[457] Sanginov D.Sh. Tourism in the Republic of Tajikistan: theory and practice of the legal regulation. Monograph. – Tehran: Avabook, 2014. – P. 230.

[458] Sanginov D.Sh. Tourism in the Republic of Tajikistan: theory and practice of the legal regulation. Monograph. – Tehran: Avabook, 2014. – P. 225.

[459] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни 2024, № 310 "Дар хусуси лоиҳаи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Гурҷистон". – С. 3.

[460] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри 2024, № 2104 "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон 'Дар бораи сайёҳӣ'". – С. 6.

[461] Sanginov D.Sh. Tourism in the Republic of Tajikistan: theory and practice of the legal regulation. Monograph. – Tehran: Avabook, 2014. – P. 245.

Дар Тоҷикистон, Қарори Ҳукумати ҶТ аз 27 марти 2023, № 113[462] уҳдадории риояи стандартҳои байналмилалиро бо ҳуқуқи рушди фаъолият мутобиқ мекунад. Аммо, дар муқоиса бо Амрико, Аврупо ва Осиё, ки суғуртаи масъулият ва назорати қатъӣ доранд, Тоҷикистон дар ин самт қафо мемонад. "Tourism in the Republic of Tajikistan" (2014) низ ин камбудиро таъкид мекунад[463].

Набудани ҷазоҳои мушаххас барои вайронкунии уҳдадориҳо мушкили асосист. Кодекси мадании ҶТ (моддаи 405)[464] ҷуброни зарарро пешбинӣ мекунад, аммо исботи он мушкил аст. Дар Амрико ва Аврупо, суғурта ин масъаларо ҳал мекунад. Сангинов Д.Ш. дар "Правовое регулирование" (2010) пешниҳод мекунад, ки суғурта ва ҷазоҳо ҷорӣ шаванд[465], ки бо таҷрибаи Ҷопон мувофиқ аст.

Хулоса, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ширкатҳои сайёҳӣ дар Тоҷикистон муайян шудаанд, аммо барои муассирӣ онҳо бояд бо таҷрибаи Амрико (суғурта), Аврупо (фондҳои ҷуброн) ва Осиё (назорати қатъӣ) такмил ёбанд.

Барои рушди ҷанбаҳои ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ пешниҳод менамоем:

1. Ширкатҳои сайёҳӣ дар Тоҷикистон ҳам дар муносибатҳои маданӣ бо муштариён ва ҳам дар муносибатҳои соҳибкорӣ бо давлат иштирок доранд. Ин дугонагӣ аз ҷониби м ҳамчун хусусияти асосии мақоми онҳо муайян шудааст, зеро онҳо ҳамчун субъектҳое фаъолият мекунанд, ки бояд манфиатҳои тиҷоратии худро таъмин намоянд ва талаботи қонунро риоя кунанд. Мо ба хулоса омадем, ки ин дугонагӣ боиси нофаҳмиҳо дар танзим мегардад, чунки масъулияти ширкатҳо дар муносибатҳои маданӣ ва соҳибкорӣ аксар вақт аз ҳам ҷудо дида мешавад. Аз назари мо, ин ду ҷанба бояд ҳамчун як низоми ягона баррасӣ гардад, то ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ширкатҳо дар ҳар ду сатҳ мушаххас ва мутавозин бошад. Ин таъкид аз ҷониби мо барои такмили қонунгузорӣ ва равшанӣ дар фаъолияти ширкатҳо замина мегузорад, ки дар натиҷа ба беҳбуди низоми ҳуқуқии онҳо мусоидат мекунад.

2. Ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дорои ҳуқуқҳое мебошанд, ки онҳоро барои фаъолияти озод ва тиҷоратӣ ҳимоя мекунанд, ва ҳамзамон уҳдадориҳое доранд, ки манфиатҳои муштариён ва давлатро таъмин менамоянд. Аз назари мо, мувозинати ин ду унсур дар қонунгузории Тоҷикистон вайрон шудааст, зеро ҳуқуқи онҳо ба бастани шартномаҳо ва пешниҳоди хизматрасонӣ аксар вақт аз уҳдадориҳояшон, ба мисли сифати хизматрасонӣ ва ҷуброни зарар, бартарӣ дорад. Мо муайян кардем, ки ин номутаносибӣ боиси он мегардад, ки муштариён дар ҳолати вайронкунии

---

[462] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти 2023, № 113 "Дар хусуси тасдиқи Созишнома бо Созмони ҳамкории Шанхай". – С. 5.

[463] Sanginov D.Sh. Tourism in the Republic of Tajikistan: theory and practice of the legal regulation. Monograph. – Tehran: Avabook, 2014. – P. 210.

[464] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри 2022, № 1918. – С. 198.

[465] Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование туристской деятельности в Республике Таджикистан: проблемы и пути их решения. Монография. Душанбе, 2010. – С. 145.

шартнома ҳимояи кофӣ надоранд. Аз ин рӯ, мо пешниҳод мекунем, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар як низоми мутаносиб қарор гиранд, то ҳар ду тараф – ширкатҳо ва муштариён – манфиатҳои худро ҳифз намоянд. Ин мувозинат, ба андешаи мо, барои таъмини адолат дар муносибатҳо ва рушди устувори соҳаи сайёҳӣ аҳамияти калон дорад.

3. Шартномаи хизматрасонии пулакии сайёҳӣ дар фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ нақши марказӣ дорад, зеро он муносибатҳои байни онҳо ва муштариёнро танзим мекунад. Аз назари мо, ин шартнома на танҳо як созишномаи оддӣ, балки воситаи асосии танзими муносибатҳои тиҷоратӣ дар соҳаи сайёҳӣ аст. Мо муайян кардем, ки хусусиятҳои он – аз қабили ғайримоддӣ будани хизматрасонӣ, вобастагии он ба шахсони сеюм ва зарурати муайян кардани шароити бекоркунӣ – онро аз шартномаҳои дигар фарқ мекунад. Аз андешаи мо, ин восита бояд ҳамчун асос барои муайян кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо хизмат кунад, амдар қонунгузории Тоҷикистон ин хусусиятҳо ба таври кофӣ мушаххас нестанд. Мо бар он астем, ки танзими дақиқи ин шартнома метавонад ба коҳиши баҳсҳо ва баланд шудани сатҳи хизматрасонӣ оварда расонад, зеро он муносибатҳоро шаффоф ва пешгӯишаванда мегардонад.

4. Ҷонибҳои он – ширкат (иҷрокунанда) ва муштарӣ (фармоишгар) – дорои мақоми хоси ҳуқуқӣ мебошанд. Аз назари мо, мақоми ин ҷонибҳо на танҳо ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо, балки ба муносибатҳои онҳо бо шахсони сеюм низ вобаста аст. Мо муайян кардем, ки ширкат на танҳо иҷрокунандаи оддӣ, балки як субъекти мураккаб аст, ки масъулияти хизматрасониҳои шахсони сеюмро низ ба дӯш дорад, дар ҳоле ки муштарӣ на танҳо фармоишгар, балки субъекти дорои ҳуқуқ ба ҳимояи содда ва муассир мебошад. Мо ба ин натиҷа расидем, ки дар қонунгузории Тоҷикистон мақоми онҳо ба таври кофӣ мушаххас нест, ки ба нофаҳмиҳо дар муносибатҳо сабаб мешавад. Ба андешаи мо, ин мақом ҳамчун як низоми мутақобилан вобаста бояд тавсиф гардад, то адолат ва шаффофият дар муносибатҳои шартномавӣ таъмин шавад.

5. Низоми мавҷудаи масъулият такмилро талаб мекунад. Аз назари мо, танҳо талаби ҷуброни зарар кофӣ нест, зеро он мушкилоти исбот ва норавшании масъулиятро ҳал намекунад. Мо пешниҳод мекунем, ки ин низом бо ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмӣ ва мушаххас кардани масъулияти шахсони сеюм такмил ёбад, то ширкатҳо дар назди муштариён ва давлат масъулияти возеҳ дошта бошанд. Мо муайян кардем, ки ин роҳи нав бар он асос ёфтааст, ки масъулият бояд ҳамчун як низоми пурраи ҳимоя амал кунад, ки муштариёнро аз хавфҳо эмин дорад ва ширкатҳоро ба риояи қонун водор мекунад. Ба андешаи мо, ин такмил ба баланд шудани сатҳи хизматрасонӣ ва эътимод ба соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон оварда мерасонад, ки барои рушди он муҳим аст.

**Адабиёт:**

1. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри 2022, № 1918.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 августи 2020, № 1718 “Дар бораи сайёҳӣ”.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри 2024, № 2104 “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ‘Дар бораи сайёҳӣ’”.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри 2004, № 72 “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон”.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли 2014, № 1107 “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ”.
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни 2024, № 310 “Дар хусуси лоиҳаи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Гурҷистон”.
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти 2024, № 200 “Дар бораи Андоза ва тартиби пардохти музди сайёҳии экологӣ”.
8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти 2023, № 113 “Дар хусуси тасдиқи Созишнома бо Созмони ҳамкории Шанхай”.
9. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни 2023, № 246 “Дар бораи Ҷоизаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ”.
10. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи 2022, № 239 “Дар бораи Тартиби сертификатсияи маҳсулоти сайёҳӣ”.
11. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 феврали 2022, № 47 “Дар хусуси лоиҳаи Созишнома бо Туркия”.
12. Сангинзод Д.Ш., Искандари С. Предпринимательское право Республики Таджикистан. Учебное пособие. Душанбе, 2022. 500 с.
13. Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Воситаи таълимӣ. Душанбе: «Эрграф», 2021. 228 с.
14. Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование туристской деятельности в Республике Таджикистан: проблемы и пути их решения. Монография. Душанбе, 2010. 180 с.
15. Sanginov D.Sh. Tourism in the Republic of Tajikistan: theory and practice of the legal regulation. Monograph. Tehran: Avabook, 2014. 378 p.

**Мақола дар редаксия ворид шуд**: 21.04.2025
**Аз тақриз баргашт: 09.06.2025**
**Ба чоп тавсия шуд: 16.06.2025**

# ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СУҒУРТА

**Аҷиков Алихон Нуруллоевич,**
Донишгоҳи давлатии Данғара, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия.
Тел: (+992) 908999366;
Email: ajikovalihon@gmail.com

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.03 – ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ.
**Роҳбари илмӣ:** Сангинзода Д.Ш.- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Соҳибзода М.С. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур муллиф андешаҳои худро оид ба танзими давлатии бозори хизматрасониҳои суғурта дар муносибатҳои соҳибкорӣ байён намудааст. Имрӯз муносибатҳои бо суръат ташаккулёбандаи соҳибкориро бидуни фаъолияти суғуртавӣ тасаввур намудан ғайри имкон аст. Суғурта яке аз воситаҳоии асосии молиявӣ ва ҷуброни манфиатҳои молумулкии суғурташавандагонро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ дар асоси нишондодҳои ҳуқуқӣ амали намудани фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ инчунин истифода аз имтиёзҳои суғуртавии суғурташавандагон ва дар ин замина самаранокии фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ ва ҳимоя аз рақобат зарур аст, ки танзим ва назорати давлатии он ба таври зарури ба роҳ монда шавад. Албата, қонунгузории кишвар танзими давлатии суғуртаро пешбини намудааст. Аммо бозори хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ташкилотҳои суғуртавии хориҷӣ дар сатҳи паст қарор дорад ва шумора ва сифати хизматрасониҳо қиёснашаванда мебошад.

Дар мақола муалиф ба масъалаҳои мафҳуми танзими давлатии бозори хизматрасониҳои суғурта, таҳлили андешаҳои олимони соҳавӣ оид ба мафҳуми танзими давлатии бозори хизматрасониҳои суғурта, бозори хизматрасониҳои суғурта дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазифаю сиёсати давлатиро дар ин бахш мавриди омӯзиш қарор дода, андешаи худро оид ба танзими давлатии бозори хизматрасониҳои суғурта баён намудааст.

Ҳамзамон муаллиф дар мақола қайд менамояд, ки барои пешгирӣ аз садамаҳо, фалокатҳо, офатҳои табиӣ, ҳодисаҳои нохуш, ки боиси зарари молиявӣ мегарданд ва ҳатто рафъи буҳронҳои иқтисодӣ давлатро зарур аст бозори хизматрасониҳои суғуртавииро равнақ дода, фаъолияти воқеии онро ба роҳ монд. Аз ин намуди хизматрасониҳо дар ҳолатҳои зикршуда ба таври самаранок истифода намояд.

**Калидвожаҳо:** Танзими давлатӣ, танзими ҳуқуқӣ, назорати давлатӣ, суғурта, суғуртакунанда, суғурташаванда, хизматрасонӣ, бозор, ҳуқуқ, полиси суғурта, агенти суғурта, ташкилот, восита, зарар, ҷуброн.

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ РЫНКА СТРАХОВЫХ УСЛУГ

**Аджиков Алихан Нуруллоевич,**
Дангаринский государственный университет, соискатель кафедры уголовного права и противодействия коррупции.
**Тел:** (+992) 908999366;
**Email**: ajikovalihon@gmail.com

**Научная специальность:** 12.00.03 – гражданское право; предпринимательское право; семейное право; международное частное право.
**Научный руководитель:** Сангинзода Д. Ш. – доктор юридических наук, профессор.
**Рецензент:** Сохибзода М.С. – кандидат юридических наук.

**Аннотация:** В данной статье автор излагает свои мысли о государственном регулировании рынка страховых услуг в предпринимательских отношениях. Сегодня невозможно представить быстро развивающиеся предпринимательские отношения без страховой деятельности. Страхование является одним из основных финансовых инструментов и средством компенсации имущественных интересов застрахованных лиц.

В этой связи необходимо надлежащее государственное регулирование и контроль страховой деятельности на основе правовых норм, а также эффективное использование страховых льгот застрахованными лицами. Это обеспечит эффективность работы страховых организаций и защиту их от конкуренции. Законодательство страны предусматривает государственное регулирование страхования. Однако рынок страховых услуг в Республике Таджикистан остается на низком уровне по сравнению с иностранными страховыми организациями, а количество и качество услуг несопоставимы.

В статье автор рассматривает такие вопросы, как понятие государственного регулирования рынка страховых услуг, анализ мнений ученых в данной области, отражение страхового рынка в законодательстве Республики Таджикистан, а также государственные функции и политику в этом секторе. Также автор высказывает свои взгляды на государственное регулирование рынка страховых услуг.

Кроме того, в статье отмечается, что для предотвращения аварий, катастроф, природных бедствий, несчастных случаев, приводящих к финансовым убыткам, а также для преодоления экономических кризисов государство должно развивать рынок страховых услуг и организовывать его деятельность на должном уровне, чтобы эффективно использовать такие услуги в указанных случаях.

**Ключевые слова:** Государственное регулирование, правовое регулирование, государственный контроль, страхование, страховщик, застрахованный, услуги, рынок, право, страховой полис, страховой агент, организация, средство, ущерб, компенсация.

## STATE REGULATION OF THE INSURANCE SERVICES MARKET

**Ajikov Alikhon Nurulloevich,**
Dangara State University, applicant of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption.
**Phone:** (+992) 908999366;
**Email:** ajikovalihon@gmail.com

**Scientific Specialty:** 12.00.03 – Civil Law; Business Law; Family Law; International Private Law.
**Scientific Advisor:** Sanginzoda D. Sh. – Doctor of Legal Sciences, Professor.
**Opponent:** Sohibzoda M. S. – Candidate of Legal Sciences.

**Annotation:** In this article, the author presents their thoughts on the state regulation of the insurance services market in business relations. Today, it is impossible to imagine rapidly developing business relationships without insurance activities. Insurance is one of the main financial instruments and a means of compensating the property interests of insured individuals.

Therefore, proper state regulation and supervision of insurance organizations must be established based on legal provisions. Moreover, insured individuals should effectively use insurance benefits, ensuring the efficiency of insurance organizations and their protection from competition. The country's legislation provides for state regulation of insurance. However, the insurance services market in the Republic of Tajikistan remains at a lower level compared to foreign insurance organizations, and the quantity and quality of services are incomparable.

The article examines issues such as the concept of state regulation of the insurance services market, an analysis of scholarly opinions on this concept, the representation of the insurance market in the legislation of the Republic of Tajikistan, and the state's functions and policies in this sector. The author also presents their views on the state regulation of the insurance services market.

Additionally, the author notes that in order to prevent accidents, disasters, natural calamities, and unfortunate incidents leading to financial losses, as well as to mitigate economic crises, the state must develop the insurance services market and properly organize its activities to ensure the effective use of these services in such situations.

**Keywords:** State regulation, legal regulation, state supervision, insurance, insurer, insured, services, market, law, insurance policy, insurance agent, organization, instrument, damage, compensation.

Дар асоси моддаҳои 33-38, боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1349 "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" танзим ва назорати давлатии фаъолияти суғуртавӣ баамал бароварда мешавад[466]. Масалан дар асоси муққаррароти моддаи 33 Қонун вазифаҳои асосии танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ чунин мебошанд: таъсис ва нигоҳдории низоми суғуртавии устувор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули инфрасохтори бозори суғурта; танзими бозори суғурта ва назорат аз рӯи фаъолияти суғуртавӣ; ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон; вазифаҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи суғурта муайян намудааст.

Сиёсати давлатиро дар соҳаи суғурта мақоми дахлдори ваколатдори давлатӣ амалӣ ва назорати фаъолияти суғуртавиро мақоми назорати суғуртавӣ таъмин менамояд. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2011 № 429 "Дар бораи Корхонаи воҳиди давлатии "Тоҷиксуғурта" ва Оинномаи Корхонаи воҳиди давлатии Тоҷиксуғурта аз 30 августи соли 2011, №429 Корхонаи воҳиди давлатии "Тоҷиксуғурта" (минбаъд - Тоҷиксуғурта) шахси ҳуқуқӣ буда, ҳамаи амалиёти суғуртавии дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" пешбинигардидаро анҷом медиҳад[467].

Суғурта чун системаи муҳофизати манфиатҳои амволии шаҳрвандон, ташкилотҳо ва давлат унсури зарурии сохти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа мебошад. Суғурта ба барқарор намудани манфиатҳои амволии халалдоршуда, дар сурати ҳодисаҳои табиӣ, ҳодисаҳои бо сабабҳои техникӣ рӯҳдиҳанда ва дигар ҳодисаҳо кафолат медиҳад ва ба мустаҳкам гардидани низоми молиявии давлат таъсири мусбат мерасонад. Вай буҷетро на фақат аз хароҷоти додани товони зарар ҳангоми рух додани ҳодисаҳои суғуртавӣ озод менамояд, балки яке аз сарчашмаҳои устувортарини сармоярузориҳои дарозмуддат низ мебошад. Дар шароити низоми ғайрибозории хоҷагидории додани товони зарар асосан аз тарафи давлат сурат мегирифт, ки вай барои аз нав барқарор кардани объектҳои харобгашта ва дигар ҳамин гуна мақсадҳо аз буҷет маблағ ҷудо мекард. Системаи суғурта нақши ёрирасонро мебозид. Дар шароити ҳозира тараққии босуръати суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун механизми муҳофизати манфиатҳои амволии шаҳрвандон дорои аҳамияти махсусан калон мегардад. Масалан, дар натиҷаи хусусигардонии миқёсан васеъ қисми зиёди фондҳои асосӣ моликияти ашхоси воқеӣ ва сохторҳои ғайридавлатӣ гардид. Ин ҳолат барпо кардани системаи кафолатҳои молиявиро бо исрор талаб дорад, ки он дар сурати ба амал омадани

---

[466] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1349 "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ"// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016, №7, мод. 627; Қонуни ҶТ аз 2.01.2018 № 1487, аз 2.01.2019 № 1573, аз 01.03.2024 № 2045, аз 02.01.2025 № 2132.

[467] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2011 № 429 "Дар бораи Корхонаи воҳиди давлатии "Тоҷиксуғурта"// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи мурочиат: 03.01.2025 с.).

офатҳои табиӣ, тасодумҳо (аварияҳо), сӯхторҳо ва дигар ҳодисаҳои ғайричашмдоште, ки ба равобити истеҳсолоти ташаккулёбанда таъсири манфӣ расонда, дар соҳаҳои иқтисодиёт нуқсонҳо ба вуҷуд оварда метавонанд, ҷуброни товони зарарро таъмин менамояд.

Нишондиҳандаҳои ҳолати бозори суғурта аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои тараққии минбаъдаи суғуртаи миллӣ гузошта шудаанд. Бо вуҷуди ин вай дар системаи муҳофизати манфиатҳои амволии аҳолӣ, субъектҳои амалкунанда ва давлат ҳанӯз мавқеи бояду шоядро ишғол накардааст. Тамоми ҳаҷми пардохтҳои суғуртавӣ дар мамлакати мо бо ҳамин гуна нишондиҳандаҳо, танҳо як ширкати ғарбии суғуртӣ, ки дар охири номгӯйи ширкатҳои бузургтарини суғуртавии ҷаҳон ҷой гирифтааст, қиёсшаванда мебошад. Имкониятҳои молиявии ширкатҳои миллии суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати талофии зарарҳои калон ҳанӯз дар зинаи пастанд. Ҳиссаҳои аксари онҳоро дар сармояи оинномави ҳуқуқ барои амвол ва ҳиссаҳои дигарашонро воситаҳои камхаридор ташкил медиҳанд, ки ин ба эътиборноки ва қобилияти адо кардани қарзи ширкатҳои суғуртавӣ начандон таъсири хуб мерасонад. Ҳодисаҳои зуд-зуд такроршавандаи ғайри қобили адои қарз будани як ширкатҳои суғуртавии бовариро ба дигар суғуртакунандагон суст карда, умуман обрӯи суғуртаи миллиро паст мекунад. Анвои маҳсулотҳои суғуртавӣ дар бозори Тоҷикистон назар ба хориҷа хеле кам аст. Дар айни ҳол баъзе ширкатҳои суғуртавӣ ба суғуртакунандагон ба ҷои маҳсулотҳои суғуртавии нақшаҳои молиявии суғуртавии дурӯғро пешниҳод мекунанд, ки онҳо ба суғуртакунандагон имконият медиҳанд, қонунгузории андозро риоя накунанд, аз пардохтҳои ҳатмӣ ба фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ халосӣ ёбанд. Аксарият ташкилотҳҳои суғуртавӣ дар таъмин кардани соҳаи суғурта аз кадрҳои пухтаи касбие, ки ҷавобгӯи талабҳои ҳозираи иҷро кардани амалиётҳо ва корҳои суғуртавии мебошанд, душвориҳои ҷиддӣ мекашанд. Набудани чораҳои ҳавасмандонии аҳолӣ ва корхонаҳо ба истифодаи васеи имкониятҳои суғурта барои ҳимояи манфиатҳои амволии худ ба тараққии бозори суғурта таъсири манфӣ мерасонад. Механизми боэътимоди назорати давлатӣ бар болои аз ҷониби ташкилотҳои суғурта иҷро карда шудани ӯҳдадориҳои ба зимма гирифтаашон, арзёбии ҳамвазни боэътимоди ва устувории молиявии онҳо ба вуҷуд оварда нашудааст, кори ахборотию таҳлилкунӣ ба таври бояду шояд ба роҳ монда нашудааст[468].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори суғурта ташаккул ва инкишоф ёфта ҷойгоҳи устувори худро дар бахши молиявии мамлакат пайдо намудааст. Дар он маҷмӯи муносибатҳои иқтисодие, ки дар ҷараёни онҳо тақозо ва арза барои хизматрасониҳои суғурта ташаккул меёбад ва амалиёти хариду фурӯши онҳо иҷро мешавад, густариш ёфта истодааст. Чи тавре, ки аён аст соли 2022 дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи мамлакат 20 ташкилоти

[468] Барномаи миёнамӯҳлати тараққиёти системаи миллии суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2000-2002 аз 3 феврали соли 2000, № 50// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи мурочиат: 03.01.2025 с.).

суғурта фаъолият менамуд, ки нисбат ба соли 2010  3 адад ва ё 17,6% зиёд шудааст. Дар бозор ва ё бахши суғуртаи иқтисодиёти мамлакат айни замон 17 ташкилоти суғуртаи ғайридавлатӣ, ки беш аз 85 фоизи ташкилотҳои суғуртаи амалкунандаро ташкил медиҳанд, фаъолият менамояд. Маҳз онҳо агентиҳои асосии бозори суғуртаро ташкил медиҳанд[469].

Бо дар назардошти он, ки дар қонунгузории кишвар мафҳуми танзими давлатии бозори хизматрасониҳои суғурта муқаррар нашудааст, асарҳои илмиро мариди таҳлил қарор медиҳем.

Ба андешаи Ғ.Н. Ҷабаров тавассути маҷмуи тадбирҳо ва институтҳои молиявӣ ташаккул додани бозори суғурта бо дар назардошти заминаҳои ҳуқуқӣ ва молиявӣ, ифодакунандаи мафҳуми танзими давлатии бозори хизматрасониҳои суғурта аст[470].

Тучкова А.С. такид менамояд, ки “Танзими давлатии бозори хизматрасонии  суғурта ин низоми самту усулҳои таъсиррасонии давлат ба равандҳои суғурта мебошад, ки фарогирандаи дороиҳои моддӣ, ғайримоддӣ (манфиатҳо), манфиатҳои амволии шахсони ҳуқуқӣ, шахсони воқеӣ буда, инчунин ба фаъолияти суғуртакунандагон, миёнаравони онҳо оид ба татбиқи ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои муносибатҳои суғуртавӣ, шахсони манфиатдор ва давлат равона шудааст[471].

Ба андешаи Е.В. Павлова “Танзими давлатии бозори хизматрасонии суғуртавӣ ин тавассути қабули санадҳои меъёрие, ки аз ҷониби қонунгузор ва мақомоти ваколатдори федералии иҷроия, ки воситаҳои асосии танзимро муқаррар намудан аст[472].

А.И. Каморник мафҳуми танзими давлатии бозори хизматрасонии суғуртавиро тавассути шарҳи мафҳуми андозбандӣ ҳамчун усули танзими давлатӣ чунин шаҳр додааст, “Андозбандии суғуртакунандагон қисми ҷудонашавандаи механизми таъмини рушди устувори бозори хизматрасониҳои суғурта мебошад, зеро суғуртакунандагон иштирокчиёни асосии чунин бозор буда, ба фаъолияти онҳо тавассути андозбандӣ таъсир расонидан усули самараноки танзими он мебошад”[473].

Олимон Фролова В.А., Градова Н.С., Манина М.В., Сухачева В.В. байён менамоянд, ки танзими давлатии бозори хизматрасонии суғурта механизмест, ки восита ва усулҳои танзими равандҳои ташаккул, тақсим ва истифодаи захираҳои молиявиро дар соҳаи суғурта дар асоси динамикаи бозори хизматрасонии суғуртавӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти он истифода мешавад. Мақсади асосии танзими давлатии

---

[469] Муминов А.Б. Баъзе масъалаҳои арзёбии самаранокии танзими давлатии бозори хизматрасониҳои суғурта// Паёми Донишгоҳи Хоруғ. 2024. № 2 (30). - С. 60-68.

[470] Джабаров Г.Н. Государственное регулирование рынка страховых услуг и основные пути его совершенствования// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2022. № 5. - С. 161-168.

[471] Тучкова А.С. Государственное регулирование рынка страховых услуг// ЭГО: Экономика. Государство. Общество. 2014. № 2 (17). – С.26-29.

[472] Павлова Е.В. Государственное регулирование сферы страхования// В сборнике: Государственная и муниципальная власть в Российской Федерации: современное состояние и перспективы развития. Сборник материалов IV Всероссийской научно-практической конференции. Чебоксары, 2022. - С. 229-232.

[473] Каморник А.И. Налогообложение и государственное регулирование рынка страховых услуг// Вестник Белорусского государственного экономического университета. 2021. № 1 (144). -С. 81-89.

бозори хизматрасонии суғуртавӣ таъмини эътимоднокии фаъолияти он ва ҳавасмандгардонии рушди он дар раванди татбиқи вазифаҳои бозор ва иҷтимоӣ мебошад. Дар робита ба ин, танзими давлатии соҳаи суғурта бояд инҳоро таъмин намояд: нигоҳ доштани устувории молиявӣ ва қобилияти пардохтпазирии ширкатҳои соҳаи суғурта; ташаккули механизмҳои самарабахши ҳифзи истеъмолкунандагони бозори хизматрасониҳои суғурта; рушди рақобат дар бозори суғурта ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти суғурта; ташаккули инфрасохтори муосири бозори суғурта; баланд бардоштани самаранокии танзими тарифӣ ва ҳавасмандгардонии талабот дар сегменти суғуртаи ихтиёрӣ[474].

Бо назардошти таҳлили асарҳои илмии олимон оид ба мафҳуми танзими давлатии бозори хизматрасонии суғурта чунин хулосабарорӣ намудан мункин аст, ки кулли онҳоро ба ду гурӯҳ метавонем ҷудо намоем. Гурӯҳи аввали олимон мафҳумро ба қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи ин бозор вобаста намуда, гурӯҳи дуюм онро маҷмӯи восита ва усулҳо маънидод менамоянд.

Дар ин замина ба андешаи мо танзими давлатии бозори хизматрасониҳои суғурта таввасути санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсус ва мақомоти ваколатдор амали намудани таъсис ва нигоҳдории низоми суғуртавии устувор бо мақсади ташаккули инфрасохтори бозори суғурта, назорат аз рӯи фаъолияти суғуртавӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектони суғурта мебошад.

**Адабиёт:**

1. Барномаи миёнамӯҳлати тараққиёти системаи миллии суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2000-2002 аз 3 феврали соли 2000, № 50// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03.01.2025 с.).

2. Джабаров Г.Н. Государственное регулирование рынка страховых услуг и основные пути его совершенствования// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2022. № 5. – С. 161-168.

3. Каморник А.И. Налогообложение и государственное регулирование рынка страховых услуг// Вестник Белорусского государственного экономического университета. 2021. № 1 (144). -С. 81-89.

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2011 № 429 "Дар бораи Корхонаи воҳиди давлатии "Тоҷиксуғурта"// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03.01.2025 с.).

[474] Фролова В.А., Градова Н.С., Манина М.В., Сухачева В.В. Государственное финансовое регулирование рынка страховых услуг// Вектор науки Тольяттинского государственного университета. Серия: Экономика и управление. 2016. № 2 (25). – С. 73-78.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1349 "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ”// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016, №7, мод. 627; Қонуни ҶТ аз 2.01.2018 № 1487, аз 2.01.2019 № 1573, аз 01.03.2024 № 2045, аз 02.01.2025 № 2132.

6. Муминов А.Б. Баъзе масъалаҳои арзёбии самаранокии танзими давлатии бозори хизматрасониҳои суғурта// Паёми Донишгоҳи Хоруғ. 2024. № 2 (30). - С. 60-68.

7. Павлова Е.В. Государственное регулирование сферы страхования// В сборнике: Государственная и муниципальная власть в Российской Федерации: современное состояние и перспективы развития. Сборник материалов IV Всероссийской научно-практической конференции. Чебоксары, 2022. - С. 229-232.

8. Тучкова А.С. Государственное регулирование рынка страховых услуг// ЭГО: Экономика. Государство. Общество. 2014. № 2 (17). – С.26-29.

конференции, Новокузнецк, 18–19 октября 2023 года. – Новокузнецк: Кузбасский институт Федеральной службы исполнения наказаний, 2023. – С. 91-95. – EDN BNTBBB. С.93

24. Уголовный кодекс Республики Узбекистан: (с изм. и доп. по сост. на 28.05.2019 г.): утв. Законом Республики Узбекистан от 22 сент. 1994 г., № 2012-XII) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: //online.zakon.kz/document/?doc_id=30421110 (дата обращения: 06.09. 2019).

**Мақола дар редаксия ворид шуд**: 21.04.2025
**Аз тақриз баргашт: 09.06.2025**
**Ба чоп тавсия шуд: 16.06.2025**

# ТАЪИНИ ҶАЗОЕ, КИ АЗ ҲАДДИ ПОЁНИИ ДАР МОДДАИ ДАХЛДОРИ ҚИСМИ МАХСУСИ КҶ ҶТ ПЕШБИНИГАРДИДА КАМТАР МЕБОШАД

**Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович,**
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, дотсенти кафедраи ҳуқуқ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.
**Тел.**: +992202727771

**Аннотатсия:** Дар мақола масъалаҳои таъини ҷазои сабуктар бо истифода аз усули аз ҳадди поёнии дар моддаи дахлдори қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинигардида камтар таъин намудани ҷазо таҳлил карда шудааст.

Муаллиф принсипҳои асосии таъини ҷазо, аз ҷумла адолат, инсондӯстӣ ва фардикунонии ҷавобгарии ҷиноятиро баррасӣ намуда, аҳаммияти онҳоро дар амалияи судӣ қайд мекунад. Дар таҳқиқот хусусиятҳои хосси истифодаи моддаи 63 КҶ ҶТ, ки имкони таъини ҷазои нисбатан сабуктарро фароҳам меорад, шарҳ дода шудааст.

Муаллиф мисолҳои мушаххасро аз таҷрибаи судӣ оварда, масъалаҳои баҳсталаби татбиқи моддаи мазкурро баррасӣ мекунад. Ҳамзамон ба ақидаҳои гуногуни олимон оид ба таъини ҷазои сабуктар дар ҳолати мавҷудияти ҷазоҳои алтернативӣ дар санксияҳои моддаҳои дахлдори Кодекс таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Дар мақола пешниҳод мешавад, ки бо мақсади таъмини ягонагии таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ, иловаҳои мушаххас ба Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шаванд.

**Калидвожаҳо:** таъини ҷазо, ҷазои сабуктар, ҳолатҳои мустасноӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, кодекси ҷиноятӣ, таҷрибаи судӣ, принсипи адолат, фардикунонӣ, санксияи модда, суд.

# НАЗНАЧЕНИЕ НАКАЗАНИЯ НИЖЕ НИЗШЕГО ПРЕДЕЛА, ПРЕДУСМОТРЕННОГО СООТВЕТСТВУЮЩЕЙ СТАТЬЕЙ ОСОБЕННОЙ ЧАСТИ УГОЛОВНОГО КОДЕКСА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Миралиев Салохиддин Абдусаломович,**
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, доцент кафедры права, кандидат юридических наук.
**Тел.:** +992202727771

**Аннотация:** В статье исследуются вопросы назначения более мягкого наказания с использованием способа назначения наказания ниже нижнего предела, предусмотренного соответствующей статьёй Особенной части УК РТ.

Автор рассматривает основные принципы назначения наказания, такие как справедливость, гуманизм и индивидуализация уголовной ответственности, подчеркивая их важность в судебной практике. В исследовании подробно раскрываются особенности применения статьи 63 УК РТ, предоставляющей возможность назначения более мягкого наказания.

Автор приводит конкретные примеры из судебной практики и обсуждает спорные вопросы применения указанной статьи. Также особое внимание уделяется различным мнениям учёных относительно назначения более мягкого наказания в случаях наличия альтернативных наказаний в санкциях соответствующих статей Уголовного кодекса.

В статье предлагается внести конкретные дополнения в Постановление Пленума Верховного суда Республики Таджикистан с целью обеспечения единства судебной практики.

**Ключевые слова**: назначение наказания, более мягкое наказание, исключительные обстоятельства, уголовное право, уголовный кодекс, судебная практика, принцип справедливости, индивидуализация, санкция статьи, суд.

## THE IMPOSITION OF PUNISHMENT BELOW THE LOWEST LIMIT PROVIDED FOR IN THE RELEVANT ARTICLE OF THE SPECIAL PART OF THE CRIMINAL CODE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Miraliev Salohiddin Abdusalomovich,**
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, associate professor of the law department, candidate of legal sciences.
**Phone:** +992202727771

**Annotation:** The article examines the issues of assigning a more lenient punishment using the method of sentencing below the lower limit provided for in the relevant article of the Special Part of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan.

The author examines the basic principles of sentencing, such as justice, humanism and individualization of criminal responsibility, emphasizing their importance in judicial practice. The study details the specifics of the application of Article 63 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, which provides for the possibility of imposing a more lenient punishment.

The author provides specific examples from judicial practice and discusses controversial issues of the application of this article. Special attention is

also paid to the different opinions of scientists regarding the imposition of a more lenient punishment in cases of alternative punishments in the sanctions of the relevant articles of the Criminal Code.

The article proposes to make specific additions to the Resolution of the Plenum of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan in order to ensure the unity of judicial practice.

**Keywords:** sentencing, more lenient punishment, exceptional circumstances, criminal law, criminal code, judicial practice, principle of justice, individualization, sanction of the article, court.

Давраи муҳимтарини ҳуқуқтатбиққунии меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ таъини ҷазо мебошад, ки дар асоси принсипҳои инсондӯстӣ ва адолат амалӣ мегардад. Зимни суханронии худ дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ, санаи 21 ноябри соли 2019 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсус таъкид намудаанд: «Азбаски санадҳои қабулкардаи судҳо аз номи давлат бароварда мешаванд, онҳо бояд ба тамоми талаботи қонунгузорӣ мувофиқат карда, барои барқарор гардидани адолат мусоидат намоянд»[498].

Имрӯз масъалаи мубрамтарин дар самти ҳуқуқтатбиққунӣ таҳияи усули аз ҳама бештар мусоид ва асосноки фардикунонии ҷавобгарии ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Дар ин самт аҳаммиятноктараш ошкор намудани доираи бо қонунгузорӣ муқарраршудаи салоҳдиди судҳо ба назар мерасад, ки ба хусусияти таҷрибаи ягонаи ҳуқуқтатбиққунии судҳо таъсир мерасонад.

Дар доираи самти ишорашуда аҳаммияти калонро принсипи фардикунонии ҷазо ҳангоми таъини ҷазо аз ҷониби суд дорад. Зимнан он ҳолатеро қайд намудан зарур аст, ки на ҳама вақт муқоисаи чунин нишондиҳандаҳо ба монанди шахсияти ҷинояткор ва ҷинояти мушаххас бо хавфи ҷамъиятии кирдор аз нигоҳи риояи принсипҳои инсондӯстӣ, адолат ва фардикунонӣ имконпазир аст.

Дар чунин ҳолатҳо барои татбиқи принсипҳои зикргардида ва ҳавасмандгардонии рафтори мусбати шахс пас аз содир намудани ҷиноят қонуни ҷиноятӣ қоидаи махсусро бо баромадан аз доираи ҷазоҳои дар санксияи моддаи дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) нишондодашуда муқаррар сохтааст. Маҳз чунин қоидаро м. 63 КҶ ҶТ пешбинӣ менамояд. Ин модда ҳамчун ифодагари принсипҳои адолат ва инсондӯстӣ, барои таъмини ҳадди ақали зарурӣ ва

[498] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ аз 21 ноябри соли 2019 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.prezident.tj/node/21842 (санаи мурочиат 30.08.2019)

татбиқи сарфакоронаи ҷазо барои таъмини ноилшавии мақсадҳои ҷазо равона шудааст.

Дар таҷрибаи судӣ ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки вақте хусусиятҳои шахсияти гунаҳкор ва ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ аз он шаҳодат медиҳанд ва ба шахси гунаҳкор таъин намудани ҷазои вазнин зарурат надорад[499]. Қонуни ҷиноятӣ дар чунин ҳолатҳо ба судҳо имконияти сабук намудани ҷазоро пешниҳод намудааст, ки яке аз чунин асосҳо ин таъин намудани ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (м. 63 КҶ ҶТ), ба шумор меравад.

Моддаи 63 КҶ ҶТ тартиб ва хусусиятҳои хоси таъини ҷазои сабуктарро нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, танзим менамояд ва меъёри истисноие ба ҳисоб меравад, ки яке аз қоидаҳои махсуси таъини ҷазоро мустаҳкам мекунад.

Мутобиқи моддаи мазкур дар ҳолати мавҷуд будани ҳолатҳои мустаснои вобаста бо мақсаду ниятҳо, нақши гунаҳгор, рафтори ӯ ҳангоми содир намудани ҷиноят ё пас аз он ё ҳолатҳои дигаре, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятро хеле кам мекунанд ва ҳамчунин дар ҳолати мусоидати фаъолонаи иштирокчии ҷинояти гурӯҳӣ барои ошкор намудани ҷинояти содирнамудаи гурӯҳ, мумкин аст ҷазо аз ҳадди поёнии дар моддаи дахлдори қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинигардида камтар таъин карда шавад ё суд метавонад нисбат ба ҷазои дар ин модда пешбинигардида ҷазои сабуктар таъин намояд ё ҷазои иловагиро, ки ба сифати ҷазои ҳатмӣ пешбинӣ шудааст, таъин накунад.

Дар қ. 1 м. 63 КҶ ҶТ се тарзи таъини ҷазои нисбатан сабуктар муқаррар гаштааст:

1) Таъини ҷазое, ки аз ҳадди поёнии дар моддаи дахлдори қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинигардида камтар мебошад;

2) Таъини ҷазои сабуктар назар ба ҷазои дар санксияи моддаи қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинигардида;

3) Таъин накардани ҷазои иловагӣ, ки ба сифати ҷазои ҳатмӣ пешбинӣ шудааст.

Тарзи аввали таъини ҷазо дар асоси м. 63 КҶ ҶТ ин аз ҳадди поёнии дар моддаи дахлдори қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинигардида камтар таъин намудани ҷазо ба ҳисоб меравад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ аз ҳадди поёнии дар моддаи дахлдори қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинигардида камтар таъин намудани ҷазо бо он маънидод мегардад, ки дар ин ҳангом муҳлат ё андозаи ҷазои таъиншаванда назар ба муҳлат ё андозаи намуди дахлдори ҷазо, ки дар санксияи моддаи қисми махсуси КҶ, ки аз рӯйи он кирдори шахс бандубаст

[499] Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – С. 67.

мегардад, камтар ҷазо таъин карда мешавад[500]. Таъини ҷазо камтар аз ҳадди поёнӣ дар он ифода меёбад, ки суд ба маҳкумшуда ҳамон намуди ҷазоеро интихоб мекунад, ки дар санксия номбар шудааст, аммо ин намуди ҷазо ба андоза ё муҳлати камтар назар ба оне, ки дар санксия муқаррар шудааст, таъин мегардад. Масалан, суд нисбати шаҳрванд Ҳ., барои содир намудани ҷинояти дар қ. 1 м. 346 КҶ ҶТ пешбинишуда, ки санксияи он ҷазоро дар намуди ҷарима ба андозаи аз панҷсад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то ду сол муқаррар менамояд, бо истифода аз м. 63 КҶ ҶТ ҷазоро дар намуди ҷарима ба андозаи 125 (яксади бисту панҷ) нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 5000 (панҷҳазор) сомонӣ таъин намудааст[501], яъне суд ҷаримаро аз ҳадди поёнии дар қ. 1 м. 346 КҶ ҶТ пешбинигардида камтар таъин намудааст.

Дар мисоли дигар шаҳрванд Ҷ., бо қ. 2 б. «в» м. 244 КҶ ҶТ гунаҳкор дониста шуда ба ӯ бо ин модда, бо дастрасии м. 63 КҶ ҶТ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати шаш моҳ, бо адо намудани ҷазо дар колонияи низомаш умумӣ таъин шудааст[502]. Дар ин ҳолат суд бо истифода аз м. 63 КҶ ҶТ маҳрум сохтан аз озодиро камтар аз ҳадди поёнии муҳлате, ки дар қ. 2 м. 244 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст (санксияи қ. 2 м. 244 КҶ ҶТ ҷазоро дар намуди ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол муқаррар месозад) таъин намудааст.

Ҳангоми таъини ҷазо камтар аз ҳадди поёнии дар моддаи дахлдори қисми махсуси КҶ пешбинишуда, – менависад Е.В. Благов, – он намуди ҷазое муайян карда мешавад, ки дар санксия номбар шудааст, аммо ба андозаи поёнтар[503]. Дар чунин маврид, – иброз медорад Л.Л. Кругликов, – сухан оид ба намудҳои ҷазоҳое меравад, ки ҳадди поёнии онҳо дар қонун муқаррар шудааст ва дар санксияи дахлдори моддаи қисми махсуси КҶ чунин ҳад аз андозаи дар Қисми умумӣ муайяншуда баландтар мебошанд. Бинобар он, дар мавриди баробар будани андозаи ҳадди поёнии намудҳои ҷазо дар қисмҳои умумӣ ва махсуси КҶ варианти баррасишаванда татбиқ намегардад[504].

Таъини ҷазо камтар аз ҳадди поёнӣ сарҳади муайяни худро дорад. Агар дар санксияи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳадди поёнии намуди

---

[500] Уголовное право. Общая часть: учебник для бакалавриата / Отв. ред. А.Н. Тарбагаев. – М., 2016. – С. 354.

[501] Парвандаи №1-130/10 // Бойгонии суди ноҳияи Фирдавсии ш. Душанбе.

[502] Парвандаи №1-122/12 // Бойгонии суди ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе.

[503] Благов Е.В. О правилах назначения более мягкого наказания, чем предусмотрено за данное преступление / Е.В. Благов // Проблемы совершенствования юридической техники и дифференциации ответственности в уголовном праве и процессе: сб. науч. ст. / Отв. ред. проф. Л.Л. Кругликов; Яросл. гос. ун-т. – Ярославль: ЯрГУ, 2007. – Вып. 2. – С. 42.

[504] Уголовное право России. Часть Общая: учебник / Под ред. Л.Л. Кругликова. – 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Проспект, 2012. – С. 424.

дахлдори ҷазо инъикос нагардида бошад, тарзи мазкури сабук намудани ҷазо татбиқ гаштанаш мумкин нест.

Дар ҳақиқат дар ҳолатҳои алоҳида имконияти суд барои истифодаи тарзи аз ҳадди поёнии дар моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинигардида камтар таъин намудани ҷазо мумкин аст, вобаста ба намуди санксия маҳдуд гардад. Дар як қатор санксияи моддаҳои қисми махсуси КҶ ҶТ (масалан, м.м. 121, 122, 124, қ. 1 м. 142, қ. 1 м. 165 КҶ ҶТ ва ғайра) танҳо ҳадди болоии ҷазо нишон дода шуда, ҳадди поёнӣ барои намуди мазкури ҷазо дар Қисми умумии КҶ ҶТ муайян шудааст. Бинобар он, таъини ҷазо камтар аз ҳадди поёнӣ танҳо дар ҳолатҳое имконпазир аст, ки дар санксияи модда ҳадди поёнии муҳлат ё андозаи намуди дахлдори ҷазо нишон дода шуда бошад. Агар дар санксия муҳлати поёнии ҷазо пешбинӣ нашуда бошад, суд ҳуқуқ надорад ҷазоро камтар аз ҳадди поёнии он, ки дар моддаҳои дахлдори Қисми умумии КҶ ҶТ муайян шудаанд, таъин намояд. Гарчанде ки муқаррароти мазкур дар м. 63 КҶ ҶТ мустаҳкам нашуда бошад ҳам, аммо таҳлили меъёрҳои Қисми умумии КҶ ҶТ, ки намудҳои алоҳидаи ҷазоро ба танзим медароранд, аз ин шаҳодат медиҳанд (қ. 2 м. 49, қ. 2 м. 50, қ. 1 м. 52 КҶ ҶТ ва ғайра).

Ғайр аз ин, дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1 «Дар бораи таҷриба аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо», аз 24 феврали соли 2005, ва тағйиру иловаҳо аз 30 июни соли 2011 махсус қайд шудааст, ки: «Андозаи ҷазои аз ҷониби суд бо тартиби зикргардида таъиншуда аз ҳадди поёние, ки бо Қисми умумии КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои чунин намуди ҷазо муқаррар гардидааст, кам буданаш номумкин аст»[505].

Дар масъалаи имконияти таъин гаштани ҷазо бо истифода аз тарзи мазкур, дар ҳолатҳое, ки санксияи модда алтернативӣ буда, суд намуди ҷазои нисбатан вазнинтарро интихоб намуда, аз ҳадди поёнии муқарраршудаи он камтар ҷазо таъин менамояд, ақидаҳои гуногун иброз шудааст.

Дар ин масъала ақидаи олимонро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст. гурӯҳи аввали олимон ҷонибдори он ҳастанд, ки суд наметавонад, бо чунин тарз ҷазоро аз рӯйи қоидаҳои м. 63 КҶ ҶТ муайян созад. Масалан, А. Рарог ва Е. Акимов чунин мешуморанд, ки татбиқи ҷазои сабуктар ҳангоми ҳолатҳои мустасноӣ, тавассути камтар аз ҳадди поёнии он ки дар санксияи моддаи татбиқшавандаи Қисми махсуси КҶ муқаррар шудааст, танҳо дар ду ҳолат қобили қабул мебошад: а) вақте ки санксия маҳрум сохтан аз озодиро ҳамчун намуди ягонаи ҷазо пешбинӣ мекунад; б) вақте ки ҳама намудҳои ҷазоҳои дар санксия пешбинишуда, бо назардошти

[505] Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). – С. 112.

хусусият, муҳлат ё андоза вобаста ба вазниниашон ба хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда ва ҳолатҳои мустасноии муқарраршуда мувофиқат наменамоянд. Агар қонун барои ҷинояти содиршуда назар ба маҳрум сохтан аз озодӣ дида ҷазои намуди сабуктарро пешбинӣ намояд, ба таври воқеӣ таъин намудани маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати дилхоҳ чораи нисбатан вазнин нисбат ба ҷазои дилхоҳи дигари сабуктар ба ҳисоб меравад. Бинобар он, таъин намудани намуди ҷазои вазнintар ҳангоми дар санксия ба таври алтернативӣ мавҷуд будани намудҳои дигари сабуктари ҷазо ба ғояи ҳатман сабук намудани ҷазо дар ҳолати мустасноӣ мувофиқат намекунад, чунки суд бе ҷой доштани чунин ҳолатҳо низ метавонист намуди дилхоҳи ҷазоро, аз ҷумлаи дар санксия пешбинишуда, то ҷазои аз ҳама сабукро интихоб намояд[506]. Олимони дигар низ дар ҳолатҳои ҷой доштани санксияи алтернативӣ имконияти таъин намудани ҷазои нисбатан вазнintарро бо баромадан аз ҳадди поёнии он бо шартҳои муайян вобаста менамоянд. Масалан, Р.Н. Хамитов чунин меҳисобад, ки агар суд мавҷуд будани ҳолатҳои вазнинкунандаро муқаррар насозад ва дар санксияи моддаи Қисми махсуси КҶ намуди ҷазои нисбатан сабук ҷой дошта бошад, дар ҳақиқат таъини ҷазои намуди нисбатан сахттар камтар аз ҳадди поёнӣ асоснок шуморида намешавад[507]. Чунин андешаро М.Т. Гараев ҷонибдорӣ намуда менависад, ки ҳангоми дар як вақт муқаррар гаштани ҳолатҳои сабуккунандаи мустасноӣ ва ҳолатҳои вазнинкунанда роҳи аз ҳама мувофиқ таъин намудани маҳрум сохтан аз озодӣ камтар аз ҳадди поёнии дар санксияи моддаи Қисми махсуси КҶ муайяншудаи он ба ҳисоб меравад[508].

Гурӯҳи дигари олимон бошанд, чунин эътироф менамоянд, ки дар санксия мавҷуд будани якчанд ҷазои асосӣ ба таъини намуди ҷазои ҳатто аз ҳама вазнintар, аммо камтар аз ҳадди поёнии он монеъ шуда наметавонад[509]. Масалан, Е.В. Благов чунин меҳисобад, ки чунин ҳолат имконпазир аст, агар суд ба хулоса ояд, ки ҷазои намуди нисбатан сабук ноил шудан ба мақсадҳои ҷазоро таъмин карда наметавонад ва андозаи ҷазои намуди вазнintар дар ҳолати мазкур баланд мебошад[510]. Чунин мавқеъро Д. Дядкин ҷонибдорӣ менамояд[511].

---

[506] Рарог А., Акимова Е. Назначение наказания / А. Рарог, Е.Акимова // Российская юстиция. – 1999. – №11. – С. 6.

[507] Хамитов Р.Н. Специальные правила назначения наказания за единичное преступление по российскому уголовному праву: дис. ... канд. юрид. наук. – Казань, 2001. – С. 120.

[508] Гараев М.Т. Смягчение наказания при его назначении по российскому уголовному праву: дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2002. – С. 137.

[509] Становский М.Н. Назначение наказания. – СПб., 1999. – С. 281.

[510] Благов Е.В. Применение специальных начал назначения уголовного наказания. – М.: Юрлитинформ, 2007. – С. 118-119.

[511] Дядькин Д. Правила учета исключительных обстоятельств для назначения более мягкого наказания, чем предусмотрено за данное преступление / Д. Дядькин // Уголовное право. – 2006. –№2. – С. 24.

Ба андешаи мо, мавқеи гурӯҳи охирон бештар қобили қабул мебошад, зеро ҳангоми интихоб намудани намуди ҷазо суд мумкин аст, ба хулоса ояд, ки ислоҳ намудани гунаҳкор, масалан, бе ҷудо нигоҳ доштани ӯ аз ҷомеа имконнопазир аст ва намудҳои дигари ҷазои дар санксияи моддаи Қисми махсуси КҶ муқарраршуда, барои ноил шудан ба мақсади ҷазо оварда намерасонанд. Дар як вақт муҳлати ҳадди поёнии ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, ки дар санксияи модда муайян шудааст, ҳангоми ҷой доштани ҳолатҳои мустасноӣ зиёд ба назар мерасад. Бинобар он, дар чунин маврид суд метавонад, камтар аз ҳадди поёнии ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, ки дар санксия муайян шудааст, камтар ҷазо таъин намояд. Ғайр аз ин, аз мазмуни м. 63 КҶ ҶТ низ бармеояд, ки қонунгузор имконияти аз ҳадди поёнӣ камтар таъин намудани ҷазоро танҳо бо ҷазои аз ҳама сабуктари дар санксияи модда пешбинишуда вобаста насохтааст.

Дар таҷрибаи судӣ низ ҷой доштани ҷазои намуди сабуктар имконияти бо истифода аз м.63 КҶ ҶТ таъин гардидани намуди нисбатан вазнинтари ҷазоро камтар аз ҳадди поёнии дар санксияи моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ муқарраршуда, истисно наменамояд.

Масалан, шаҳрванд Я., бо б. «в» қ. 2 м. 244 КҶ ҶТ гунаҳкор дониста шудааст, ки санксияи он ҷазоро дар намуди ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол пешбинӣ месозад. Суд ҳангоми таъини ҷазо ба ҷой доштани ҷазои дигари сабуктар дар намуди ҷарима нигоҳ накарда бо истифода аз м.63 КҶ ҶТ ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 1 (як) сол бо адо намудани ҷазо дар колонияҳои ислоҳии дорои низоми умумӣ таъин намудааст[512].

Лозим мешуморем, ки бо мақсади татбиқишавии ягонаи таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, ба б. 9 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1 «Дар бораи таҷриба аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо», аз 24 феврали соли 2005 илова бо мазмуни зайл ворид карда шавад: вобаста ба мазмуни м. 63 КҶ ҶТ ба таъини ҷазо камтар аз ҳадди поёнии дар моддаи дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинигардида, дар санксияи моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ мавҷуд будани намудҳои нисбатан сабуки ҷазоҳои алтернативӣ монеа шуда наметавонад.

**Адабиёт:**

1. Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – С. 67.

[512] Парвандаи №1-302/2012 // Бойгонии суди ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе.

2. Благов Е.В. О правилах назначения более мягкого наказания, чем предусмотрено за данное преступление / Е.В. Благов // Проблемы совершенствования юридической техники и дифференциации ответственности в уголовном праве и процессе: сб. науч. ст. / Отв. ред. проф. Л.Л. Кругликов; Яросл. гос. ун-т. – Ярославль: ЯрГУ, 2007. – Вып. 2. – С. 42.
3. Благов Е.В. Применение специальных начал назначения уголовного наказания. – М.: Юрлитинформ, 2007. – С. 118-119.
4. Гараев М.Т. Смягчение наказания при его назначении по российскому уголовному праву: дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2002. – С. 137.
5. Дядькин Д. Правила учета исключительных обстоятельств для назначения более мягкого наказания, чем предусмотрено за данное преступление / Д. Дядькин // Уголовное право. – 2006. –№2. – С. 24.
6. Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). – С. 112.
7. Парвандаи №1-122/12 // Бойгонии суди ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе.
8. Парвандаи №1-130/10 // Бойгонии суди ноҳияи Фирдавсии ш. Душанбе.
9. Парвандаи №1-302/2012 // Бойгонии суди ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе.
10. Рарог А., Акимова Е. Назначение наказания / А. Рарог, Е.Акимова // Российская юстиция. – 1999. – №11. – С. 6.
11. Становский М.Н. Назначение наказания. – СПб., 1999. – С. 281.
12. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ аз 21 ноябри соли 2019 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.prezident.tj/node/21842 (санаи мурочиат 30.08.2019).
13. Уголовное право России. Часть Общая: учебник / Под ред. Л.Л. Кругликова. – 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Проспект, 2012. – С. 424.
14. Уголовное право. Общая часть: учебник для бакалавриата / Отв. ред. А.Н. Тарбагаев. – М., 2016. – С. 354.
15. Хамитов Р.Н. Специальные правила назначения наказания за единичное преступление по российскому уголовному праву: дис. ... канд. юрид. наук. – Казань, 2001. – С. 120.

**Мақола дар редаксия ворид шуд**: 21.04.2025
**Аз тақриз баргашт: 09.06.2025**
**Ба чоп тавсия шуд: 16.06.2025**

# ОБЩЕСОЦИАЛЬНЫЕ МЕРЫ ПРОФИЛАКТИКИ КРАЖ СРЕДИ МОЛОДЁЖЫ

**Каримзода Азиз Абдухалим,**
Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, юридический факультет, соискатель кафедры уголовного права, криминалистики и противодействия коррупции.

**Научная специальность:** 12.00.08 – Уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право

**Аннотация:** В статье рассматриваются общесоциальные меры предупреждения преступности среди молодежи, направленные на снижение уровня правонарушений и преступлений в обществе. Подчеркивается важность комплексного подхода, охватывающего социальные, экономические, образовательные и культурные аспекты. В работе акцентируется на необходимости улучшения условий жизни, борьбы с бедностью, повышения уровня образования и социальной защиты, создания возможностей для занятости, а также на роли профилактических мероприятий, ориентированных на формирование законопослушания среди молодежи. Рассматриваются различные подходы к профилактике преступности, включая работу с семьями, образовательные инициативы, развитие молодежного самоуправления и организацию досуга. Также выделяется значимость вовлечения молодежи в культурные и спортивные мероприятия, которые способствуют развитию личности и снижению вероятности совершения правонарушений. Статья подчеркивает необходимость скоординированных усилий различных институтов общества, включая правоохранительные органы, для эффективного предупреждения преступности.

**Ключевые слова:** предупреждение преступности, молодежь, общесоциальные меры, профилактика правонарушений, социальные условия, образование, занятость, социальная защита, рецидив, молодежное самоуправление, досуг, права, семейная поддержка, культурные и спортивные мероприятия.

# ЧОРАҲОИ УМУМИИҶТИМОИИ ПЕШГИРИИ ҶИНОЯТҲОИ ДУЗДИ БАЙНИ ҶАВОНОН

**Каримзода Азиз Абдуҳалим,**
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи

ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсия.

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

**Фишурда:** Дар мақола чораҳои иҷтимоии пешгирии ҷинояткории ҷавонон, ки ба коҳиш додани сатҳи ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳо дар ҷомеа равона шудаанд, баррасӣ мешавад. Аҳаммияти беҳтар кардани шароити зиндагӣ, мубориза бо камбизоатӣ, баланд бардоштани сатҳи таълим, ҳимояи иҷтимоӣ, таъсиси имкониятҳои барои шуғл ва ҳамчунин нақши чорабиниҳои профилактикӣ, ки ба ташаккули рафтори эҳтиромии қонун байни ҷавонон равона шудааст. Дар мақола омилҳои гуногуни пешгирии ҷинояткории ҷавонон, аз ҷумла тарбияи оила, иқдомоти таълимӣ, рушд додани худидоракунии ҷавонон ва ташкил кардани фурсати фароғатӣ баррасӣ мешавад. Ҳамчунин, аҳамияти ширкат кардани ҷавонон дар чорабиниҳои фарҳангӣ ва варзишӣ, ки ба рушди шахсияти онҳо кӯмак мерасонанд ва эҳтимолияти содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳоро коҳиш медиҳанд, таъкид шудааст. Мақола аҳаммияти ҳамоҳангсозии кӯшишҳои мақомотҳои мухталиф, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, барои пешгирии самараноки ҷинояткориро таъкид мекунад.

**Калидвожаҳо:** пешгирии ҷинояткорӣ, ҷавонон, чораҳои иҷтимоӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, шароити иҷтимоӣ, таълим, шуғл, ҳимояи иҷтимоӣ, ретсидив, худидоракунии ҷавонон, фароғат, ҳуқуқ, чорабиниҳои фарҳангӣ ва варзишӣ.

## SOCIAL MEASURES FOR CRIME PREVENTION AMONG YOUTH

**Karimzoda Aziz Abduhalim,**
Tajik State University of Law, Business and Politics, Faculty of Law, applicant of the Department of Criminal Law, Forensics and Anti-Corruption

**Scientific specialty:** 12.00.08 – criminal law and criminology; penal law

**Abstract:** This article discusses social measures for preventing crime among youth, aimed at reducing the level of offenses and crimes in society. The importance of a comprehensive approach, which encompasses social, economic, educational, and cultural aspects, is emphasized. The paper highlights the need to improve living conditions, combat poverty, raise education levels, enhance social protection, create employment opportunities, as well as the role of preventive activities aimed at fostering law-abiding behavior among youth. Different approaches to crime prevention are considered, including working with families, educational initiatives, the development of youth self-government, and

organizing leisure activities. The importance of involving youth in cultural and sports events is also highlighted, as these contribute to personal development and reduce the likelihood of committing offenses. The article stresses the need for coordinated efforts from various societal institutions, including law enforcement, to effectively prevent crime.

**Keywords:** crime prevention, youth, social measures, delinquency prevention, social conditions, education, employment, social protection, recidivism, youth self-government, leisure, legal socialization, family support, cultural and sports activities.

Система предупреждения преступности представляет собой многогранный комплекс мер, направленных на снижение уровня правонарушений и преступлений в обществе. В криминологической теории под предупреждением преступности понимаются действия, направленные на устранение причин и условий, способствующих правонарушениям. Такие меры делятся на общесоциальные и специально-криминологические[513]. Общесоциальные меры предупреждения преступности охватывают широкие аспекты социальной жизни, включая улучшение условий жизни населения, борьбу с бедностью, улучшение образования, создание возможностей для занятости, развитие социальной защиты и т. д. Они направлены на снижение уровня социальной напряженности и несправедливости, что, в свою очередь, уменьшает вероятность преступных деяний.

Специально-криминологические меры ориентированы на воздействие на преступность через создание системы правовых, социальных и образовательных институтов, которые ограничивают возможности для совершения преступлений, а также способствуют реабилитации преступников и профилактике повторных правонарушений[514]. Это могут быть меры, направленные на профилактику, выявление и пресечение преступлений в подростковой и молодежной среде, усиливающие контроль за опасными группами и лицами, а также работа с семьями и молодежными организациями[515].

Борьба с преступностью – это комплексная задача, охватывающая не только правовые меры, но и множество других аспектов, включающих социальные, культурные, медицинские и образовательные направления. Важно понимать, что для предотвращения преступлений необходима скоординированная работа различных органов и институтов, которые действуют как на профилактическом, так и на наказательном уровне. Даже такие неочевидные участники, как строители или коммунальные службы,

---

[513] Костюченко М.А. Общесоциальное предупреждение преступлений в кредитной сфере // Сибирский юридический вестник. ─ 2016. ─ № 3(74). ─ С. 91.

[514] Щедрин Н.В. Основы общей теории предупреждения преступности: Учеб.пособие / – Краснояр. гос. ун-т, 1999. – 58 с.

[515] Криминология: учебник для студентов вузов / под ред. Г.А. Аванесова. 4-е изд., перераб. и доп. – М., 2007. – С. 296; Криминология: учебное пособие / под ред. С.Я. Лебедева, М.А. Кочубей. – М., 2007. С.190-191; Криминология: учебник / под ред. Н.Ф. Кузнецовой, Г.М. Миньковского. М., 1994. С.156-157; Алексеев А.И. Криминология: курс лекций. – М., 1998. – С. 117; Иншаков С.М. Криминология: учебник. – М., 2000. – С. 75.

играют свою роль в создании безопасной городской среды, что способствует снижению уровня преступности. Например, эффективное освещение улиц, хорошие дороги, общественные спортивные объекты – все это влияет на улучшение общего состояния общества и снижает возможности для совершения преступлений.

Вместе с тем, в борьбе с преступностью важную роль играют профилактические мероприятия, направленные на предупреждение правонарушений. Это включает в себя не только уголовное преследование, но и вовлечение местных сообществ, образовательных учреждений и других гражданских институтов. Всё это способствует формированию культуры законопослушания и снижению уровня преступности на долгосрочной основе.

Действительно, понятие «предупреждение преступности» может вызывать споры, особенно в контексте его применения к уже существующим преступлениям. Критики, такие как Д.А. Шестаков и О.В. Старков[516], подчеркивают, что предупреждение может касаться только потенциальных преступлений, а не тех, которые уже произошли.

Тем не менее, термин «борьба с преступностью» имеет широкое признание и используется на международном уровне, что придает ему определенную легитимность. А.И. Долгова, несмотря на критику, предлагает использовать термин «предупреждение преступности», что может быть оправдано, если рассматривать преступность как динамическое явление, подверженное изменениям и влиянию различных факторов[517].

Важно учитывать, что предупреждение преступности может включать в себя профилактические меры, направленные на снижение вероятности совершения преступлений в будущем, а не только на реакцию на уже совершенные деяния. Это может включать в себя социальные программы, образовательные инициативы и другие меры, направленные на устранение причин, способствующих преступности.

Таким образом, подход к терминологии и концепциям в области борьбы с преступностью должен быть гибким и учитывать как теоретические, так и практические аспекты, чтобы эффективно справляться с вызовами, которые ставит современное общество.

Профилактика преступности, как важный элемент криминологии, играет ключевую роль в снижении уровня правонарушений. Профилактика может быть как общей, так и индивидуальной. Общая профилактика ориентирована на широкий круг факторов, таких как устранение социальных и экономических условий, которые способствуют преступности. Это включает улучшение качества жизни, борьбу с безработицей, социальное обеспечение и меры по улучшению нравственного воспитания граждан. Такие меры могут включать в себя организацию общественных работ, повышение уровня образования и

[516] Шестаков Д.А. Введение в криминологию закона. 2-е изд., испр. и доп. / Предисл. Г.Н. Горшенко-ва. – СПб.: Издательство «Юридический центр», 2015. – 92 с.
[517] Криминология / А. И. Долгова. – 4-е изд., перераб. и доп. 2016. – 368 с.

культуре, распространение информации о правовых нормах и обязанностях граждан.

Что касается индивидуальной профилактики, то здесь внимание сосредоточено на предотвращении преступлений конкретных лиц. Преступление, как вы отметили, имеет стадию «созревания», когда личность или группа людей только начинают двигаться в сторону противоправных действий. Индивидуальная профилактика направлена на своевременное вмешательство в этот процесс, в том числе через психологическую помощь, консультирование, воспитание, привлечение к участию в социальных и культурных проектах, которые могут дать человеку другой выбор и ориентиры.

Предотвращение преступлений также связано с минимизацией факторов, которые могут способствовать совершению преступлений, например, улучшение правовых и социальных условий, усиление общественного контроля. Пресечение преступлений уже включает в себя более активные действия со стороны правоохранительных органов, такие как расследование правонарушений и наказания нарушителей закона, а также оперативное реагирование на потенциальные угрозы правопорядку.

Действительно, профилактика преступлений охватывает широкий спектр мероприятий, направленных на снижение уровня преступности и предотвращение конкретных преступных действий.

Профилактика может быть разделена на несколько категорий, включая криминологическую, криминалистическую, оперативно-разыскную и административно-правовую. Каждая из этих категорий имеет свои методы и подходы, которые могут быть применены на различных стадиях преступной деятельности.

Важно отметить, что профилактика может быть более эффективной на ранних стадиях, когда речь идет о предупреждении потенциальных преступлений. Однако, когда дело доходит до предотвращения или пресечения уже начатых преступных действий, необходимо использовать более целенаправленные и оперативные меры.

Замена термина «профилактика» на «предупреждение» является спорным, особенно в контексте правоприменения и криминологической теории. Четкое понимание этих терминов и их правильное использование в научной и практической деятельности имеет важное значение для разработки эффективных стратегий борьбы с преступностью.

Согласие с мнением авторов о необходимости «профилактировать» рецидив среди лиц, осужденных условно или вернувшихся из мест лишения свободы, можно обосновать несколькими ключевыми аспектами. Во-первых, профилактика рецидива является важной частью системы уголовной юстиции, направленной на снижение уровня преступности и реинтеграцию осужденных в общество. Меры, направленные на поддержку и помощь таким лицам, могут значительно снизить вероятность повторного совершения преступления. Во-вторых, позиция А.И. Алексеева о широком диапазоне мер общесоциального предупреждения подчеркивает, что для эффективной профилактики необходимо учитывать

множество факторов, способствующих преступности. Это может включать социальные, экономические и психологические аспекты, которые влияют на поведение индивидов. В-третьих, комплексный подход к профилактике, о котором говорит А.И. Алексеев, позволяет создать более устойчивую систему, где различные меры (например, социальная поддержка, образование, трудоустройство) работают в связке, усиливая друг друга. Это может привести к более значительным результатам в снижении рецидивов. Таким образом, согласие с мнением авторов о необходимости профилактики рецидива и поддержка позиции А.И. Алексеева о многоаспектности и комплексности мер предупреждения преступности представляется обоснованным и актуальным в контексте современных вызовов в области уголовной юстиции»[518].

В.Е. Эминов в своём анализе преступности среди молодежи подчёркивает важность комплексного подхода к профилактике правонарушений. Он утверждает, что только сочетание социальных, экономических, политических, воспитательных, правовых и организационных мер может эффективно предотвратить преступления, в том числе такие, как кражи и грабежи.

В.Е. Эминов акцентирует внимание на том, что профилактика должна охватывать все аспекты жизни молодёжи. Это включает создание благоприятных социальных условий, доступ к образованию, работу с семьями, развитие правовой грамотности и поддержку на уровне государства и общества. Меры должны быть направлены как на устранение причин преступности, так и на создание эффективных механизмов воздействия на её проявления. Таким образом, мнение В.Е. Эминова отражает интегрированный подход к профилактике, где профилактические мероприятия не ограничиваются лишь правовыми или карательными мерами, а охватывают широкий спектр социальных и организационных аспектов[519].

Социальные меры профилактики можно разделит на такие виды как повышение благосостояния семьи и воспитание детей, благоустройство образовательных учреждений, нравственное содержание деятельности СМИ, создание сети социально-педагогических комплексов, улучшение структуры образовательных учреждений и подготовка кадров, повышение правовой социализации молодежи, новые подходы к трудовой подготовке и профессиональной ориентации, активизация молодежного самоуправления и другие.

Повышение благосостояния семьи и воспитание детей – это основа социального развития, поскольку семья является первым и важнейшим институтом социализации. Помощь семьям с детьми, поддержка в трудные периоды жизни (например, выплаты на ребенка или налоговые льготы) позволяет не только улучшить материальное положение, но и создать условия для полноценного воспитания и развития детей.

---

[518] Алексеев А.И. Криминология: курс лекций / А.И. Алексеев. 2-е изд., испр. и доп. – М., 2001. – С. 122.
[519] Криминология: учебник / под ред. В.Н. Кудрявцева, В.Е. Эминова. 2-е изд., перераб. и доп. – М., 2002. – С.285.

Благоустройство образовательных учреждений – создание комфортных и безопасных условий в школах и детских садах способствует лучшему восприятию учебного процесса и развитию детей. Это включает не только физическую инфраструктуру, но и доступ к современным образовательным технологиям.

СМИ играют огромную роль в формировании мировоззрения молодежи. Поэтому важно, чтобы их контент был направлен на развитие моральных ценностей, уважение к правам человека и поддержку социальной ответственности.

Создание сети социально-педагогических комплексов – это создание центров, где дети и молодежь могут получить помощь и поддержку в различных областях: образовательной, социальной, психологической. Такие комплексы помогают эффективно решать проблемы, с которыми сталкивается молодежь, особенно в условиях социальной нестабильности.

Улучшение структуры образовательных учреждений и подготовка кадров – это непосредственно связано с качеством образования. Программа подготовки педагогов и специалистов должна быть гибкой, учитывая современные реалии и потребности общества.

Повышение правовой социализации молодежи – правовая грамотность молодежи играет важную роль в ее интеграции в общество. Молодые люди должны понимать свои права и обязанности, знать, как защищать свои интересы.

Новые подходы к трудовой подготовке и профессиональной ориентации – важно не только дать молодежи знания, но и научить ее эффективно применять их в жизни, помочь найти свое место в экономике.

Активизация молодежного самоуправления – создание условий для того, чтобы молодежь могла самостоятельно решать проблемы, принимать участие в социальных и культурных проектах, формирует у них ответственность и лидерские качества.

Такие меры направлены на то, чтобы создать благоприятные условия для всестороннего развития подрастающего поколения, что, в свою очередь, способствует стабильности и прогрессу в обществе.

Особое внимание уделяется микросреде личности, то есть близкому окружению подростков, где формируются основные социальные отношения и референтные группы. Речь идет о необходимости выстраивания поддержки, которая может быть более эффективной, чем внешнее вмешательство, при этом важно своевременно выявлять и устранять проблемы, что способствует профилактике преступности.

Организация досуга для молодежи является важным аспектом профилактики правонарушений, включая кражи. Участие в различных кружках и секциях помогает несовершеннолетним развивать свои таланты, находить увлечения и формировать положительные социальные связи. Кроме того, такие мероприятия способствуют формированию у молодежи чувства ответственности, самодисциплины и уважения к окружающим. Важно, чтобы такие программы были доступны и разнообразны, чтобы каждый подросток мог найти что-то по своему интересу.

Также стоит отметить, что вовлечение молодежи в культурные и спортивные мероприятия может помочь им лучше понять ценности общества, развить навыки командной работы и повысить свою самооценку. Это, в свою очередь, может снизить вероятность совершения правонарушений и способствовать более гармоничному развитию личности. Организация досуга и предоставление различных услуг для молодежи играют ключевую роль в профилактике правонарушений. Создание условий для активного и содержательного досуга помогает подросткам не только развивать свои способности, но и формировать здоровые социальные связи, что в свою очередь снижает риск вовлечения в преступную деятельность.

Важно, чтобы такие программы были комплексными и включали в себя не только развлекательные мероприятия, но и образовательные, направленные на развитие жизненных навыков, профессиональной ориентации и социальной ответственности. Это поможет молодежи не только избежать правонарушений, но и стать активными и ответственными членами общества. Активно осуществляют поиск инновационных форм обеспечения защиты прав, свобод и законных интересов молодежи, охраны института семьи, особенно в отдельных регионах.

Первичная профилактика представляет собой особую разновидность социальной профилактики[520]. Она, прежде всего, направлена на предупреждение влияния различных неблагоприятных факторов, на сохранение и развитие условий, способствующих здоровью человека[521]. В основе этого типа профилактики лежит утверждение здорового образа жизни среди молодежи[522]. Здоровый образ жизни действительно основывается на гармоничном развитии различных аспектов личности, включая физическое, психическое и социальное здоровье. Первичная профилактика включает широкий спектр мероприятий, направленных на информирование и создание условий для правильного выбора молодежи. Это могут быть: образовательные программы; развитие социальных навыков; создание поддерживающих социальных сетей; роль семьи и близких.

Действительно, обще профилактические мероприятия, направленные на устранение причин и условий, способствующих возникновению и распространению различных видов преступлений, в том числе кражи, играют ключевую роль в предотвращении этих явлений. Такие мероприятия должны охватывать широкий спектр действий, направленных на изменение как социальных, так и индивидуальных факторов, которые могут приводить к правонарушениям.

Роль профилактики преступление в борьбе с кражи:

---

[520] Криминология и профилактика преступлений / под ред. А.И. Алексеева. – М., 1989. – С.222-223.

[521] Наумов С.С. Понятие предупреждения преступлений и классификация предупредительных мер // Актуальные проблемы работы органов внутренних дел: сборник научно-практической конференции. – М., 2000. – С. 128.

[522] Корченов В.В. Об изучении проблемы формирования здорового образа жизни среди молодого поколения // Предупреждение вредных привычек у школьников сборник научно-практической конференции. – М., 1990. – С. 82.

Необходимо внимание к социальному окружению подростков. Плохие условия жизни, бедность, отсутствие поддержки со стороны семьи, всё это может способствовать преступному поведению, включая преступления против собственности. Работа с семьями, обучение родителей, создание программ поддержки для детей из неблагополучных семей может существенно снизить риски вовлечения в преступную деятельность. Большинство несовершеннолетних совершают преступления кражи при участии взрослых. Это указывает на важность контроля за взрослым окружением подростков. Активная работа правоохранительных органов с такими взрослыми, а также профилактические беседы и меры наказания для взрослых, склоняющих молодежь к преступлениям, может сыграть решающую роль в снижении уровня преступности. Оказание психологической помощи подросткам, особенно тем, кто имеет трудности в семье или школе, а также развитие образовательных программ, направленных на воспитание правового сознания и социальной ответственности, могут снизить склонность к совершению преступлений. Проблемы, такие как кражи, часто связаны с влиянием молодежных групп и субкультур, в которых молодые люди стремятся получить признание и уважение через противоправные действия. Программы вовлечения подростков в спортивные и культурные активности, а также в различные формы общественного участия (например, волонтерство), могут стать альтернативой вредным влияниям.

Для успешного снижения уровня преступности также важна роль правоохранительных органов, их взаимодействие с обществом, создание условий для быстрого реагирования на преступления. Хотя раскрываемость преступлений остается низкой, особое внимание должно уделяться работе с несовершеннолетними правонарушителями, их реабилитации и ресоциализации. Таким образом, эффективная первичная профилактика, направленная на снижение преступности среди подростков, требует комплексного подхода, включающего работу как с детьми, так и с их окружением. Это должно быть сочетание образовательных, социальных и правовых мер, направленных на устранение условий, способствующих правонарушениям.

**Литература:**

1. Алексеев А.И. Криминология: курс лекций / А.И. Алексеев. 2-е изд., испр. и доп. М., 2001. С. 122.
2. Алексеев А.И. Криминология: курс лекций. М., 1998. С. 117.
3. Иншаков С.М. Криминология: учебник. М., 2000. С. 75.
4. Корченов В.В. Об изучении проблемы формирования здорового образа жизни среди молодого поколения // Предупреждение вредных привычек у школьников сборник научно-практической конференции. М., 1990. С. 82.
5. Костюченко М.А. Общесоциальное предупреждение преступлений в кредитной сфере // Сибирский юридический вестник. — 2016. — № 3(74). — С. 91.

6. Криминология / А. И. Долгова. — 4-е изд., перераб. и доп. 2016. 368 с.
7. Криминология и профилактика преступлений / под ред. А.И. Алексеева. М., 1989. С.222-223.
8. Криминология: учебник / под ред. В.Н. Кудрявцева, В.Е. Эминова. 2-е изд., перераб. и доп. М., 2002. С.285.
9. Криминология: учебник / под ред. Н.Ф. Кузнецовой, Г.М. Миньковского. М., 1994. С.156-157;
10. Криминология: учебник для студентов вузов / под ред. Г.А. Аванесова. 4-е изд., перераб. и доп. М., 2007. С. 296;
11. Криминология: учебное пособие / под ред. С.Я. Лебедева, М.А. Кочубей. М., 2007. С.190-191;
12. Наумов С.С. Понятие предупреждения преступлений и классификация предупредительных мер // Актуальные проблемы работы органов внутренних дел: сборник научно-практической конференции. М., 2000. С. 128.
13. Шестаков Д.А. Введение в криминологию закона. 2-е изд., испр. и доп. / Предисл. Г.Н. Горшенко-ва. СПб.: Издательство «Юридический центр», 2015. 92 с.
14. Щедрин Н.В. Основы общей теории предупреждения преступности: Учеб.пособие / Краснояр. гос. ун-т , 1999. 58 с.

**Мақола дар редаксия ворид шуд**: 21.04.2025
**Аз тақриз баргашт: 09.06.2025**
**Ба чоп тавсия шуд: 16.06.2025**

## ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПОӢ (ИХТИСОС: 12.00.10) – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.10)

# ЗАМИНАҲОИ МИЛЛИИ МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Қурбонзода Муҳаммад Саймаҳмуд,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, докторанти PhD-и соли 2-юми кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ
**Тел.:** (+992) 986-76-98-98
**Email:** qurbonzoda1111@gmail.com

**Роҳбари илмӣ:** Қодиров Н.А., н.и.ҳ, дотсент

**Фишурда:** Дар замони муосир аҳолии сайёра ба мушкилоти камбудии ғизо ва маҳсулоти озуқворӣ рӯ ба рӯ мебошад. Барои мушарраф гардидан ба истиқлолияти озуқаворӣ имрӯзҳо аз давлатҳо андешидан ва амалӣ намудани чораҳои гуногуни ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодиро тақозо менамояд. Дар мақолаи мазкур асосҳои ҳуқуқии расидан ба истиқлолияти озуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** Амнияти озуқаворӣ, қонунгузории миллӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ, озуқаи хӯшсифат, оби нушокӣ, тандурустӣ, амнияти санитарию эпидемиологӣ, истеъмолкунанда.

# НАЦИОНАЛЬНАЯ НОРМАТИВНО-ПРАВОВАЯ БАЗА ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Курбонзода Мухаммад Саймахмуд,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, докторант (PhD) второго курса кафедры международного права
**Тел.:** (+992) 986-76-98-98
**Email:** qurbonzoda1111@gmail.com

**Научный руководитель:** Кодиров Н.А., к.ю.н., доцент.

**Аннотация:** В наше время население планеты сталкивается с проблемой нехватки продовольствия и продуктов питания. Для достижения продовольственной независимости сегодня от государств требуется принятие и осуществление различных правовых, организационных и экономических мер. В

данной статье анализируются и обобщаются правовые основы достижения продовольственной независимости Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** продовольственная безопасность, национальное законодательство, продукты питания, качественные продукты питания, питьевая вода, здравоохранение, санитарно-эпидемиологическая безопасность, потребитель.

## THE NATIONAL REGULATORY FRAMEWORK FOR ENSURING FOOD SECURITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Qurbonzoda Muhammad Saimahmud**, Tajik National University, Faculty of Law, second-year PhD student at the Department of International Law
**Phone.:** (+992) 986-76-98-98
**Email**: qurbonzoda1111@gmail.com

**Scientific supervisor:** N.A. Kodirov, Candidate of Law, Associate Professor.

**Annotation:** Nowadays, the world's population is facing the problem of food and food shortages. To achieve food independence today, States need to adopt and implement various legal, organizational and economic measures. This article analyzes and summarizes the legal basis for achieving food independence of the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** food safety, national legislation, food, quality food, drinking water, healthcare, sanitary and epidemiological safety, consumer.

Дар шароити ҳамгироии низомҳои ҳуқуқӣ ва ҳамгироии зичи муносибатҳои иқтисодӣ ва дигар муносибатҳои байнидавлатӣ ва хусусӣ таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз вазифаҳои асосии асри XXI мебошад.

Амнияти озуқаворӣ дар миқёси ҷаҳонӣ дар марҳилаи муосири рушди тамаддунҳо мушкилоти бисёрҷанба ва душвортаринро касб намудааст. Яке аз ҷанбаҳои он таъмини миқдори кофӣ ва сифати хӯрок мебошад. Афзоиши босуръати аҳолии сайёра дар назди ҷомеаи байналмилалӣ дар соҳаи таъмини амнияти озуқаворӣ вазифаҳои ҷиддӣ мегузорад. Аз ҷумла, беҳтар кардани дастрасии озуқаворӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи аҳолии аз ҷиҳати шумораи афзоянда, тақвияти кишоварзӣ ва чорводорӣ, баланд бардоштани самаранокии системаҳои коркард ва тақсимоти маҳсулоти хӯрокворӣ, инчунин ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар истеҳолот[523].

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, яке аз масъалаҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро зери хавф қарор дод, ин набудани имконияти ба аҳолӣ таъмин намудани озуқаворӣ ба ҳисоб мерафт. Аз ин лиҳоз давлат баҳри баромадан аз ин вазъияти душвор, яке аз ҳадафҳои стратегии кишварро

[523] Нига ба: Антонова И.В., Современные международно-правовые проблемы деятельности ФАО: дис. ... кандидата юридических наук. – Москва 2009. – с. 5-6.

таъмини амнияти озуқаворӣ эълон кард[524]. Дар робита бо ин аз тарафи мақоми олии қонунгузори кишвар – Маҷлиси Олӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор қабул гардида, ҷиҳати расидан ба ин ҳадаф заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст.

Мувофиқи банди 2 Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2024, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, №386 тасдиқ гардида буд, таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои асосии бехатарии иқтисодӣ, омили бақои давлатдорӣ ва истиқлолият, низоми муҳими таъминоти аҳолӣ бо озуқа ва сиёсати демографӣ, тандурустӣ, таъмини фаъолнокии ҷисмонӣ, дарозумрӣ ва зиндагии арзандаи аҳолӣ, арзёбӣ гардидааст. Дар ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоии давлат таъмини амнияти озуқаворӣ нақши муҳим мебозад ва баррасии ин масъала на танҳо дар сатҳи байналмилалӣ, балки дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ, хонаводагӣ ва шахсӣ бояд қарор гирад[525].

Маҳсулоти асосии ғизоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон чунин анвоъи маҳсулотро ба монанди орд, тухм, картошка, сабзавот ва полезиҳо, мевагӣ, равғани растанӣ, гушт ва маҳсулоти гуштӣ, шир ва маҳсулоти ширӣ, ном бурд[526]. Обро ҳамчун неъмати бебаҳои табиат ва манбаи ҳаёти инсон ва тамоми мавҷудоти зинда метавон дар радифи маҳсулоти асосии ғизоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ном бурд, зеро бе об ҳаёт вуҷуд надорад ва дар таркиби тамоми маҳсулотҳои истеъмолии аҳолӣ об мавҷуд аст ва ё ин, ки бо оби ҷавобгу ба талаботҳои меъёрҳои гигиенӣ ва санитарӣ коркарди маҳсулотҳои озуқаворӣ, омили таъмини амнияти санитарию эпидемиологиии аҳолӣ маҳсуб меёбад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 6 ноябри соли 1994 ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шудааст эътибори олии ҳуқуқӣ дошта, танзими тамоми муносибатҳои ҳуқуқӣ дар ҷамъият аз он манша мегирад.

Мутобиқи моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад[527].

Тибқи банди 32 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 – 2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст, замин яке аз ҷузъҳои асосии табиат буда, сарвати муҳими ҷамъияту давлат мебошад. Асоси иқтисодиёти

---

[524] Ниг ба: Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавобгарӣ барои поймол намудани киштзор, зарар расонидан ба зироатҳои кишоварзӣ, тутзор ва дигар дарахту буттазор”: нашри аввал//Зери таҳрири Саидзода Изатулло Ҳабибулло, Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент. Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2021. С. 4.

[525] Нига ба: Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2024, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, №386 тасдиқ гардидааст. (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://taas.tj/barnoma-va-loiha/ (санаи мурочиат 04.05.2025).

[526] Ниг ба: Қаракулов А.Б., Латипов Р.Б., Истиқлолияти сиёсӣ ва амнияти ғизоӣ. Душанбе, “Шуҷоиён”, 2010. С.51-52.

[527] Ниг ба: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (бо тағйиру иловаҳои 22.05.2016), “Нашриёти Ганҷ”.

тамоми давлатҳоро замин ва сарватҳои он ташкил медиҳад. Дуруст истифода набурдани замин як қатор мушкилотро дар ҷомеа ба миён меорад, аз қабили мушкилоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ. Мубрам будани масъалаҳои ҳуқуқии замин инчунин, дар он зоҳир мегардад, ки ҳама вақт бояд дар назар дошт, ки замин на танҳо боигарии табиат, сарчашмаи ҳаёт, балки захираи табиат ва пеш аз ҳама объекти моликият низ мебошад, ки истифодаи самараноки он бояд ба таври дуруст ба роҳ монда шавад[528].

Дар робита бо ин, бояд қайд кард, ки барои танзими муносибатҳо вобаста ба замин 13 декабри соли 1996, №326 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 боб ва 105 модда иборат буда, то имрӯз зиёда аз 20 маротиба ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, такмил дода шудааст. Санади мазкур муносибатҳои заминистифодабариро танзим намуда, барои истифода ва ҳифзи замин, ҳосилхез кардани он, ҳифз ва беҳтар намудани муҳити табиат ва инкишофи баробари ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ шароит фароҳам меоварад. Мутобиқи моддаи 1 иловаи 3 Кодекси мазкур қонунгузории замин ба принсипҳои - беҳтар намудани сифат ва ҳосилхез кардани замин ҳамчун захираи муҳимтарини табиӣ, таъмини истифодабарии самараноки замин, таъмини ҳифзи махсус, васеъ намудан ва истифодабарии мақсадноки заминҳои кишоварзӣ, дастгирии давлатӣ барои амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба ҳосилхез кардани заминҳои кишоварзӣ, беҳтар намудани ҳолати мелиоративӣ ва пешгирии зараррасонӣ ба замин, асос меёбад[529].

Мутобиқи моддаи 3 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми заминҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фонди ягонаи давлатии заминро ташкил медиҳанд. Мутобиқи таъиноти мақсаднок онҳо ба 7 гурӯҳ аз ҷумла, заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ҷудо карда шудаанд, ки барои ҳар кадом категорияи замин мутобиқи таъиноти мақсднок реҷаи ҳуқуқӣ ва тартиби идоракунии махсус пешбинӣ карда шудааст. Заминҳои таъиноти кишоварзӣ тамоми заминҳое ба ҳисоб мераванд, ки барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ истифода мешаванд.

Ин категорияи заминҳо таъминкунандаи бозори дохилии кишвар бо маҳсулоти кишоварзӣ мебошанд, зеро ки дар сурати пурра, самаранок ва оқилона истифода бурдан, баҳодиҳии дурусти заминҳои таъиноти кишоварзӣ, мо ба яке аз ҳадафи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини амнияти озуқаворӣ ноил хоҳем гардид[530].

Тибқи моддаи 19 Кодекси мазкур заминистифодабарандагони якумдараҷа ҳуқуқ доранд мустақилона дар замин хоҷагидорӣ намоянд, молики маҳсулоти кишоварзию даромади фурӯш аз он бошанд инчунин, молики кишт, зироатҳои

---

[528] Ниг ба: Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 феврали соли 2018, №1005, тасдиқ шудааст. (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj (санаи муроҷиат 04.05.2025).

[529] Ниг ба: Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 декабри соли 1996, №326. (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj (санаи муроҷиат 04.05.2025).

[530] Ниг ба: Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳои замин”: нашри аввал//Зери таҳрири Саидзода Изатулло Ҳабибулло, Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент. Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2020. С. 54.

кишоварзӣ ва ниҳолҳои шинонидашуда бошанд. Ҳамзамон, заминистифодабарандагон тибқи моддаи 21 Кодекси мазкур ӯҳдадоранд, замини додашударо самаранок истифода баранд ва аз технологияи барои ҳифзи табиат пешбинишудаи истеҳсолот истифода намуда, ба бад шудани вазъи экологии маҳал дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ роҳ надиҳанд.

Ҳамчунин, бояд қайд намуд, ки дар кишварамон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавобгарӣ барои поймол намудани киштзор, зарар расонидан ба зироатҳои кишоварзӣ, тутзор ва дигар дарахту буттазор" аз 5 марти соли 2007, №240 қабул карда шудааст. Мутобиқи Қонуни мазкур зараре, ки дар натиҷаи поймол намудани киштзор, зарар расонидан ба зироатҳои кишоварзӣ, тутзор ва дигар дарахту буттазор, ҳосили ғундоштаи дар саҳромонда ва буттаву дарахтони мевадори соҳаи кишоварзӣ, ки аз тарафи шахрвандон ё худ тавассути воситаҳои техникӣ ва чорво ба ташкилоту корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), кооперативҳои истеҳсолӣ, ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ ва ба шахсони дигар расидааст, аз зараррасон ситонида мешавад[531].

Санади дигари мураттабгаштае, ки меъёрҳои ҳуқуқиро дар робита ба таъмини амнияти озуқаворӣ дар худ фаро мегирад, ин Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани об ва объектҳои об, ҳифз ва истифодаи самараноки захираҳои об ва ҳифзи ҳуқуқҳои истифодабарандагони обро танзим менамояд. Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2020, №1688, қабул гардида, аз 13 боб ва 95 модда иборат мебошад.

Мутобиқи Кодекси мазкур объекти дигари ҳуқуқи моликияти истисноии давлат об мебошад, ки он ба манфиати халқ истифода бурда мешавад. Тамоми объектҳои об фонди ягонаи давлатии оби Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, ки ба онҳо дарёҳо, кӯлҳо, пиряхҳо, барфтудаҳо ва дигар сарчашмаҳои рӯйизаминӣ, инчунин минтақаҳои ҷамъшавии обҳои зеризаминӣ, аз ҷумла обҳои табобатию маъданӣ ва гарми зеризамини дар ҳудуди он қарордошта мансуб мебошад[532].

Мутобиқи моддаи 8 Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон об моликияти истисноии давлат буда, давлат истифодаи самараноки онро ба манфиати халқ кафолат медиҳад[533].

Дар моддаи 1 (мафҳумҳои асосӣ) Кодекси мазкур мафҳуми "оби нӯшокӣ" истифода шудааст, ки зери ин мафҳум обе дар назар дошта шудааст, ки ки аз ҷиҳати сифат ва бехатарӣ дар ҳолати табиӣ ё баъди коркард (тозагардонӣ, безараргардонӣ, илова намудани моддаҳои кимиёвӣ) ба талаботи меъёрии

---

[531] Ниг ба: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавобгарӣ барои поймол намудани киштзор, зарар расонидан ба зироатҳои кишоварзӣ, тутзор ва дигар дарахту буттазор" аз 5 марти соли 2007, №240. (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj (санаи мурочиат 09.05.2025).

[532] Ниг ба: Тафсири илмӣ-оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Зери таҳрири Насриддинзода Э.С. – д.и.ҳ., профессор узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе – Матбааи ДМТ, 2024 С. 96-97.

[533] Ниг ба: Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 апрели соли 2020, №1688. (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj (санаи мурочиат 09.05.2025).

муқарраршуда ҷавобгӯ буда, барои нӯшидан, тайёр намудани хӯрок, эҳтиёҷоти дигари хоҷагидорию маишии аҳолӣ ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ истифода мешавад.

Қайд намудан зарур аст, ки моддаи 54 Кодекси мазкур ба истифодабарандагони об ҳуқуқ медиҳад, ки объекти обро барои таъмини эҳтиёҷоти нӯшокӣ ва хоҷагию маишии аҳолӣ, фароғатӣ, талаботи кишоварзӣ, моҳипарварӣ, моҳигирӣ, шикор ва дигар намуди эҳтиёҷот истифода намоянд. Ҳамчунин, Кодекси мазкур истифодабарандагони обро уҳдадор менамояд, ки ҷиҳати ба объектҳои об пурра қатъ намудани партофтани обҳои партов, ки дар таркибашон маводи ифлоскунанда доранд, тадбирҳои имконпазирро андешанд[534].

Мутобиқи моддаи 63 Кодекси Оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастрасӣ ба оби бехатар ва тозаи нӯшокӣ ҳамчун ҷузъи таркибии амалисозии ҳуқуқҳои инсон ҳуқуқ дорад. Барои эҳтиёҷоти нӯшокӣ ва хоҷагию маишии аҳолӣ бояд объектҳои оби аз ифлосшавӣ ва олудашавӣ ҳифзгардида, ки мутобиқати онҳо барои ин мақсадҳо дар асоси хулосаи санитарию эпидемиологӣ муайян мегардад, истифода карда шаванд. Зимнан, дар моддаи 77 Кодекси мазкур меъёри мушаххас дар он хусус, ки дар объектҳои об гӯронидани моддаҳои радиоактивӣ ва заҳрнок манъ аст, дарҷ гардидааст.

Ҳамзамон, бояд қайд намоям, ки тибқи Кодекси мазкур яке аз принсипҳое, ки қонунгузории оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он асос меёбад ин принсипи ҳавасмандгардонии иқтисодӣ барои истифодаи сарфакоронаи об, маҳсуб меёбад. Бинобар ин, мутобиқи моддаи 57 Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби ҳавасмандгардонии истифодабарандагони об, ки чорабиниҳои ба аҳолӣ фоиданокро оид ба истифодаи оқилона ва ҳифзи об амалӣ менамоянд, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Вобаста ба ин, мехоҳам илова намоям, ки дар Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 29 ноябри соли 2000, №34 қабул гардида буд ва бо қабули Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав (аз 2 апрели соли 2020, №1688) аз эътибор соқит дониста шудааст, меъёри мушаххас дар моддаи 46 он дар хусуси тартиби ҳавасмандагардонии обстифодабарандагон ифодаи худро ёфта буд, ва дар ин асос қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Тартиби ҳавасманд гардонидани истифодабарандагони об, ки ҷиҳати истифодаи оқилона ва ҳифзи об корҳои ҷамъиятии фоиданокро анҷом медиҳанд” аз 31 августи соли 2002, №349, қабул гардидааст. Санад мазкур дар асоси Кодекси обии қаблии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст ва аз лаҳзаи қабул гардиданаш 23 сол сипари шудаст ва ба андешаи мо имрӯзҳо зарурияти такмил додани санади мазкур ба миён омадааст. Аз ҷумла, тибқи банди 5 қарори дар боло зикршуда ҳавасмандгардонии истифодабарандагони об бо пешниҳоди вазорату идораҳо, корхона, хоҷагиҳо сарфи назар аз шакли

[534] Ниг ба: Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 апрели соли 2020, №1688. (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj (санаи мурочиат 09.05.2025).

моликият ва хулосаи мақомоти Вазорати ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад[535]. Зикр бояд намуд, ки пас аз қабули қарори дар боло қайдгардида то инҷониб ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ”Дар бораи такмили сохтори мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки 19 ноябри соли 2013, №12, қабул гардидааст, ки дар ин санад номгӯи мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардидаанд, якчанд маротиба тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст[536]. Дар банди 3 фармони мазкур номгӯи вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, ки дар номгӯи мазкур акнун Вазорати ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон, зикр нагардидааст. Ғайр аз ин, дар қарор истифодабарандагони об чӣ гуна ва ё ин, ки ба андозаи чанд нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳавасманд гардонида мешаванд, зикр нашудааст. Бинобар ин, зарурати дар таҳрири нав қабул намудани қарор зикршуда ба миён омадааст.

Дар ин росто санади дигари меъёрии ҳуқуқие, ки аз ҷониби мақоми олии қонунгузори кишвар қабул гардидааст ин Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистонн 30 майи соли 2017, № 1413 қабул гардида, аз 2 фасл, 29 боб ва 223 модда иборат мебошад.

Дар Кодекси мазкур мафҳумҳои зерини марбут ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва амнияти санитарию эпидемиологӣ пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, мафҳумҳои амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ, ғизои омехтаи кӯдакон, дератизатсия, карантин, қоида ва меъёрҳои давлатии санитарию эпидемиологӣ, меъёрҳои гигиенӣ, муомилоти ғизои кӯдакон, муҳофизати санитарии ҳудуд, саломатӣ, эпидемия ва экспертизаи санитарию эпидемиологӣ.

Мутобиқи моддаи 3 Кодекси мазкур сиёсати давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ба принсипҳои мусоидат дар ташаккули тарзи ҳаёти солим ва ғизои солим, алоқамандии саломатии аҳолӣ, бехатарӣ, самарабахшӣ ва сифати маводи доруворӣ ба омилҳои таъмини амнияти миллӣ ва дигар принсипҳо асос меёбад[537].

Мутобиқи моддаи 31 Кодекси болозикр аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ҷиҳати арзёбии биологии маҳсулоти ғизоӣ Экспертизаи санитарию эпидемиологӣ гузаронида мешавад. Инчунин, мақомоти давлатии санитарию эпидемиологӣ барои ба талаботҳои муқарраргардида ҷавобгу будани маҳсулоти хӯрокворӣ, обтаъминкунӣ ва

---

[535] Ниг ба: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Тартиби ҳавасманд гардонидани истифодабарандагони об, ки ҷиҳати истифодаи оқилона ва ҳифзи об корҳои ҷамъиятии фоиданокро анҷом медиҳанд” аз 31 августи соли 2002, №349, (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://mmih.tj/Search/DocumentView?DocumentId=137660 (санаи муроҷиат 13.05.2025).

[536] Ниг ба: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ”Дар бораи такмили сохтори мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки 19 ноябри соли 2013, №12, (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://mmih.tj/Search/DocumentView?DocumentId=137660 (санаи муроҷиат 13.05.2025).

[537] Ниг ба: Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 майи соли 2017, № 1413, (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://moh.tj/onun-o/, (санаи муроҷиат 11.05.2025).

молҳои таъйиноти кӯдакона санҷиш ва экспертизаи санитарию эпидемиологӣ гузаронида, хулосаи санитарию эпидемиологӣ медиҳанд[538].

Мутобиқи моддаи 118 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳифзи ҳаёту саломатии инсон, манфиатҳои истеъмолкунандагон, олами набототу ҳайвонот ва муҳити зист тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ" амалӣ карда мешаванд. Қонуни мазкур санаи 1 августи соли 2012, №890 қабул гардида, аз 5 боб ва 40 модда иборат мебошад.

Мафҳуми бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ дар моддаи 1 Қонуни мазкур ба таври зерин ифода гардидааст, мавҷудияти боварии асоснок ба маҳсулоти хӯрокворӣ, ки истеъмоли он дар шароити муқаррарӣ барои саломатӣ зарарнок нест ва ба саломатии наслҳои ҳозираву оянда хатар надорад[539].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муомилот ва фурӯши маҳсулоти хӯроквории хатарнок манъ аст. Дар муомилот метавонанд танҳо маҳсулоти хӯроквории бехатар ҷой дошта бошанд.

Мутобиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ", маҳсулоти хӯрокворӣ хатарнок ҳисобида мешаванд, агар дар таркибашон микроорганизмҳо, бактерияпаразитҳо, заҳрҳои бактериологӣ ва моддаҳои фаъоли кимиёвии бофтаҳои аз сатҳи пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии дахлдор зиёдтар дошта бошанд, дар таркибаш иловаҳое дошта бошанд, ки дар навъҳои муайяни маҳсулоти хӯрокворӣ набояд истифода шаванд, аз ҳайвоноте пайдо шаванд, ки аз назорати пешакӣ ва баъдинаи байтории забҳ гузаронида нашудаанд, аз ҳайвоноти бемор ё мурда омода шуда бошанд, бо тартиби муқарраршуда тамғагузорӣ ва нишонагузорӣ нашуда бошанд, мӯҳлат ва (ё) санае, ки то он лаҳза маҳсулоти мазкур бояд истеъмол шавад нишон дода нашуда бошад ё мӯҳлати истеъмоли онҳо гузашта бошад ва инчунин, агар қалбакӣ бошанд.

Бояд қайд намуд, ки барои танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини амнияти озуқаворӣ, ҳамчун қисми таркибии амнияти давлат Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амнияти озуқаворӣ” аз 29 декабри соли 2010, №671 қабул карда шудааст. Қонуни мазкур аз 4 боб ва 18 модда иборат буда, дар он мафҳумҳои амнияти озуқаворӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, озуқаи ҳаётан муҳим, буҳрони озуқаворӣ, дастёбии воқеии озуқа, захири давлатии озуқа ва истиқлолияти озуқаворӣ, ифодаи худро ёфтаанд.

Мутобиқи Қонуни мазкур таъмини амнияти озуқаворӣ бо роҳҳои таҳия ва амалӣ намудани чорабиниҳои сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодӣ, техникӣ, иттилоотӣ ва чорабиниҳои дигаре, ки асосан аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ бо озуқаи ҳаётан муҳим дар сатҳи меъёрҳои муносиби илман асоснок барои қонеъ

---

[538] Ниг ба: Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 майи соли 2017, № 1413, (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://moh.tj/onun-o/, (санаи мурочиат 11.05.2025).

[539] Ниг ба: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ” аз 1 августи соли 2012, №890, (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj (санаи мурочиат 11.05.2025).

намудани талаботи аҳолӣ ва пешгирии бӯҳронҳои озуқаворӣ равона шудаанд, таъмин карда мешавад[540].

Қайд намудан лозим аст, ки барои риоя накардани меъёру қоидаҳои марбут ба таъмини амнияти озуқаворӣ аниқтараш риоя ва иҷро накардани меъёрҳои ҳуқуқӣ дар соҳаҳои тандурӯстӣ, санитарӣ, гигиенӣ, байторӣ, фитосанитарӣ, зиддиэпидемикӣ, заминистифодабарӣ ва обистифодабарӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ гардида, вайронкунандагони меъёру қоидаҳои мазкурро татбиқи ҷазои маъмурӣ ва ҳам ҷазои ҷиноятӣ таҳдид менамояд. Масалан, дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон боби алоҳида яъне боби 17 ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба меъёрҳо ва қоидаҳои байторию санитарӣ бо фарогирии моддаҳои 270 – 279 пешбинӣ гардидааст. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаю меъёрҳои санитарию гигиенӣ ва зиддиэпидемикӣ (моддаи 207 КҶ), барои ифлос кардани об (моддаи 226 КҶ), ва барои хароб кардани замин (моддаи 228 КҶ), пешбинӣ гардидааст.

Дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар боло зикршуда, як қатор санадҳои дигар барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ марбут ба таъмини амнияти озуқаворӣ аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ таҳия ва қабул гардидаанд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” (09.12.2004, №74), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ислоҳоти замин” (05.03.1992, №594), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи заминсозӣ” (05.01.2008, №356), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)” (15.03.2016, №1289), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ” (15.07.2004, №56), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ” (18.03.2022, №1866), Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷудо кардани 50 ҳазор гектар замин барои хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон” (09.11.1995, №3420, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷудо кардани 25 ҳазор гектар замин барои хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон” (01.12.1997, №874) ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи истифодаи мақсадноки қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ” (03.10.2011, №1147).

Вобаст ба масъалаи мавриди назар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар баромадҳои хеш мардумро ба истифодаи самараноки ҳар вақаб қитъаи замин, барои ду сол захира намудни маҳсулоти озуҷаворӣ ва ҷиҳати дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти хӯрокворӣ бехатар ниҳодҳои дахлдори назоратӣ, таъсис доданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 23 декабри соли 2022 иброз доштанд, ки вазъи ҳассоси ҷаҳони имрӯза, бахусус, ба

[540] Ниг ба: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амнияти озуқаворӣ” аз 29 декабри соли 2010, №671, (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj (санаи мурочиат 11.05.2025).

танқисии шадиди озуқаворӣ дучор гардидани чоряки кишварҳои дунё моро водор месозад, ки ҷиҳати таъмин намудани ҳадафи стратегиамон – ҳифзи амнияти озуқаворӣ тадбирҳои иловагӣ андешем. Солҳои охир, бо вуҷуди таъсири манфии омилҳои берунӣ, пайи ҳам омадани хушксолӣ ва маҳдудсозии содироти озуқаворӣ аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон, маҳз бо заҳмати шабонарӯзии кишоварзони мамлакат амнияти озуқаворӣ ва фаровонии бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда шуд[541].

Ҳамин тавр, таъмини амнияти озуқаворӣ ҳадафи стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, яке аз самтҳои асосии бехатарии иқтисодӣ, омили бақои давлатдорӣ ва истиқлолияти давлатӣ маҳсуб ёфта, ҷиҳати расидан ба ин ҳадаф ва дастёб гардидан ба истиқлолияти озуқаворӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ заминаҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст. Риоя ва иҷрои меъёрҳои ҳуқуқӣ дар соҳаҳои заминистифодабарӣ, обистифодабарӣ, санитарӣ, гигиенӣ, бойторӣ, фитосанитарӣ ва зиддиэпидемиологӣ, имкон фароҳам меорад, ки бозорҳои истеъмолии кишвар дар тамоми фаслҳои сол бо маҳсулоти бехатар ва хушсифати озуқаворӣ таъмин карда шавад.

Ҷиҳати ҳавасмандгардонии истифодабарандагони об ва ба ин васила ҳифз ва истифодаи самараноки захираҳои об, дастрасии аҳолӣ бо оби нӯшокии бехатар, ба объектҳои об пурра қатъ намудани партофтани обҳои партов, ки дар таркибашон маводи ифлоскунанда доранд, ҳарчӣ бештар дар истифода қарор додани технологияҳои муосири сарфакорона истифода намудани об ва пешгириву рафъ намудани хатарҳои шӯршавӣ ва ботлоқшавии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ ва такмили қонунгузории соҳа пешниҳод менамоям, ки қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Тартиби ҳавасманд гардонидани истифодабарандагони об, ки ҷиҳати истифодаи оқилона ва ҳифзи об корҳои ҷамъиятии фоиданокро анҷом медиҳанд” аз 31 августи соли 2002, №349, қабул гардидааст, дар таҳрирӣ нав қабул карда шавад.

**Адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (бо тағйиру иловаҳои 22.05.2016), “Нашриёти Ганҷ”.
2. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 декабри соли 1996, №326. (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj (санаи мурочиат 04.05.2025).
3. Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 апрели соли 2020, №1688. (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj (санаи мурочиат 09.05.2025).
4. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 майи соли 2017, № 1413, (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://moh.tj/onun-o/, (санаи мурочиат 11.05.2025).


[541] Ниг ба: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23 декабри соли 2022. (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/ (санаи мурочиат 09.05.2025).

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амнияти озуқаворӣ” аз 29 декабри соли 2010, №671, (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj (санаи мурочиат 11.05.2025).
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ” аз 1 августи соли 2012, №890, (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj (санаи мурочиат 11.05.2025).
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавобгарӣ барои поймол намудани киштзор, зарар расонидан ба зироатҳои кишоварзӣ, тутзор ва дигар дарахту буттазор” аз 5 марти соли 2007, №240. (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj (санаи мурочиат 09.05.2025).
8. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ”Дар бораи такмили сохтори мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки 19 ноябри соли 2013, №12, (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://mmih.tj/Search/DocumentView?DocumentId=137660 (санаи мурочиат 13.05.2025).
9. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 феврали соли 2018, №1005, тасдиқ шудааст. (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj (санаи мурочиат 04.05.2025).
10. Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2024, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, №386 тасдиқ гардидааст. (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://taas.tj/barnoma-va-loiha/ (санаи мурочиат 04.05.2025).
11. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Тартиби ҳавасманд гардонидани истифодабарандагони об, ки ҷиҳати истифодаи оқилона ва ҳифзи об корҳои ҷамъиятии фоиданокро анҷом медиҳанд” аз 31 августи соли 2002, №349, (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://mmih.tj/Search/DocumentView?DocumentId=137660 (санаи мурочиат 13.05.2025).
12. Тафсири илмӣ-оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Зери таҳрири Насриддинзода Э.С. – д.и.ҳ., профессор узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе – Матбааи ДМТ, 2024. 670. С.
13. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавобгарӣ барои поймол намудани киштзор, зарар расонидан ба зироатҳои кишоварзӣ, тутзор ва дигар дарахту буттазор”: нашри аввал//Зери таҳрири Саидзода Изатулло Ҳабибулло, Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент. Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2021. 55. С.
14. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳои замин”: нашри аввал//Зери таҳрири Саидзода Изатулло Ҳабибулло, Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент. Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2020. 138. С.
15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23 декабри соли 2022. (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/ (санаи мурочиат 09.05.2025).

16. Қаракулов А.Б., Латипов Р.Б., Истиқлолияти сиёсӣ ва амнияти ғизоӣ. Душанбе, “Шуҷоиён”, 2010. 52. С.
17. Антонова И.В., Современные международно – правовые проблемы деятельност ФАО: дис...кан. юрид. наук. – Москва 2009. – 197 с.

**Мақола дар редаксия ворид шуд**: 21.04.2025
**Аз тақриз баргашт: 09.06.2025**
**Ба чоп тавсия шуд: 16.06.2025**

**Талабот ба мақолаҳое, ки барои нашр дар маҷаллаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» пешниҳод мешаванд**

Ҳаҷми камтарини маводи пешниҳодшаванда – чор саҳифа матн, дар намуди файли MS Word.

Андозаи чоп: 14, Times New Roman, Times New Roman Tj, фосилаи байнисатрии 1,5 (якуним) ҳуруфчинӣ шуда, майдон: боло ва поён – 2,5 см, чап – 1,5 см ва рост – 3,5 см бошад.

Дар мақола ҳатман ҳамроҳ карда мешаванд:

1) номи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
2) насаб, ном ва номи падари муаллифи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
3) маълумот барои тамос (телефони мобилӣ ва суроғаи электронии муаллиф);
4) ихтисоси илмӣ (рамз) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
5) насаб, ном ва номи падари роҳбари илмии муаллифи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
6) тақриз;
7) насаб, ном ва номи падари муқарризи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
8) фишурда бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (то 500 аломат ҳар яке, бо назардошти фосила, нуқта ва вергул);
9) калидвожаҳо (даҳ-дувоздаҳ калимаҳои асосии мақола бидуни тавзеҳи онҳо бо ҷудосозии онҳо тавассути аломати вергул) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
10) рақамгузории иқтибосҳо ба адабиёт бо рақамҳои арабӣ дар қисми болоии матн оварда мешаванд, масалан*:* Ҳамчуноне ки аз ҷониби Ф.М. Шоев ишора гардидааст, «чунин самара ҳангоме зоҳир мегардад, ки…»[1].

Рӯйхати адабиёт бо тартиби алифбо оварда шуда, бо назардошти қоидаҳои байнидавлатӣ (ГОСТ) оро дода шуда, дар охири мақола оварда мешавад. Мақолаҳо дар шакли чопӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешавад (бо имзои муаллиф).

Ба ҳар як мақола ба таври ҳатмӣ аз ҷониби аъзои ҳайати таҳририяи маҷалла ва ё олимону мутахассиони аз ҷониби идораи маҷалла аз рӯи ихтисос ҷалбгардида тақриз дода мешавад. Тақризи манфӣ асос барои рад намудани чопи мавод мебошад (ба муаллиф дар ин бора ба таври хаттӣ ё электронӣ хабар дода мешавад). Ҳаққи қалам барои чопи мақола пардохт намешавад. Аспирантон барои чопи ройгони мақола ҳуқуқ доранд. Муаллифон ба идораи нашрия ҳуқуқи истисноӣ барои истифодаи асарро бо тарзҳои зерин медиҳанд:

• тағдид, нашр ва бознашри мақола (ҳуқуқ ба тағдид ва нашр);
• паҳн намудани мақола бо ҳар роҳ (ҳуқуқ ба паҳн намудан).

Пешниҳоди мавод ба идораи маҷалла амали ҳуқуқиест, ки ба пайдоиши ҳуқуқу уҳдадориҳои дахлдор равона шудааст. Розигии муаллиф ба нашри мавод бо шартҳои зикршуда ҳамчун розигии ӯ оид ба ҷой додани мақола дар шакли электронии маҷалла фаҳмида мешавад. Идораи маҷалла ҳуқуқ дорад мавод ва мақолаҳои маҷалларо дар махзанҳои электронии ҳуқуқӣ ва дигар махзани маълумоти электронӣ ҷойгир созад. Муаллиф метавонад ҳангоми пешниҳоди мақола идораи маҷалларо оид ба норозигии худ дар хусуси шартҳои истифодаи мақолааш огоҳ созад. Дар сурати вайрон кардани талаботи таҳияи мақолаҳо мавод барои коркард ба муаллиф баргардонида мешавад. Муаллиф вазифадор аст, ки дар бораи тағйиротҳои вориднамудааш идораи маҷалларо огоҳ созад (мактуб дар шакли электронӣ). Ҳангоми риояи нашудани талаботи таҳияи мақола аз ҷониби муаллиф, идораи маҷалла ҳуқуқ дорад бо нишон додани далел ва сабабҳо аз нашри маводи пешниҳодшуда даст кашад ва чопи онро рад созад.

**Требования, предъявляемые к статьям для опубликования в журнале «Государствоведение и права человека»**

Минимальный объем подачи материала – четыре страницы текста, набранного в формате Word.

Параметры набора: 14-й размер кегля, Times New Roman, полуторный интервал, поля: верхнее и нижнее – по 2, 5 см, левое – по 1, 5 см и правое – по 3, 5 см.

К статье обязательно прилагаются:

1) название статьи на таджикском, русском и английском языках;
2) фамилия, имя, отчество автора статьи на таджикском, русском и английском языках;
3) контактные данные (мобильный телефон и электронный адрес автора);
4) научная специальность (шрифт) на таджикском, русском и английском языках;
5) фамилия, имя, отчество научного руководителя автора статьи на таджикском, русском и английском языках;
6) рецензия;
7) фамилия, имя, отчество рецензента статьи на таджикском, русском и английском языках;
8) аннотации на таджикском, русском и английском языках (каждая до 500 знаков, включая пробелы, точки и запятые);
9) ключевые слова (десять-двенадцать основных слов статьи без расшифровки понятий через запятую) на таджикском, русском и английском языках;
10) Нумерация ссылок на литературу осуществляется арабскими цифрами в верхнем уголке текста, например: Как указано Ф.М. Шоевым, «данный эффект проявляется при …»[1].

Список литературы указывается в алфавитном порядке. Страницы должны быть пронумерованы. Статьи принимаются в печатном и электронном экземплярах (подписываются автором).

Статьи в обязательном порядке рецензируются членами Редакционно-экспертного совета журнала в соответствии с профилем представленной работы и (или) привлеченными редакцией учеными и специалистами согласно порядку рецензирования рукописей. Отрицательная рецензия является основанием для отказа в публикации работы (автору сообщается об этом в письменном виде). Гонорар за публикацию статей не выплачивается. Аспиранты имеют право на бесплатную публикацию статей. Авторы передают редакции исключительное право на использование произведения следующими способами:

- воспроизведение статьи (право на воспроизведение);
- распространение экземпляров статьи любым способом (право на распространение).

Представление материала, поступившего в адрес редакции, является конклюдентным действием, направленным на возникновение соответствующих прав и обязанностей. Согласие автора на опубликование материала на указанных условиях, а также на размещение его в электронной версии журнала предполагается. Редакция оставляет за собой право размещать материалы и статьи журнала в электронных правовых системах и иных электронных базах данных. Автор может известить редакцию о своем несогласии с подобным использованием его материала при представлении статьи. В случае нарушения перечисленных редакционных требований материал может быть возвращен автору на доработку. О внесенных изменениях автор обязан сообщить редакции (письмо в электронном виде). При несоблюдении автором предъявляемых требований редакция имеет право отказаться публиковать представленный материал с мотивированным объяснением причин отказа.

Ба матбаа 20.06.2025 супорида шуд.
Ба чопаш 26.06.2025 имзо шуд.
Қоғази офсет. Андозаи 60х84 1/8. Ҷузъи чопӣ 39.
Супориши №28. Адади нашр 40 нусха.
Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
ш. Душанбе, Буни Ҳисорак бинои 14.